# Илм ва Ҷомеа
## Маҷаллаи академии илмию оммавӣ
## № 4 (12), 2018

Маҷалла 17 декабри соли 2015 аз тарафи Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта шудааст ва дар як сол чор маротиба нашр мешавад.

**Муассис:** Раёсати Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон
**Сармуҳаррир:** Нозим Нурзода
**Котиби масъул:** Фирдавс Ниёзӣ
**Саҳифабанд ва тарроҳ:** Бозорбой Ибодов

**Ҳайати мушовара:** Фарҳод Раҳимӣ, Абдуҷаббор Раҳмонзода, Талбак Назаров, Мӯсо Диноршоев, Саидмурод Фаттоҳзода, Собит Неъматуллоев, Пӯлод Removed Бобоҷонов, Комил Бекзода, Ёрмаҳмад Ниёзӣ.

www.ravshanfikr.tj

## ФЕҲРИСТИ МАВЗӮЪҲО

### ФАРҲАНГИ МИЛЛӢ ВА РАВАНДҲОИ МУОСИРИ СИЁСӢ

**С. Ятимов.** *Адабиёт ва диалектикаи ҳаёт......................................*
**Мӯсо Диноршоев.** *Бозтоби фалсафа дар шеъри Аскар Ҳаким........*
**Ниёзи Ё.Б.** *Интеграционная стратегия стран Центральной Азии на магистралях Нового шелкового пути........................................*
**Нозим Нурзода.** *Меҳргон – зодаи фарҳанги миллӣ........................*

### МАВЛОНО ҶАЛОЛУДДИНИ БАЛХӢ ВА ТАМАДДУНИ БАШАРӢ

**Абдунабӣ Сатторзода.** *Мероси Мавлоно ва меъёрҳои интисоби арзишҳои миллӣ.........................................................................*
**Хуршед Зиёӣ.** *Мероси мансури Мавлоно ва аҳамияти он дар рушди илму фарҳанги тоҷик .........................................................*
**Нуралӣ Нурзод.** *Ҷойгоҳи ҷугрофиёи таърихии Фароруд ва суннатҳои фарҳанги тоҷикӣ дар осори Мавлонои Балхӣ...............*
**Ҷамолиддин Саидзода.** *Мавлавӣ – шоири миллӣ ва байналмилалӣ..........................................................................*
**Тоҷинисо Муродова.** *Нигоҳе ба саргузашти Мавлонои Балхӣ.....*

### МАОРИФПАРВАРӢ ВА ҶАҲОНБИНИИ АЛТЕРНАТИВӢ

**Ҳасани Султон**. *Усулномаи истилоҳнигории тоҷикӣ...................*
**Фирдавс Мирзоёров.** *Калимаҳои ифодагари ҳунарҳои мардумӣ дар «Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ»*
**Ғиёсиддин Қодиров.** *Шоири мардумӣ............................................*
**Назрбӣ Исматова.** *Роҳҳои муаррифии шоистаи фарҳанги миллӣ ба ҷаҳониён..........................................................................*
**Юсуф Шодипур.** *Дар масири дарёфти соҳибкори муваффақ ва тоҷири корчаллон.........................................................................*
**Дидавар Бекзода.** *Фалсафаи маорифпарварӣ (хулосаҳои гузориш).........................................................................*

### ҲАМГИРОИИ СИЁСӢ ВА РАВАНДҲОИ ИННОВАТСИОНӢ

**Оймаҳмадов М., Давлиёрова С.Т.** *Аҳамияти ҷаласаи сарони ҳукуматҳо (сарвазирон)- и давлатҳои аъзои СҲШ...............................*
**Пирмаҳмад Нуров.** *Ҳамбастагии илм, технология ва равандҳои*

*инноватсионӣ*.........................................................................................
**Оймаҳмадов М., Шамсуддинов Шуҳрат.** *Робитаҳои Тоҷикистон ва Озарбойҷон*...........................................................

**З.Қ.Муҳиддинов., И.Б.Исмоилов.** *Полимерҳо дар ҳаёти инсон*……………………………………………………………………

**Шогуна Собир.** *Новые угрозы социальной и политической стабильности в ближайшем будущем*…………………………………………………………………………..

## ТАҚРИЗ ВА ШЕЪРИ МУОСИР

**Комил Бекзода.** *Ишқи бепарвои ман (чанд намунаи шеър)*..........................................................................................
**Мирзонасриддин Саидзода.** *Шаъну шукӯҳи адабиёти қиргиз (дар мисоли мероси Чингиз Айтматов)*.............................................
**Таджиддин Мардони.** *Исследования об иранцах и таджиках в историографии Европы*………………………………………………………….

# ИСТИҚЛОЛИЯТИ МИЛЛӢ ВА РАВАНДҲОИ МУОСИРИ СИЁСӢ

**С. Ятимов**
*доктори илмҳои сиёсӣ,*
*узви вобастаи Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон*

## АДАБИЁТ ВА ДИАЛЕКТИКАИ ҲАЁТ
(масъалаҳои назариявӣ)

Инсон ягона мавҷуди табиист, ки ба таври абадӣ ба дарку фаҳми масъалаҳои муҳимтарини табиат, ҷамъият ва тафаккур кӯшиши ҳамешагӣ мекунад. Дар ин самт аз тамоми восита ва имконот истифода менамояд. Муътақид аст, бидуни фаъолияте, ки моҳияти масъалаҳои рӯзмарраро барояш равшан ва возеҳ мегардонад, ба саволҳои ӯ посух медиҳад, зиндагӣ наметавонад пешравӣ дошта бошад. Дониш, маърифат, шинохти умқи масъалаҳо, сабаб, омилҳои пайдоиш ва ташаккули онон имкони эмин нигоҳ доштани инсон ва рушди ӯро таъмин месозад.

Маҳз ба ҳамин хотир, **«наздикшавии тафаккур ба воқеият аз мавзӯоти абадӣ ва беохир»-и** раванди такмилёбии инсоният мебошад. Ин вазифаро банни одам бо имкон ва тавон дар тӯли таърих зина ба зина анҷом додааст.

**Аввалин** ва муҳимтарин пояи дониши инсонӣ таҷрибаи зиндагӣ маҳсуб мешавад. Агар ин таҷриба беҳбуди аҳволи ӯро таъмин ва пешрафти имрӯзу ояндаро аз ҷониби худи инсон дар назар дошта бошад. **Дуюмин** ва асоситарин махзани наздикшавии инсон ба моҳияти масъалаҳои табиат, ҷамъият, тафаккур ба хотири сазовор зиндагӣ карда тавонистани ӯ - донишҳои илмӣ-назариявӣ ба ҳисоб меравconfigured. Аслияти онро **«аз муроқибаи зинда ба тафаккури абстрактӣ ва аз он ба амалия – ҳамчун роҳи дониста гирифтани реалияти объективӣ»** ташкил

мекунад. Ба шарте ки чунин таҳлил ва хулосабарорӣ бо далелҳо тасдиқ карда шаванд ва барои беҳтар кардани зиндагии воқеии одам созгор оянд. **Сеюмин,** гносеология воситаи таҳқиқ ва арҷгузорӣ ба воқеиятро амалия ва назарияи **адабӣ – эстетикӣ** эътироф кардааст. Онро ҳамчун муҳимтарин воситаи дарки масъалаҳои онтологӣ шинохтааст.

Тавре ки хотиррасон гардид, ҳарсе воситаи омӯзиш ва шинохти илмии зуҳурот ба хотири ташаккули ҷаҳонбинӣ, мақсаднок пеш бурдан, ба маром ва орзуву омол расидан, рушди сатҳи зиндагӣ, маънавиёт аз ҷумла ҳолати рӯҳӣ-равонии Одам аст. Тавон, дараҷаи эҳсоси воқеият, баробарвазн муносибат кардан ба рӯйдодҳои ҷамъиятӣ, асоси таъмини суботи давлати миллиро ташкил мекунад.

**Ҳамин тариқ, мавзӯи ин баҳс аз дидгоҳи назариявӣ, наздик гаштан ба инъикоси воқеияти зиндагӣ тавассути каломи бадеӣ дар чаҳорчӯби ниёзҳои иҷтимоӣ мебошад.**

**Илм ва адабиёт**

Бояд эътироф кард, ки тамоми донишҳои инсонӣ аз эҳсосоти назарӣ, аз аёният сарчашма мегиранд. Чунин дидгоҳ сараввал ба тарзи одӣ, омиёна тафсир мегардад. Аммо ба назар гирифтани зуҳурот, мавзӯи андеша қарор додани он, ҳамчун тамоюл барои шинохти моҳият, шароит ва заминаи асосиро барои омӯзиш ва таҳқиқи илмӣ омода месозад.

Маълум аст, ки **«Илм маҷмӯи далелҳоро тафсир намуда, хулосаи онро ба маводи аввалия дар муқоиса ва таносуб мегузорад»** (Г.В.Ф. Гегел). Бидуни шубҳа, ин хосият ба пуррагӣ мансуб ба каломи бадеӣ ҳам ҳаст.

Адабиёт ҳам, ки аз эҳсос, тасаввурот ва кӯшиши наздик гаштан ба воқеият оғоз мегардад, ҳамзамон барои шинохт ва арзёбии ҳастӣ таъйин шудааст. Яъне дар муқоиса бо илм ҳамон сифатро дорост.

Вазифаи аслии илм ошкор намудани фарқият, зиддият байни моҳият ва зуҳурот аст, бо бурҳон, далел, натиҷаи озмоишҳо ба хотири шинохт, дарк, **донистанҳо ва ҳосил кардани ҷаҳонбинии воқеӣ оид ба табиат, ҷамъият ва тафаккур.** Ин ҷараён бо муайян кардани хосият, алоқаҳо, муносибат ва

миёнҷигариҳо, ҳамчун натиҷаи ниҳоӣ – ошкор кардани қонуниятҳои пайдоиш, шаклгирӣ ва инкишофи зуҳуроту моҳият сурат мегирад. Илм мекӯшад, ки моҳияти масъаларо орӣ аз хости шахс, дидгоҳи субъективӣ, дар он шакле, ки дар ҳақиқат ҳаст, “хушку холӣ”, хунсардона ба намоиш гузорад.

Ворид гаштан ба моҳияти масъала тавассути абзори бадеӣ, гоҳо авлотар аз илм аст. Зеро илм ҷаҳонбинии мутахассисони самти муайяни ҳаёти инсониро баррасӣ мекунад. Адабиёт **«дили васеъ»,** диди васеъ дорад. **«Шеърро ошиқ мекунад» (Гулназар),** олами табиат, наботот, ҳайвонотро «ба гап медарорад». **«Бо санги мазор гуфтугӯ мекунонад», «рӯд ӯро қисса мегӯяд», «чашма аз кӯзабарсар омадани модар ҳикоят мекунад ва хор ба гуноҳи худ, аз тасодуф пои модарро захмин кардан, хиҷолат мекашад» (**маъниҳо аз М. Турсунзода)**.** Дили шоир ва хонандаашро реш-реш месозад**.** Ҳолати рӯҳии инсонро тасхир менамояд. Илм аз ин тавоноӣ ва санъати таҳқиқи олами ҳастии сухани бадеӣ дар ҳайрат мемонад.

Маълум аст, ки воқеияти объективӣ шаклҳои гуногуни зуҳуротро дорад. Он дар шароити мураккаб ва гуногун хосиятҳои худро дар намоиш мегузорад. Илм онро тавассути абзорҳои худ меомӯзад, тасдиқ мекунад ва хулоса мебарорад. Дар муқоиса бо илм **«дарки бадеӣ, дар шаклҳои реалистӣ, ҳақиқати воқеиро ба воситаи образҳо ифода месозад. Дар образҳои бадеӣ тавассути тахайюлоти бадеии муаллиф… ҷанбаҳои бештар муҳимми зуҳуроти мавриди назар таъкид карда мешавад»** (И.Д.Ковальченко. Методы исторического исследования. –М.: Наука. 2003. –С. 24).

Яке аз мақсадҳои илм, тавассути ба инобат гирифтани реалияти объективӣ ва тамоюли самти ҳаракати он, вазифаҳое, ки таъмини манфиатҳои миллиро қотеона мадди назар дорад, мусаллаҳ намудани ҷомеа, махсусан ҷавонон бо ҷаҳонбинии дунявӣ мебошад. **Бидуни коридани ҷузъиёти илмӣ, тасаввуроти дар таҷриба санҷидашуда, дар майнаи инсон ҳалли масъалаҳои таъмини амният, пешбурди манфиатҳои миллӣ, пешрафти шахс, ҷомеа ва рушди давлат аз имкон берун аст.** Адабиёт, дар сурати

истифодаи дурусти он метавонад на камтар аз илм барои ҷомеа хидматгузор бошад, зеро маҳсули тафаккури волои инсонист.

Илм ва ҷаҳонбинии илмӣ аз муҳимтарин омили худшиносии миллӣ мебошанд. Оптимизми когнитивӣ, ки тавассути донистанҳо ва ҳамчун натиҷаи он шинохти аслии воқеияти олам, минтақа, дохили мамлакат, васвасаи душман, мақсадҳои он ба муқобили Ватани аҷдодӣ сурат мегирад, ба инсон, шаҳрванд ба тарзи мустақил фикр карданро меомӯзад. **Қимати инсон баробар ба андозаи ҳамсон ва наздик ба ҳақиқат андеша ва амал карда тавонистан аст.** Сухан дар бораи **«системаи тасаввурот оид ба олам, дар маҷмӯъ ва ҷараёнҳои табиӣ, иҷтимоӣ ва муносиботи инсон ба муҳити атроф»** (П.Н. Федосеев. Философия и научное познание. –М.:1983. –С.17) меравад**.**

Албатта, ҷаҳонбинӣ метавонад ҳақиқатро таҷассум кунад, ҳамзамон қисман ва ё куллан аз ифодаи воқеоти реалӣ фосилагирӣ намояд. Чунин ҳолат ҳам, дар тарзи ҷаҳонбиниҳое, ки илмӣ ва адабӣ номида мешаванд, дар тӯли таърих ва замони муосир вуҷуд дорад. Аммо фақат он вақт ҷаҳонбиниро илмӣ номидан мумкин аст, ки зуҳурот ва моҳиятро ҳамвазн бо ҳастӣ, на дар вобастагӣ ба манфиат, майл ва хоҳиши фард ва ё гурӯҳи иҷтимоӣ ифода кунад, шарҳ диҳад, балки баробар ба рӯйдоди дар таҷриба шинохташуда бошад. **Реализми адабӣ низ ҳамин гуна муносибатро ба мавзӯи ҳақиқати зиндагӣ тақозо менамояд.**

Дар шаклгирии ҷаҳонбинии воқеӣ ва барои манфиатҳои миллӣ созгор будани он, илм мавқеи калидӣ дорад. **Талаботи аслӣ нисбат ба илм – ба ниёзҳо ва хостаҳои рӯзмарраи иҷтимоӣ ҷавобгӯ будани он аст.** Ҳатто агар таҳқиқот – сухан дар бораи ҷараён ва давраҳои ибтидоии аз мавҷудоти дигари биологӣ ҷудо шудан ва шакл гирифтани материяи соҳиби шуур равад ҳам.

Айнан чунин талабот ба адабиёт низ пешниҳод мегардад**.** Дар ин маврид, масъулияти каломи бадеӣ на камтар аз масъулияти илмӣ аст. Зеро адабиёт беҳтарин, муҳимтарин воситаи шаклгирии ҷаҳонбинии воқеӣ – илмӣ мебошад. Тавассути таҳлили таҷрибаи инсонӣ, каломи бадеӣ аз илм дида, имкони бештари таъсиррасониро ба шуур дорад. Ба василаи як байт, шеър, суруд, достон, ҳикоя, повест, роман, ҳатто ҳар

кадоми онон дар алоҳидагӣ, имкон ҳаст, ки диди инсон нисбат ба ҳодисоти олам, муносибати ӯ ба воқеоти муҳити атроф тағйир ёбад. **Адабиёт воситаи муассири шинохти моҳият аст. Вай метавонад, ки хонанда, махсусан ҷавононро ба тарзи таъсирбахш барои донистан, дарк кардан, осон сарфаҳм рафтан ба мушкилоти зиндагӣ водор созад. Қобилияти арҷгузории ӯро ба арзишҳо ва муқаддасоти миллӣ бедор намояд, аз ҳама муҳим, барои муайян кардани рафторҳои иҷтимоии ӯ такони ҷиддӣ бахшад. Адабиёти ҳақиқӣ чӣ тавр ва барои кадом ормонҳо зистан ва ҷонфидоӣ карданро амалан меомӯзад ва меомӯзонад.**

**Адабиёт ва идея**

**Дар маркази омӯзиши воқеияти зиндагӣ тавассути инфрасохтори бадеӣ ҳаёти инсон ва муҳити вобаста ба он меистад. Дар чаҳорчӯби чунин мантиқ, илм барои илм ва адабиёт ҳам барои адабиёт нест. Адабиёт идеалофарин аст. Намунаи барҷастаро бо абзори бадеӣ тараннум мекунад.** Бо образҳо, нақшҳои олӣ, идеалӣ дар муқобили бадиҳо ва хатарҳо истодагарӣ менамояд. Мубориза мебарад. Образи барҷаста ба хотири амалӣ гаштани ормонҳои иҷтимоии типпикунонидашуда «**аз пеши раҳаш обу сангу кӯҳ»-ро** ҷавонмардона, далерона паси сар мекунад, фидокорӣ менамояд. Муътақид аст, ки **«бе ҷидду ҷаҳд коре намеравад ба пеш».** Нисбат ба хасм, ақида ва амалҳои зиддимиллӣ, вайронкунандагони ҳаёт, оромӣ ва осудаҳолии миллат, амалан, ё дар ҳолати ниҳоӣ мантиқан пирӯз мегардад.

Идеал падидаи хусусияти фардидошта нест. Зуҳуроти ҷамъиятӣ аст. Натиҷаи таҷриба ва рӯзгори ҳазорсолаҳо мебошад. Андеша моил ба он аст, ки тақдири фоҷиавии халқҳо, миллатҳо, аз омилҳои тавлидкунандаи идеал мебошанд. Рӯзгори бад, тӯфонҳои зиндагӣ, нокомиҳо, сарсону саргардониҳо, фақру нодориҳо, зулму истибдод аз сабабҳои пайдоиш ва муайянкунандаи идеал мебошанд. Муайянкунии самти ормонии ҳаракат, шаклгирӣ ва дидгоҳи мақсади ниҳоии инсон ба ояндаи наздик ва дур идеяҳоро ба вуҷуд меорад. Маҳз дар ҳамин замина, инсон намунаҳои мукаммал, олӣ ва олитаринро тасаввур мекунад. Ба тарзи маънавӣ ба он менигарад. Орзуи амалӣ гаштан ва дар он рӯзгор зистанро дорад. Идея таҷассумгари Ақл, Хирад,

Илм, Дониш ва Маърифати инсонист. Идеал зуҳуротест, ки тавассути фаҳм, идрок, ҷаҳонбинӣ, эътиқоди комил ба идея дар гуфтор, амалишавии чунин ормонро дар рафтор таъмин менамояд.

Кашфиёт намешавад, агар хотирнишон гардад, гарчанде идея шакли олии кӯшиши дарки олами ҳастӣ ҳам бошад, воқеияти реалиро дар шаклҳои гуногун, дар тасаввурот ва орзуҳо таҷассум мекунад. Аслан дар ҷараёни наздикшавии абадӣ ва беохири шуури инсон ба воқеият ҷаҳд менамояд.

Таърихи инсоният - таърихи мубориза байни идеяҳо ва воситаи амалӣ гаштани он идеалҳо аст. Муайян кардани идея мансуби муассисаи масъули таъмини амният ва рушди ҷомеа – давлат мебошад. Маҳз давлат тавассути имконоти конститутсионалӣ ва салоҳият офарандаи раванд ва шаклгирии ҷаҳонбиниҳост. Ба хотири он, ки маъниофаринӣ созанда бошад. Ба ормонҳои миллӣ ва миллат созгор ояд. Ҷомеаро муттаҳид ва ба ин мақсадҳо басиҷ гардонад.

**Суханофаринӣ идеяофаринӣ аст. Зеро идеяҳо дар вобастагии кул ба забон дар чаҳорчӯби мантиқи семантикӣ ва қонунияти тафаккур шакл мегиранд. Тобеъ ба сохти грамматикии забон ва захираи луғавӣ мебошанд. Дар доираи таносуби маънӣ ба мақсади мавриди назар ифода мегарданд.** Ба тарзи дигар, захираи луғавӣ, сохти грамматикӣ ва мақсадгузорӣ муҳимтарин ҷузъиётеанд, ки мантиқи идеясозиро ташкил мекунанд.

**Диалектикаи воқеият ва диалектикаи идеяҳо**

Бурду бохти инсоният вобастагии кулл аз ҷаҳонбинӣ дорад. Шакли инъикоси ҷаҳони беруна дар шуури инсон имрӯз ва ояндаи ӯро муайян мекунад. Бадбахтӣ, факри системавии моддӣ ва маънавӣ, тантанаи ифротгароӣ ва ифтихор доштан аз ин вазъият, натиҷаи сарфи назар кардани нисбияти ҳақиқат дар дараҷаи шуур, пойбанд будан ба мутлақияти ҷаҳонбинӣ, мубаддал гардидани донишҳо, тасаввурот, эътиқодот ба зуҳуроти мурда ва шахшудамонда мебошад.

Мутаассифона, илмситезӣ, маърифатгурезӣ, бегонапарастии анъанавӣ, адами хештаншиносӣ ва эътирофи манфиатҳои миллӣ, такя ба ҷаҳонбинӣ ва тасаввуроти таҳмилӣ

ҳолати гумроҳии иддае аз аъзои ҷомеаро фаро гирифтааст. Барои чунин ашхос тасаввуроти носаҳеҳ оид ба таърих, воқеияти имрӯза ва фардо ҳамчун ҷаҳонбинӣ шакл гирифтааст.

Ба хотири дарки аслии воқеият субъекти дорои мақсади ғаразнок мекӯшад, ки тасаввурот ва ҷаҳонбинӣ нисбат ба олами ҳастӣ аз дараҷаи эҳсос боло наравад. Сифати моҳиятӣ надошта бошад. Дар майнаи ҳадафи интихобшуда фақат ҷузъи предмет инъикос ёбад. Аммо дарки ҳастӣ он вақт муяссар мегардад, ки маҷмӯи сифатҳои предмет бо мисолҳо, тибқи таҷриба, бо аёният тафсир гардад. Чунин хосият, дар вобастагӣ ба донистани алоқаҳо, муносибатҳо ва миёнҷигариҳо дар дараҷаи идрок муяссар мешавад, на дар сатҳи эҳсос. Ин навъи омӯзиш – наздикшавии шуур ба ҳастӣ, фаҳми амиқи зуҳуроти оламро печида ва мушкил мегардонад. Инсонро аз дарки воқеии ҳодисаҳо дар канор мегузорад.

Бозиҳои геополитикӣ бо суиистифода аз эътиқодоти мардуми мусулмон, ҳар сол даҳҳо ҳазор кушта ба бор меорад. Ин фоҷиаи бузурги инсониро бо истифода аз истилоҳоти «ҷиҳод» ва «шаҳид» рӯпӯш ва «фаҳмо» тафсир карданӣ мешаванд. Ва тасаллӣ медиҳанд: **«эй арӯси ҳунар, аз бахт шикоят нанамой» (Ҳофиз),** ки тақдир ин аст. Доираи мантиқи ниҳоии сиёсӣ кардани ислом аз ин фарохтар нест. Мақсад гирифтани ҳукумат, қудрати сиёсӣ аст. На ҳифзи ислом. Дин дар ин маврид эътиқод нест. Восита аст. Асбоб аст. Ниқоб аст. Магар Сурия, Ироқ, Афғонистон, Тунис исломӣ нестанд? Қасди нигоҳ доштани мусулмонон фақат дар доираи эҳсоси дин, на дарки воқеӣ, илмии масъала аз ҳамин бора аст. Субъектҳои манфиатдор сиёсӣ кардани мусулмононро «**чун гирдбод дар саҳрои ғам»** барои нафъу нафс нигоҳ доштанӣ ҳастанд. То замоне ки маърифати мардум ба фаҳми макри онҳо нарасад, охиринҳо **«дар пойи дил хор мешикананд».** Ва ин ҷараёни фоҷиабарангез беохир хоҳад буд. Тарзе бояд кор бурд, ки мардум фаҳманд, сохти дунявии давлатдорӣ ба ислом эҳтироми бузург қоил аст. Ҳамчун муъҷиза. Ҳамчун эътиқод. Он ҷузъи урфу одат, анъана ва маънавиёти миллӣ аст. Суиистифода аз дин ба хотири қудрати сиёсӣ, ба

бадбахтӣ гирифтор кардани миллионҳо мардуми мусулмони бегуноҳ, ҷиноятест азим.

**Дар тӯли таърих қувваҳои зиддимиллӣ дар маърифатнок гаштани оммаи мардум манфиатдор набуданд. Мантиқи муаллимбадбинӣ, олимкушӣ, илмситезии таърихӣ, фарҳангношиносӣ аз дунёи қадим то имрӯз ва баъд ҳам, ин ҷаҳолатро дунбол кардааст ва то ҳадди имкону тавон дунбол хоҳад кард.** Дар ҳамин замина, адабиёти тоҷик дар тӯли ҳазорсолаҳо ба хотири нигоҳ доштан ва ҳифз кардани забон, фарҳанг ва маънавиёти волои мардум қаҳрамонӣ ва ҷонфидоиҳо кардааст.

**Бадбахтии дигар майл ба андухтани дониш надоштани қисмати одамон аст. Онон нисбат ба илм, ақаллан, ба хотири аз ҷаҳолат, вобастагӣ, ғуломии маънавӣ растан, мутассифона, мароқ зоҳир намекунанд.**

Иқрор бояд гашт, аз маърифати дунявӣ, донишҳои илмӣ, ки тавассути он зиндагӣ пешрав мегардад, канораҷӯӣ кардан як навъ ҷаҳонбинии таърихан шаклгирифта мебошад. Миллат дар он гунаҳгор нест. Аҷнабиҳои манфиатдор бо зӯру истибдод асрҳо ин тарзи тафаккурро ба мардум бор кардаанд. Албатта, бо мақсади осудатар, самараноктар ҳукми ғуломдорӣ рондан. Аслан, тақдири миллатҳои маҳкумгардида, мазлумикашида ва азиятдида ҳамин аст. **Тараннуми андеша ва тафаккури ғуломӣ имрӯз дар баъзе нуқоти олам, аз ҷониби шаҳрвандони мо ба чашм мерасад. Бо пули аҷнабиён, бо маънавиёти аҷнабиасос, таҳти раҳбарӣ ва ба манфиати дигарон рафтори ғуломона ба намоиш гузоштан, барояшон касби ифтихорӣ гаштааст. «Гадо, ки аз як дар гузашт, шарми рӯяш мепарад».** Ин падида, тавре хотиррасон гардид, гуноҳи маҳзи онҳо ҳам нест. Ҷанба, рӯҳи бандагии таърихӣ дорад. Бешубҳа, бо пойдории давлати миллӣ, рушди тафаккури миллӣ, чунин тарзи андеша ва ҷаҳонбинӣ ҳам аз байн хоҳад рафт.

Дар майнаи иддае аз одамон ҳисси осони бешуурона, ғайри хоҳиш фосила гирифтан нисбат ба омӯхтани илм ва донистанҳо мавҷуд аст. Барои ҳамин ҳам, онҳо ба ҳар кӣ даъвои фаҳму тафсири масъала дорад, сар дар қадам мениҳанд, мутеъ

гаштанро бар худ раво мебинанд. Гумон мебаранд **«дунё на аз партави Хуршед, балки аз ваъзгӯии онҳо равшанӣ дорад».** Ин рӯҳияи анъанавии омиёна ва бандагии мардуми бечораи мусулмон аст. Бешубҳа, топонимикаи мавзеъҳои хушоянд, макони зист, **«мазорҳои мавриди саҷдагоҳи умумӣ»** аз қавмҳои бегона, ки барои мардуми тоҷик ба қадри як коса об аз хизматашон далел нест, намунаи ақидаи ҳамин саҷдагорӣ ва соддадилии қавм аст. Мутаассифона, барои кӯшиши зери шубҳа гузоштан, дарк кардани ин масъалаҳои одиву авомона ҷуръат намекунанд. Ин зуҳуротро зери тазйиқи илмӣ намегузоранд. **«Агар одамон тасдиқ кунанд, ки онҳо ҳақиқатро (илм, маърифат, равшангароиро – С.Я.) наметавонанд азбар кунанд, нисбат ба имконоти худи онҳо туҳмати ниҳоят сангин аст. Дар ин ҳолат инсонҳо худашон намедонанд, ки чӣ гуфта истодаанд. Медонистанд, он вақт мефаҳмиданд, ки ҳақиқатро аз онҳо рабудаанд»** (Г.В.Ф. Гегель. Энциклопедия философских наук. Философия духа Т.3. –М.: Мысль.1977. –С. 421).

Ҳамин тариқ, **«рабудани ҳақиқат аз инсонҳо»,** тавре олими маъруфи олмонӣ таъкид кардааст, падидаи ниҳоят ҷиддӣ ва хатарноки асри навин гаштааст. **Рабудани ҳақиқат аз одамон, рабудани ақли онҳост.** Ба хотири раҳбарӣ, раҳнамоӣ, бандасозӣ – истифода кардан.

Сабаб ҳамин аст, ки баъзе аз афроди ҷудогона, гурӯҳҳои иҷтимоӣ, субъектҳои сиёсӣ тавассути дар ғафлати маърифатӣ мондани иддае аз одамон, аз «воқеият»-и ночизи худ идея сохтанӣ ва идеал тарошиданӣ мешаванд. **Падидаҳои терроризм, экстремизм, тавлидкардаи «воқеияти субъективӣ» мебошанд. Ин субъектҳо дар доираи ҳудудҳои миллӣ, минтақавӣ ва бадтар аз ҳама глобалӣ мавҷуданд.** Дар доираи ҳудудҳои миллӣ, сарфи назар аз имконоти зеҳнӣ, тахассусмандӣ, манфиатҳои мардумӣ, мехоҳанд қудрати сиёсиро ба даст оранд. Дар дараҷаи минтақа орзуманди салтанати минтақавианд. Дар сатҳи глобалӣ мақсади ҳарчи бештар ғасб кардани боигариҳоро берун аз ҳудуди ҷуғрофиёии худ дунбол мекунанд. **Методи аслии таъмин кардани нақшаҳои ғаразнок ҳамоно «аз худ кардан», «рабудани ҳақиқат»-и (ақл, фаросат, ҷаҳонбинӣ) инсонҳост.**

**Осебпазирии гурӯҳи одамон, тавре таъкид гардид, дар ҷаҳолати онҳост. Яъне субъектҳои муассире, ки ҳадафҳои зиддимиллӣ доранд, пеш аз ҳама, ба ҷаҳонбинии мардум сару кор мегиранд. Ба тарзи дигар ба майдони муқаддаси адабиёт вориди набард мегарданд.**

Муборизаи душманони давлатдории миллӣ, аз ҷумла дар соҳаи ҷаҳонбинӣ, мундариҷаи системавӣ – структуравӣ ва функсионалӣ дорад. Ин мубориза ҳама вақт шадид буд. Ҳамин тавр хоҳад монд. Истодагарӣ ва пирӯз гаштан дар он ниёзи доимӣ ба дониш, тахассусмандӣ ва нангу номуси миллиро дорад.

**Аз он дастовардҳое, ки миллати тоҷик дар муддати се даҳсолаи ахир ба даст овард: оташи ҷангро хомӯш ва миллатро сарҷамъ кард. Давлати миллиро асос гузошт. Онро бунёд кард. Иқтисодиёти мамлакатро барқарор ва кишварро сарсабзу обод намуд. Тоҷи гумшудаи тоҷикро бозгардонд. Миллатро дар ҷаҳон ифтихорманд кард. Кишварро ба Ватани Адолат ва Сулҳу Амният табдил дод. Инҳо намунаи корнамоиҳои бемисли Қаҳрамони миллии мардуми тоҷик мебошанд. Даст болои сина иқрор бояд гашт: ин тухфаи осмонӣ набуд ва нест. Ҷонбозиҳо, сарсупурдагӣ, матонат, ҷасорат, рӯинтанӣ ва дар набардҳои бисёр вақт нобаробар ба майдон баромада ҷоннисориҳо кардан, садҳо бор бо хасм рӯ ба рӯ гаштан ва пирӯз омадани Шахсияти бузург – фарзанди миллати тоҷик аст. Аз оне ҳам, ки ин Абармарди таърих бо фурӯтании ҷавонмардона дастовардҳоро мансуби миллати бузургаш медонад, ҳақиқат ҳаст. Ҷасорат, Мардонагӣ, баҳри хушбахтии Миллат худро дар обу оташ андохтан, ҳамчун намуна, падидаи беназири миллӣ дар симои як Фард, ба миллат ва андешаи миллӣ бетаъсир намонд. Мардум дар атрофи Ӯ ҷамъ омаданд. Домони Ӯро гирифтанд. Бо Ӯ ҳамсаф шуданд. Пайравӣ карданд. Ва пирӯз гаштанд.**

**Миллатҳои муваффақ ва пешқадами дунё маҳз бо ҳамин гуна раҳбарони умумимиллӣ эътирофшуда, ки номашон дар сафҳаҳои таърих сабт шудааст, қудратманд гаштанд. Давлати миллӣ сохтанд. Ин гуна идея ва идеалро ҳифз намуданд. Наслҳоро ҳам бо ҳамин идея, идеал ва кору пайкори Ӯ ҳамчун тимсоли қаҳрамонӣ ба камол расониданд. Ғолибияти андешаи миллӣ ва**

**мустақилияти давлатиро дар шуури миллат собит карданд. Ҳамин тариқ, ба умри миллат ва давлатдории миллӣ абадият бахшиданд. Зеро аксиома – ҳақиқати миллиард маротиба тасдиқшуда он аст, ки бидуни пирӯзии андешаи фарогири миллӣ истиқлолияти миллӣ пойдор нахоҳад монд.**

Арзишмандии ҳифзи Истиқлолияти давлатӣ на камтар аз ноил гаштан ба Истиқлолияти давлатӣ аст. Зеро мафҳумҳои осудагӣ ва рушди миллӣ мафҳумҳои мутлақ, абадӣ нестанд. Нисбӣ мебошанд. Давомнокии онҳо аз тавони умумимиллии ҳифзи манфиатҳои Ватан дар вобастагии ҳамарӯза қарор дорад.

Ба хотири бозгашт ба мавзӯи асл, таъкид бояд кард, ки муҳтавои адабиёт тасвири хосияти умумии материя, ки инъикос аст, дар назар дошта мешавад. Инъикос метавонад дар шакл, мазмун ва дараҷаҳои гуногун ифода ёбад.

Таҳқиқи назарияи инъикос нишонгари он аст, ки предметҳо, аз ҷумла одамон дар натиҷаи муносибат, ҳамкорӣ сифати таъсир кардани худро ба ҳамдигар нишон медиҳанд.

Хосияти инъикос карда тавонистан вобаста ба структура, сифат ва қудрати материяи муташаккил аст. Яъне, субъект то кадом андоза тавони асар гузоштанро дар объекти мавриди назар дорад. Мундариҷаи рафтори одамон, дар маҷмӯъ, аз ҳамин ҷузъиёти муҳим вобаста аст.

Терроризм ва экстремизм ҳам ҷаҳонбинии аз нигоҳи илмӣ асоснокшудаи инъикоси шакл ва мундариҷаи тафаккури муайян аст. Мантиқи назариявӣ, нишонаи зоҳирӣ ва авомфиребонаи он мубориза барои мақсадҳое аст, ки гуё Осмон муайян кардааст. Дар асл, инсон пойбанд ва ғуломи ақидаҳое мебошад, ба хотири ормонҳое худро дар обу оташ ғӯтавар мегардонад, ки дар Замин фикр карда баровwarда шудаанд. Манфиатҳои воқеии афрод ва мамолики муайянро амалӣ мекунанд. Осмон ҳатто аз онҳо огаҳӣ надорад. Ва агар донад, аз рафтори чунин бандагон сахт дар хиҷолат мемонад.

**Тақдири инсон ниҳоят осебпазир, фоҷиавӣ хоҳад гашт. Давлатҳои миллӣ ба бесуботӣ, шикаст, оқибат ба нестӣ рӯ ба рӯ хоҳанд шуд, агар рӯҳияи дунявият коста, эътиқоди илмпарварӣ, маърифатсолории қишрҳои мардумӣ шикаста гардад.** Ин ҳолат,

заминаи мусоидро барои ифротӣ гаштани қувваҳои ҳаракатдиҳандаи бадӣ фароҳам меорад. Рӯҳияи ифротӣ ба қувваи материалӣ мубаддал мегардад. Он вақт дигар дер мешавад. Аз таҷрибаи рӯзгори Афғонистон баҳра бояд гирифт. На Паймони Варшава ва на НАТО ба дарди ин ҷомеа дармон нашуданд. Ва шуда ҳам наметавонанд. Бемор худ қудрати дармон надорад. Аз ин ҷо, **«Худойро аз табиби ӯ бипурсед, Ки охир кай шавад он нотавон беҳ?».**

Адабиёт таҷассумгари зуҳуроти системаи муҳити атроф мебошад. Дар он худи инсон зиндагӣ мекунад ва ҳаёти ӯ ҷараён дорад. Он муҳимтарин субъекти сиёсии муборизабаранда барои таъмини осудагӣ, рушд ва манфиатҳои миллӣ ва офариниши рӯҳи ватандорӣ аст.

Инҷониб эътиқодманд аст, маҷмӯи масъалаҳое, ки давлати миллӣ онҳоро ҳаррӯза муҳим эълон мекунад, зиндагии осоишта ва рушди мамлакатро аз он омилҳо вобаста медонад, ҳамзамон бояд нақшаи рӯимизии адиб бошанд. То замоне ки он масъалаҳо ҳаллу фасли худро ёбанд.

Агар ба таърихи адабиёти тоҷик як назари умумӣ андозем, муҳимтарин мавзӯоти он ба Ватан ва рушди миллӣ нигаронида шудаанд. **«Бӯйи ҷӯйи мӯлиён ояд ҳаме», «Чун теғ ба даст орӣ, мардум натавон кушт», «Зи баҳри бару буму фарзанди хеш», «Бо ин ду-се нодон, ки чунон медонанд», «Хоҳам он хонаи бедоду ситам вайрон бод!», «Аз ахгари инқилоби мо сӯхт…», «Як нафас дар зиндагони фориғ аз кӯшиш набудам…», «Ман на он мардам, ки аз қасди фалак парво кунам», «Қасидаи ҷанг ва зафар», «Вақти он аст, эй қалам…», «Баҳор омад, зи умрам боз як соли дигар бигзашт», «Асри ман, …» «Ҷон ба раҳи Ватан нисор, ман накунам, кӣ мекунад?»** ва садҳо ҳазор мисраъ, байт, достон ва дигар намунаҳои аслии жанрҳои бадеӣ.

Воқеияти материалӣ, манфиатҳо, идеяҳо, назарияҳоро муайян мекунад. На баръакс. Сири дигаре ин ҷо вуҷуд дошта наметавонад.

Гегел устодона тасвир кардааст: **«дар ин вазъият интеллигентсия ба он чизе ноил мегардад, ки худаш онро хуб медонад. Ин ҳолат (эҷодиёт - С.Я.) дигар мавҳум нест. Мафҳуми**

**объективӣ аст. Дар ин маврид, мавод шакли муайянро гум мекунад. Ба образ мубаддал мегардад. Чунин муҳтаво ба рӯҳ мансуб мегардад»** (Г.В.Ф. Гегель. Философия духа. –М.: Мысль. 1977. –С. 44). Маҳз ба ҳамин хотир, **«нависандагон меъморони рӯҳи одамизод ҳастанд» - гуфтани сарвари даврро дар съезди якуми нависандагони Иттиҳоди Шуравӣ, М. Горкий ва даҳҳо нависандагони машҳури сатҳи ҷаҳонӣ гаштаву баргашта иқтибос овардаанд ва хотиррасон кардаанд.**

Хулосаи ин қисмат иборат аз хотиррасон кардани воқеияти реалие ҳаст, ки ҳаёти сиёсӣ – адабӣ дар он ҷараён дорад. Ин воқеият аз сохтан, мустаҳкам кардан, раванди бебозгашти таърихӣ бахшидани сохти давлатдории миллӣ ва мавқеи адабиёт дар он аст. Аз нигоҳи одӣ, ин ҷараён ҳамвор ва беозор менамояд. Аммо ҳар лаҳза, ҳар сония, ҳар дақиқа, ҳар рӯз ҷараёни беисти диалектикии муборизаҳо, аз ҷумла ақидаҳо, амалҳоро эҳсос бояд кард. Баръакс, андеша кардан, воқеиятро ба назар нагирифтан, ба ҳақиқати илмӣ мувофиқат намекунад. Он ҳалли масъала нест. Талаботи диалектикӣ ин аст: «**Инъикоси реалияти объективӣ дар шуури инсон, на мутлақ, на беҷон, на беҳаракат ва на безиддият аст. Балки он доим дар ҳаракат, дар зиддият, тағйирёбӣ ва ҳаллу фасл қарор дорад. Ин ҳолат беохир мемонад».**

Муқобили назария ва амалияи сохтан, пойдор гардонидани давлати миллӣ қувваҳои носолим хеле фаъоланд. Гарчанде имконоти зеҳнӣ, интеллектуалии онҳо дар дараҷаи ниҳоят паст ва мутаассифона, намунаи шармовари касоди ақлии содалавҳона ва дилбеҳузуркунандаи тамаллуққорона бар ивази маблағҳои «бихӯр-намур»-и (таъбири худи онон) аҷнабиён аст. Аммо онҳо ба бадӣ қодиранд. Ба онҳо ин таълимро медиҳанд. Майнаи ҷавонони сода, гумроҳ нишони онҳост. Ин майдони мусобиқаи адабиёти давлати миллӣ ва зархаридони аҷнабӣ аст. Мубориза бо чунин зуҳурот мубориза барои истиқлолияти зеҳнӣ, истиқлолияти миллӣ мебошад.

**Агар мақсади аслӣ сохтани давлати миллии пойдор ва ба асрҳои аср давомдор бошад, ин кори начандон саҳл аст. Давлати мо, ки бо умри наздик ба се даҳсола аз умқи ҳазорсолаи**

**бедавлатӣ, бенишонӣ, вобастагӣ берун омадааст, наметавонад ба зудӣ аз ин бори зеҳнӣ, ҷаҳонбинӣ, тарзи тафаккур ба пуррагӣ озод бошад.** Эстафетаи (сабқати) инъикоси воқеаҳои табиат, ҷамъият ва тафаккур, бидуни шак аз худ аломатҳо ба намоиш мегузоранд. Ҳам аз ҷиҳати мусбат ва бешубҳа манфӣ ҳам.

Муҳити ҷамъиятӣ офаранда ва нигаҳдорандаи афкори ҷомеа аст. Мавҷудияти инсон омили беохири таъсиррасонӣ, шаклгирии мундариҷа ва тарзи тафаккур мебошад. **Барои сохтан, қувват бахшидан ва ба давомнокии давлатдории миллӣ умед бастан, захираи иҷтимоии ба чунин сохти давлатдорӣ муътақид, ҳифзкунанда бояд офарид, ба воя расонд. Рӯйи саҳнаи иҷтимоӣ гузошт.** Итминон аст, ки адабиёт аз зуҳур то умқ ба ҳамин масъалаи ниҳоят мураккаб, ҷиддӣ, печ дар печ, тибқи принсипи таърихият дар муқоиса ба воқеияти имрӯз ва нигоҳ ба оянда бо заҳмати воқеӣ муносибат мекунад.

**Адиб ва тафаккури бадеӣ**

Адиб ҳамчун субъекти офарандаи асари бадеӣ дар ҷомеа вазифаи худро дар вобастагӣ аз дидгоҳ, ҷаҳонбинӣ, самтгирии идеявӣ ва масъулияти иҷтимоии хеш иҷро мекунад. Ба мисли дигар аъзои фаъоли ҷомеа, омилҳои умдае, ки дар шаклгирӣ ва инкишофи шахсияти ӯ муассиранд, даврони бачагӣ, наврасӣ, ҷавонӣ, синни камолот, мактаб, донишгоҳ, устодон, алоқаҳо, муносибатҳо, фаъолияти корӣ, вазъи иҷтимоӣ–сиёсии ҷомеа, табиат, муҳити атроф, мебошанд. Волидайн, маънавиёти онон аз муҳимтарин сабабҳои қалам бигрифтан ва эҷод кардани адибон шинохта мешаванд.

Бо назар ба хосияти сабабии муҳиммияти тарбия, ки ҳатман таълимро низ дар назар дорад, инҷониб бештар пайрави андешаи омили табиӣ, азалии тақдири инсон ҳамчун асоси конститутсионалии ташаккули шахсият мебошад. Мутаассифона, ирсияти олимон, шоирон, нависандагон, ба истиснои ниҳоят камназир, дар насли ин соҳибтахассусон чашмрас нест. Маҳз ба ҳамин хотир, «**ногаҳон чун кони тилло шоире пайдо шавад» -** гуфтани худи шоир ҳам бесабаб нест.

Шахсияти адиб, аз мавзӯоти муҳимми адабиётшиносӣ маҳсуб мегардад. Аз кадом матоъ бофта шудани ӯ метавонад

посухгӯи суоле бошад, ки оё хонанда бо адиб **«шаби зулмату биёбон ба куҷо хоҳад расидан?». Ва шамъи қаламаш тавони равшании роҳи ӯро дорад? Ва ё танҳо монандӣ ба шамъи субҳгоҳон мекунад? (маъниҳо аз Ҳофиз).**

Хонандаи тоҷик адибро барҳақ чун олим, хирадманд, мутафаккир, ҳамадон, рӯҳшинос ва монанди инҳо тасаввур мекунад. Ин эътиқодот ва эътироф аз шахсиятҳои ин касаба масъулияти ҷиддиро тақозо дорад. Ифодаи маъмули **«сухани чопӣ меомӯзад чӣ тавр бояд зист, ба хотири чӣ ҷонфидоӣ бояд кард?»** вазифаҳои соҳибқаламро барои таъмини манфиатҳои Ватан бештар мегардонад.

**Асари офаридаи эҷодкор – сифати шахсияти ӯст. Қаҳрамони асари бадеӣ рӯҳи худи нависанда аст. Он нусхаест, ки аз шахсияти ӯ кӯчида вориди асараш мегардад.** Ӯ даст ба дасти қаҳрамонҳояш сар то ба по дар шеър, суруд, манзума ва ҳама жанрҳои бадеӣ ширкат меварзад. «**Партави нурест, ки то қуръаи давлат ба номи ӯ расидан заҳмат мекашад».** Идеяофарин аст. Ва қасди ба саҳнаи сухан ворид кардани қаҳрамонон ва персонажҳои асари бадеӣ тавъам бо композитсияи бадеӣ амалӣ кардани ана ҳамин идея аст. Ӯ на танҳо муаллиф, балки **«коргардони асари бадеӣ»** мебошад. Бо абзор ва қисматҳои асари бадеӣ, мақсаднокии таълифот ва мавқеи шахсии худро нисбат ба раванд ва рӯйдодҳои ҷамъиятӣ исбот карданӣ мешавад.

Хонанда (бинанда, шунаванда) чандон эҳсоси ниёз ба донистани тарҷумаи ҳоли адиб надорад. Зеро, ки ҳангоми мутолиа ҳамзамон бо муаллиф шинос мешавад. Унс мегирад. Гоҳо бо нутқи дохилӣ бо ӯ баҳс мекунад. Вориди фазо, замон ва муҳити амали қаҳрамонҳои асари бадеӣ мегардад. Айбу ҳунари муаллифро аз сухан гуфтанаш дарёфт мекунад. Агар беҳтарин роҳи фаҳмидани инсон рафтораш бошад, **«сухан нақши амал аст»** (Солон аз Афин, мутафаккири Юнони қадим). Ин хулоса аз ҳама беш мансуб ба адиб аст.

Яке аз муҳимтарин вазифаҳои илм дар маҷмӯи ҳодиса ва равандҳои ҷомеа, омӯхтан ва ошкор кардани қонуниятҳои рушди он, пешгӯӣ кардани ҳаводисе, ки мардумро интизор аст, ба ҳисоб меравад. Ин хосият ба пуррагӣ марбути фаъолияти бадеӣ аст.

Адабиёти классикӣ ва даврони навтарин – то замони истиқлолият аз чунин мисолҳо бой аст. Аз маҷмӯи ҳодиса, воқеаҳо, раванди такроршавии руйдодҳо, онеро, ки адиб бо чашми худ мебинад, бо гӯши худ мешунавад, онҳоро меомӯзад, таҳлил ва баҳогузорӣ мекунад, хулоса мебарорад. Ӯ қонуният, равиши ҳодисаҳо ва оқибати онҳоро ба пуррагӣ метавонад тасаввур кунад. Экстраполятсияи ононро ба ҷомеа расонад. Ба мақсади пешгирӣ кардани он офаридае манзури ҷомеа гардонад.

Муаллиф дар ин ақида аст, вақте адабиёт ба масъалаи муосир, рӯзмарра муроҷиат мекунад, ниҳоят мураккаб будани равандҳои глобалӣ, минтақавӣ, мақсад ва нақшаҳои субъектҳое, ки истиқлолияти зеҳнӣ ва ҳамчун натиҷаи он мустақилияти давлатии моро намехоҳанд, дарк менамояд. Онро дар маҷмӯъ тасаввур мекунад. Медонад, ки ин қувваҳо бо тамоми кӯшиш дастоварди таърихии миллати тоҷикро нодида мегиранд. Ба ҳамин хотир, алтернативаи гуногуни пешгирии рушди миллии моро коркард ва роҳандозӣ карданианд.

Тавре хотиррасон гардид, руйдодҳои комилан манфие, ки мадди назар меафтанд, махсусан, бошуурона зери таъсири ақидаи аҷнабиён мондани гурӯҳе ба хотири дастмузд ва рӯзгузаронӣ, пайравии ақидаҳои ифротгароӣ гаштани иддае аз ҷавонон, хусусияти сирф таърихӣ дорад. Миллати тоҷик се давраи чунин фоҷиаи бузургро аз сар гузаронидааст. Ҳарсе марҳалаҳои бадбахтии миллӣ маҳз бо суиистифода аз каммаърифатӣ ва эътиқодоти хурофотии мардум ба вуқӯъ пайвастаанд. **Замони хулафои Аббосиён,** хиёнати муллоҳои мутаассиби дар хориҷи мамлакат таҳсилкарда бо шикасти давлати Сомониён анҷомид. **Давраи дуюм,** ҳаракати босмачигарӣ – ҳамчун ҳомиёни асили сулолаи Манғитиён, ки ба миллати тоҷик ягон иртибот надошт. Пирӯз гаштани онон имконоти таърихии асос гузоштани пояҳои ҳуқуқии давлатдории миллӣ ва дар ин замон шароити ба мустақилияти давлатӣ ноил гаштани миллати тоҷикро ба пуррагӣ аз байн мебурд. **Давраи сеюм** кӯшиши роҳандозӣ кардани сохти давлатдории аҷнабиён ва зери салтанати ақидатии онон мондани қисмате аз мардуми тоҷик, ки ба фоҷиаи бузурги миллӣ ва таҳдиди воқеӣ ба нобуд

гардонидани давлат ва миллати тоҷик оварда расонид. Ҳамакнун, дар шароити рақобатҳои глобалӣ ва минтақавӣ, **давраи чоруми** мубориза барои заиф ва шикаст додани сохти давлатдории миллӣ, ба вартаи бесуботӣ, нооромӣ афкандан ва аз рушд боз мондани миллати тоҷик оғоз гаштааст, идома дорад. Дар ин набард, қувваҳои муайяни геополитикӣ бо пулу мол ворид гаштаанд.

Содагӣ, каммаърифатӣ ва беҳавсалагии бархе аз шаҳрвандони мо, дар ин ҷараён бошуурона истифода мешавад. Ин гурӯҳак ҳатто зуҳуроти зиддимиллӣ, ниҳоят ифротгароёна, роҳзанона, ки қотеона зидди хостаҳо ва ормонҳои таърихии миллати тоҷик буд – ҳаракати босмачигариро ҳамчун ҳаракати миллӣ – озодихоҳӣ қаламдод карданӣ мешавад. Босмачигарӣ барои онҳо идея, намунаи ибрат, пайравӣ, марҷаи тақлид ва босмачӣ идеал эълон шудааст. Бо чунин ақидаи зиддиилмӣ, ниҳоят ифротӣ, ки ҳатто дар эҷодиёти хаттӣ ва даҳонии мардум бо нафрати умумимиллӣ маҳкум гаштааст, ин бенавоёни маънавӣ ҷиддан даъвои роҳбарии як миллати бузургро дар асри XXI доранд. Ба назар мерасад, чунин зуҳуроти касодии ақлонӣ, ақидатӣ ва амали ҷоҳилона аз муҳимтарин мавзӯи адабиёт аст. Ақаллан, ба хотири он ки тараққиёти ҷамъиятӣ-таърихӣ, тавре таҷриба нишон дод, ҳаргиз характери объективӣ ва қонунмандиро надорад. Он аз факторҳои субъективӣ – дараҷаи масъулияти таърихӣ, маърифатнокӣ, зиракӣ, ҳушёрӣ, дониш ва тавони аъзои ҷомеа, истодагарӣ карда тавонистан, ғолиб омадан бар фитнаҳои пай дар паю системавии аҷнабиён ва зархаридони ҳалқабаргӯши онон вобаста аст.

**Фаромӯш кардани таҷрибаи таърихии миллати тоҷик дар ҳазорсолаи ахир, махсусан аз солҳои навадуми асри гузашта то инҷониб, ба давлатдории миллӣ зарбаи ҳалокатбор хоҳад расонд.**

Дониш ва эътиқодмандии илмӣ – таърихии адиб нисбат ба ин марҳалаи ниҳоят ҳассос ва тавони бо забони шево, фаҳмо, бурро, далелноки тавассути образҳои бадеӣ – эстетикӣ аз омилҳои асосии равшангароии мардум аст. Ба омма фаҳмонидани дастовардҳои замони истиқлолият, зарурати ҳифзи

амнияти давлати миллӣ аз таҳдидҳои рӯзмарра – муҳимтарин майдони санҷиши қалам ва таъсири каломи бадеӣ аст.

Бисёре аз эҷодкорони замони муосир мактаби ҳаётеро паси сар карданд, ки дар замони шӯравӣ ин имкони таърихӣ вуҷуд надошт. Сухан дар бораи муборизаҳои хунин ва ҷонбозиҳои сангин барои сохтан ва ҳифз кардани давлати миллии тоҷикон меравад. Се даҳсолаи муборизаҳо ба ҳазорсола набарди миллати тоҷик барои истиқлолият баробар буд. **Агар «ҳаёт ва назм як чиз аст» гуфтани шоир Жуковский ҳақиқат бошад, ба назар чунин мерасад, ки дар адабиёти мо бояд асарҳое баробар бо арзиши «Шоҳнома»-ҳо ва «Маснавӣ»-ҳо пайдо мешуданд. Баъди гузаштани даҳсолаҳо ин қабил асарҳоро, дар маҷмӯъ, адабиёти классикӣ меномиданд. Ва онҳо ифтихори миллии наслҳои оянда мегаштанд. Тавассути сюжет, қаҳрамонҳо, персонажҳои асари бадеӣ ҳувияти миллии мардуми моро ҳифз мекарданд. Дар сатҳи воло нигоҳ медоштанд. «Адибони классик ҳамсафари доимии инсоният» мегаштанд (Мережковский Д.С.).**

**Генезис ва адабиёти муосир**

Дар олами рӯшан кам адабиёте пайдо мешавад, ки мисли адабиёти муосири тоҷик **«сарманзили фароғат» ва «раҳи карон»** дошта бошад.

Сарнавишти миллат сарчашмаи адабиёт аст. Он таърихи зиёда аз панҷ ҳазорсола дорад.

Аз аввалин катибаи Абӯҳафси Суғдӣ, ки то замони мо расидааст ва он ғами чигунагии аҳволи оҳуи кӯҳиро дар биёбон ба риштаи тасвир мекашад:

**Оҳуи кӯҳӣ дар дашт чӣ гуна давадо?**
**Ӯ надорад ёр, бе ёр чӣ гуна бувадо?**

муддати зиёда аз ҳазор сол гузашта, вале то имрӯз бо «муаммои» парвози хаёлаш ҳамчун гавҳаре аз сад ҳазор садаф ва ҳусни худододи ороиши сухан хотири шефтагони адабиётро навозиш мекунад. Ҳамчунон, таъкиди устод Турсунзода, ки зарурати дар баландиҳо гузоштани фикри дурандешро то ҳанӯз ҳатмӣ мешуморад. Ин нигоштаҳо – аз биёбон то **«баландиҳои кӯҳи сарзамини мо»** фазои васеъ ва гуворое барои фикр, тахайюли бадеӣ ва амал фароҳам меоранд.

Вақт, фазо ва муҳтавое, ки он саргузашти миллиро дар тӯли асрҳо фаро гирифтааст, аз ҷониби таърихшиносон, шоирон ва адибон бо сабк, усул ва жанрҳои гуногун тафсир шудааст.

Масъалаи аз лиҳози генезис омӯхтани пайдоиши асари бадеӣ, вобастагии сабабии таълифот ва натиҷаи иҷтимоӣ-ақидатии он аз муҳимтарин масъалаҳои адабиётшиносӣ мебошад. Асарҳои оламшумуле, ки дар тақдири миллат муассир будаанд, сарчашмаи ҳастӣ доранд. Ҳолати воқеии таърихӣ ва муосири як миллатро таҳти омӯзиши эстетикӣ қарор дода, онро тавассути дидгоҳи бадеӣ рӯйи коғаз овардаанд. Дар мисоли адабиёти тоҷик ҳам, гуфтан мумкин аст, ки **«асари бадеӣ на аз парвози одии хаёли муаллиф, балки аз таҷрибаи зиндагӣ (ҳамчун ҳолати рӯҳӣ – идеологии гурӯҳи иҷтимоӣ) сарчашма гирифтааст. Барои ҳамин лозим аст, муҳаққиқон макони таваллуди иҷтимоии факти адабиро дарёфт намоянд» (Переверзев В.Ф. Гоголь. Достоевский. Исследования. –М.: Современный писатель. 1982, – С. 45).**

Маълум аст, ки бо дарёфти далели қобили таваҷҷуҳи махсус, муаллиф онро дар озмоишгоҳи бадеии худ мавриди таҳлил ва баррасӣ қарор медиҳад. Дар ин замина, дидгоҳи маънавӣ ва самтгирии идеологии адиб аз муҳимтарин омилест, ки **«мундариҷа, сифат ва муҳлати хизмат»-и** асари бадеиро муайян месозад.

Муҳаққиқони каломи бадеӣ, ки ҷанбаи иҷтимоии адабиётро мавриди омӯзиш қарор медиҳанд, ҷонибдори онанд, ки адибон баёнгари ақидаи ҷамъи муташаккил, ҳамфикр, ҳаммаром, ҳамақида ҳастанд ва маҳсули фикрашон манфиати ҷомеаро таҷассум менамояд. Нигоҳ доштани созмон таҳти номи Иттифоқи нависандагон то ҳол, шояд, пайгирии ҳамин маънӣ бошад. Ва чунин ташкилот ҳатман принсипҳои асосии кории худро дорад.

Дар ҳафт даҳсолаи асри XX принсипҳои асосии фаъолияти адабӣ – партиявият, синфият ва халқият эълом гашта буд. Иқрор бояд гашт, ин талабот хизмати шоёнеро барои он замон ва фазо ба субут расонд. Баъзе аз асарҳои офаридаи ҳамон давр, чун мояи ифтихори классикаи адабиёти ҷаҳонӣ эътироф гардидаанд. Ба мисли повести «Марги судхӯр» ва «Ёддоштҳо»-и Садриддин

Айнӣ, манзумаи «Садои Осиё»-и Мирзо Турсунзода, романи «Фирдавсӣ»-и Сотим Улуғзода. Дар байни шаш қаҳрамони миллии мо, ду абармард намояндаи амалкарди ҳамин принсипҳои адабиёти бадеӣ мебошанд. Халқи тоҷик бо онҳо ифтихори бузург дорад. Шоҳкориҳои адабиёти давр («**дар шашяки рӯйи замин**»), сарфи назар аз баъзе нокомиҳо, ки як чизи табиӣ аст, марбут ба принсипнокӣ *(1. асос, бунёд, шарт, 2. эътиқод, ақида, нуқтаи назар, қоидаи ахлоқ,* Луғати русӣ – тоҷикӣ, –М.: Русский язык. 1985. –С. 854) ва мақсадгузории фаъолияти адабӣ мебошад.

**Муаллифи ин сатрҳо бар он аст, вақте сухан дар бораи эҷодиёти бадеӣ меравад, дар баробари генезис, ҳатман принсипи эҷодии муайян мадди назар меистад. Худи сарчашмаи (генезиси) эҷодиёт мансуб ба принсип аст. Ва раванди эҷодиёти бадеии замони мо ҳам, дар маҷмӯъ, аз худ нишонаҳои чунин тамоюл доштанро гоҳо ба намоиш мегузорад.**

Тавре хотирнишон гардид, моҳияти ҳақиқии адабиёт ва фарҳанги асил тараннум ва ҳимояи манфиатҳои миллат аст. Адабиёти тоҷик – дар тӯли асрҳо комилан адабиёти майдони мубориза буд. Ҳатто дар асарҳои лирикии он оҳанги иҷтимоии озодандешӣ, хирадпазирӣ, ақлсолорӣ, хурофотситезӣ, мазаммати шадиди тавбафармоёни дурӯяи хилватамал бо қотеият садо медод. Хусусияти озодманишии ин адабиёт тавонист принсипи миллии тоҷикиятро дар ниҳоди мардум ҷой кунад, ба воя расонад, ҳифз намояд. Муносибати аслии мардумиро ба тарзи ҷаҳонбиние, ки нафаси андешаро дар қафас ҳам гулӯгир мекунад, муайян кард. Дар гаҳвора нигоҳ доштани девонҳои Ҳофиз, Бедил, «Маснавии маънавӣ»-и Ҷалолиддини Румӣ ҳамчун китобҳои муқаддас – умеди нигаҳдорӣ ва тарбияи ҷигарбанди одамӣ, бо тарзи тафаккури озодагӣ, маърифатпарварӣ ва адолатхоҳӣ аз анъанаҳои воқеии иҷтимоии ин адабиёт буд. Идеяи ҳақиқатнигорӣ ва тафсири сабабии зуҳуроти олам:

**Тан ба ҷон зинда аст, ҷон зинда ба илм,**
**Дониш андар кони ҷонат гавҳар аст (Носири Хусрав),**

дар тӯли ҷараёни адабии миллати тоҷик ҳамчун чароғи ҳидоят зинда монд. Даст ба даст то ба устод Айнӣ расид. Ва ӯ бо

ин парчами ҷилвагар, бо ҳазор бурҳону далел мардонавор, рӯшод барои ҳаққи миллатро аз замон ситонидан вориди майдон гашт.

**Воқеан, боиси таассуф аст, сарфи назар аз таҳқиқоту омӯзиш ва мактаби айнишиносӣ, хизмати адабии Ӯ, яке бузургтарин шахсиятҳои тамаддуни ҷаҳонӣ, то ҳадде, ки замони имрӯз ниёз дорад, ба оммаи мардум, махсусан ҷавонон расонида нашудааст. Ақаллан ба хотири он ки назария ва амалияи босмачигарӣ, ки такя бар сиёсисозии эътиқодоти мардум дошт, ба тамоми ҳастӣ бо тоҷикият, мустақилияти фарҳанг, афкори миллӣ ва худшиносии мардум мухолиф аст, дар солҳои навадуми асри гузашта зуҳур намеёфт. Ва дар рӯзҳои мо ин ақидаи шармандааслро иддае аз гурӯҳакҳо – боқимондаҳои он замони ғарқи фоҷеа, аз минбарҳои аҷнабиён озодона тарғиб ва расонаӣ намекарданд.**

Эҷодиёти устод Айнӣ, барҳақ, таҷассумгари як навъ давраи гузариш аз ҳаёти ҳазорсолаи истибдодӣ, ғуломӣ, «одинагӣ», ҷаллодии ғарқи матои хурофотӣ ва тафаккури ниҳоят қафомондаи асримиёнагӣ ба замони худшиносии миллӣ мебошад. **Ӯ Дохундаи кӯҳистонии ятим, мазлум, зору низор, бесавод, аммо дар ботин ҷавҳари ҷавонмардидоштаро аз ҳазор азоб, машаққат, хазониҳо гузаронида ба ватанпарасти ғаюру далер, саводнок, мубориз, қаҳрамон ва бунёдгари зиндагии орому осудаи сарзамини тоҷикон тарбия карда расонд.**

Ширкати бевоситаи Ёдгор дар нобуд сохтани дастаи босмачиён – «ҳомиёни дину имон» – аҷнабии иғвогар, пуштибони ҷонсупори сулолаи Манғитиён – Анварпошшо, ифодакунандаи мантиқи ниҳоят бузург ва нишонгари самтгирии маънавии ин нобиғаи классикаи адабиёти ҷаҳон мебошад: **«гирдогирди шаҳрро тахминан панҷ ҳазор нафар босмачӣ, бо ярокҳои нав мусаллаҳшуда, ҳалқавор фаро гирифта буданд ва болои онҳо Анварпошшо бо унвон ва имзои «амири лашкари ислом, домоди халифаи муслимин ва ноиби амири Бухоро» фармондеҳӣ мекард»** (С.Айнӣ. Дохунда. –Душанбе: Ирфон. 1984. –С.318).

**Донистани ин мантиқ ва маънии геополитикӣ то замоне ки дунё бунёд аст, пардаро аз рӯйи душманони давлати миллии тоҷикон мебардорад. Ниқобро аз лиқои сарварони ашхосе, ки аз ҷаҳл, нодонӣ, гумроҳӣ ё дар натиҷаи роҳнамоии бошууронаи кироягирони аҷнабӣ, ки босмачигарӣ – ҳаракати сиёсии роҳзанӣ, ғоратгариро ҳамчун ҳаракати миллӣ – озодихоҳӣ қаламдод карданӣ мешаванд, берун месозад.**

Вақте баъзе аз соҳибқаламон аз мавзӯъҳои ниҳоят муҳимми рӯзмарраи зиндагии пур аз муборизаи имрӯз бо сад баҳона худдорӣ мекунанд ва мехоҳанд як навъ **мушоҳидачии соҳибмансаби протоколии дур аз муҳокима** бошанд, адабиёт, замон ва хонанда бурд намекунанд. Дар ҳалли масъалаҳои муҳимми мубориза барои маънавиёти ҷомеа, ҷойи онҳо ба манзалати сухандону сухангӯ холӣ мемонад. Ва дигарҳо бо қаноатмандии том ин мавқеъро ишғол мекунанд.

**Генезиси тамоми асарҳои устод Айнӣ ҳолат, воқеият ва ниёзҳои иҷтимоии мардум, ба замми он сифатҳои олии шахсӣ – мардонагӣ, ҷасорат ва матонати қаҳрамони миллии тоҷикон буд. Эшон маҳз аз масъулият, завқи сохтан ва пойдор гардонидани зиндагии навин, бунёди давлате, ки баъд аз ҳазор сол мансубияти маконии миллати ӯро дошт, ҳамзамон аз як жанр ба жанри дигари адабӣ рӯ оварда, воқеиятро тавре ки худи ӯ тасаввур мекард, ба омма фаҳмониданӣ мешуд.**

Ба назар муҳим мерасад, ки адабиётшиносии даврони истиқлол тадқиқот ва баррасии муқоисавии офаридагони каломи бадеии муосирро ҳадди ақал ба идеянокии давраҳои ниҳоят муҳимми ҳаёти миллати тоҷик, махсусан, аз асри Х то солҳои сиюми асри гузашта ва албатта минбаъд ҳам, давра ба давра дар муқоиса гузорад. Ҳарф сари талаботи иҷтимоии ин лаҳзаҳо, вобаста ба равшангароии мардум, тараннуми замони созандагӣ, мубориза ба муқобили хурофот, ҷаҳолатпарастӣ, нодонӣ, ифротгароӣ, тақдирпарастӣ, тақлидкорӣ меравад. **Оё адабиёти имрӯза ҷавобгӯи нисбии ниёзҳои аслӣ, ки асоси онро мубориза барои хештаншиносӣ, ба муқобили ҷаҳолат, бегонапарастӣ, ифротгароӣ ташкил мекунад, ҳаст? Адабиёти муосир батамом сифоти нишонрасӣ вобаста ба вазъияти афкор ва маънавиётро дар**

**ҷаҳони кӯдакон, наврасон, ҷавонон, миёнсолон дорад?** Омилҳое, ки ҳамакнун ҷомеаро сахт ба ташвиш овардаанд, аз қабили ифротгароӣ, терроризм, ҳисси бегонапарастӣ, фосила гирифтан аз одамият, инсонгароӣ, ватандорӣ, ҳифзи манфиатҳои миллӣ, аз нигоҳи фарҳангӣ, адабӣ тафсир гаштаанд? Нависандагон, шоирон, драмманависон, филмсозон дар ин ҷода чӣ хизмат кардаанд? **Заҳмати онон чӣ гуна вокуниш ба бор овардааст?** Агар вазифаи асосии адабиёт тақвият, пойдорӣ, бардавомӣ ва раванди бебозгашти эҳтиром гузоштан ба ҷаҳонбинӣ, маънавиёт, арзишҳои миллӣ бошад, пас имрӯз адабиёт дар муқоиса ба воқеият дар кадом сатҳ қарор дорад? Таносуби ҷаҳонбинии миллӣ нисбат ба дигар зуҳуроти маънавиёти ҷомеа, фақат дар вобастагӣ ба каломи бадеӣ, дар кадом сатҳ аст? Сюжет, рақобат ва конфликти бадеӣ дар тасвири ҷаҳонбиниҳо ва майдони мубориза барои мафкурасозии ҷомеа чӣ воқеият дорад? Тазоди афкори ҷомеа бо раванди эҷодиёти бадеӣ ва воқеияти ҷамъиятӣ дар кадом сатҳ қарор дорад? Умуман мафҳуми герменевтикаи иҷтимоии адабиёт ва адабиётшиносии муосири тоҷик дар чӣ гуна шароити миқдорӣ ва сифатӣ, сабабӣ ва натиҷаи эҷодӣ аст?

Тавре хотиррасон гардид, вобаста ба замон ва вазъи ҷамъиятӣ–сиёсӣ, эҷодиёти бадеӣ генезиси марбут ба онро дорад. Тавлиди «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ супоришӣ набуд. Он натиҷаи дониш, таҳқиқ, омӯзиш, хулосабарорӣ ва тасмими «**бузургустоди сеҳрофарин ва рӯинтан»** (Ҳусейни Шаҳривар) буд. **Рустам қаҳрамони ормонии наҷотбахши миллӣ буд. Қаҳрамони афсонавӣ буд. Воқеан, дар ҳаёт, дар зиндагӣ – ҳамчун тақозои муҳити иҷтимоӣ – сиёсӣ Рустам худи Фирдавсӣ буд. Ва ӯ – донишманди бузурги таърихи халқи тамаддунофар, бонангу номусаш, ки бо хатои ҷудоафкании чанде аз фарзандони хоин, дурӯя, аҷнабипарасташ сарзаминашро аз даст дода буд, хост таърих, манзалат ва то ҳанӯз мубориз будани ин миллатро таранnum намояд. Аҷамро бедор ва зинда созад. Рӯҳи озодипарастии онро ҷовидон гардонад. Машъали маънавии нурофар барафрӯзад. Рӯҳе офарад бегазанд, абадӣ, поянда, бардавом. Ҳамзамон, рӯҳияи иғвогарӣ, маккорӣ, дурӯягӣ ва бозигарии душманони миллат, ки аз содадилии ин мардум истифода карда, бо дасти падар**

**фарзандони таҳамтан, ҳимоятгари Ватан ва оқибат миллати хешро мекушад, ошкор намояд. Эҷоди «Шоҳнома», аз ҷумла, нишони масъулияти як нафар аз миллионҳо дар назди миллати хеш аст.**

Адибони бузург барои он гузаштаро тасвир мекунанд, ки вазъи имрӯзро (замони шоирро) ба мардум фаҳмонанд. Ояндаро пешгӯӣ кунанд. Ҳушдор ба наслҳо диҳанд, то аз саҳву хатоҳо, ки ба фоҷиаи умумимиллӣ хоҳанд расонид, ҳушёр бошанд. Аз онҳо худро эмин гардонанд. Воқеаҳои солҳои навадуми асри гузашта ва фитнаву найрангҳои аҳримании гурӯҳакҳои махсус, айни замон ва дар оянда ҳам зарурати ба инобат гирифтани воқеот ва идеяҳои «Шоҳнома»-и безаволро дорад.

Фазо ва вақт аз муҳимтарин омили генезиси адабӣ ҳастанд. Адабиёти солҳои «замони ҳафтодсола», бидуни шубҳа, дар ҳамин замина ба мардуми мо хизмати босазо карда буд.

Дар илми адабиётшиносӣ мафҳуми «**адабиёти вақт»** вуҷуд дорад. Он таҳаввулоти бузурги иҷтимоии як миллатро дар давраи муайяни таърихӣ тасвир мекунад. **Эътиқоди муаллифи ин сатрҳо бар он аст, агар адабиёт лаҳзаҳои муҳимми баробар ба воқеиятро тасаввур карда тавонад, манфиатҳои миллиро мадди назар дошта бошад, бидуни шак, дар чаҳорчӯби ҷараёни бузурги анъанаҳои адабии миллат қарор мегирад.**

**Ба шарте воқеияти ҳаёти имрӯзаи миллатро ҳамчун генезиси адабӣ ба назар бигирем, барои офаридани бузургтарин образи бадеӣ ва корномаи қаҳрамон барои жанрҳои адабии мавриди назар асоси бесобиқаи таърихӣ ҳаст. Ҷоннисорӣ ва ҷавонмардии Қаҳрамони халқи тоҷик, заҳмати шабонарӯзӣ ва барои миллат ҳар замон ҷабҳаи созандагӣ офаридан ва дар онҳо пирӯз гаштан, сарчашмаи абадии адабиёти бадеӣ хоҳад буд.**

Ба назар муҳим мерасад, ки чунин воқеият бо тазод, мушкилот, таҳдидҳои воқеӣ, хатарҳои ҷонкоҳ, буриданҳо, шикастанҳо, басту бандҳо, муқобили ҷараёни шадиди равандҳо ҳаракат карданҳо, пирӯз гаштанҳо яъне ифодаи ягонаи реалияти замон тасвир гардад. Бояд он образи воқеияти зиндагие бошад, ки ҳазорсолаҳо барои миллат ҳамчун намунаи қаҳрамонӣ, шуҷоат, далерӣ, ватанпарварӣ, ватандӯстӣ, миллатофаринӣ,

давлатсозӣ, мардумсолорӣ хизмат кунад. **Саъйи нависанда дар кӯшиши ҳаққонии ба намоиш гузоштани тавоноии бадеие бошад, ки на танҳо ба ҷаҳонбинӣ ва тарзи амали ҳамасрон, балки ояндагон низ таъсир расонида тавонад. Чунин нақш, чунин намуна ҳаст. Адиб ҳамасри Ӯст. Ва Ӯ барҳақ тавонист меҳвари мардуми заҳматкаш ва ҷафодида бошад.**

**Дар таърихи чандҳазорсола ин қавитарин рӯҳ дар ниҳоди миллат ҳаст. Хоҳад монд. Ва адабиёт масъул аст бо абзори бадеии замон, ин корнамоиҳоро то ба наслҳои дур расонад.**

Ҳамин тариқ, генезиси фаъолияти адабӣ зуҳурот, падида, воқеияте аст, ки барои нависанда ҳамчун ангеза нисбат ба эҷодиёти, пеш аз ҳама, аҳаммияти иҷтимоидошта хизмат мекунад. Он ба таҷриба, дониш, самтгирии маънавӣ, маданияти сиёсӣ, тавони дарки воқеият ва инчунин имконоти зеҳнии фаҳм ва экстраполятсияи воқеаҳо, ҳамчунон аз масъулияти ӯ дар назди ҷомеа вобастагӣ дорад. Асари нависанда симо ва сирати нависанда, моҳияти конститутсионалии шахсияти ӯ аст.

**Нависанда ва хонанда**

Ҷойи шубҳа нест, вақте ки ангеза, далел барои эҷоди асари бадеӣ пайдо мешавад, нависанда дар умқи зеҳнаш тавассути ин идея «вориди гуфтугӯ, маслиҳат» бо хонандааш мегардад. Ҷаҳонбинии охирин, материяи олии табиат – майнаи инсон ҳадафи таъсири мақсадноки ӯ интихоб мешавад. Иқрор бояд гашт: **«ҳар як асари бадеӣ мансуби замони худ, халқи худ ва муҳити худ аст, аз ҷаҳонбинии таърихӣ ва дигар тасаввуроти ӯ вобастагӣ дорад…»** (Г.В.Ф. Гегель. Эстетика. В четырех томах. – М.: Искусство. 1968. –С. 21).

Маҳз ба хотири мақсаднокии эҷодӣ, таъмини ниёзҳои иҷтимоӣ дифферентсиатсияи самтҳои адабиёт – барои бачагон, наврасон, ҷавонон, умуман, қишрҳои гуногуни ҷамъият муайян шудааст.

Пойдории асари бадеӣ, умри он аз бисёр омилҳо, аз ҷумла, донишҳои илмӣ, ҷаҳонбинӣ, тавоноии касбии адиб барои тасхир намудан**, «рабудани дилу дини мухотаб»** (бинанда, шунаванда) вобаста аст.

Ба фоҷеаи зеҳнӣ мувоҷеҳ кардани қисмате аз ҷавонон тавассути ашхоси муайян ва васоити ахбори электронӣ, адабиётро бо масъулияти том ба омӯзиши муҳимтарин қонуният ва категорияҳои диалектикӣ водор месозад. Борҳо, гаштаву баргашта мурочиат кардан ба мафҳумҳои **«зуҳурот ва моҳият», «сабаб ва оқибат», «табдили миқдорӣ ба сифатӣ», «инкори беасл ва бозгашт ба гузаштаи нофарҷом»,** огаҳии илмӣ аз тағйири сабк, усул ва воситаҳои таъсиррасонии навин ба тафаккур ва аз он ба воқеиятро тақозо дорад. Вобаста ба мантиқи ифода, **«бояд се масъала баррасӣ гардад: сараввал дарёфт намудани сарчашмаи муътақидгардонӣ, дуюм интихоби сабк ва сеюм чӣ гуна ҷо ба ҷо кардани ҳиссаҳои нутқ»** (Аристотель. Риторика. Поэтика. –М.: Лабиринт. 2000. –С.113). Яъне сухан дар бораи роҳҳои бовар кунонидан меравад.

Ба назар чунин мерасад, ки замони муосир ва воқеияти имрӯз, қабл аз ҳама, зарурати ҳарчӣ тезтар, самараноктар ба даст гирифтани шаклгирии тарзи тафаккури наврасон ва ҷавононро дорад. Дар зеҳни онон ворид кардани мафҳумҳои «Ватан», «миллат», «илм», «маърифат», «ҳуқуқбунёдии муносиботи ҷамъиятӣ», алифбои донишҳои дунявӣ, равшангароӣ, шинохти воқеияти олам аст. **«Натиҷаи аз нигоҳи манфиатҳои иҷтимоӣ сиёсӣ шакл додани ҷаҳонбинии шаҳрванд он аст, ки ӯ аз мавқеи тиҷорати сиёсӣ, аз дудилагӣ худдорӣ мекунад. Ва бидуни калавандагии сиёсӣ оид ба муҳимтарин масъалаҳо худаш тасмими дуруст мегирад» (Е.Б. Шестопал. Политическая психология. –М.: 2002. –С.139).**

Наслҳо батадриҷ иваз мешаванд. Наслҳои солҳои 50-ум, 60-ум ва қисмати 70-уми асри гузашта, бо ҳазор азобу машаққат, ҷонбозиҳо давлати миллиро асос гузоштанд. Сохтанд. Ҳифз карданд. Ба ҷаҳониён намунаи беҳтарини онро муаррифӣ карданд. Аммо барои нигоҳ доштан, боз ҳам мустаҳкам гардонидани он маҷмӯи тасаввуроти мутаносиб ба воқеияти ҷамъиятӣ ва тафаккур ҳаётан зарур аст. **Пойдории сохти давлатдорӣ – аз устувории сохти ҷаҳонбинии аъзои ҷомеа, дар вобастагӣ ба инъикоси воқеият ва манфиатҳои миллӣ, қарор дорад.**

Бо назардошти раванди ташаккулёбии афкор ва маданияти сиёсӣ, самти ҳаракат ва тақдириояндаи ҷомеаро пешбинӣ кардан мумкин аст. Адибони асил ҳамчун табақаи интеллектуалии махсуси ҷомеа, ки касби онҳоро намешавад бо хондан аз худ кардан (таъбири Л.Н. Толстой – **«Научиться писать стихи нельзя»),** ҳолати рӯҳии ҷомеаро мисли тамоми ҳамкасбони таърихии худ, хубтар дарк мекунанд, масъулияти хешро дар назди ҷомеа бештар эҳсос менамоянд. **Офарандагони рӯҳи миллианд.** Вазъи маънавии ҷомеаро хубтар мефаҳманд. Самтҳои заъф ва осебпазирии онро дарк менамоянд. **Бояд чу меъмор «пайи таъмири вайронаҳо»** (Бедил) гарданд.

Ҷаҳонбинии имрӯзаи ҷомеа, ба ғайр аз ҷузъиёти мусбате, ки дорад, наметавонад ба пуррагӣ аз ҷаҳонбинӣ ва тарзи тафаккури фалсафӣ-таърихии замони ҳадди ақал сад сол пеш фосилаи зиёд дошта бошад. Ҳодисаҳои солҳои навадуми асри гузашта, тамоюлҳои рӯзафзуни бегонапарастӣ, воқеоти дар ин замина қисман рухдодаистода, ҳам дар дохил ва ҳам дар хориҷи мамлакат, имкон надорад, ки адибро нороҳат накунад.

Адабиёт нусхаи образноки бадеии зиндагӣ аст. Рӯзгор, субъект, объект ва маҳсули ин муносибат – раванди ҳаёт, самтгирӣ ва натиҷаи чунин алоқамандию таъсиррасонӣ мебошад. Ҳаводисе, ки дар асари бадеӣ мавриди баҳс қарор доранд, тақрибан ҳамин тавр тақсимбандӣ мешаванд.

Ҷараёни адабӣ ҳам дар байни се иштироккунанда сурат мегирад: муаллиф, каҳрамон – персонажҳои асари бадеӣ ва хонанда. Ду қисмати аввал ниҳоят фаъоланд. Аммо зарур аст, хонандае, ки асосан, нависандаро намешиносад, дар аввал бетараф аст, ҳарчӣ тезтар вориди муҳтавои масъала гардад. Батадриҷ ҳамфикри нависанда шавад. Ҳангоми мутолиаи асари бадеӣ қаҳрамони марказии асар қудрати аз китоб «берун омаданро» дошта бошад. Аз «вақт»-и хонанда пештар равад (В. Катаев). Бо ӯ ҳамроҳ шавад. Ба хонанда маслиҳат диҳад. Дар чорсӯи зиндагӣ дасти ӯро бигирад. Ӯро роҳнамоӣ кунад. Ҳамфикру ҳамсафу ҳамраҳу ёвари худ гардонад. Бо роҳу воситаҳои тасвири бадеӣ хонанда фаҳмад, зиндагӣ, ҳаёти имрӯз оне нест, ки дар назар ором, осуда, беғубор менамояд. Роҳҳо

сохта, нақбҳо кушода, НОБ-ҳо бунёд мегарданд. Дар боғу гулгаштҳои навсохти биҳиштосо садои пасти суруду мусиқӣ хотирҳоро навозиш мекунад. Кӯдакону модарон, хоҳарону бародарон, ҳамшаҳриёну меҳмонон бо хотири ҷамъ ва шодиву сурур сайру гашт менамоянд. Вазиши боди форами шаршараҳои нуқрафом ва чаҳ - чаҳи парандагон ҳамраҳ, ҳамдам ва ҳамсози осудагиву фараҳи ҳамватани мост.

Диалектикаи зиндагӣ танҳо ин нест. **Ин зуҳуроти ниҳоят одии моҳияти рӯйдод, гоҳ аёну гоҳ ноаён – заҳматҳои шабонарӯзӣ, пурмашаққат, ҷонбозиҳои пеш аз ҳама Қаҳрамони миллии мост, қудрати раҳнамоӣ, навиди заҳмат, бедорхобӣ ва ғамхории ҳароина, санъат, паёми касбият ва сабки раҳбарии асосгузори давлати миллии мост.**

**Байни чунин зуҳуроти некуаҳволии ҳамватанон то сабабҳои аслии рӯзгори осуда, яъне моҳияти масъала, фосилаи дуру дароз, мураккаб ва мушкил вуҷуд дорад. Вазифаи адабиёт он аст, ки тавонад, ҳамин алоқамандии системавии вобастагӣ ва фосиларо, арзишмандии ин аҳволро, сабабу оқибатҳоро тавассути образҳо ва дигар имконоти бадеӣ – сода, одӣ, равшан ба одамон расонад. То оммаи мардум, махсусан ҷавонон ба қадри он расида тавонанд. Онро пос доранд. Ҳимоят намоянд. Қудрати маънавӣ ва ҷисмонии ҳифз кардани манфиати Ватанро на танҳо дар шакли суруд, шиорпардозии расмӣ, дар саҳна, минбар, зоҳиран, балки ба тарзи воқеӣ дар ниҳоди худ дошта бошанд.**

Чун замон мураккаб ва бозори хариди ақлҳо дар авҷи аълост, моил кунонидани ақли хонанда барои ҳифзи манфиати миллати худ, набудан дар хизмати бегонагон корест начандон осон.

Гегел дар асари машҳураш «Эстетика», ки ба назарияи каломи бадеӣ мансуб гардонидааст, бо иқтибос аз Платон ба шеъре, ки ба Астер ном наздикаш бахшидааст, ишора мекунад:

**Ба ситора менигарӣ, ситораи ман,**
**мехостам осмон бошам,**
**Нигарам бар ту бо ҳазорон чашм, ошиқона!**

Ва тафсир менамояд: **«санъат ҳар эҷоди худро ҳазорчашм месозад ... барои он ки мо тавонем дар ҳар нуқтаи ин эҷод рӯҳи**

**дохилӣ ва маънавиётро дарк кунем. Санъат чашмро на танҳо хосияти ҷисмонӣ медиҳад ... дар он чашм ҷаҳони беинтиҳои ботинӣ мавриди дарки беохир қарор мегирад»** (Г.В.Ф Гегель. Эстетика. В четырех томах. –М.: Искусство. 1968. –С.163).

Бо эҷоди рӯякӣ, репортажмонанд, дампоӣ, муддатҳо дар манзалати эҷодии «санҷиши қалам» амал кардан, масъалаҳои мушкили ҷомеаро наметавон вориди ҷаҳонбиниҳо кард. **«Асари бадеӣ бояд ... шакли мурочиат ба хонандаро дошта бошад. Агар он бо услуби ҷиддӣ ба масъалаҳои дохилии худи асар нигаронида шуда бошад, майли таъсир ба хонандаро надошта бошад, шахсе, ки ба асар мурочиат мекунад, дилхунук мешавад .... Ҳар кас бояд донад, нависанда чӣ мехоҳад, чӣ тавр зиракона, устодона нияту мақсади худро баён карда тавонистааст»** (Г.В.Ф. Гегель. Система отдельных искусств. –М.: 1971. –С.13).

Адиб чун фарзанди замон дарди ҷомеа ва сарчашмаҳои онро хуб, бо тамоми назокат тасаввур менамояд. Дарк мекунад. Аз вазъи рӯҳӣ–равонии хонандае, ки ҷаҳонбинии ӯро нишон гирифтааст, огоҳ аст. Самтгирии идеявӣ, ки асоси маънавиёти миллиро ташкил мекунад, имрӯз ва оянда и ҷомеа аз ӯ вобаста аст, барояш муҳим аст. Тасаллути кадом ақида ба худи хонанда, авлод, миллат ва ватани ӯ хатари ҳаётиро дунбол кардааст, огоҳ мебошад. Нависандаи нуктадон аз алоқамандии зуҳуроти манфӣ, ки ба фикр, ақида, ҷаҳонбинии муқобил тааллуқ дорад, ба ташаккули рӯҳияи хештаншиносӣ ва меҳанпарастии ӯ таъсири манфӣ мерасонад, хабар дорад. Хонандаро аз фатализми ақидатӣ ва тақдирписандӣ зина ба зина халос мекунад**. Детерминизм ҳамчун категорияи диалектикӣ ҳамин маъниро тақозо дорад.**

**Асари бадеӣ танҳо падидае нест, ки хонанда онро бо ҳиссиёт мутолиа кунад. Қудрати қалами нависанда бояд ба фаҳм, дарки эстетикии хонандае, ки ҷаҳонбинии ӯро мақсади таъсиррасонӣ интихоб кардааст, мувофиқ афтад. Андеша карданро омӯзонад. Маҷбур созад, ки аз ақидаҳои бегона, шахшудамонда, схоластикӣ, ки оқибат шахс ва ҷомеаро ба бадбахтӣ рӯ ба рӯ месозад, канораҷӯӣ намояд.** Ақли инсонро дар ҷойи аввал гузорад. Дар ӯ ҳисси ҳоким будан ба ҷаҳонбинии аз таҷрибаи рӯзгор намунагирифта тасаллут пайдо кунад. **«Маҳаки**

**арзишмандии бадеияти асар … дараҷаи самаранокии он аз рӯйи андозаи таъсири маҳсули эҷодӣ ба идроки хонанда баҳогузорӣ карда мешавад»** (Л.И. Шевцова. Теория литературы. –ВГУ.: 2011. –С.96).

Таъсири асарҳое, ки ба диди хонанда роҳ меёбанд, дили ӯро тасхир мекунанд, тавассути қаҳрамонони асар сурат мегирад. Ҳарчанд ки тасвири ин ҷараён аз нигоҳи илм барои муқоиса ва тафсир душвор менамояд, аммо аз нигоҳи мантиқи диалектикӣ он нависандае бар **«муҳтавои мақсади худ комрон мегардад»** (Ҳофиз), ки тавони шакли ҳаракати фикрро бо абзори бадеӣ ба воқеияти зиндагӣ – реалияти объективӣ наздик карда тавонад. Падидаҳое, ки тавассути имконоти адиб ба риштаи тасвир кашида мешаванд, на дар ҳоли шахшудамонда, балки аз ҳаёти воқеӣ гирифта шуда бошанд. Имконоти рушду такомулро дошта бошанд. Маънии ҳаётро дар худ ифода кунанд. Созанда бошанд.

**Адабиёт ва принсипи таърихият**

Адабиёт бо қудрате, ки ба он мансуб дониста мешавад, дар баробари дигар сифатҳои олӣ, имконоти бузурги истеҳсолкунанда дорад. Гарчанде, маълум аст, ки ин сифатро ба илмҳои дақиқ нисбат медиҳанд.

Мазмун, маънӣ ва мантиқӣ созандае, ки дар асари бадеӣ маҳфуз аст, фард, гурӯҳ, табақаҳои иҷтимоӣ, ҷомеаро барои ташаккул ва нишон додани характер – рафтори моҳияти фарққунанда, фавқулодадошта сафарбар мекунад.

Адабиёт, ки аслан аз мифология сарчашма гирифтааст, дар шаклгирии ҷаҳонбинӣ, маънавиёт, маданият, урфу одат ва воқеияти иҷтимоӣ, вазъи рӯҳӣ, тарзи тафаккур, мундариҷаи ҳиссиёти халқу миллатҳо таъсир гузоштааст. Мардум тавассути образҳои бадеӣ ниҳод, рафтору амали иҷтимоӣ ва ҳаёти рӯзмарраашро муаррифӣ кардааст.

Сухани бадеӣ дар вобастагии пурраи диалектикӣ ба таърих, воқеаҳои таърихӣ, вазъи сиёсии давр қарор дорад. Ҳамзамон далелҳои муътамад шоҳиди онанд, ки мантиқи бадеӣ низ тавонистааст ба равандҳои сиёсӣ, шаклгирии мундариҷа, ҷаҳонбинӣ, шуур, рафторҳо, тасмимгириҳои сиёсӣ ва иҷтимоӣ таъсири бевосита дошта бошад.

**Омӯхтани таърихи халқ бе донистани таърихи адабиёт, ёдгориҳо ва равандҳои адабӣ ғайриимкон, ҳадди ақал номукаммал аст. Адабиёт худ таърих, тафсири ҳаёти фикрӣ ва ҷамъиятии миллат аст. Дар он воқеияти таърихӣ, шакл ва тарзи тафаккури ӯ бо ифодаи образҳо ва тасвирҳои бадеӣ сурат мегирад.** Маҳз ба ҳамин хотир, таърихшиносон тадқиқотчиёни методи таърихӣ, ҳамчун методи диалектикӣ омӯхтани ҷараёнҳои адабӣ, субъект ва объекти тасвири бадеиро шарти муҳимми таҳқиқоти илмӣ меҳисобанд. Онро ҳамчун падидаи самарабахши шинохти қонунмандиҳои зуҳур, рушд ва такмили тафаккур дар давраҳои муайяни таърихӣ, ҷиддан мадди назар мегиранд. Чунин талабот дар назди адиб, умуман адабиёт масъулияти бузурги таърихиро вогузор кардааст.

Воқеияти таърихӣ дар аксари вақт, дар шароите сурат мегирад, ки ба хоҳиши қисмате аз ҷомеа – қувваи пешбарандаи ҷамъият вобастагӣ надорад. Моҳиятан ин шароит давом ва натиҷаи таҷрибаи таърихист. Эҷодиёти бадеӣ маҳз бо истифода аз он имконот, шароит ва захираҳо амал мекунад. Ҳодисаҳое, ки дар олам ва минтақа рух додаанд ва рух медиҳанд, гарчанде маҳсули амали мақсадноки инсонанд, нисбат ба нависанда хусусияти объективӣ доранд. Берун аз майл ва хоҳиши ӯ ба вуқӯъ пайвастаанд. Дар тӯли таърих чунин равандҳо бо шиор ва баҳонаҳои гуногун рӯпӯш карда мешаванд. Аммо онҳо решаи заминии мушаххас доранд. Зодаи манфиати инсонанд. Ин ҷо муаммои дигар нест. Сарфи назар кардани қонуниятҳои шаклгирии ғаразҳои геополитикӣ, дар таносуб бо манфиатҳои миллӣ сабаби номуайян, норавшан ва бетаъсир мондани имконоти эҷодӣ мегардад.

Мулоимтар гӯем, боиси савоб аст, агар ҳамчун дарси сабақ, гаштаву баргашта ба адабиёти асримиёнагӣ то даҳаи дуюми асри XX, то замони шикасти вопасин амири сулолаи Манғитиён мурочиат кунем. Муътақид мегардем, адабиёти тоҷик оинаи таърихи миллати мубориз тоҷик аст.

Чун дар натиҷаи муборизаҳои қаҳрамононаи халқи тоҷик дар Хуросон ва Мовароуннаҳр, дар нимаи дуюми асри IX салтанати аҷнабиён шикаст хӯрд, ҳамзамон ҷараёни давлатсозии

миллати тоҷик, ки тавассути ғасби ин сарзамин қатъ гашта буд, дар асри X ҷамъбасти раванди дуру дарози он ба вуқӯъ пайваст. Адабиёти тоҷик бо тамоми неру барои пойдорӣ ва бардавомии ин давлат кӯшишҳои бесобиқа кард. Дар арсаи майдони адабӣ Рӯдакӣ, Фирдавсӣ, Шаҳиди Балхӣ, Дақиқӣ, Абӯшакури Балхӣ, Хусравонӣ, Абулмуайяди Балхӣ, Кисоии Марвазӣ, Робиаи Балхӣ ва даҳҳо дигарон ворид гаштанд. Хизмати бузурги ин нобиғагон иборат аз он буд, ки ҳарчӣ зудтар забони ноби тоҷикиро бо тамоми имконоте, ки дар тӯли асрҳо захира карда буд, барқарор созанд. Ба он қувват бахшанд. Онро аз истилоҳоти бегона пок намоянд. Қудрати суханеро, ки миллатро ба истиқлолият, давлатдории мустақил расонид, дар намоиш гузоранд. Забони шевои тоҷикиро дар тамоми гӯшаву канор, дар миёни худиву бегона танинандоз кунанд.

Дар кулли давраҳои таърихӣ, дар адабиёти тоҷик назм бар наср бартарӣ дошт. Ин навъи бадеӣ арсаи ҳақиқии нишон додани тавонмандии дарк, эҳсоси паҳлуҳои гуногуни зиндагӣ ва қудрати тасвири он гардид.

Бидуни дарки реалияти объективӣ, тафсири зуҳуроти аёнӣ ва ботинии олами ҳастӣ тавассути лафзи бадеии гуҳарбор, мантиқи гуворо ва маънии баланд, ки дилу дида ва хотирҳоро шефтаи он мегардонд, ҳифз кардан ва рушди ин забон дар шуури ҳамватанон ва гузашта аз ин бегонагон, имкон надошт. Асарҳое бузурге, ки ҳам дар жанри достонӣ ва ҳам дар жанри лирикӣ суруда шуданд, потенсиали бузург доштанд. Неруи маънавии он ҳамчун нури сафобахше дар зулмоти ҳазорсола дили соҳибзабононро равшан мекард. Ба оянда умед мебахшид. Забони тоҷикӣ мояи ифтихори миллати тоҷик ва воситаи ҳамдилии мардуми минтақа гашт. Оқибат аз муҳимтарин омили ба истиқлолият расондани соҳибзабонон шуд.

Дар алоқамандӣ бо предмети баҳс нуқтаи аз нигоҳи муаллиф ҳаётан муҳим он буд, ки новобаста аз адами мустақилияти сиёсӣ, давлатдорӣ, аз даст ба даст гузаштани ҳокимияти давлатӣ, ҷаҳолат, шароити тираву тори истибдодии хурофотпарастӣ, рӯҳи озодипарасти адабиёт як лаҳза ҳам сукут накард. Рӯдакӣ дар офаридаҳои худ қотеона илм, дониш ва

фарҳангро беҳтарин (*дараҷаи олии сифат)* ганҷ, **«чароғи равшан»** ва бар тани одамӣ ҷавшан номид. То имкони тавон **«рӯй бар ин ганҷ»** ниҳоданро талқин намуд. На ҷаҳонбинии дигарро. **«Соҳибқирони шоирон»** илмро ҳамчун тафаккури назариявӣ барои дар амал истифода намудан ва осон кардани зиндагии одии инсон дар мадди назар дошт. Ҳамзамон, таҷрибаи амалиро **(«гузашти рӯзгор»-**ро) маҳаки ҳадди охири озмоиши сифатнокии рушди шахс қаламдод кард. Чунин назарияи эмпиризм – зарурияти дарки воқеият, алоқамандии донишҳо, эҳсоси муҳити атроф бо таҷрибаи зиндагӣ дар тӯли таърих барои адабиёт ва мардуми бофарҳанг ҳамчун чароғи ҳидоят хизмат кард.

Фирдавсӣ бо дасти Коваи оҳангар, Заҳҳок – тимсоли бадиву бадбахтиро дар дунё «хотима» бахшид. Фаридунро сари қудрат овард. Адолатро пойдор сохт. Инкори бадӣ, бадали он ба рӯзгори нек ҳамчун мафҳуми диалектикии инкор, ки хоси рушд ва такомули табиат, ҷамъият ва тафаккури инсонӣ аст, қонунмандии мубориза халқро барои рӯзгори шоиста, ворастан аз ҷаҳолат ва тақдирписандӣ раҳнамун сохт.

Тавонмандии илмӣ ва бадеии Абӯалӣ ибни Сино, ҷуръати озодандешии Носири Хусрав, зарофат ва шуҷоати бузурги Убайди Зоконӣ дар тафсири дониш, хирад, мазаммати ҷаҳолат ва хурофот барои адабиёти имрӯза намунаҳои олии пайравӣ ва вобаста ба қудрати зеҳнӣ сарчашмаи рушду навовариaнд.

Бо худдорӣ аз тафсири диалектикии масъала он нуктаро хотиррасон бояд кард, хизмати саромадони бузурги адабиёти тоҷик иборат аз он аст, ки ҷараёни тафаккури онҳо аз сода ба мураккаб, тавассути таҳлили бошууронаи таҷриба, воқеияти зиндагӣ сурат мегирад. Илҳом, ташаббус ва моҳияти эҷодиёти онон ба воқеияти объективӣ марбут аст. Тавассути санъати волои бадеӣ тасвир кардани паҳлуҳои ниҳоят ҳассоси зиндагии даврон асоси пойдорӣ ва шуҳрати ҷаҳонӣ касб кардани ин адабиёт мебошад.

Дар муқоиса бо баъзе масъалаҳои адабиёти муосир эътиқоди комил он аст, ки ин нобиғаҳои миллати тоҷик тафаккури бадеиро ҳамчун шакли олии фаъолияти инсонӣ пазируфтаанд. Тавассути забон қудрати фикрронии хешро оид

ба тараннуми воқеияти ҳаёт, дунявият – зебоӣ ва зебоипарастӣ, ҳамчунон дар муқобили ҷаҳолат, нодонӣ, гумроҳӣ, касодии маънавӣ, тафаккури ғуломӣ ва бегонапарастӣ бурро, қотеона садо баланд кардаанд. Аз бетарафӣ ва фурсатҷӯӣ канор рафтаанд. Дар **«қаҳти ҷуд»** обрӯи хеш нафурӯхтаанд. «**Бодаву гул аз баҳои хирқа хариданд»** (Ҳофиз). Тавассути афкори бадеӣ ҳақиқати зиндагиро ба мардум, ки суханони он бузургонро аз даҳон ба даҳон мебурд **«амиқтар, дурусттар ва мукаммалтар»** фаҳмониданд. Нагузоштанд, ки одамон аз андеша, тарзи тафаккур, рафтор ва гуфтори ориёӣ – ҳувияти асили тоҷикият зиёд фосила бигиранд. Бо намоиши зеҳният, неруи офарандаи сухан бар торикӣ пирӯз гаштанд. Аз ҷумла, эътирофи Садриддин Айнӣ нисбат ба таҳаввулоти фикрие, ки ӯ баъди мутолиаи «Наводир-ул-вақоеъ»-и Аҳмад Махдуми Дониш ба бор овардааст, ӯро чун **«ситораи дурахшоне дар осмони Бухоро»** ном бурдааст, шаҳодати ин гуфтаҳост.

**Хулоса**

Ҷаҳонбинӣ аз муҳимтарин сифатҳои тавонмандии шахсият аст. Ҳамзамон, бояд таъкид кард, ки маҷмӯи системаи тасаввурот, тарзи тафаккур наметавонад хусусияти ирсӣ дошта бошад. Шаклгирии он маҳсули ҷараёни мураккаб ва мақсадноки ҳаёти ҷамъиятӣ аст.

Олимони бузурги нимаи дуюми асри XIX, дар таълифи асари Фейербах – «Противоположность материалистического и иделистического воззрения» таъкид кардаанд: **«Бар дӯши «рӯҳ» сароғоз вазни сабилмондаи материя, ки дар шакли ҳаракатбудаи қабатҳои ҳавои овозҳо – калимаҳо ҳамчун забон бор аст».** Осебпазир будани тафаккури инсонӣ аз дидаҳо, шунидаҳо, хондаҳо шояд дар доираи мантиқи имрӯзинаи «сабилмонда» маҳз таъкид карда шуда бошад.

Ҷаҳонбинӣ маҳсули фаъолияти ҷамъиятӣ аст. Дар он адабиёт нақши ҳаётан муҳимро иҷро мекунад. **«Ҳама гуна давлат бояд аз рӯйи шумораи миқдорӣ ва сифатӣ баррасӣ карда шавад. Аз лиҳози сифат гуфта, ман озодӣ ва … маърифатнокиро дар назар дорам. Аз ҷиҳати миқдор, шумораи умумии аҳолӣ дар назар дошта мешавад. Имкон дорад, ки як қисми одамон дар мамлакат**

**аз ҷиҳати шумора афзалияти сифатӣ ва қисми дигар афзалияти миқдорӣ дошта бошад. Аммо бояд дар назар гирифт, ки миқдор бар сифат набояд бартарӣ дошта бошад»** (Аристотель. Политика. –М.: 2010. –С.297).

Боиси таҳсин аст, ки ҳанӯз дар асрҳои пеш аз милод, Арасту бо такя ба яке аз се қонуни асосии диалектика, «**Гузаштани тағйироти миқдорӣ ба сифатӣ**»-ро ҳамчун пояи аслии методологияи дарки воқеият истифода намудааст. Итминони комил доштааст, ки тамоюли зиёд гаштани шумораи манфӣ дар мисоли одамони ба ҷаҳолат, хурофот пойбандбуда, оқибат омили шикасти ҷомеа хоҳанд гашт.

Адабиёти миллӣ вориси аслии маънавиёти давлати миллӣ мебошад. Бо такя аз имконоти Академияи илмҳо ва дигар муассисаҳои тадқиқотӣ метавонад аз лиҳози ҳифзи маърифат ва маънавиёти миллӣ бештар аз пайи дарёфти генезиси бадеие бошад, ки омили илмсолориро дар ҷомеа неруи тоза бахшад.

**Дар даврони созандагӣ, мавқеъ ва манзалати адабиётро дар ҷабҳаи таъмини воқеии манфиатҳои миллӣ зинда ва барқарор бояд кард. Муассирӣ ва рӯҳбахшии онро ба мисли даврони С. Айнӣ, А. Лоҳутӣ, М. Турсунзода, С. Улуғзода ва ҳаммонанди ин бузургон ба намоиш гузошт. Ба хотири он, ки образофаринӣ зиндагиофаринӣ аст.**

**Адиб оне нест, ки рӯзи ҷанг (мубориза, талош, арсаи созандагӣ, рӯ ба рӯ гаштан бо душмани ғаддор, ватанфурӯш, дурӯя, бегонапараст) пушт гардонад. Адиб онест, ки дар миёни ин набардҳо симо, маънавиёт, тарзи тафаккури созандаи хешро дар жанрҳои мувофиқ бо амал – образҳои бадеии ба воқеият ҳамсон нишон диҳад.**

**Дарахти манҳус анчар ҳанӯз реша дар об дорад. Акнун навбати ин насл омадааст, то он бешоху барг карда шавад (маъниҳо аз Саъдии Шерозӣ ва Ҳабиб Юсуфӣ).**

Дар ҳуҷҷатҳои таърихӣ ширкати Ҳабиб Юсуфӣ, Абдушукур Пирмуҳаммадзода, Ҳаким Карим, Лутфуллоҳ Бузургзода, Фотеҳ Ниёзӣ ва бисёри дигар адибон дар ҷанг барои Ватан, иштироки Мирсаид Миршакар, Алӣ Хуш дар бунёдкории водии Вахш, Мирзо Турсунзода, Бобоюнус Худойдодзода дар

бисёре аз сохтмонҳои азими замон, аз ҷумла роҳи Душанбе – Хоруғ сабт ёфтаанд. Маҳсули адабии ин бузургон аз таҷрибаи зиндагии онон сарчашма мегирад. Образ ва маъниофариниҳои нависандагони халқӣ дар байни халқ мебояд маъруф, машҳур бошанд. Мардум ба каҳрамонони асарҳои шоирону нависандагоне, ки дар унвонашон сифати мансубият ба халқ, тибқи қонун сабт гаштааст, пайравӣ кунанд. Аз онҳо ибрат бигиранд. Пешсаф бошанд. Барои манфиати миллат ҷонбозиҳо кунанд. Зеро **«одамизод ҳисси ниёзи ҳифз кардани образҳои бузург ва зиндаи доҳиёни маънавии хешро – дар хотирааш ҳамчун сабақ, ҳамчун сарчашмаи умед ва мардонагӣ нигоҳ медорад»** (В.Г. Белинский. В воспоминаниях современников. –М.: 1977. –С.23).

Қувват ва қудрати каломи бадеӣ дар инъикоси воқеият, дар тасвирҳои волои эстетикӣ мебошад. Аммо чунин тасвир дар кадом жанре таълиф гардад, мебояд ҷанбаи воқеӣ, заминӣ, реалистӣ, дарки ҳастӣ дошта бошад. Ба дархостҳои иҷтимоии ин замон, дар ҳоли ҳозир ва ояндаи наздик созгор ояд. **«Ҳақиқати абстракт вуҷуд надорад. Ҳақиқат ҳама вақт мушаххас аст»**.

Идеяи марказии давлати миллӣ – истиқлолият аст. Он ҳамчун факти ҳуқуқӣ ва далели воқеӣ эълом ва таъмин гардидааст. Бо тамоми имконот, дар бадали ҷон ҳимоя карда мешавад. Аммо мақсади аслӣ – истиқлолияти зеҳнӣ, маънавӣ, идеявӣ, амалӣ гаштани ормонҳои давлати миллӣ, мувофиқ кунонидани тарзи тафаккур ва ҷаҳонбинӣ ба ормонҳои миллӣ аст. **Давлатҳое, ки дар онҳо мақсадҳои сохтмони давлати миллӣ тавъам бо ормонҳои аслии дар қонун эълонкардашуда ба ҷаҳонбинии аксари аъзои ҷомеа мувофиқат намекунанд, наметавонанд босубот, пойдор, бегазанд ва бардавом монанд.** Ҳама гуна «**ақидае, ки фарогири ҷаҳонбинии омма мешавад, ба қувваи материалӣ мубаддал мегардад**». Мутаассифона, ақидаҳои зиддимиллӣ ҳам. Адабиёт неруи бузургест, ки дар системаи ягонаи таъмини манфиатҳои миллӣ заҳмати зеҳнӣ кашида, дар пойдорӣ ва рушди тафаккури миллӣ хизмати босазо карда метавонад. Паёми дар тӯли қарнҳо ирсолкардаи Абулқосими Фирдавсӣ: **«Биё, то ҷаҳонро ба бад наспарем!»** мақсадгузорӣ ва амалро дар назар дорад. **«Мақсадгузорӣ – воқеият аст. Тавассути**

**амалӣ кардани он мақсад ба даст меояд»** (Аристотель. Сочинения. В четырех томах. Т.1. –М.: Мысл. 1975. – С. 231).

Адабиёти асил аз илм, донишҳои илмӣ сарчашма мегирад. Махсусан, сухани бадеие, ки мундариҷаи иҷтимоӣ дорад. Барои таҳлил, арҷгузорӣ, ислоҳ ва рушди ҷомеа нигаронида шудааст. Он қонунмандиҳои раванди ҳодисоти ҷамъият ва тафаккурро медонад. Мадди назар мегирад. Ба он такя мекунад, зеро **«фоидаи илм иборат аз он аст, ки моро меомӯзад, чӣ кор бояд кунем, ки дар ин дунё саранҷоми кори худро пайдо намоем, дар ин дунё барои наҷот умед бошад»** (Ибн Сина. Избранные философские произведения. –М.: Наука. 1980. –С.103).



**Мӯсо ДИНОРШОЕВ**
**академик, доктори илмҳои фалсафа**

# БОЗТОБИ ФАЛСАФА ДАР ШЕЪРИ АСКАР ҲАКИМ

Ман мунтақиди адабӣ нестам, аммо меҳр ба адабиёт дорам, махсусан ба шеър. Ин шояд аз он сабаб бошад, ки риштаи асосии фаъолияти ман фалсафа аст ва дар дарозои таърих фалсафаи тоҷик ҳамеша бо шеър чунон қаробати наздик доштааст, ки гоҳо намешавад фарқ кард, ки куҷо фалсафа асту куҷо шеър. Дар ин ҷо ман албатта мазмуну мундариҷа, муҳтаво, аслу моҳиятро дар назар дорам, на тариқи ифодаи онҳоро.

Маълум аст, ки тарзи ифодаи фалсафа забони илму андеша асту тариқи баёни шеър шеваи отифаву сувари хаёл. Вале ҳақиқат ин аст, ки олитарин асарҳои илму адабиёт дар натиҷаи ба ҳам ҷӯш хурдани ин ду сарчашмаи ҳастии инсон – эҳсосу тафаккур офарида шудаанду офарида хоҳанд шуд. Хуллас, ки ман дӯстдори шеърам ва шеъре, ки дорои фикру андеша буда, онро бо отифаи муассиру фарогир ва сувари хаёли рангин ба ҷилва оварад, зеро ман дар фалсафа андешаи сатҳиро намеписандам ва дар шеър баёни урёнро ва ҳоло, ки манзури ин навишта пажӯҳиши шеър аст, бояд сараввал таъкид кунам, ки маро танҳо шеъре, ки андешаи амиқ ва бозтобе аз фалсафаи ҳастӣ дошта, онро бо муаассиртарин отифаву тасвирҳои шоирона бозгӯ мекунад, ба худ машғул медорад.

Ҳафт-ҳашт сол қабл аз ин банда ба зиёфате даъват шуда, каме барвақттар омада будам ва ҳамроҳи файласуф Нодири Одил ва шоир Аскар Ҳаким дар арчазори паси тарабхона гашту гузор мекардем. Дар он ҳангом сухан аз арчаҳо рафту Аскар

Ҳаким ба мо шеъре бо номи «Дарахти арчаи кӯҳам…» хонд, ки моро бо диди батамом нав ва бардошти амиқи фалсафияш аз зиндагӣ сахт мутаассир кард. Хоҳиш кардем, ки боз ягон шеъри дигар хонад. Ғ азале хонд, бо номи «Ойинаи нур». Бисёр хуб буд. Хонданаш ҳам. Нодири Одил фикри ҷолибе гуфт, ки танҳо шоири хуб шеърро хуб мехонад. Ман ба Аскар Ҳаким гуфтам, кайҳо мехостам ба Шумо гӯям, ки худро аз мансабҳо фориғ карда вақтатонро танҳо барои эҷод сарф кунед, аммо меандешидам, ки шояд мақбулатон нашавад. Ҳоло, ки дар ҳамин ҳол ҳастед, Шуморо бо ин шеърҳо ва ҳам бо озодиатон муборакбод мекунам. Аз он рӯз дар дилам хоҳише пайдо шуда буд, ки чун фурсате мусоид ба даст ояд, дар бораи дарк ва таассуроти худ аз шеъри ин шоири шинохта андешаҳоямро ба қалам орам.

Ба ҳар ҳол риштаи асосии ман фалсафа аст вале умрест, ки андешаҳои фалсафии ман аз сарчашмаҳои саршори ашъори ҳакимонаи устод Рӯдакиву Низомӣ, Фирдавсиву Хайём, ғ азалҳои сӯфиёнаи Мавлавиву орифонаи Ҳофиз, ошиқонаи Ҳилолӣ ва маъниофарину мӯшикофонаи Бедил об хӯрдааст, яъне мехоҳам бигӯям, ки ман бо такя бар завқи худ шоирро на ҳамчун моли фалсафа, яъне андешаю тафаккур, балки муқаддаман ҳамчун моли адабиёт дарк мекунам, зеро шеър аввалан моли адабиёти бадеист, ки дар он отифаву тахайюлу суварнигорӣ мақоми нахустиндараҷа дорад. Бинобар ин ман ба худ иҷоза медиҳам, ки оид ба мақоми ин ҳар ду – андешаву тафаккур ва тахайюлу суварнигорӣ дар шеър суҳбат кунам, зеро андешаи ман беэҳсосот нест ва эҳсосоти ман беандеша.

Табиист, ки ман дархӯри ин завқи худ, – андешаи ҳиссиётманд ва ҳиссиёти андешаманд доштанам, ашъореро мехонам ва меписандам, ки ба завқи ман ҷавобгӯ бошанд. Масалан, монанди он ду шеъре, ки дар боло аз онҳо ном бурдам. «Дарахти арчаи кӯҳам…» шеърест, ки масъалаи мақоми инсонро дар ҷомеа бо отифитарин шакл ва сурату забони муносиб ба маърази андеша мегузорад, ки дар назари аввал гӯё ба фалсафа ҳеҷ иртиботе надорад, аммо дар он ба ғ айр аз масъалае, ки қайд кардам, боз масъалаи пайванди инсону табиат бисёр моҳирона ба воситаи ташхисонидани арча, ё дақиқтараш, ба арча табдил

ёфта, аз номи он сухан гуфтани шоир таҷассуми бадеии худро ёфтааст.

*Дарахти арчаи кӯҳам, на сарв дар лаби ҷӯй,*
*Маро ба қомати маъшуқагон шабоҳат нест.*
*На ноз мекунаму мекашам на нози касе,*
*На бог мераваму на хиром донам чист...*

*Ба решаҳои амиқам ба хок панҷа занам,*
*Ки устувор бидорам замини сабзи диёр.*
*Зи тафси тобаи ҳар санг об ҷамъ орам,*
*Ки дар тамуз нагардад гиёҳу гул хасу хор…*

Дар ин шеър боз чизи ҷолиб он аст, ки гоҳ инсон сифати арчаро ба худ мегираду гоҳ арча сифати инсонро ва ин ҳар ду чунон ноаёну табиӣ ба вуқӯъ мепайвандад, ки кас онро ҳис намекунад ва баъзан аз он ҳам бештару амиқтар, масалан вақте ки ӯ «Ба решаҳои амиқам ба хок панҷа занам, Ки устувор бидорам замини сабзи диёр» мегӯяд ин суханон ба ҳар ду тааллуқ мегиранд ва ҷӣ зебою баҷо. Воқеан ҳам дар доманаҳои кӯҳ арча мешинонанд, ки замини онро собит нигоҳ дорад ва вақте ки ин суханонро арча ба забон меорад, онҳо ба шоир ҳам тааллуқ гирифта, маънои муҳаббати ӯро ба Ватан, ки барои сарсабзӣ ва пойдории он мекӯшад, ифода менамоянд. Ин намунаи барҷастаи пайванди инсону табиат аст, ки онҳо ба ҳамдигар табдил гашта, ҳар ду ҳам марому мақсади ягона доранд. Ин сифати нодирест ва дар натиҷаи таъсири амиқи ангезаҳои айниву зеҳнӣ ба равони шоир ҳосил гашта, дар ӯ ҳолатҳои муассири рӯҳиро ба вуҷуд меоварад, ки ин ё он ҳодиса ва ашёро дар заминаи маҳсус ва таҷрибаи шахсӣ барои ифодаи ин ё он муҳтаво омода месозад, ки онро отифа меноманд, агар он ҳаст, шеър ҳаст ва агар нест, шеър ҳам нест.

Тавсифи робитаи инсону табиат ва ашё дар бисёр шеърҳои Аскар Ҳаким ҷой дорад, ки барои гуногуну рангин баён намудан ва ё ба тасвир гирифтани муҳтаво хидмат мекунад. Ин сифатро донишманди эронӣ Алиасғ ари Шеърдӯст ҳам пай бурда, дар сарсухани «Баргузидаи ашъори АскарҲаким», ки дар Теҳрон

нашр кардааст, чунин навиштааст: «Гоҳ хешро бо аносир ва ашёву падидаҳои табиӣ ҳамзабон мешавад (месозад-М.Д.) ва бо онҳо дармеомезад ва ин гиреҳхӯрдагӣ чунон бо устодӣ ва маҳорат сурат мегирад, ки хонанда амиқан аз он мутаассир мешавад. Шеъри «Дарё, маро бигир…» дар зумраи ин гуна офаринишҳои шоир ба шумор меравад»[1].

То ин ҷо аз се шеър суҳбат шуд, ки ҳар яке мушаххасоти шиоронаи худро дошта, ҳолатҳои гуногуни ҳаёти рӯҳии шоирро бо мувофиқтарин воситаҳои тасвири бадеӣ, маҷозу истиораҳои тару тоза ба қалам оварда, намунаҳои олии шеъре мебошад, ки дар ҳеҷ ҷое аз онҳо кас фармудагии қаблии зеҳниро эҳсос намекунад, яъне онон ҳамчунон табиӣ мисли арчае, ки тасвир шуд, сабзидаанд ва ё монанди дарёе, ки мавриди руҷӯъ ва даромехтагӣ буду мавҷ мезад, аз дили шоир фурӯ рехтаанд. Кулли шеър ҳамин тавр бояд бошад, шеъри фалсафӣ ҳам, зеро фалсафа дар шеър на аз мақулаҳои фалсафӣ, мафҳуму истилоҳоти он, балки аз нигоҳи фалсафӣ доштан ба табиат, ашё, ҳодисот ва лаҳазоти зиндагӣ ҳосил мешавад. Дар зоҳири ин шеърҳо аз мақула ё мафҳуму истилоҳоти фалсафӣ аломате ба назар намерасад, аммо чун бар мазмуни шеър меандешем, мебинем, ки саршори андешаҳои фалсафӣ ҳастанд ва муҳимтарин масъалаҳои он, аз ҷумла масъалаҳои иртиботи инсон бо олам, табиат, ҷомеа ва инсонро дар бадеътарин андешаҳои худ ифода менамоянд.

То ҷое, ки ман хабар дорам, Аскар Ҳаким аз фалсафаи умумибашарӣ, аз фалсафаи Юнону Рум то Ҳинду Чин огоҳии хуб дорад ва ман инро на танҳо аз асарҳояш, ки поёнтар аз онҳо сухан хоҳад рафт, балки аз суҳбатҳое, ки бо ӯ доштам, низ эҳсос кардаам вале ман ҳаргиз иддао надорам, ки ӯро тарафдор ё мубаллиғ и ин ё он назарияи фалсафӣ муаррифӣ намоям, зеро дар асл ҳам ин тавр нест ва ин тавр буданаш ҳам зарурат надорад.

Дар ин маврид муносиб медонам, ба суханони Н. Добролюбов истинод кунам, ки чӣ гуна шоирон тавассути фарҳанги баланди тафаккури шоирона ҳокими афкори ҷомеаи соҳибмаълумот мегаштанд, зеро шеър андешаҳои мутараққии замони худро беҳтар аз ҳама ифода менамуд, ки шуури ҷомеаи рушдкунанда онро қабул мекард. Ӯ навиштааст: «ҳақиқатҳоеро, ки файласуфон танҳо дар

назария пай мебурданд, нависандагони нобиға дар зиндагӣ пайдо намуда, дар амал нишон дода метавонистанд…онҳо аз нақши хидматгории адабиёт фаро рафта, дар қатори симоҳои таърихӣ ҷой мегирифтанд, ки ба инсоният барои дарки қувваҳои зинда ва майлу хоҳишҳои табиии ӯ мадад мекарданд»[2].

Назария ва таълимоти фалсафӣ, ки то имрӯз интишор гаштаанд, дар бораи масъалаҳое, ки мавриди баҳс мебошанд, натиҷаву хулосаҳои худро доранд, ки ба мо маълуманд, аммо адабиёт ва аз ҷумла шеър аз воқеа ва лаҳзаҳои зиндагӣ ҳар дафъа хулосаи тоза ва нотакрори худро ироа мекунад ва барои ҳамин адабиёт аст. Хулосаи фалсафӣ аз асари бадеӣ ҳар дафъа аз тааммуқ бар ҳодиса, ашё, лаҳазоте, ки он ба тасвир мегирад ва ё баён медорад, яъне муҳтавову мундариҷаи он бароварда шуда, хосатан мансуби маҳз ҳамон асар ва бинобар он нотакрору тоза мебошад, ки шеваи кори Аскар Ҳаким ҳам дар ҳамин аст.

Вале ба ҳар ҳол бояд қайд кунам, ки Аскар Ҳаким дар яке аз муътабартарин марказҳои илм Донишгоҳи давлатии Маскав ба номи Ломоносов дар аспирантура таҳсил карда, рисолаи илмӣ навишта дифоъ кардааст, ки дар он омӯзиш ва имтиҳони фалсафа аз талаботи ҳатмӣ ба шумор мерафт. Бинобар ин ӯ фалсафаро на фақат ба воситаи асарҳои адабиву бадеии нависандагони бузург, балки ҳамчун илм ҳам ба таври муназзам омӯхтааст.

Огоҳӣ аз фалсафа назари шоирро бар зиндагӣ ва зуҳуроти гуногуни он амиқу пурмаънотар гардонида, барои шинохти маҳз ҳамон лаҳза ва зуҳуроти он, ки метавонад бар шинохти мо аз оламу одам чизи тозаеро илова намояд, мадад мерасонад. Зеро, ба қавли шоири файласуфи ҷаҳонӣ Иоҳаннес Ҳуте, адабиёт инъикоси олитарин лаҳзаҳои зуҳуроти зиндагист. Ва ҳоло расидем ба ҷое аз ин гуна лаҳза, ки дар ғ азали «Ойинаи нур»-и Аскар Ҳаким ҷой дорад, суҳбат кунем, ки онро бо ҷаззобтарин шева барои ҳамеша баёну тасвир кардааст. «Ойинаи нур» ғазалест, ки аз олитарин лаҳзаи зиндагии ду шахсияти нотакрори фарҳанги маънавӣ - Ҷалолиддини Балхӣ ва Шамси Табрезӣ бардош- те дорад, лаҳзае, ки он аввалиро Мавлавӣ, гӯяндаи «Девони Шамс»-у «Маснавии маънавӣ» ва ба ин васила номи дуюмиро ҳам абадӣ гардонду муъҷизаи шеъру шоирии ҳамаи давру замонҳои башариятро ба вуҷуд овард.

Бешубҳа, дарки фалсафии ҳастӣ ва замон аст, ки шоир ба дарёфти нотакрорӣ ва азимушшаънии ин лаҳза расидааст ва онро бо лаҳне, ки сазовори он аст, пур аз шавқу шӯр, ҳиссиётмандтарин андешаҳо, бедору нохудогоҳ ба қаламрави абадият кашидааст. Боре худи шоир дар яке аз маҳфилҳои эҷодиаш гуфта буд, ки ин ғазалро ҳангоми таби баланд доштанаш навиштааст, ин ҳолат суханҳои болои маро ба тариқи дигар собит менамояд, ки дарки фалсафии замону макон дар замири шоир ҳамеша ҷой дорад, ки ҳангоми зарурӣ ногаҳон буруз мекунад ва ин ғазал далели он аст. Сазовор аст, ки ин ғазалро пурра биёрем, то хонанда ҳам тавонад, бар сари он андеша кунад ва худ хулоса бигирад:

*Ин ойинаи нур кӣ будаст, кӣ будаст,*
*К-аз оби рухаш чашмаи хуршед намудаст.*
*Оҳ, ин чӣ гузаштан зи бари мо ба хамӯшӣ,*
*Хомӯш, ки хомӯшии ӯ авҷи суруд аст.*
*Дар гунчаи лабҳо-ш агар бӯйи баён нест,*
*Шаҳр ин хабари тозаи ишқ аз кӣ шунудаст.*
*Хуш мераваду рафтани ӯ нест видое,*
*Ӯро, ки ба ҳар мақдами падруд, дуруд аст.*
*Ӯ масҷиду дайреву куниште нашиносад,*
*Аммо ҳама афтода ба пояш ба суҷуд аст.*
*Гар дасти сахо мояи ноз аст башарро,*
*Ин ӯст, ки аъзои вуҷудаш ҳама ҷуд аст.*
*Ин банда, Худоё, чӣ Худоест, ки банда-ш*
*Будоиву тарсову мусалмону яҳуд аст.*
*Як бор, ки бар боми фалак рафт, дигар рафт,*
*Ойини ҷаҳон гарчи фароз асту фуруд аст.*
*Он аст, ки аз рӯзи азал нест суқуташ,*
*Роҳе, ки кунад азм, сууд асту сууд аст.*
*Моро ҳама ин дидаи ҳайрон зи қафояш*
*Бо шавқу хитобе, ки кӣ будаст, кӣ будаст?!*

Ин ғазалест аз зуҳур ва муъҷизаи ду нобиға – Шамс ва Мавлоно, ки аз равобити онҳо – натиҷа дарёи беканори ғазалиёте пайдо шуд, ки ҷовидона ба шӯру ғалаён мавҷ мезанад, бо зеботарин

калимоту таъбироту истиораҳо суҳбат кардааст. Дар ҳар байти ин ғазал он дунёи мунаввари ин ду нобиға ба ҷилва омада, моро шефтаи худ мекунад. Ҳар таъбиру вожае, ки дар ин ғазал омадааст, дар баробари тасвири бадеии авзоъ ва шахсияти ин ҳар ду боз бар таълимоти тасаввуфии онон ишора дорад, аз қабили ойинаи нуру чашмаи хуршед, ишқу хомӯшӣ, масҷиду дайру куништ, суҷуду ҷуд, суқуту сууд ва ғайра, ки далели маҳорат ва устодии шоир дар истифодаи пурмазмуни воситаҳои баёну тасвир аст.

Ҳоло зарур нест, ки дар бораи маънӣ ва паҳлуҳои гуногуни ин калимоту таъбирот дар тасаввуф ва шеъри тасаввуфии мо сухан ба миён оварда шавад, зеро онро аз фарҳангу асарҳои ба ин мавзӯъ бахшидашуда метавон пайдо кард, вале он чизро мехоҳам қайд кунам, ки ба ин шева истифода кардани онҳо, ки ҳам ба таълимот ишора дошта бошаду ҳам чеҳраву ботини намояндагони барҷастаи онро ба мо маълум намояд, аз дасти касе меояд, ки онро, чунонки зарур аст, шинохта бошад.

Тасаввуф бахши бузурги фалсафаи мост ва шоироне, ки тавонистанд онро бо шеъри худ шоирона даромезанд, маҳсуле ба даст оварданд, ки ба шеърашон жарфои беқаринаи маъно ва болҳои бесобиқаи гардунсайри эҳсосотро эҳдо кард. Мехоҳам таъкид кунам, ки ин шеваи кор, агар ба он боз эҳсоси замони нав ва масъулияти шаҳрвандӣ илова гардад, ки бе онҳо умуман фарҳангу адабиёти муосирро тасаввур кардан мумкин нест, натиҷае ба даст меояд, ки дар радифи фарҳангу адабиёти ҷаҳонӣ қарор хоҳад гирифт. Мо дар шеър намунаи ин гуна асарро дорем, он достони «Санги ман – алмос»-и Аскар Ҳаким аст. Дар бораи ин достон аз ҷониби донишмандони адабиёт ва шоирон мақолаҳои бисёре навишта шудааст, вале ман дар ин ҷо мехоҳам дар бораи дарки шоиронаи фалсафаи ҳастӣ дар он чанд сухан гӯям, зеро ба ақидаи ман он намунаи болотарин дастовардест, ки шеъри муосир дар ин ҷода дорад.

Бояд гуфт, ки Искра Денисова дар баррасии ин манзума дар Созмони байналмилалии иттифоқҳои нависандагон дар Маскав бар ин нукта таъкид карда, навиштааст: «Шояд, хусусияти ба худ хоси достон аз он иборат бошад, ки ҳар мисраи он аз ақоиди пантеистӣ – ягонагии Худову Табиат саршор аст, ки эҳтимол аз таълимоти Зардушт, аз Суғ ди бостон сарчашма мегирад. Ин пантеизм заминаи асосӣ, пойдеворест, ки дар болои он бинои

ҷустуҷӯҳои маънавии шоир бунёд мешавад. Доираи ҷустуҷӯҳои маънавии шоир хеле фарох аст ва он ҳамаи дину мазҳабҳоро фаро мегирад. Ва дар айни ҳол тафаккури ӯ аз ҳамаи ин дину мазҳабҳо мағзи онҳо – адолат, инсоф, пиндори нек ва, албатта, муҳаббат ба ҳамаи мавҷудот ва пеш аз ҳама муҳаббат ба инсон, ба оне, ки ба китфони то хуншоршавӣ хӯрдашудаи хеш осиёсанги зиндагиро мекашад, интихоб карда мегирад. Ба назари ман чунин менамояд, ки ин гуна ифодаи фавқулодаи зебоӣ, тавоноӣ, қудрати маънавии ин достон дар натиҷаи ба ҳам овардани тафаккури олӣ, фарҳанги олӣ ва решаҳои асили бостонӣ, бутпарастӣ, зардуштӣ, ҷавҳари табиӣ ва модарзодӣ ба вуҷуд омадааст»[3]. Ва ман ба ин гуфтаҳои ҳаққонӣ илова мекунам, ки дар он тафаккуроти исломӣ ҳам бозтоби дурахшони худро дорад, масалан:

*Дил ибодатгаҳи ман*
*Ҳамди ислом аст*
*он сура, ки ман мехонам…*
*Ва ба ҳар кас, ки ба дил маъбади имонаш ҳаст,*
*Оварам рӯйи намоз.*

*Ва дуо мегӯям,*
*Бехи имони маро дорад сабз*
*Он Худое, ки туро сабз нигаҳ медорад.*
*Рӯ ба абре, ки равон аст ба дарёи само, мезорам,*
*То барад хайру савобаш ба қабули хуршед.*

Донишманди афғон Ғулом Сахии Ғайрат дар бораи муҳтавои достон, аз ҷумла чунин навиштааст: «…достони Аскар Ҳаким достони хеле олист ва суханони он қудсӣ ва дар айни замон сурурбахшанд. Дар он ҳаёт бо тамоми пуррагию паҳноварияш ҷӯш мезанад. …Чизе, ки Аскар Ҳаким навиштааст, инкишофи тозаҷӯиҳои Нодири Нодирпур… ва … Сӯҳроби Сипеҳрӣ мебошад, ки нобиғаи шеъри муосири форсӣ маҳсуб мешавад. Достони Аскар ҳамоҳанги достони ӯ «Садои пойи об» аст… Ман ҳар дуи ин достонро шоҳкории адабиёти муосири форсу тоҷик мешуморам»[4].

Ҳамчунон ки мебинем, ин донишмандон сифати волои фалсафӣ доштани ин достонро таъкид кардаанд, ки худ ба худ ҳам далели дар пояи баланд будани он аст, вале ба ҳар ҳол ба назари шоире, ки ӯро аз ҷумлаи бузургтарин шоирони русзабони замон мешиносанд – Темур Зулфиқоров рӯй меорем, ки дар сифати шеър будани он мегӯяд: «Аскар Ҳаким достоне шаффофу булӯрин, тозаву тар ҳамчунон Уолт Уитмен эҷод кардааст. Бешубҳа, достони нави Аскар Ҳаким на танҳо сухани тару тозае дар шеъри тоҷик, балки умуман дар шеър мебошад»[5].

Ин ду навъи баҳо, ки ҳам муҳтавои фалсафӣ ва ҳам ҳунари шоиронаи онро дар бар гирифтааст, ба мо имкон медиҳад, ки бо итминони комил дар бораи ҳар ду ҷиҳати он ҳамчун дастоварди бесобиқаи адабиёти муосир суҳбат кунем. Мунсифона, бояд қайд кунам, ки ин маъниро ҳам пеш аз банда дар ҳамон баррасии зикршуда шоири рус Станислав Золотсев, ки достонро ба русӣ тарҷума кардааст, таъкид намуда, гуфтааст: «Ман ин асарро ҳамчун як падидаи мутлақан нав пазируфтам»[6]. Зимнан мегӯям, ки ин достонро шоираи хушзавқи русзабони тоҷик Нисо Ҷӯраеваи шодравон ҳам аз рӯйи муҳаббате, ки ба он дошту эътиборе, ки ба он медод, ба русӣ тарҷума карда буд, ҳарчанд медонист, ки он тарҷумаи русӣ дорад ва ҳар дуи он тарҷума ҳамроҳ дар маҷаллаи «Помир» барои баррасӣ ва мубоҳиса чоп шуда буд.

Масъала дар сари бардоштҳои фалсафии достон аст, ки дар он масъалаҳои фалсафии робитаи фарду ҷомеа, маргу зиндагӣ, азалияту абадият ва амсоли онҳо ба чӣ дараҷа бо отифа ва тахайюлот дар парояи рамзу маҷоз ва ташбеҳу истиороти дилчасп ифодаи бадеии худро ёфтаанд. Ба оғози достон таваҷҷуҳ кунед:

*Ман киям,*
*Одаме ангори дарахт,*
*Решаам рафта дар оби дили деҳ,*
*Шохаам сабз шуда дар тани шаҳр,*
*Ки бад-ин ҳол на шаҳрӣ, на деҳотӣ бошам,*
*Кандам аз хеш, чӣ сон бо дигаре пайвандам?!*

Бубинед, ки дар ҳамин чанд мисраъ муҳимтарин масъалаҳои ҳастии фалсафии инсон ба чӣ устодии шоирона матраҳ шудаанд. «Ман киям» , аз куҷо омадаам ва ба куҷо меравам – суолҳои ҳамешагии фалсафии инсони огоҳест, ки ба худ медиҳад, то рисолати инсонии хешро муайян кунад. Инҳо суолҳоеанд абадӣ вале барои ҳар наслу ҳар инсон тоза, ки ба онҳо ҷавоби худро бояд бигӯяд. Дар мисраи дуюм боз масъалаи муҳими дигари фалсафаи ҳастии инсон матраҳ аст, ки он пайванди ӯ бо табиат аст ва дар чаҳор мисраи баъдина боз ҳам масъалаҳои дигари аз он ҳам муҳимтари муносибати шаҳру деҳ ва инсоне, ки дар байни ин ҳар ду бояд шахсияти худро муайян намояд, ба миён гузошта шудаанд. Вале хонанда агар ҷиддан фикр накунад, ҳеҷ пай намебарад, ки шоир дар баробари изҳори ҳиссиёти шахсӣ ва отифии хеш масъалаҳои ҳастии фалсафии инсонро ба маърази андеша мегузорад, зеро ин масъалаҳо на чун масъалаи фалсафӣ бо забони мантиқӣ ба миён гузошта шудаанд, балки мавзӯи баён ва тасвири шоирона қарор гирифта, монанди шохаҳое аз дарахт табиӣ ва ноаён мерӯянд ва дар достон баррасӣ мегарданд. Ин аст маҳорати баёни шоиронаи масъалаҳои фалсафӣ, ки забонаш пур аз маҷозу истиора буда, дар айни замон муҳимтарин нуктаҳои фалсафаи ҳастии инсонро ифода менамояд.

«Санги ман – алмос» бо фаро гирифтани масъалаҳое, аз қабили инсону табиат, инсону инсоният, адолату разолат, ишқу муҳаббат ва нафрату адоват, озодию асорат достонест, ки барои ҳамеша тару тоза ва мавриди қабули хотир боқӣ хоҳад монд, зеро ҳар насли башар бо масъалаҳое, ки дар он матраҳанд, рӯ ба рӯ омада, ба сари он андеша хоҳад кард ва ба ӯ ҷавобҳое, ки як инсони дилогоҳ дар ин бора додааст, на фақат шавқангез, балки мададгор ҳам хоҳад буд, ки ҷавобҳои худро ба он ёбад ва ин хусусият ба ин асар фазилати фаромаконию фарозамонӣ медиҳад.

Ин достонро барҳақ метавон симфунии зебои ҳаёт номид, зеро дар он зуҳуроти гуногуни ҳаёт бо самимитарин суханҳо, шӯрангезтарин ҳиссиётҳо, хаёлангезтарин суратҳо ва дилнишинтарин маъниҳо ифодаву тасвиру тавсиф шудаанд:

*Дӯст дорам фаварони гули шафтолуро,*

*Ишқи занбӯри асалро ба арӯси гули себ,*
*Ки ба як бӯсаи ширин кунадаш обистан*
*Ва ман обистани гулро*
*ба қалам об диҳам,*
*То ки дар дафтари ман шохаи себ орад бор.*

Ва ин яке аз зуҳуроти ҳаёт аст, ки ишора ба сарчашмаи ҳамаи зебоиҳо будани он дошта, аз ҷумла ба эҷоди бадеъ – обистани гулро ба қалам об додан, ки шохаи себ бор орад, яъне ба кори шоир, эҷод ҳам тааллуқ мегирад.

Ва зухуроти дигари ҳаёт ишқ аст, ки бе он зиндагӣ маъно надорад. Азбаски ишқ дар зиндагӣ чунин маъно ва моҳияти амиқ дорад, пас метавон ҳаётро ҳатто зуҳуроти дигари ишқ шинохт, зеро моҳияти ҳастии бошуурона дар ишқ аст. Ҳоло сухан на дар бораи ашъори ошиқона мебошад, ки дар он шоир аз лаҳзаҳои гуногуни ғалаёни ишқ дар ҳастии худ сухан мегӯяд, на, балки дар бораи худи чигунагии ишқ ҳамчун навъи эҳсосоти инсонист. Ҷойи тааҷҷуб ҳам нест, ки шеъри ошиқона дар эҷодиёти шоирон нисбат ба ашъоре, ки ишқро ҳамчун навъи эҳсосоти инсонӣ ситудаанд, ба маротиб бештаранд, зеро ин гуна лаҳазоти ошиқона дар зиндагиашон бештар буда, онро худ шахсан таҷриба ҳам кардаанд. Аммо ситудани ишқ ҳамчун навъи эҳсосоти инсонӣ аз таҷрибаи шахсии як нафар фаротар рафта, хусусияти аслии ишкро, ки ба ҳама тааллуқ гирифтанаш мумкин аст, дар бар мегирад ва дар он ҳолат он на моли эҳсосоти фарди ҷудогона, балки маҳсули эҳсосоти умумибашарӣ ба ҳисоб меояд, ки як навъи зуҳуроти ҳаёт маҳсуб мешавад. Ва ҳоло ки сухани мо аз ситудани ҳаёт аст, манзури мо аз ишқ низ ҳамин яке аз зуҳуроти ҳаёт будани он аст. Дар достони «Санги ман – алмос» чунин мисраъҳое ҳастанд, ки манзури моро ба дараҷаи аъло таҷассуми бадеӣ додаанд:

*Духтарам, к-аввали бурҷи моҳӣ*
*ба ҷаҳон омадааст,*
*Рӯзе омад тозон,*
*(Он замон кӯдак буд)*
*Гуфт: Бобо, амакеро дидам дар кӯча,*
*Ба сараш лонаи кафтар мерафт*

*Ва ба оҳубара мегуфт сухан чун бо мо,*
*Моҳӣ аз рӯд ба ҳар як суханаш пар мезад.*

*Ногаҳон себи ҷавоне, ки ба зераш будем,*
*З-ин суханҳои шигифти кӯдак*
*Шох афшондаву ларзиду шукуфт.*

Чунонки мебинем, дар ин мисраъҳо сухан аз таҷрибаи шахсист, ҳатто симои Маҷнун, ки рамзи ошиқии бебадал аст, ба воситаи дарки кӯдаконаи духтари шоир, ки худ ҳам маҳсули ишқ аст, бисёр содаву табиӣ ва поку беолоиш бо таъбиру тасвирҳое чун ба сар лонаи кабӯтар доштан, бо оҳубара чун бо инсон сухан гуфтан ва аз рӯд ба ҳар суханаш пар задани моҳӣ ва шукуфтани себи ҷавон пас аз шунидани ин суханҳо, ки ишора бар Лайлост, дар пеши назар муҷассам карда мешавад, ҳама зебоянду дилнишину хотирмон. Дар ҳамин асос дар мисраъҳои баъд аз он ситоиши оличанобе аз ишқ карда мешавад, ки ҳамчун ҷамъбасти фалсафӣ пур аз маънову эҳсосот буда, ишқро, ишқи маҷозиву намозӣ, яъне ишқи моддию маънавиро дар ҳама ҷой, дар ҳар лаҳзаву дар ҳама зуҳуроти нек дида, ба ҷону дил меболад ва он оҳанги болидану таассуроти амиқ хонандаро низ батамом зери таъсири худ мегирад:

*Зиҳӣ, он ишқи Худованди*
*ҷаҳонҳои ҷаҳонсоз,*
*зиҳӣ,*
*Ки саросар ба ҳама соҳати даҳр,*
*Ба ҳар оҳанги сабо,*
*Ларзаи барги дарахт,*
*Сари ҳар мавҷи равон,*
*Балки дар ҳар нафаси туги биёбони ҳаҷир*
*Накҳати ишқи маҷозиву намозӣ ҷорист*
*Ва ба ҳар нахли шукуфта*
*чамани орзуи Лайлоест*
*Ва ба ҳар пайки навозишгари бод*
*Мавҷи дарё,*
*таби саҳрои дили Маҷнунест.*

Бешубҳа, агар шахси шоир худ эҳсосоти сӯзони ошиқона надошта ё онро таҷриба накарда бошад, сухани ӯ дар бораи ишқ ҳамчун навъи ҳиссиёти инсонӣ амиқу таъсирбахш нахоҳад буд, зеро асаргузории дарку эҳсосоти куллӣ ҳам дар асоси таҷрибаи шахсӣ ба даст хоҳад омад. Ҳар қадар таҷрибаи шахсӣ амиқу сӯзонтар бошад, ҳарф аз эҳсосоти куллӣ низ ҳамон қадар жарфову ҳарорат пайдо менамояд. Баъзан ҳар ду навъи ин эҳсосот метавонад дар як шеър ба ҳам ояд, масалан дар шеъри «Достони ишқи ман»-и Аскар Ҳаким дар асоси таассуроти шахсии ошиқонаи шоир хулосаҳои фалсафие ҷой доранд, ки бар эҳсосоти куллии ошиқона нисбат мегиранд:

*Эй саропо дафтари шеъри худоёна,*
*Бо мани муштоқи шеър аз байти абрӯят худоӣ кун,*
*Ташнаро аз чашмаи нӯши лабонат оби ҳайвон деҳ*
*В-ин хаёли бепарамро болу пар деҳ, шавқи ҷавлон деҳ.*
*Сатрҳоямро ба мавҷи обшори мӯйи афшонат*
*Аз ҳама қайди таллуқ яксара озод кун,*
*То абад банди ту бошад,*
*Бахтпайванди ту бошад…*

Ин суханон аз таҷрибаи шахсии ошиқона бармеоянд вале байте, ки дар зер меояд, хулосаест, ки аз ин ва монанди ин байтҳо гирифта шуда, ба тавсифи ишқ ҳамчун эҳсосоти куллӣ нисбат мегирад ва азбаски ҳиссиёти ошиқонаи дар боло ифодагашта тозаву тар ва сӯзону фарогир аст, хулоса амиқу фарох ва пурмаъност:

*Гар ҷаҳон ҷойе барои зиндагӣ дорад,*
*фақат ог ӯши ишқ аст,*
*Гар ҷаҳон ҷойе барои бандагӣ дорад,*
*фақат огӯши ишқ аст.*

Ишқ, танҳо ишқ аст, ки инсон бо он метавонад зиндагии шоиста дошта бошад ва на танҳо зиндагӣ, ҳатто марг, яъне бандагии шоиста ба ҷо овардан ҳам ба шарофати он аст, пас эҳсосоти ишқ на фақат як навъи зуҳурот аз ҳаёт, балки маънои ҳаёт аст. Шоире, ки ба ишқ ин қадар мақоми олӣ дода, сабаб ва

моҳияти ҳаётро дар он мебинад, агар зиндагиеро беишқ бинад, ба чӣ ҳолати тоқатфарсое гирифтор шуданаш мумкин аст. Ва ӯ ба ҳоли онҳое, ки дар дунёи ба қавле «хирадгаро» ё «боҳушона» мақоми ишқро ба эътибор намегиранд, ё бо «беишқӣ» мезиянд, сахт таассуф хӯрда, дар «Чашми оҳу», ки шеъри ошиқонаи пуртаъсир ва навгароёнаи зебоест, бо мурочиат ба маҳбуби дилаш мегӯяд:

*Дар ин дунёи дарбаста,*
*Ки шаҳрӣ пеш аз он ки мекунад*
*дарро ба рӯят боз,*
*Туро аз пушти дар бинад ба чашмандоз,*
*На танҳо боз медорам дари худро,*
*Ки қуфли синаро бишкаставу сар медиҳам овоз:*

*Дар ин айёми беишқӣ*
*Ҳама он гуна ҳушёранду соҳибҳуш,*
*Ки ҳатто дар шигифт оянд аз Лайлову аз Маҷнун.*

*Ва ман акнун*
*Ба ёди чашми оҳуят,*
*Ғизоле ҳам намеёбам, ки бо ҳасрат кашам ог ӯш.*

Ишқ моя ва маънии зиндагию ҳастист. Маъмулан муносибат ба ин ҳарду ду навъ сурат мегирад – хушбинона ва бадбинона ва азбаски решаи фалсафа асосан дар ақл аст, ки он аз таҷриба ҳосил гашта ҳар лаҳза тағйир намепазирад. Аз ин рӯ, файласуфе, ки бар кадом ин ду навъи идроки зиндагию ҳастӣ моил бошад, бештар дар ҳамон ҳол хоҳад монд. Шеър аммо дигар аст: решаи он асосан дар эҳсososу таассурот асту моҳияташ дар мондагор кардани лаҳзаи шоирона, бинобар ин дар осори як шоир ҷой доштани ҳар дуи ин навъи бардошт аз зиндагӣ комилан табиист ва агар зарур бошад, шояд аз рӯи бартарии кадоме аз ин таассурот дар саросари эҷодиёташ ӯро ба ин ё он фирқа мансуб донистан мумкин аст, ки он ҳам дар аксари ҳол шартист. Бинобар ин агар дар ашъори шоир ғаму шодӣ ба ҳам даромехта оянд, аҷобате надорад. Дар асл ин идроки дуҷонибаи ҳастист, ки аз ду қувваи ба ҳам зид - неку бад шакл

гирифтани оламро таъкид менамояд, ки асоси таълимоти Зардушт бар он гузошта шуда буд, яъне ин чизест, ки дар азал буду то абад ҳам хоҳад монд. Дар айни ҳол барои мо он муҳим аст, ки ин шоир ба дарки ин нуктаҳо аз замонҳои хеле ҷавониаш расидааст. Ду шеъре, ки ӯ дар 18-19 солагиаш навиштааст, ки яке «Гул ва хор» ҳамон вақт чоп шуда, дигаре «Имони саг» баъди сӣ-сивупанҷ сол ба нашр расидааст, далели ҳоланд. Шеъри аввал аз чаҳор мисраъ иборат буд, ки баъдан бо номи «Ҳамоғӯш» ва афзудани байти дуюм дар шаш мисраъ дар «Мунтахаби ашъор»-и ӯ омадааст, ки ин аст:

*Гул ҳамоғӯш ба хоре рустаст,*
*Аҳд гӯё ки ба ёре бастаст.*
*Лек хораш тани гул озорад,*
*Ҳар нафас ранҷи наваш бозорад.*
*Теша бар решаи он гар бизанӣ,*
*Ҳосил он аст, ки гулро биканӣ.*

Шеъри дуюм «Имони саг» ривоятист. Заминаи ин шеър дар фалсафаи ахлоқ, дақиқтараш бадахлоқӣ буда, дар хидматношиносӣ ифода гаштааст, ки оқибат инсонро бар ваҳшоният ва ноодамӣ расонидааст. Сайёде саги тозии худро, ки солҳо ба ӯ содиқона хидмат кардааст, дар рӯзи пирию нотавониаш нонхӯри сарзиёдӣ дониста, ба дашт мебарад, то бипаронад. Саги содиқи ғофил ба гумони он ки соҳибаш ӯро ба шикор овардааст, тамоми қувваи пиронаашро ҷамъ карда, ба охирин хидмат тайёр мешавад, ки тири соҳиби қадрношинос ҷигари ӯро сӯрох мекунад вале саг:

*Хунчакон омад ба пеши пойи ӯ,*
*То ба пойи ӯ бимолад чашму рӯ.*

*Дар ҳамин имони худ ҷон дод саг,*
*Соҳибаш бар марги ӯ овард шак.*
*Бори дигар тир зад бар синааш,*
*Тир зад бар дӯсти деринааш.*

*Монд дашту монд имону шаке,*

*Монд тиру монд инсону саге.*

Сухани шоир дар ин шеър дар ниҳояти фишурдагӣ ва муҷазӣ аст, худи амал ба дараҷае муаассиру фоҷиавист, ки ҳама гуна воситаҳои ёрирасони бадеиро истисно мекунад. Шоир ҳатто ишорае ба баҳои худ ба ин амал намекунад, зеро дар ин маврид як ҳарф ҳам зиёдатист, баҳо дар худи воқеа аст ва ҳар хонанда бе ҳеҷ гӯшзаде ба он мерасад. Ин шеър аз назари донишманди эронӣ Алиасғари Шеърдӯст аз ҷумлаи беҳтарин шеърҳои муосир аст, ки бо ҳунари офаридани ҳолати фоҷеавӣ, нишон додани хулқу хӯ ва бе ҳеҷ сухане маҳкум кардани ахлоқи ношоиста, ки натиҷаи манфиатҷӯии ғайриинсонист, дар радифи ашъори мондагори классикӣ қарор мегирад. Алиасғари Шеърдӯст дар нақди ин шеър чунин навиштааст: «Ва гоҳо Саъдивор каломи хешро дар хидмати танбеҳу огоҳии инсон мегирад ва вайро аз лағзишҳову бемеҳриҳову номардиҳову номуродиҳо огоҳӣ медиҳад ва ҳақ ин аст, ки ин бахш аз ашъори Аскар Ҳаким дар зумраи беҳтарин сурудаҳои вай ба шумор меравaнд. Намунаҳои ин гуна ашъор манзумаи «Имони саг» аст, ки бо ниҳояти зебоӣ ва устодӣ суруда шуда…»[7].

Ҳар дуи ин шеър «Ҳамоғӯш» ва «Имони саг», ки дар ҷавонии шоир эҷод шудаанд, далели бебаҳси онанд, ки андешамандии фалсафӣ яке аз сифатҳои зотии истеъдоди шоирии Аскар Ҳаким буда, он сол ба сол амиқу густарда ва шоиронаву муаассиртар мешавад ва дар достони «Санги ман – алмос» ва ашъори солҳои охири ӯ бо тамоми паҳнову жарфо ва таровату гуногунрангӣ ба зуҳур омадааст.

Дар баробари ҳамаи ин ҳамеша бояд дар назар дошт, ки андешаи фалсафӣ дар осори Аскар Ҳаким на ҳамчун мафҳуми муҷаррад, балки ҳамчун як паҳлуи тасвири шоиронаи ҳастӣ, ифодаи бадеии ҳиссиёту таассурот, омили таъсири шоирона ба тафаккуру амал зоҳир мешавад. Зеро андешаи ӯ ҳамеша аз сарчашмаи воқеият, олами беинтиҳои зуҳуроти ҳастӣ об мехӯрад. Аз ин рӯ, ӯ бештар ба олами шайъӣ назар дорад ва олами шахсӣ, ки дар ашъораш инъи- кос мешавад, акси ҳамон олами шайъист, ки ӯ маърифат мекунад, яъне ин ҳамон олами ҳастӣ ва зиндагие, ки шоир бо дилаш эҳсосу дарк мекунад ва бинобар ин бо муроҷиат ба дил мегӯяд:

*Он роҳ, ки меравӣ, надорад поён,*
*Баҳре, ки шино кунӣ, надорад соҳил.*

Ё дар рубоии дигар:

*Дарёб ту, он чиҳо гузашт аз сари ман,*
*Аҳсант ба ин тобу табу тоқати дил.*

Он чизе, ки аз сар мегузарад, яъне зиндагӣ мавриди тоқати дил, андешаи дил аст, ҷаҳони шахсии шоир инъикоси ҷаҳони моддист. Ин ҳолат барои ин шоир бисёр муҳим аст, зеро андешаи шоиронаи ӯ паҳно мехоҳад ва онро намешавад дар як олами маҳдуди ҳиссиёти фардӣ ҷой дод. Ӯ оламро бо ҳамаи гуногунии тазоҳуроташ ба дил ҷой медиҳад, ҳамчунонки дар шеъри «Арзадошт» бо бардошти хаёлпардозона мегӯяд:

*Ман, ки мехоҳам равам бар кӯҳсорон*
*Ҳамчу тундар,*
*Ё кушоям синаи худро ба киштиҳои дарё*
*Ҳамчу бандар,*
*Ман, ки шӯру шавкати дарё ба дил ҷо мекунам,*
*Хешро аз қалби сангину хамӯши кӯҳ ово мекунам,*
*Ман агар маҳфил кунам,*
*маҳфил кунам танҳо ба хеш,*
*Ё ба он дарёи пурҷӯш,*
*Ё ба ин кӯҳи хамӯш.*

Ва дар ин ҷо кӯҳу дарё, тундару бандар, пурҷӯшию хамӯшӣ истиораҳо аз тазоҳуроти гуногуни ҳастист, ки шоир ҳамаи онҳоро дар дил ҷой додан мехоҳад ва воқеан ҳам ҳамин тавр мекунад, ин аз фарохии мавзӯи ашъораш, ки гуногунтарин паҳлӯҳои зиндагиро дар бар мегирад, бараллo ба назар мерасад. Ин ҳолат дар эҷодиёти ӯ тасодуфӣ ва ё ноогоҳона набуда, балки мавқеест огоҳона, мақсаднок ва усулии эҷодии ӯро ифода менамояд. Дар баробари ин ӯ аз аҳамияти ҷаҳони шахсӣ ва ботинӣ заррае намекоҳад, ки дар ҳамин пораи иқтибосшуда ҳам вақте ки «ман агар маҳфил кунам, маҳфил кунам танҳо ба хеш»

мегӯяд, мо тасдиқи онро мебинем. Аммо чизе, ки аз маҳфили бо хеш, яъне бо дили хеш баргузор кардаи ӯ бармеояд, ҳаргиз шахсӣ набуда, моҳияти башарӣ дорад.

*Ман намегунҷам ба маҳфилҳои танге,*
*Саҳнаи эҷоди шоир*
*саҳнаи дунёст.*
*Хешро дар кулли дунё*
*мекунам эҳсос чун дар хонаи хеш,*
*Хонаи ман*
*хонаи фардост.*

*Баъд аз ин маъзури маҳфилҳову маҷлисҳоятон,*
*Бо шумо, маҳфилбузургон, хоҳаме дарди бузург.*
*Ончунон дарде, ки дар маҳфил нагунҷад,*
*Ончунон дарде, ки дар манзил нагунҷад,*
*То шумо дар хеш, дар олам нагунҷед,*
*Балки дар ман ҳам нагунҷед.*

Шоир дар ин ду пора, ки аз аввалу охири шеъри «Арзадошт» иқтибос шуд, аз кӯшиши бо тамоми вусъат сина кушоданаш ба олами ҳастиву ҳодис сухан мегӯяд ва ҳатто ба онҳое ҳам, ки бар хилофи рисолати шоирӣ худро побанди маҳфилҳои танг месозанд, нукта мегирад ва мегӯяд, ки агар худро ба дарде гирифтор карданӣ бошед, ба дарде гирифтор кунед, ки дар олам ва ҳатто дар ман нагунҷад, яъне ман дар дард доштан аз олам ҳам бузургтарам. Албатта, ин ҳарф решаи тасаввуфӣ ва фалсафӣ дорад, дили ҳар ориф чанд олами ҳастиро дар худ гунҷоиш медиҳад, ба ин маънӣ шоир дар достони «Санги ман – алмос» ҳам ишора дорад:

*Чашми дил боз шуду дидам ман,*
*Ки ҳамин мушти муҳаббат, ки варо Дил ном аст,*
*Дар қафасбанди ниҳони сина*
*По фаро мениҳад аз саҳроҳо,*
*Жарфтар аз дарё*
*Ва фаротар аз арш*
*Ва ҳамон бори амонат, ки на дарёву на кӯҳ*
*Ва на афлок тавонист кашид,*

*Мекашад ин дили ошиқ бар дӯш.*

Акнун бояд дид, дарде, ки шоир аз он сухан мегӯяд, чӣ дардест, ночизи шахсист ё бузургу башарист. Барои муайян кардани он ба ашъоре рӯй бояд овард, ки шоир дар онҳо аз дард суҳбат мекунад ва хусусияти он дардро бояд муайян сохт. Барои ин ба чанд шеъри ӯ, масалан, «Чӣ эҳсоне?!», «Шаҳри меҳолуд», «Имон», «Мерос», «Хазони умр», «Чароғ и дур», «Аспи кишанбанд», «Камарбанди куҳистон», «Шеъри хундори ман гиряд…», «Сарви сабзу тути хушк», «Чӣ кунам?!» ва дигарҳо як назар андохтан кофист, ки чӣ дарди бузурги башарӣ будани он дарк карда шавад. Дар бораи шеъри охир «Чӣ кунам?!» Муҳаммадалии Аҷамӣ дар мақолаи худ «Нигоҳе кӯтоҳ ба қомати баланди шеър», ки дар бораи вежагиҳои шеъри Аскар Ҳаким аст, навишта буд, ки: «Ин шеър аз сарнавишти миллат, аз таърихи миллат, ранҷҳои миллат бар мо мегӯяд… Шеър аз аввал то охир як ҳуҷҷат аст, ки тоҷик дар масири таърих чӣ гуна зистааст, чӣ гуна аз нобудӣ худро чун қақнус боз эҳё кардааст… Ва шоир мегӯяд…дигар вақти наъраи бедорӣ задан аст, замоне аст, ки миллат бояд худро ҳам ҳифз кунад ва ҳам бисозад»[8]. Бар суханҳои ин муаллиф ман ҳамин қадар меафзоям, ки ин хусусият, дар дарди худ ҷой дода тавонистани дарди дигарон, ки дар мавриди зарурӣ дарди миллат ҳам ҳаст, дар фазилати шоирии ин эҷодкор аст. Масалан, дар шеъри дигаре, ки номаш зикр шуд, «Мерос», шоир дарди бузурги миллатро баён карда тавонистааст, ки дар даҳсолаҳои аввали асри гузашта ҷой дошт. Дар ду банди аввали он шеър омадааст:

*Деҳаи мо сабз буд дар пойи кӯҳ,*
*То варо созанд дигар,*
*Аввалаш карданд хокистар.*

*Боз он тире, ки бояд бар тани бобом мерафт,*
*Аз хато бархӯрд бар кӯҳ,*
*Пай бишуд дар санг пайдо.*

Дард аломати зиндагист, танҳо ҷисми зинда эҳсоси дард мекунад ва аз он сухан мегӯяд. Дард на фақат аломат, балки оғ ози зиндагист, инсон бо фарёди дард, гирён ба дунё меояд:

*Ин абри баҳор нолазо меборад,*
*Бо нола ба хоки мурда ҷон меорад.*
*Кӯдак ҳама гирён ба ҷаҳон меояд,*
*Ашк аст, ки тухми зиндагӣ мекорад.*

Бузургтарин масъалаи башарият маргу зиндагист, ки онро ҳамеша бо худ машғул медорад ва то маргу ҳаёт ҳаст, бедортарину андешамандтарини эҷодкорон бар сари он ба тафаккур ва тааммуқ нишастаанду боз хоҳанд нишаст, ки ба асрори азал пай бубаранд, зеро ҳамчунон ки гуфтаанд: «Асрори азалро на ту донию на ман» ва ё ҳамчунон ки шоири мо мегӯяд:

*Ман рози вуҷуди худ намедонам, чист,*
*Сирри адамам, пас, аз куҷо дарёбам?!*

Аммо ин надонистан, албатта, он надонистангароии суфастоӣ нест, балки дар айни ҳол як тарзи бадеист, ки шоири муътақиди идрокшавандагии олам онро барои амиқтар ва ҷолибтар баён кардани дарёфти ҳастӣ истифода мебарад, зеро маҷмӯи эҷодиёти ӯ бар ин асос аст.

Бешубҳа, дар садаи бисту як шоире ҳамчун Аскар Ҳаким, ки аз донишҳои замон огоҳ аст, мубаллиғ и надонистангароӣ наметавонад бошад ва аз ин рӯ баъзан ҷой доштани чунин ифодаҳо ба манзури бештар ҷалб кардани таваҷҷуҳи хонанда аст, ки сипас ақидаи худро баён намояд. Бинобар ин, ҳангоми муайян кардани ин масъала тамоми эҷодиётро бояд ба назар гирифт, масалан, дар достони «Санги ман-алмос», ки ин масъала матраҳ аст, мегӯяд:

*Зиндагӣ*
*дониши нодониҳост.*

*Бикунад дониши мӯраш ҳамаро дар ҳайрат,*
*Ки агар донаи арзан бибарад,*

*карда ду тақсим варо*
*Ва агар донаи гандум бибарад,*
*карда чаҳораш пора,*
*Бигузорад, ки нарӯяд ба баҳор…*
*…Ва агар мӯр бад-ин сон доност,*
*Чӣ тавон гуфт зи донишварии инсонаш.*

Зиндагӣ на фақат мавзӯи донишу омӯзиш аст, балки воқеиятест, ки инсон тамоми иродаи худро барои ба амал баровардани мақсадҳои бузургтаринаш истифода бояд кунад. Зиндагиро танҳо мақсад, ирода ва фаъолияте, ки натиҷа додааст, арзишманд мегардонад. Ба Аскар Ҳаким дарки ин гунаи моҳияти зиндагӣ аз ҷавонӣ хос будааст, ки ҳам дар ҳаёти эҷодиаш пайдосту ҳам дар фаъолияти иҷтимоияш. Дар яке аз шеърҳои давраи ҷавониаш «Гуфта будам ҷавони хушбахтам…» бо эҳсоси гарми хоси ҷавонӣ гуфтааст:

*Дар дили ӯ шукуфта ахтарҳо,*
*Дар сари ӯст фикри чархи барин.*
*Лек рӯзе фуроядӯ зи само*
*Ғарқаи нур бар канори замин.*

Масъалаи маргу зиндагӣ бо гуногунтарин зуҳуроташ дар бисёр шеърҳои шоир, аз ҷумла дар «Зиндагӣ бозтоби тақдир аст», «Чӣ эҳсоне?!», «Дарё, маро бигир…», «Интихоб», «Умеди паси девор», як силсила рубоиҳо, достонҳои «Достони Нону Имон» ва «Санги ман – алмос» мавриди эҳсосу андеша қарор гирифтааст, ки баррасии муфассалеро мехоҳад вале ман ин ҷо мухтасаран чанд нуктаро қайд мекунам. Бо он эҳсоси тунду тез ва хунгармие, ки дар сиришти ин шоир ҳаст, ӯ наметавонад мушоҳиди бетарафи зиндагӣ бошад, аз ин рӯ арсаи зиндагӣ барои ӯ ҷойи санҷидани қудрат, фаъолият ва мубориза барои пирӯзии инсон бар ҳама мушкилот ба хотири зафари некӣ бар бадӣ, нур бар зулмот ва адолат бар разолат аст. Ҳамчунон ки дар ин рубоияш мегӯяд:

*Умрат ба масал агар чу дастовез аст,*
*Некаш нигарӣ, ба роҳи Ҳақ маҳмез аст.*

*Ҳоло накунӣ ба роҳи Ҳақ растохез,*
*Ҳар рӯзи пас аз марги ту растохез аст.*

Зиндагӣ барои ӯ бо мақсуди волояш арзишманд аст ва ҳатто чигунагии марг бо чигунагии мақсуди зиндагӣ бастагӣ дорад, агар он мубориза барои ҳаќу адолат нест, пас оромише ҳам баъди он нест ва ҳар рӯзи пас аз марг барои кас растохези абадист, ки даҳшатноктарини даҳшатҳост. Бинобар ин дар шеъри ривоятии хаёлофарини «Интихоб», ки оғозаш ба афсонаҳои мардумӣ шабоҳат дорад, ровӣ, ки шоир аст, ними роҳи умрашро тай карда, дар назди дуроҳае қарор мегирад, ки:

*«Равию боз гардӣ, лек бемақсуд»,*
*«Равию барнагардӣ, лек бомақсуд».*
*Ду хат сӯйи ду роҳи саъб ишорат дошт бепарво.*

Равию барнагардӣ, яъне мақсуд ба даст орию зиндагӣ аз даст диҳӣ ва шоир вазъи худро дар ин ҳолати фоҷеавӣ бо табу тоб ва шиддати тоқатшикан тасвир карда, ба хулосае мерасад, ки роҳи дуюмро интихоб бояд кард, яъне ба хотири мақсуд аз зиндагӣ даргузашт, ҳарчанд:

*Ки гар ёреву дидорест, бо умр аст,*
*Ки гар ишқеву дилдорест, бо умр аст.*

*Вале бардоштам гом аз раҳи сонӣ,*
*Гузаштам аз бисоти зиндагиву умри нотакрор,*
*Куҷоӣ лек, эй мақсуд,*
*эй мақсуди безинҳор?*

Мушкилоте, ки шоир барои ба даст овардани «мақсуди безинҳор»-и зиндагӣ рӯ ба рӯ меояд, на фақат дар зиндагии воқеии ҷомеа мавҷуданд, ки дурӯғ у фиребу беадолативу душманӣ аз ҷумлаи онҳо буда, боиси нохушиҳои рӯзгори мардуманд, балки дар худи ӯ низ ҷой доранд, ки то бар онҳо пирӯз наояд, аз худ қонеъ буда наметавонад.

*Дар касби камоли дил асар пайдо нест,*

*Дар мадди назар ҳадди зафар пайдо нест.*
*Дигаршуди олам накунад суде, чун*
*Дар қалби ту дунёи дигар пайдо нест.*

Барои дар қалби худ ба вуҷуд овардани дунёи дигар, ки барои эҷоди зиндагии тоза замина гузорад, заҳмати сахти ботинӣ бояд кашид ва тамоми тавоноии рӯҳии худро ба кор андохт, ки на ба ҳар кас ва на ҳамеша даст медиҳад, аммо роҳи дигаре барои дастрасӣ ба мақсуди олии зиндагӣ мавҷуд нест.

Оё зиндагӣ маъно ва моҳият дорад, агар дошта бошад, дар чист? Ин суолест, ки аз замони зиндагии боҳушонаи башарият на фақат дар назди фалсафа, балки ҳамаи улуми инсону ҷомеашиносӣ ва адабиёту ҳунар матраҳ будаасту мебошад ва дар ҷавоби он бештар аз ҳама қаламу коғ аз фарсуда шудаасту боз ҳам мешавад, зеро масъалаест, ки на фақат дар назди ҳар як насли тоза, балки дар назди ҳар фард низ мебошад. Ҳанӯз дар «Китоби ҷомиа»-и Ҳазрати Сулаймон бани Довуд омадааст, ки «ва тамомии корҳоеро, ки зери осмон карда мешавад, дидам, ки инак ҳамаи онҳо батолат ва дар пайи бод заҳмат кашидан аст» (Боби аввал, ояи 14). Ҳоло таҳқиқот собит кардааст, ки ривоятҳои дар «Китоби муқаддас» ба ӯ нисбатдодашуда дар асл тарҷумаи ривоятҳои «Оминемопе»-и Мисри қадим мебошанд, ки ба дуҳазорсолаи пеш аз милод мансубанд.

Толис, ки дар садаҳои VII-VI то милод зистаасту ӯро Ситсерон «падари фалсафа» номидааст, мегуфт, ки маргу зиндагӣ фарқе надоранд, чун пурсиданд, ки пас чаро намемирӣ, гуфт, чунки фарқе надорад. Бо ин иқтибосҳо мехоҳам таъкид кунам, ки баҳси маргу зиндагӣ мисли дунёст қадимӣ, аммо ҳеҷ замон ва ҳеҷ насли нави башарият аз он ҷойи гурез надорад.

Ин масъала ҳамеша ва пеши ҳама ҳаст, фақат онҳое, ки хоҳиш ва ё тавоноии андар рафтан ба ин масъала надоранд, онро нодида мегиранд, аммо аз ин кори худ суде барнамедоранд, зеро дар сари он андешидан ва чӣ гуна ҳал кардани он маъно ва моҳияти зиндагии инсонро таъин менамояд. Ин кор махсусан барои эҷодкор муҳим аст, эҷодкоре, ки ба сари масъалаи маргу зиндагӣ ба тафаккур ва тааммуқ наменишинад, асари шоистаи таваҷҷуҳе офарида наметавонад, зеро андешаи амиқ оид ба ин масъала на танҳо ба асарҳое, ки маҳз ба ин мавзӯъ бахшида

мешаванд, балки ба тамоми асарҳои ӯ жарфои тафаккур ва гармии эҳсосот хоҳад бахшид. Вале на ҳар эҷодкор ба зудӣ ба дарки ин масъала мерасад, баъзе умуман ба он наздик намешаванд, ки ҷои афсӯс аст, зеро худро аз чизе канор мегиранд, ки бар осори онон вазн ва моҳият мебахшад. Аммо Аскар Ҳаким аз ҷумлаи онҳоест, ки барои эҷодкор муҳим будани андешаҳои муттасилро бар сари масъалаи маргу зиндагӣ аз ҷавонӣ дарк карда, онро на фақат дар ҳаёту таҷрибаи шахсии худ ба муоина гирифтааст, балки мероси бузурги адабию фалсафиро, ки оид ба он мавҷуд аст, мавриди омӯзиш қарор додааст. Партави он таълимот аз осори ӯ ҳар ҷо, масалан, аз аввалин шеърҳои «Имони саг» ва маҷмӯан дар достони «Санги ман – алмос» ба хубӣ ба чашм мерасад, ки бо беҳтарин ваҷҳ ифодаи бадеии худро ёфтааст.

Маргу зиндагӣ, ки худ ҳазорон паҳлӯ дорад, дар ашъори Аскар Ҳаким низ аз ҷиҳатҳои гуногун тасвир ва ба андеша гирифта мешавад. Вақте ки ӯ ба ин мавзӯъ аз дидгоҳи зистшиносӣ менигарад, аз зуҳуроти он ба аҷабу хашм омада мегӯяд:

*Аввал хандӣ, пас гирйӣ, ин чӣ наҷот,*
*Аввал бошӣ, пас пошӣ, ин чӣ сабот.*
*Ман маънии зиндагӣ нафаҳмидам ҳеҷ,*
*Аввал ту хурӣ, баъд туро, ин чӣ ҳаёт?!*

Дуруст аст, ки зимни ин тааҷҷубу хашм, инкори ин навъ фаҳмидани зиндагӣ ҳаст, яъне ман онро қабул надорам, мегӯяд шоир, ки он талқини дигаронро ҳам дар назар дорад. Аз назари зистшиносӣ маргу зиндагӣ маъное барои инсон надорад, як амри табиӣ мебошад, на хуб, на бад, инро ӯ дар «Санги ман – алмос» хеле бадеу хотирнишин, устодона ва бо эҷоз дар як байт чунин ифода менамояд:

*Зиндагӣ*
*ҳеҷ на зишт асту на хуб,*
*Зиндагӣ*
*бурҷи тулӯъ асту г уруб.*

Аммо мақсуд аз зиндагӣ ин нест, дар байни ин тулӯу ғ уруб моҳияте бояд бошад, ки ҳаёти инсон маъно пайдо кунад, аммо ин моҳият ва маъно аз ҷониби чӣ қудрат ва ё чӣ касе ба он ворид карда мешавад? Ё он қазову қадарист? Ҳар чӣ аз азал навишта шуда бошад, он хоҳад шуд? Ин аз мавзӯъҳои азалӣ ва абадии адабиёт аст, ки мавриди тасвиру ифода ва баррасии асарҳои бешуморе будаасту боз хоҳад буд. Аз ҷумла Аскар Ҳаким ҳам дар яке аз рубоиҳояш мегӯяд:

*Асрори ҳаёту марг – асрори азал,*
*Н-ояд зи касе кор дар ин кори азал.*
*Он гуна закӣ Эзидамон сохт, ки мо*
*Дар хоби абад шавем бедори азал.*

Дар байти аввали ин рубоӣ андешаи маъмул аз қазову қадар ифода шудааст, ки барои гуфтани байти хотима замина гузоштааст, манзури шоир ҳам аз гуфтани ин рубоӣ ифодаи ҳамин маъност, ки мо баъд аз даргузаштан бедор мешавем, яъне ҳангоми зиндагиамон дар хобем. Ин ақида дар баъзе рубоиҳои дигараш ҳам баён шудааст.

Аммо оё мақсуд танҳо дар хоби абад бедор шудан аст, ин ақида партаве аз афкори Афлотун ҳам дорад, ки зиндагии инҷаҳонии аксари инсонҳоро хоб номида, мегуфт, ки онҳо дар он ҷаҳон бедор хоҳанд шуд, дар ин ҷаҳон танҳо файласуфон бедоранд. Ҳарчанд мо дар баъзе шеърҳои Аскар Ҳаким бозтоби гуногуни шоиронаи ин андешаи хирадманди қадимро мебинем, аммо ин далели он нест, ки ӯ ин ақидаро талқин мекарда бошад, он дар шеъри ӯ, баръакс, ташвиқ ба он мекунад, ки дар ҳамин зиндагӣ бедор бояд буд, боҳушу огоҳона зиндагӣ бояд кард. Масалан, дар яке аз ғазалҳои ошиқонааш мегӯяд:

*Гар азалам ба ин ҷабин васли туро рақам накард,*
*Ман, ба Худо, ки аз ҷабин пок хати азал кунам.*

Шоире, ки мароми эҷодиаш фаъолият аст, наметавонад усули бефаъолияти зиндагиро, на танҳо тарғ иб, ҳатто бо он муросо кунад ё онро қабул намояд. Дар шеъри «Зиндагӣ бозтоби тақдир аст» ҳарчанд нақши тақдир, яъне қазову қадарро дар

зиндагии инсон инкор намекунад, ки аз унвони шеър ҳам пайдост, аммо он дар ӯ на итоату коҳилӣ, баръакс, иродаи талошу мубориза ва фаъолиятро бедор ва қавӣ месозад, ҳатто ба дараҷае, ки мегӯяд: туро агар зиндагӣ бо ҳазор макру фиребоияш пойбанди худ карданӣ бошад, ту бояд аз он раҳо шавӣ ва роҳеро, ки барои номҷӯӣ, яъне гузоштани нақши худ дар ҳаёт интихоб кардаӣ, ҳатман давом бидиҳӣ, чунки:

*Пой – дар банд, роҳ – беохир,*
*Тӯли раҳро нигоҳ медонад.*
*Раҳраверо зи роҳ бардоранд,*
*Ғ ам махур, тарҳи роҳ мемонад.*

Тарҳи роҳ муҳим аст, зеро зиндагӣ бо ту тамом намешавад, чизе ки номи туро ба ояндагон боқӣ мегузорад, тарҳи роҳест, ки аз ту мемонад, тарҳи роҳ танҳо дар натиҷаи рафтан, яъне фаъол будан, ҳаракат кардан, огоҳона зиндагӣ кардан пайдо мешавад. Бинобар ин зиндагӣ фаъолияти ҷовидон ва огоҳона аст. Дар ин боб андешаҳои Аскар Ҳаким дар «Санги ман – алмос» хеле шоирона ва тозаву таранд:

*Чашми бад дур,*
*Гоҳ агар бе хатари ҷон*
*ба думи шер*
*тавон бозӣ кард.*
*Зиндагӣ чун на фақат ҷонбозист,*

*Зиндагӣ боз, ки бозӣ ҳам ҳаст…*

*Зиндагӣ аз кайҳон меояд.*
*Ҳамчу нурест, ки аз роги даре мегузарад*
*Ва ба торикии долони дудар меларзад,*
*Кас мабодо ки дари хона ба рӯяш бандад.*
*Зиндагӣ*
*ҳадяи нур аст ба ҳар як дари боз.*

Ба ҳақ бояд инсоф дод, ки дар шеъри муосири мо дарки фалсафии моҳияти зиндагӣ бо чунин баёну суварнигории

шоирона, ки зимни ҳар ифодаву тасвири он ҳикмате ниҳон бошад, камтар ба назар мерасад. Зиндагие, ки чунин моҳият ва маъно дорад, дӯстдоштанӣ ва орзукарданист: «Зиндагӣ ҳадяи нур аст ба ҳар як дари боз». Бале, дари худро ба зиндагӣ ҳамеша боз бояд дошт, онро ҳамеша мунтазир бояд буд, дӯст бояд дошт. Шоир аз илҳому истеъдоди худ тақозо дорад, зиндагиро ба ин зебоӣ ва саховат, ки он дорад, шоиста тавсиф намояд:

*Дили ман мехоҳад,*
*Сухани шеър бувад сабзтар аз вожаи дашт,*
*Решаи фикр бувад жарфтар*
*аз бехи дусадсола чинор.*
*Савту ово шавад аз хонаи танбӯрии дарё ҷорӣ.*

*Гулпаракҳо сари зулфони алафро гиранд,*
*Ғук бар об ҷаҳад,*
*тоза бароянд ба канор,*
*Сари ду пой нишинад сари санг,*
*Бидамад сурнайи ҷӯю бихонад овоз,*
*Ки бубин,*
*зиндагӣ аз сар чӣ қадарҳо зебост*
*Ва чӣ андоза сахист,*
*Ки ба ҳар ғук диҳад ҳанҷараи довудӣ…*

Ин ҷо суоле матраҳ мешавад, ки сарчашмаи ин муҳаббат ба зиндагӣ чист? Намехоҳам хонандаро маҳви таҳайюр кунам, аммо дар бораи муҳаббат ба зиндагӣ ин суханони мутазоди Толстои бузургро меорам, ки шоири мо аз он огоҳ аст: «Барои дӯст доштани зиндагӣ, дӯст дош- тани марг зарур аст»[9]. Воқеан ин нигоҳи файласуфона ба маргу зиндагист ва бозтоби он дар бисёр шеърҳои Аскар Ҳаким, масалан, дар «Уқоб», «Зиндагӣ бозтоби тақдир аст», «Дарё, маро бигир…», «Интихоб», «Чӣ эҳсоне?!», «Достони Нону Имон», «Санги ман-алмос», дубайтиву рубоиёти ӯ ба назар мерасад.

Аммо фаҳмиши Аскар Ҳаким аз ин масъала чӣ гуна аст ва он дар ашъори ӯ чӣ гуна бозтобе пайдо мекунад?

Барои шоир Аскар Ҳаким дар зиндагӣ чизи ношоирона вуҷуд надорад, пасттарин зуҳуроти ҳаёт, ҳатто ба таъбир

«касифтарин» тазоҳури ҳастии воқеӣ метавонад ба тақозои муҳтаво вориди шеър шавад ва на танҳо тақозои муҳтаво, балки худи муҳтаво ҳам қарор гирад, зеро масъала дар чигунагии онҳо набуда, дар чигунагии муносибати шоир ба онҳост. Ӯ дар шеър ҳаргиз зебопарастии зоҳирии сабукмояро қабул надорад, барои ӯ зебоӣ ҳамеша дар воқеияти зиндагӣ, дар ҳолату чизҳое, ки мо ҳар рӯз дар зиндагии рӯзмарраамон бо онҳо бархӯрд мекунем, ҷой дорад.

Аз ин рӯ барои ӯ воқеияти пасту олӣ вуҷуд надорад, ҳама воқеият маводи шеър аст, шоир аст, ки ба он аз рӯи зарурат мақоми паст ва ё олӣ медиҳад. Чунон ки дар як рубоияш мегӯяд:

*Олам нашиносӣ, ки шиносӣ хату ҳарф,*
*Сахт аст зи бас тамизи ҳар зишту шигарф.*
*Дар барфи зимистон, ки нахонад булбул,*
*Булбул бувад он зог , ки хонад дар барф.*

Зарурат, воқеият аст, ки зоғ ро дар назари мо булбул месозад ва агар дар асл бигиред, зоғ ҳам, ки дар ин ҷо рамз аст, яъне чизе дар табиат ноҷо офарида нашудааст, дар мақоми худ дар канори барфҳои сарди зимистон камтар аз булбул нест. Ин маънӣ, ки ҳар чизи офарида дар табиат дар мақоми худ ягонаву зебост, хулосаи фалсафӣ аз дарки моҳияти ашё мебошад, ки дар ин пораи «Санги ман – алмос» ҳам ифодаи зебои суварнигоронаи худро пайдо намудааст:

*Осмон дорад агар*
*панҷаи оби раҳмат,*
*На фақат бар сари сарву гулу райҳону тамишк,*
*Ба сари газна, шутурхору гумой,*
*Ба сари хори хасак ҳам борад.*

Аскар Ҳаким дар баробари он ки ба ҳар зуҳуроти зиндагӣ бо назари фалсафии моҳиятбин нигариста, онро бадеу шоирона тасвиру бозгӯ мекунад, ба мавзӯи марг низ ҳамин гуна муносибат дорад. Мавзӯи марг дар ӯ эҳсоси маҒ шушу тарсу ҳарос эҷод накарда, ҳамчун як амри табиӣ дарк карда мешавад, ки барои давоми зиндагӣ зарур аст, зеро агар марг набуд, зиндагӣ ҳам ба

ин сурате, ки мо мешиносем, вуҷуд надошт. Пас, инҳо ҳамдигарро истисно накарда, давоми ҳамдигаранд. Дар мақтаи яке аз беҳтарин шеърҳои худ дар мавзӯи маргу зиндагӣ «Чӣ эҳсоне?!» ӯ маргро эҳсони худовандӣ бар бани башар медонад, ки бозтобе аз таълимоти исломӣ дорад. Воқеан тасаввур кунед, ки инсоният бе марг, ҷовидон зиндагӣ мекунад, аз ин мудҳиштарин чизеро тасаввур намудан душвор аст. Бинобар ин ӯ мегӯяд:

*Чӣ гӯям ман аз ину он,*
*Ки дар подоши он ранҷу машаққатҳо,*
*ки аз дунё кашад инсон,*
*Нахоҳад ҳеҷ чизе аз ҷаҳон ҷуз марги осоне,*
*Чӣ инсоне,*
*Чӣ эҳсоне?!*

Боз махсусан дар баъзе ҳолатҳо ӯро ақидаи афлотунӣ, ҳамчунонки болотар қайд кардам, яъне аксари инсонҳо дар ин зиндагии худ хобанду танҳо дар он дунё бедор хоҳанд шуд, ба худ машғ ул медорад:

*Оне, ки диҳад рӯз сару савдоят,*
*Ором диҳад дар оғӯши шабҳоят.*
*Он гаҳ, ки барад ба хоби ҷовидонат,*
*Бедории ҷовид диҳад фардоят.*

Бедор шудан аз хоби гарон на фақат дар он дунё, балки дар ин дунё ҳам воқеъ шуданаш мумкин аст, ҳамчунонки дар «Чакомаи ризои модар» ҳаст. Аммо ин бедор шудан на ба он маънои афлотунист, балки ба маъноест, ки меҳри модарӣ ба он дараҷа самимию пурқудрат аст, ки метавонад ба кас дубора ҷон бахшад, яъне ҳатто марг дар назди меҳри модар оҷиз аст. Ин чакома яке аз беҳтарин шеърҳоест дар ситоиши меҳри модар, ки дар он усули сирф реалистии тасвир ва унсури фантастикӣ – хаёлпарастӣ моҳирона ба ҳам омехта, саҳнаеро ба вуҷуд овардааст, ки дар нишон додани бузургии меҳри модар камназир аст. Воқеаи шеър мухтасар аст: модари пире, ки писараш дар маҳбас аст, баъди дидани хобе, ки таъбираш аз ҷаҳон рафтан аст, ба мулоқоти фарзандаш меояд вале чун ҳоло муҳлати мулоқот

нарасидааст, ба ӯ иҷозаи дидор намедиҳанд ва ӯ азбаски дар шаҳр ҷойи рафтан надорад, дар наздикии маҳбас, бо умеди он ки фардо шояд рухсати мулоқот диҳанд, борхалтаашро зери сар гузошта, шабро рӯз карданӣ мешавад. Вале хобаш ба хоби абад бадал мегардад, пагоҳи дигар мардум ва омирони маҳбас аз ҳол огоҳ мегарданд. То ин ҷо сухани шоир то ҳадди ниҳоят сирф воқеънигорона аст, ба монанди ин банди аввал:

*Модаре пир, хору зору наҳиф*
*Ба дари маҳбас омад ин бегоҳ.*
*Ончунон буд нотавону заиф,*
*Ки барояд ба зӯр аз лабаш оҳ.*

Вале баъди он ки модари ба хоби абад рафта «рухсаташ буд кори савоб»-ро мешунавад ва ҷон гирифта бармехезад, усули баён бо бардошту романтикӣ мегардад, то ки амали фантастикӣ, ба чӣ қодир будани меҳри модарро, ки ҳатто бар марг пирӯз меояд, ифода карда тавонад:

*Модар озод рафту бепарво,*
*Ҳеҷ касро на эътиборе кард.*
*Муъҷизеро, ки кас надид асло,*
*Меҳри ӯ ё Худои Борӣ кард.*

*Рафтани ӯ чӣ шӯр меангехт,*
*Ҳама дарҳо ба рӯ-ш во мешуд.*
*Қуфлу занҷиру панҷара мерехт,*
*Бандҳо канда, зери по мешуд.*

Ва модар чун ба сари фарзандаш расида мебинад, ки бемору хоб аст, бо меҳрубонии тамом, ки танҳо ба модарон хос аст, фарзандашро навозиш мекунад ва ҳасрату васияташро ба забон меорад, ки тамоман модаронаву оддист вале онро бе ашк ҳеҷ намешавад таҳаммул кард. Сухан дар ин ҷо боз сирф реалистию табииист ва ҳатто ниҳоят заминист, ки аз олами як зани мушти пари аламзада бармеояд. Ва дар охир:

*Дигар аз дасти ман чӣ меояд,*

*Рӯзу рӯзии ман ҳамин будаст.*
*Донам, аммо, ки адл мебояд,*
*Ки Худояш ба банда фармудаст…*

*Ҷон бачам, шоми ҷумъа Қуръон хон,*
*Бифирист ояе ба раҳмати ман,*
*То бидонам, ки зиндаӣ ба ҷаҳон,*
*Охирин мояи саодати ман.*

*Гуфту ҷон дод аз дигар ором,*
*Чун набудаш ба дил ризои дигар,*
*Ки ба гӯраш барад салому паём*
*Баъд аз ин аз писар дуои писар.*

Модар васияташро мекунад ва аз дигар оромона ба хоби абад меравад, марг дар ӯ ҳеҷ гуна тарсу ҳаросе эҷод намекунад. Фалсафаи ин ризоят дар он аст, ки марг барои инсоне, ки рисолати худро иҷро кардааст, ваҳшат надорад. Бинобар ин, ҳамеша бояд кӯшид, ки ин рисолатро ба ҷо биёрӣ, то аз зиндагӣ розӣ бошию аз марг ваҳшат накунӣ. Барои касе ки ин ҳақиқатро фаҳмидаасту аз рӯйи он зистааст, марг ваҳшате надорад, балки баръакс ҳамчунонки дар шеъри «Умеди паси девор» ҳаст, умеди фиребое низ дорад:

*Офтобе ба гуруб*
*Гузар аз кӯйи дилогоҳ намуд,*
*Сари девор расид.*
*Сари девор чӣ хуршедӣ буд,*
*Паси девор чӣ уммеде буд?!*

Умеде, ки паси девори ҳастист, сипас рух хоҳад намуд, аммо ҳоло талош бояд кард, ки дар зиндагӣ бедор бошӣ ва шоир маҳз ҳамин тарзи зиндагиро қабул ва ташвиқ менамояд. Дар баробари марг мардона ва зиндаву бедор бояд буд, ба дунё, ки омадӣ, дигар аз марг ҷои тарс нест. Дар рубоие мегӯяд:

*Ҳар рӯзи ту пайкори ҳаёт асту мамот,*
*Тарсӣ агар аз марг, ту нозода бимир.*

Тарс аз марг дар ҷойи дигар аст – дар беному нишон мурдан, бинобар он ҳар рӯзи ту «пайкори ҳаёт асту мамот», дар ин пайкор ғалаба бояд кард, то ҳаёт пирӯз гардад ва зиндагӣ маъно пайдо кунад. Ҳамчунонки дар хулосаи шеъри «Таманно» мегӯяд:

*Хаста гашта рӯзе аз афту дарафт,*
*Чун равам аз даҳри некию бадӣ,*
*Кош ин ҷо халқ гӯяд: Ҳайф, рафт!*
*Гӯядам он ҷо малак: Хуш омадӣ!*

Дуруст аст, дар ҳолатҳое, ки шоир дар зиндагии ҳаррӯза беадолатӣ, нобаробарии иҷтимоӣ, пастию ноҷавонмардиҳоро мебинад, дар ӯ хоҳиши даргузаштан аз ҳар гуна мубориза ва ҳатто номе, ки инсонро ҷовидон хоҳад кард, пайдо мешавад ва ӯ дар ғазали «Шаби ғусса» мегӯяд:

*Чӣ кунам ба номи ҷовид, ки зи худ нишон гузорам,*
*Ки ман аз ҷаҳони ҷовид гами ҷовидона дорам.*
*Чӣ ҷаҳон, ки ормонаш сари дор дидани мост*
*Ва хуш аст, агар чу Ҳаллоҷ бикашад ба ҳалқа корам…*

Дар ин ҷо «ғами ҷовидона», албатта, ба ғами гуноҳи азалии инсон ишора дорад, аммо ба ин ғам боз ғами дунёе зам мегардад, ки он Ҳаллоҷ – ҷонфидотарин бандаи Худоро дар роҳи ҳақ бар сари дор кашид ва мутаассифона, то ҳол муҳол аст, ки аз ин хӯи ноҷавонмардонаи худ, яъне аз озори онҳое, ки дар роҳи ҳақ ҳастанд, даст бардорад, шоирро водор месозад, ки ҳатто аз беҳудагии кӯшиш барои номи ҷовидон сухбат кунад. Шоир ва муҳаққиқи эронӣ Алиризои Қазва дар мақолаи «Аскар Ҳаким – ғазалсарои мутафовит», ки ғазалҳои ӯро аз беҳтарин ғ азалҳои муосир меҳисобад, мавзӯи мазкурро таҳқиқ карда, менависад, ки «ғазалҳои солҳои охири ӯ… ғазалҳои комилан мутафовит ва таҷрибаҳои тоза дар зиндагии шоирии ӯ ба ҳисоб меояд. Ҳатто хондани бархе аз ин ғазалҳо комилан ғ офилгиркунанда аст» ва ғ азали «Шаби ғ усса»-ро аз ин назар таҳлил карда, ин байти онро

«аз як шоҳбайт ҳеҷ кам надорад», мегӯяд, ки он «…метавонад барои ғ азали имрӯзи Тоҷикистон обрӯ ва эътибор шавад»[10].

*На маҷоли зуд рафтан, на тавони дер мондан,*
*Ба кӣ бори тан гузорам, ба кӣ нақди ҷон супорам.*

Агар ҳаросе дар назди марг ҳаст, ин аст, ки вазифаи дар назди худ гузоштаро дар вақташ иҷро карда натавонӣ, зеро умр паррон даргузар аст. Ин маъно дар шеъри бисёр шоирон ифода гаштааст. Аскар Ҳаким ҳам онро ба обу тоби бисёр шадид дар як рубоияш чунин баён менамояд:

*Ин умри башар, ки чашм бар ҳам задан аст,*
*Хоке, ки занӣ ба тифл, атри кафан аст.*
*Бар ҷунбиши гоҳвора меандешам,*
*К-он даъвати рафтан аст ё омадан аст?!*

Гузаштани умр дар назари шоир чунон тунду тез аст, ҳатто хоке, ки ҳангоми таваллуди тифл бар бадани ӯ мезананд, хокеро, ки бар кафани мурда ҳамчун атри кафан мепошанд, ба ёд меорад ва маълум нест, ки ҷунбиши гоҳвора хабари омадан аст ё рафтан. Ин ниҳояти шадидан афшурдани вақт аст, ки байни зодану мурдан қариб фосилае намегузорад. Дар ин ҳол инсон чӣ бояд бикунад? Лаҳзаеро ҳам аз даст набояд дод, зеро лаҳза асоси замони бекарона аст ва аз рӯи ақидаи Аскар Ҳаким ҳар лаҳза баробари ҷовидонагист, ки онро ҳаргиз ба беҳуда сарф набояд кард:

*Бар беҳудаи замони худ мегирям,*
*Ҷонбохтаву ба ҷони худ мегирям.*
*Дирӯз, ки аз даст бишуд як лаҳза,*
*Имрӯз ба ҷовидони худ мегирям.*

*(Давомаш дар шумораи оянда)*



**НИЁЗИ ЁРМАХМАДИ БОБО**
*директор Института по изучению проблем стран Азии и Евпопы АН Республики Таджикистан, кандидат философских наук, доцент*

## *ИНТЕГРАЦИОННАЯ СТРАТЕГИЯ СТРАН ЦЕНТРАЛЬНОЙ АЗИИ НА МАГИСТРАЛЯХ НОВОГО ШЕЛКОВОГО ПУТИ*

**Центральная Азия играла ключевую роль в соединении Востока и Запада с античных времен. Особенно значителен был их вклад в развитии Великого шелкового пути, когда торговые караваны, погруженные шёлком, фарфором и другими предметами роскоши, выходя из средневековой столицы Китая Чанъани, устремились на Запад через Центральную Азию. В обратном направлении двигались торговые караваны, ведомые согдийцами и охраняемые тюркскими всадниками. Так, Центральная Азия еще в глубокой древности на магистралях Великого шелкового пути стала мостом, соединяющим народы и страны Востока и Запада.**

**Эту добрую традицию наших предков продолжают, и по сей день их потомки. Таджикский народ до сих пор помнит бескорыстную гуманитарную помощь братского казахского народа во времена гражданской войны. В годы межтаджикского конфликта в 90-годы прошлого века. Казахстан одной из первых стран СНГ направил своего военного батальона в состав миротворческих сил СНГ для защиты конституционного строя Таджикистана. Выполняя свой интернациональный долг по защите южных границ Таджикистана и СНГ 23 военнослужащих казахского**

**батальона сложили свои головы на таджикской земле. И благодарная таджикская память всегда будет помнить подвиг своих собратьев из Казахстана.**

В середине второго десятилетия 21 века в геополитической и геоэкономической ситуации Центральной Азии происходят серьезные сдвиги. Все более четко звучит призыв независимых государств, к тесной интеграции которые продиктованы современным экономическим состоянием независимых стран Центральной Азии, а также вызовами современного мира. Необходимость тесной интеграции и кооперации стран Центральной Азии возрастает из-за дня в день.

**На территории Центральной Азии, охватывающей свыше 3,5 млн. кв. км, проживают более 56 млн. человек - 18 % всего населения СНГ. Регион обладает огромными природными ресурсами в его недрах находятся нефтяные ресурсы в объеме 27млрд.т. (второе место после стран персидского залива), запасы газа составляет 5,5 триллион м$^3$ и т.д[1]. Экономика государств в высокой степени взаимосвязаны. В силу природных и географических особенностей региона Центральной Азии являются совместными пользователями энергетических, транспортных и ирригационных сетей, систем газа и водоснабжения.**

**Основная стратегическая экономическая цель Центральной Азии - это формирование единого экономического пространства, единой торгово-таможенной зоны, единого валютного союза и единой экономической стратегии. С учетом исторических уроков страны Центральной Азии имеют возможность стать сильным и независимым регионом, так как впервые за последние 500 лет этот регион становится важным геополитическим и геоэкономическим центром мировой политики и экономики. Центральная Азия является поставщиком ценного на мировом рынке товара - нефти и газа, рудного и сельскохозяйственного сырья.** По маршрутам Нового Шелкового пути в XXI веке будут проходить нефтегазопроводы для поставки энергоресурсов, как на Запад, так и на Восток. Однако для

развития транзитной торговли Центральной Азии выгодны и нужны единая внешняя экономическая политика, единый таможенный, налоговый и вызовый режим, единая система безопасности.

**Общеизвестно что, в условиях глобализации, интеграция в регионе будет способствовать военно-политической и экономической независимости центрально-азиатских государств на мировой арене. Для сближения государств Центральной Азии в будущем, как народов, имеющих общую историю, культуру, веру и общие экономические, финансовые, образовательные и экологические стандарты имеются более сильные предпосылки для интеграции, чем в свое время у европейских стран.**

**Интеграционный процесс в истории наших регионов происходило несколько раз и до сих пор. Эти процессы шли по разным идеологическим, политическим, экономическим и социальным направлениям. Каждый этап этих интеграционных процессов имели свои особенности. Современные интеграционные процессы тоже имеют свои особенности.**

**Главным инициатором современных интеграционных процессов, как в рамках СНГ, так и в Центрально-азиатском регионе, безусловно, является Казахстан. Так, Президент Республики Казахстан Н.А. Назарбаев неоднократно призывал страны Центральной Азии объединить ресурсы, создать эффективные и взаимосвязанные экономики, совокупный потенциал которых и его результаты позволили бы получить признание в мировой экономике, обеспечить достойный уровень жизни для самих народов региона. Президент РК Н.А.Назарбаев твёрдо уверен, в том что «без более тесной интеграции региона Центральная Азия не имеет будущего» об этом писал в своём письме от 7 ноября 2005 года Президенту Таджикистана Эмомали Рахмону[2]. Еще в период развала СССР именно Казахстан и его лидер Н. А. Назарбаев выступал в качестве инициатора создания СНГ и 21 декабря 1991 года в Алма-Ате было образовано новое**

**политическое объединение СНГ. Развивая идею объединения и интеграции Президент Казахстана в 1994 выступил с инициативой о создании Единого экономического пространства, которая трансформировалась 1998 в Центрально-азиатское экономическое сообщество. В наше время Казахстан продолжает свое интеграционное лидерство, выступил инициатором создания нового политико-экономического объединения ЕВРАЗЭС на просторах СНГ, куда в настоящее время входят Россия, Казахстан, Белоруссия, Армения, Киргизстан. Таджикистан находится на пороге вступления в эту организацию.**

Однозначно, что Республика Таджикистан в настоящее время, да и в будущем, по ряду объективных причин не представляет себя без остальных центрально-азиатских государств.

Во-первых, она непосредственно граничить с двумя средне-азиатскими республиками: Узбекистаном и Кыргызстаном;

Во-вторых, она является многонациональной, в которой наряду с таджиками, живут русские, казахи, узбеки, киргизы, туркмены и другие народы региона;

В-третьих, Таджикистана связывает с другими государствами региона далекое и близкое историческое прошлое, общность цивилизации и менталитета;

В-четвертых, Республика Таджикистан, как и большинство стран региона, пользуется единой транспортно-коммуникационной системой (железная дорога, воздушные авиалинии, автомобильные дороги, строящиеся газопроводы, и т.д.);

В-пятых, Республика Таджикистан ежегодно импортирует из центрально-азиатских государств нефтепродукты, промышленные и продовольственные товары и т.д[3].

Геополитические перемены в начале 2018 года в региональных отношениях связаны, прежде всего, с началом нового курса лидеров стран региона. Внешнеполитические позиции двух крупных государств Центральной Азии – Казахстана и Узбекистана имеют заметное воздействие на региональную ситуацию. В начале этого года отмечена тенденция к повышению уровня казахско-узбекского, киргизско-узбекского и таджикско-узбекского взаимодействия во всех сферах. Состоялись серии встреч лидеров

этих государств в первой половине этого года. Новая политика открытости Узбекистана внешнему миру уже заметно влияет на геополитическую и геоэкономическую динамику в регионе.

Позитивным шагом в этом направлении является подписание в марте 2018 года совместного заявления глав государств Таджикистана и Узбекистана об участии узбекской стороны в строительстве Рогунской ГЭС. Ранее лидеры Узбекистана и Кыргызстана сделали заявление о сотрудничестве в строительстве Камбаратинской ГЭС на реке Нарын. Эти и другие заключенные межгосударственные соглашения, являются добрым знаком и историческим прорывом во взаимоотношениях стран Центральной Азии.

Геополитическому сдвигу в центрально-азиатском регионе способствовало упрочение государственности новых факторов, активизация их роли в решении глобальных и местных проблем, тесная интеграция в мировое сообщество, установление региональных двусторонних и многосторонних отношений. Избрание Республики Казахстан непостоянным членом Совета Безопасности ООН на 2017-2018 годы, Председательство Казахстана в Совете безопасности ООН и ОБСЭ, новая инициатива президента Казахстана под названием: «Нурли Жол» (Светлый путь), проведение ЭКСПО-2017, совместный проект по спасении Аральского моря, регулярное проведение в Казахстане форума лидеров мировых и традиционных религий, и самое главное на сегодняшний день созыва международного диалога по сирийскому кризису, глобальные водные инициативы Таджикистана и другие инициативы свидетельствуют о росте роли и значения этих государств в мире, об упрочении позиций новых государств Центральной Азии в мировом сообществе. Глобальная водная инициатива Таджикистана – об объявлении 2018-2028гг. международным десятилетием «Вода для устойчивого развития», принятие соответствующей резолюции ООН, будет способствовать устойчивому развитию и решению проблем, связанных с водными ресурсами во всем мире. 22 марта 2018 года в ООН был дан старт Международному десятилетию действий «Вода для устойчивого развития, 2018-2028 годы.» выступая на мероприятии ООН высокого уровня в марте 2018 Президент Республики Таджикистан

подчеркнул важность трансграничного компонента водного сотрудничества, который будет играть центральную роль в обеспечении мира, стабильности и развития. Он констатировал, что эффективно налаженная водная кооперация способна стать катализатором развития, а её отсутствие способно вызвать серьезные риски и издержки, отрицательно сказывающиеся на экономической и социальной ситуации в странах, не имеющих выхода к морю.

**Анализ развития интеграционных процессов в рамках Нового шелкового пути региона позволил определить следующие положительные тенденции регионального сотрудничества в Центральной Азии:**

1. **Сформирована нормативно-правовая база развития интеграционного сотрудничества государств в Центрально-азиатском регионе. Заключены договоры о вечной дружбе, сотрудничестве и взаимной помощи между Казахстаном, Кыргызстаном, Узбекистаном и Таджикистаном, а также стратегического партнёрства между Таджикистаном и Казахстаном, Таджикистаном и Узбекистаном.**
2. Создана организационная структура в лице таких организаций как ЕВРАЗЭС, межгосударственный совет и т.д.

Вместе с тем на пути интеграции стоят некоторые проблемы в число которых можно отнести следующее:

1. **Отсутствие механизма реализации принимаемых решений. По многим вопросам наблюдается несовпадение позиций государств - участников. Низким остается уровень выполнения принятых решений, и сами документы носят общий, рекомендательный характер.**
2. **Отсутствие международного транспортного консорциума, функционирование которого способствовала бы формированию общей транспортной политики государств Центральной Азии, эффективному развитию их транзитного потенциала.**
3. **Различный уровень экономического развития Центральной Азии. Государства Центрально-азиатского региона имеют разно-уровневую и разно-скоростную экономику, что является сдерживающим фактором в**

**углублении интеграционного взаимодействия стран Центральной Азии.**

4. **Слабое развитие взаимной торговли государств Центральной Азии.**

5. **Различия в темпах и масштабах экономической модернизации и либерализации.**

**Таким образом, колоссальный опыт взаимовыгодного сотрудничества между нашими славными предками во времена расцвета Великого шелкового пути накладывает на наши плечи вопрос многократного увеличения торгово-экономического, научно-культурного и гуманитарного взаимодействия, что служит важным фактором развития и процветания стран и народов Центральной Азии.**

**Литература:**

1. Мирзоев Н. Тоҷикистон-Созмони ҳамкории Шанхай: Шоҳроҳи ҳамкориҳо (Таджикистан- ШОС: магистрали сотрудничества). Душанбе - 2014. с.12
2. Сатторзода А. Актуальные проблемы внешней политики Таджикистана (многовекторность действий). Душанбе – 2014 с.23
3. Сатторзода А. Актуальные проблемы внешней политики Таджикистана (многовекторность действий). Душанбе – 2014 с.5



**Нозим НУРЗОДА**
*муҳаққиқ*

# МЕҲРГОН – ЗОДАИ ФАРҲАНГИ МИЛЛӢ
## (Ба муносибати ҷашни Меҳргон)

Аслан, ҷашну ойинҳои миллию мардумӣ таҷассумкунандаи кайфияти зиндагии иҷтимоӣ, фикрӣ, ахлоқӣ ва маданӣ буда, рӯҳияи миллию мардумиро дар тӯли зиндагии башарӣ ифода менамоянд. Ба василаи иҷрои маросимоти ҷашнию ойинӣ ҷомеа ва мардум зиндагии худро як навъ сару сомон мебахшанд ва аз ҳузури фаъоли худ дар арсаи вуҷуд дарак медиҳанд. Арсаи вуҷуд барои инсон ҷавлогаҳи андеша, тафаккур ва куниши ӯ буда, дар як чунин майдони фарохе (ҷаҳону ҳастӣ дар назар аст) ба набард мепардозад ва дар бомдоди зуҳури ҳушмандӣ, дар қолаби афсонаю устура ва бовару эътиқодот масири муборизаро таъйин намуда, бад-он минвол то ба имрӯз бардамона гом мебардорад. Аз ин ҷост, ки бар мабнои устураматнҳои бостонӣ аносири фарҳангии як ҷомеа дар тӯли таърих идома меёбанд ва ин аносирро бо густариши худ аз насле ба насле дигар ва асре ба асре дигар мунтақил мекунанд (ниг.: Устураматни ҳувиятсоз. Ҳузури «Шоҳнома» дар адаб ва фарҳанги иронӣ. Ба кӯшиши Баҳман Номвари Мутлақ. –Теҳрон: Ширкати интишороти илмӣ ва фарҳангӣ, 1387. -С.7).

Бо таваҷҷуҳ ба ин, дар доираи фарҳанги форсии тоҷикӣ, бо назардошти махсусиятҳои муҳитзистӣ ва иҷтимоӣ тайи таърихи пешин ҷашнҳои миллию мардумии Наврӯз, Тиргон, Меҳргон, Сада ва амсоли инҳо барои танзими барномаҳои зиндагии инсонӣ офарида ва роҳандозӣ шудаанд(ниг.: Рӯҳуламинӣ, Маҳмуд. Ойинҳо ва ҷашнҳои куҳан дар Ирони имрӯз. Теҳрон, чопи аввал, 1376. – С.15). Воқеият ин аст, ки зиндагии ойнӣ ва маросимии мардуми форсу тоҷик ба умқи таърих дакка мехӯрад ва кор то ба ҷойе расидааст, ки донишманди маъруфи иронӣ, устод Ҳошим Разӣ умри ҷашнҳои бостонии миллӣ ба умри миллату халқ баробар

шудааст(ниг.: Разӣ, Ҳошим. Гоҳшуморӣ ва ҷашнҳои Ирони бостон. Теҳрон: Беҳҷат, 1380. -С.17). Гузашта аз ин, ҳар як ҷашну ойин ва маросим мушаххасоти худро дорост, аммо рӯҳи умумие, ки дар тамоми сатҳҳои ойиншиносии миллӣ ба мушоҳида мерасад, меҳрпарастӣ, инсонсолорӣ ва хушгузаронию хушнудиписандист. Нуқтаи меҳварии ҷашнҳои миллию мардумӣ даъвати табақаҳои гуногуни иҷтимоӣ ба иҷрои маросим аст, ки махсусият ва вежагии умумимиллӣ ва умумимардумӣ мебошад.

Дар силсилаи ойину ҷашнҳои миллию мардумӣ ҷашни Меҳргон ҷойгоҳи вежа дорад. Қабл аз ҳама, Меҳргон аз пешина ва собиқаи амиқи фалсафӣ бархӯрдор аст, ки дар доираи асотири бостонии миллӣ таҳаққуқ ёфтааст. Аз лиҳози истилоҳӣ, вожаи «*Меҳр*» дар забони паҳлавӣ дар шакли «*митр»* (mitr) омада, маъниҳои дӯстӣ, муҳаббат, офтоб ва хуршедро ифода карда, исми яке аз Худоёни қабл аз зардуштӣ будааст, ки онро рабуннавъи офтоб медонистаанд(ниг.: Фарҳанги форсии Амид. Таълифи Ҳасан Амид. Ҷилди севум. –Теҳрон: Амири Кабир, 1365. -С. 2344). Дар «*Авасто»* калимаи «*мит*» (mit) бо маънои дӯст доштан, меҳрубонӣ нишон додан, дӯст будан, ҳаморӯз ё бо ҳам будан омадааст. Лафзи “митра” ё “митро” (mitra) ҳамчунин неруи доранда ва нигаҳдорандаи рӯшноиро ифода мекард. Аз рӯйи маълумоти «*Авасто», Меҳр* (митр) аз куҳантарин ва бонуфузтарин Эзадони ҳиндуиронист. Дар забони форсии бостон ба шакли “мисра” (migra) дар паҳлавӣ “митра” (mitra) дар форсӣ ба шакли меҳр омада, Худои рӯшноӣ ва паймон ба ҳисоб мерафт ва дорои ҳазор гӯш ва даҳ ҳазор чашм буд, то аҳду паймонҳоро бипояд. Ба ҷуз ин, дар Эрони бостон рӯзи шонздаҳуми *Меҳрмоҳ Меҳррӯз* номида мешуд ва чун номи моҳу рӯз яксон мешуд, он рӯзро Меҳргон ном ниҳода ҷашн мегирифтанд(ниг.: Бахромӣ, Эхсон. Фарҳанги вожаҳои Авасто. -Ҷ. 11. –Теҳрон, 1369. –С.1119-1122). Ба ин тариқ, Меҳргон бо вожаи «митро» (меҳр) пайванди луғавӣ ва истилоҳӣ дошта, дар асотири бостонӣ ва миёнаи паҳлавӣ ба сифати Эзади фурӯғу рӯшноӣ ва аҳду паймон шинохта шудааст. Аз ин ҷост, ки номи ҷашни Меҳргон дар сарчашмаҳои бостонӣ ба гунаи “Митракона” зикр шудааст (ниг.: Раҳимов Дилшод. Фолклори тоҷик. –Душанбе: «Эҷод», 2009. -С.196). Иттифоқан, Меҳргон рӯзи таваллуди дубораи Меҳр аст ва тибқи назари Абӯрайҳони Берунӣ, ин рӯз дар айёми куҳан

рӯзи аввали зимистон будааст (ниг.: Берунӣ, Абӯрайҳон. Осор-ул-боқия. Тарҷумаи Акбари Доносиришт. –Теҳрон: Амири Кабир, 1362. –С.339). Бинобар ин, бо Ялдо мутобиқ мешавад, ки ҷашни мелодии Меҳр аст (ниг.: Шамисо Сирус. Крисмас ва шаби Чилла. //Кайҳони фарҳангӣ, шуморати 9, Озари 1368. –С.32). Чун дар ин матлаби маҳдуди ҷашнӣ маҷоли тавзеҳи мушаххасоти Эзади Меҳр ва нуфузи он дар паҳнои фарҳанги бумию минтақавӣ ва башариро надорем, ногузир ба масъалаи ҷашни Меҳргон мепародозем.

Муҳаққиқони муосир дар робита бо ҷашни Меҳргон бар ин таъкид мекунанд, ки дар рӯзшумории куҳани Ирон ҳар як аз сӣ рӯзи моҳ ном дорад, ки исми дувоздаҳ моҳи сол низ дар миёни онҳо ҳаст. Дар гузашта миёни мардум расм будааст, ки ҳар моҳ, ки номи моҳу номи рӯз баробар меомадааст, он рӯзро ҷашн мегирифтанд. Аз он ҷашнҳои дувоздаҳгона (фарвардингон, урдубиҳиштгон ва амсоли онҳо) пас аз ислом танҳо Меҳргон ба таври расмӣ ва шукӯҳманд таҷлил мегардидааст(ниг.: Рӯҳуламинӣ, Маҳмуд. Ойинҳо ва ҷашнҳои куҳан дар Ирони имрӯз (нигариш ва пажӯҳише мардумшинохтӣ). –Теҳрон, 1376. –С.79). Дар сарчашмаҳои асримиёнагӣ маҳал, макон, мушаххасот ва густураи ҷашни Меҳргон инъикос ёфтааст.

Ҷашни Меҳргон монанди ҷашнҳои дигари аҷдодӣ (мисли Наврӯзу Тиргон ва Сада) ҷанбаҳои амиқи фалсафӣ, иҷтимоӣ, тақвимӣ-нуҷумӣ(фалакӣ), кишоварзӣ ва маданӣ дорад. Зимнан, таҷлили ҷашни Меҳргон бо ҳаводиси устуравии пирӯзии Фаридун бар Беваросп (Заҳҳок) иртиботи сириштӣ ва фикрӣ пайдо намудааст. Дар ин замина, фарҳангшиноси бузурги асримиёнагии тоҷик Абӯрайҳони Берунӣ, ки доир ба зиндагии ойнӣ ва маросимии миллию мардумӣ таълифоти ҷиддӣ ба мерос гузоштааст, дар «ат-Тафҳим» нигоштааст: «Меҳргон шонздаҳум рӯз аст аз меҳрмоҳ ва номаш меҳр, андар ин рӯз Афридун зафар ёфт бар Бевαрасби ҷоду, он ки маъруф аст ба Заҳҳок ва ба кӯҳи Дамованд боздошт ва рӯзҳо, ки сипаси Меҳргон аст, ҳама ҷашнанд ба кирдори он-ч пас аз Наврӯз бувад» (ниг.: Берунӣ, Абӯрайҳон. Ат-Тафҳим-ал-авоил саноат-ут-танҷим. Тасҳеҳи устод Ҷалолуддини Ҳумоӣ. –Теҳрон. 1357. –С.254). Бар илова, ба қиёми Коваи оҳангар, пирӯзии ӯ бар Заҳҳоки морон ва ба шоҳӣ расидани Фаридун нисбат гирифтани ҷашни Меҳргон аз мушаххасоти муҳимми ин ҷашни аҷдодӣ ба шумор меравад. Бар

ин асос, ин ҷашн бештар достон ва устураи қиёми Коваи оҳангар дар баробари бедодгариҳои Заҳҳокро таҷассум мекунад, ки ёдмони ин ҷашни намодин мебошад. Асотир ва боварҳои қадимаи миллӣ Заҳҳок (шакли қадимиаш "Ажидаҳҳок" )-ро алайҳи рӯшанӣ ва барподорандаи торикӣ эълом доштаанд. Заҳҳок балъандаи Хуршед аст ва дар миёни омма то имрӯз расме роиҷ аст, ки ҳангоми кусуф ё гирифтани Офтоб мардум таблу ташт мезананд, то Заҳҳок Хуршедро раҳо кунад(ниг.: Шамисо Сирус. Тарҳи аслии достони Рустам ва Исфандиёр. Дар перомуни Рустам ва Исфандиёр. –Теҳрон, 1369. –С.23). Пас, шигифт нест, ки рӯзи пирӯзии Фаридун бар Заҳҳок «Меҳргон» номида шудааст(ниг.: Берунӣ, Абӯрайҳон. Осор-ул-боқия. Тарҷумаи Акбари Доносиришт. –Теҳрон: Амири Кабир, 1362. –С.340). Гузашта аз ин, бовар ва эътиқод ба Эзади Меҳр ва ойинҳои меҳрӣ (митройӣ), ки пеш аз Зардушт дар Ҳинду Ирон вуҷуд дошта, ба моҳи Меҳр ва ҷашни Меҳргон симои динии биштаре афзудааст ((ниг.: Рӯҳуламинӣ, Маҳмуд. Ойинҳо ва ҷашнҳои куҳан дар Ирони имрӯз (нигариш ва пажӯҳише мардумшинохтӣ). –Теҳрон, 1376. –С.86).

Бузургони адабу фарҳанги миллӣ Дақиқӣ, Фирдавсӣ ва Асадии Тӯсӣ аз ҷашни Меҳргон ва махсусиятҳои он ёд кардаанд. Масалан, Дақиқӣ гуфтааст:

Меҳргон омад, ҷашни малик Афридуно,
Он куҷо Гов беҳ парвардаш Бармоюно.

Ба дунболи ин, Ҳаким Фирдавсӣ дар достони «Фаридун» худуди даҳ байтро ба таъсиси ҷашни Меҳргон, иллати зуҳур ва маросими он ихтисос додааст. Ба ин абёт таваҷҷуҳ мекунем:

Фаридун чу шуд бар ҷаҳон комгор,
Надонист ҷуз хештан шаҳриёр.
Ба расми каён тоҷу тахти меҳӣ,
Биёрост бо кохи шоҳаншаҳӣ.
**Ба рӯзи хуҷаста сари Меҳрмоҳ,**
**Ба сар барниҳод он каёникулоҳ.**
Замона беандӯҳ гашт аз бадӣ,
Гирифтанд ҳар кас раҳи Эзадӣ.
**Дил аз довариҳо бипардохтанд,**
**Ба ойин яке ҷашни нав сохтанд.**
Нишастанд фарзонагон шодком,
Гирифтанд ҳар як зи ёқут ҷом.

**Майи рӯшану чеҳраи шоҳи нав,**
**Ҷаҳон нав зи доду сари моҳи нав.**
**Бифармуд, то оташ афрӯханд,**
**Ҳама анбару заъфарон сӯханд.**
**Парастидани Меҳргон дини ӯст,**
**Таносоию хӯрдан ойини ӯст.**
Агар ёдгор аст аз ӯ моҳмеҳр,
Бикӯшу ба ранҷ эч манмой чеҳр.

(ниг.: Фирдавсӣ, Абулқосим. Шоҳнома. –Ҷилди аввал. –Теҳрон: Корвон, 1387. -С.87-88)

Ҳамчунин дар бахши «Банд кардани Фаридун Заҳҳокро», ки ба достони Заҳҳок марбут аст, Фирдавсӣ аз мушаххасоти кори Фаридун сухан дар миён оварда, тарҳи масъалаи азнавсозмондиҳӣ, низоммандии давлатӣ ва ташаккули табақоти иҷтимоӣ, танзими касбу кор ва ҳирфаю пешаро, ки дар ҳазораи Ҷамшед иттифоқ афтода буду дар ҳазораи Заҳҳок ба ҳукми фаромӯшӣ супурда шуд, бозгӯ мекунад. Ҳакими Тӯс ба таври мушаххас дар ҳаҷми 12 байт (абёти 436 - 447) пирӯзии Фаридун бар Заҳҳок ва танзими зиндагии наву ҷадидро ба риштаи тасвир мекашад, аз ҷумла:

Бифармуд кардан ба дар бар хурӯш,
Ки ҳар кас, ки доред бедор ҳуш.
Набояд, ки бошед бо син ҷанг,
На з-ин гуна ҷӯяд, касе ному нанг.
Сипоҳӣ набояд, ки бо пешавар,
Ба як рӯй ҷӯянд ҳар ду ҳунар.
Яке корварзу яке гурздор,
Сазовори ҳар кас падид аст кор.
Чу ин кори он ҷӯяд, он кори ин,
Пурошӯб гардад саросар замин.
Ба банд андар аст он ки нопок буд,
Ҷаҳонро зи кирдори ӯ бок буд.
Шумо дер монеду хуррам бувед,
Ба ромиш сӯйи варзиши худ шавед.
Шуниданд яксар суханҳои шоҳ,
Аз он марди парҳези бодастгоҳ.
В-аз он пас ҳама номдорони шаҳр,
Касе, к-аш буд аз тоҷ в-аз ганҷ баҳр.
Бирафтанд бо ромишу хоста,

Ҳама дил ба фармонаш ороста.
Фаридуни фарзона бинвохташон,
Бар андоза бар пойгаҳ сохташон.
Ҳаме пандашон доду кард офарин,
Ҳаме ёд кард аз Ҷаҳонофарин.

(ниг.: Фирдавсӣ, Абулқосим. Шоҳнома. Ҷилди аввал. Матни интиқодӣ аз рӯйи чопи Маскав. Таҳти назари Е.Э.Бертелс. Ба кӯшиш ва зери назари Саиди Ҳамидиён. –Теҳрон: Қатра, 1373. -С.76)

Ба ин маъно, Меҳргон рӯзи Фаридун аст, чунонки Наврӯз рӯзи Ҷамшед талаққӣ шудааст. Пас, Фаридун зиндакунандаи ойини куҳани Ҷамшедӣ аст ва табиист, ки Хуршедкирдор мебошад(ниг.:Муҳаммад Маҳдӣ Муаззини Ҷомӣ. Адаби паҳлавонӣ (Мутолиае дар таърихи адаби деринаи иронӣ аз Зардушт то Ашкониён). -Теҳрон: Нашри Қатра, 1379. -С.24).

Асадии Тӯсӣ, ки суннати шоҳноманависиро пас аз Фирдавсӣ идома бахшидааст, дар интисоби ин ҷашн ба Фаридун мегӯяд:

Фаридуни фаррух ба гурди набард,
Зи Заҳҳоки тозӣ баровард гард.
Чу дар бурҷи шоҳин шуд аз хуша меҳр,
Нишаст ӯ ба шоҳӣ сари моҳи меҳр.
**Бар ороиши Меҳргон ҷашн сохт,**
Ба шоҳӣ сар аз чархи маҳ барфарохт.

(ниг.: Асадӣ, Тӯсӣ. Гаршосбнома. Ба эҳтимоми Ҳабиби Яғмоӣ. –Теҳрон: Китобхонаи Тухурӣ, 1352. –С.366).

Дар бораи таҷлили ҷашни Меҳргон ва иҷрои маросимоти меҳргонӣ қабл аз ислом донишмандон, муаррихон ва шоиру нависандагон изҳори назар кардаанд. Ҷиддитарин нукотро дар заминаи ҷашни Меҳргон ва мушаххасоти таҷлили маросимоти меҳргонӣ фарҳангшиноси шаҳири асримиёнагии тоҷик Абӯрайҳони Берунӣ баён доштааст: Ба таъкидоти Берунӣ диққат медиҳем: «Ин ид монанди дигар аъёд барои умуми мардум аст. Аз ойини Сосониён дар ин рӯз ин буд, ки тоҷеро, ки ба сурати офтоб буд, ба сар мегузоштанд ва дар ин рӯз барои ирониён бозоре барпо мешуд…» (ниг.: Берунӣ, Абӯрайҳон. Осор-ул-боқия. Тарҷумаи Акбари Доносиришт. –Теҳрон: Амири Кабир, 1362. –С.247). Пойинтар дар мавриди суннат ва шеваи тақдимоти ҳадоёи меҳргонӣ дар дарбори мулуки Хуросон менависад: «Ва дар мулуки Хуросон расм аст, ки дар рӯзи Меҳргон ба сипоҳиён

ва артишиён рахти пойизӣ ва зимистонӣ медиҳанд…»(ниг.: Берунӣ, Абӯрайҳон. Осор-ул-боқия. Тарҷумаи Акбари Доносиришт. –Теҳрон: Амири Кабир, 1362. –С.249).

Доир ба ҷашни Меҳргон дар замони Ғазнавиён иттилооти бештаре дар даст аст. Ашъори шоирони даврони Ғазнавӣ Унсурӣ, Манучеҳрӣ, Фаррухӣ ва дигарон гувоҳи онанд, ки ҷашни Меҳргон бо шукӯҳу шаҳомати махсус таҷлил мегардидааст. Муаррихи машҳури замони Ғазнавӣ Абулфазли Байҳақӣ тартиби ҷашни Меҳргон ва ороишоту тадорукоти меҳргониро, ки бо ҳузури Султон Масъуди Ғазнавӣ солҳои 428, 429 ва 430 ҳиҷрии қамарӣ иттифоқ афтода буд, ба қалам дода, аз ҷумла дар ин бобат нигоштааст:«…Ва рӯзи чаҳоршанбеи нуҳуми зулҳиҷҷа ба ҷашни Меҳргон бинишаст ва ҳадяҳои бисёр овարданд» (ниг.: Байҳақӣ, Абулфазл. Таърихи Байҳақӣ. –Теҳрон, 1344. –С.697).

Аз он ҷо, ки Меҳргон ба ҳусни зиндагии рӯзмарраи мардумӣ ҳусни дигар афзудааст, тӯли таърих мардум ва табақоти гуногуни иҷтимоиро маҷзуб намудааст. Рози ҷазбаи ҷашнӣ ва маросимии Меҳргон дар хамираи ҳувиятии он, ки бо мушаххасоти маҳосини ахлокию отифии меҳр, муҳаббат, илтифот, самимият, хирад, фазилат, садоқат, шарофат, мурувват, саховат ва мунтаҳо, инсоният омезиш ёфтааст, ниҳон аст, Агарчи Наврӯз бо муҳтавои ботинию зоҳириаш ҷуғрофиёи бузургтареро мусаххар карда буд, Меҳргон аз он монданӣ надошт ва дар фазою муҳитҳои гуногун таҷлил гардида, роҳро барои тавсеа додани ҷуғрофиё ҳамвор мекард. Кор то ба ҳадде расида будааст, ки замоне ҳар ду моҳ -- меҳрмоҳ ва фарвардинмоҳро, ки ба тартиб оғози эътидоли пойизӣ ва баҳорӣ маҳсуб ёфта, дар он баробарии рӯзу шаб иттифоқ меафтад, ба унвони соли нав ҷашн мегирифтанд. Афзун бар ин, бархе ҷашни Меҳргонро бар ҷашни Наврӯз бартарӣ додаанд ва ин нуктаро ба нашри ҳашарот дар фасли баҳор, ки боиси коҳиши зироат мегардидааст, марбут донистаанд (ниг.: Берунӣ, Абӯрайҳон. Осор-ул-боқия. Тарҷумаи Акбари Доносиришт. –Теҳрон: Амири Кабир, 1362. –С.329).

Ба гумони ғолиб, Меҳргон, на ба хотири он ки номи моҳ ба рӯзи моҳ баробар мешудааст, мавриди таҷлил қарор мегирифтааст, балки ба ифтихори шарофату волоияти зиндагӣ ва арзиши умри инсонӣ таҷлил мегардидааст. Ба ин маъно, Меҳргон эҳсоси зиндагипарастии инсон ва дар маҷмӯъ,

мардумро ифода мекунад. Чун Меҳргон бо аҳду паймон ва меҳру муҳаббат иртиботи зотӣ ва маъноӣ дорад, сатҳу сифати зиндагидӯстӣ ва зебоиписандии инсонҳоро боло мебарад. Ин навъи биниши арзишманди миллӣ ва мардумиро дар густурдани хони меҳргонӣ, ки аз анвои меваҷоту сабзавот – анор, себ, ангур, гандум, лӯбиё, наск ва амсоли инҳо таркиб ёфтааст, мушоҳида кардан мумкин аст. Дар силсилаи дастурхони ҷашнӣ, чи дар гузашта ва чи имрӯз символикаи ойина муҳим аст. Ойина намоди покию рӯшанӣ, фурӯғу биноӣ ва шукӯҳу тавоноии инсонист. Бо густурдани хони меҳргонӣ инсон ҳосили меҳнату заҳмати солонаашро, ки айёми пойиз ва ё тирамоҳ ҷамъбаст мешавад, ба намоиш мегузорад. Аз ин лиҳоз, Меҳргон зодаи андешаи миллист, ки бо меҳнат ва саъю талоши фикрию ҷисмонии инсон бастагӣ дорад.

Пешинаи ва собиқаи устурӣ ва таърихии ҷашни Меҳргон ифодагари он аст, ки мардуми форсу тоҷик дар ҳама давру замон, новобаста ба шароити сиёсию иҷтимоӣ, тааллуқоти нажодию миллӣ ва динию имонӣ ба зиндагӣ ва инсон арзиши баланд қоил будаанд ва тавассути таҷлили ҷашну маросим, қабл аз ҳама, иттиҳоду ҳамбастагии инсонҳоро мехостаанд. Вежагии фарогирии ҷашнҳои миллӣ, аз ҷумла Меҳргон раванди баҳамойӣ ва ҳамшарикии мардумиро дар умури иҷтимоию сиёсӣ ва иқтисодию фарҳангӣ таҳкиму тақвият мебахшад. Маҳз ҳамин вежагӣ аз бомдоди таърихи зуҳури ҷашнҳои миллӣ то имрӯз дар бистари ойину маросимоти бумӣ ҳамчунон боқист.

## МАВЛОНО ҶАЛОЛУДДИНИ БАЛХӢ ВА ТАМАДДУНИ БАШАРӢ

**Абдунабӣ САТТОРЗОДА**
**доктори илмҳои филология, профессор**

## МЕРОСИ МАВЛОНО ВА МЕЪЁРҲОИ ИНТИСОБИ АРЗИШҲОИ МИЛЛӢ

Солҳои охир дар сомонаҳои интернетӣ ва барномаҳои радиоии дохилӣ ва хориҷӣ ба муносибати ба миён омадани масъалаи дар ЮНЕСКО ҳамчун мероси миллӣ сабт намудани асари мондагори Мавлоно Ҷалолиддини Балхӣ «Маснавии маънавӣ» баҳси моли кадом миллат ва кишвар будани он аз нав оғоз шуд. Намояндагони баъзе аз кишварҳо (Афғонистон, Эрон, Туркия ва ғайра.) иддао карданд, ки Мавлоно ва «Маснавӣ»-и ӯ сирф ба онҳо тааллуқ дорад, на ба ягон миллат ва сарзамини дигар. Ва дар ин даъвои беасоси худ то ба ҳадде расидаанд, ки: «Мо ба ҳеҷ кас ва кишваре иҷоза намедиҳем, ки Мавлоно, ифтихори моро дар феҳристи ЮНЕСКО ба номи худ сабт кунад» (Ҳорун Ҳакимӣ, Афғонистон).

Ҳодисаи интисоби арзишҳои миллӣ (адабӣ, илмӣ, фарҳангӣ, таърихӣ ва ғайра), аз ҷумла мероси Мавлоно, ба ин ва ё он миллат ва кишвар сабабҳои зиёде дорад. Аммо иллати аслиаш дар ин аст, ки то ҳол меъёрҳои илмии интисоби арзишҳои миллӣ ба ин ва ё он миллат ва кишвар муайян ва муқаррар нашудаанд ва аз тарафи умум эътироф нагардидаанд.

Меъёри дар заминаи имрӯз маъмул ҳамон меъёри ҳудудӣ, аниқтараш меъёри ҳудудии сиёсӣ мебошад, ки ғайриилмист ва ба ҳеҷ ваҷҳ қобили қабул нест. Зеро, тавре ки маълум аст, онҳо ба ҳудудҳои воқеъии таърихӣ, ба ҳудудҳое, ки қавму миллатҳо дар онҳо то ҳол зиндагӣ доранд, мувофиқат намекунанд. Солҳо 60-уми асри гузашта дар Туркманистон маҷмӯае ба чоп расида буд, ки «Туркманшахирлари» ном дошт ва дар он ҳамаи шоироне, ки

дар гузашта дар Марв (ҳоло Мари) зоида шудаанд, ба халқи туркман нисбат дода буданд. Масалан, Кисоии Марвазӣ, Имораи Марвазӣ, Абулаббоси Марвазӣ ва дигарон. Ҳол он ки Марв дар асрҳои миёна яке аз марказҳои сиёсӣ, адабӣ, илмӣ, фарҳангииточикон буд.

Оё меъёрҳои дигаре низ ҳастанд дар интисоби арзишҳои миллӣ? Оре, ҳастанд ва яке аз муҳимтарини онҳо нисбати забонӣ доштани он арзизшҳои адабӣ ва илмӣ мебошад. Бузургони илму адаби мо сарфи назар, ки дар куҷо ба дунёо мадаанд, дар Самарқанду Бухоро, Хуҷанд, Шероз, Балх, Исфаҳон, Насаф, Омӯл, Марв, Хоразм, Нишобур, Ганҷа, Деҳлӣ ва ё ҷойи дигар ба забони форси дарӣ ё форси тоҷикӣ эҷод намудаанд ва осори онҳо ба миллати мо тааллуқ дорад. Аммо дар адабиёти дунёҳо дисаҳое ҳам кам нестанд, ки шоирону нависандагони ин ва ё он миллат ба забони миллатҳои дигар асарро офаридаанд, мисли Чингиз Айтматов, Олжас Сулейменов, Темур Зулфиқоров, Тимур Пулотов ва дигарон, ки ба русӣ менависанд, вале русҳо онҳоро адибони худ намешуморанд. Ё ин ки нависандагони муосири Алҷазира ба забони фаронсавӣ таълиф мекунанд, монанди Муҳаммад Диб ва дигарон, вале онҳо адиби фаронсавӣ нестанд. «Алқонун»-ро Сино ба арабӣ навиштааст, вале он, пеш аз ҳама, ба мардуми мо тааллуқ мегирад. Вобаста ба ин шеъри машҳури зиндаёд устод Лоиқ ба ёд меояд, ки гуфта буд:

*Араб гӯянд Синоро гурӯҳе,*
*Гурӯҳе форс ё тоҷик донанд.*
*Гурӯҳе ӯзбакаш гӯянду лекин*
*Агар сад бор осораш бихонанд*
*Нафаҳманду пайи тафсири ҳар ҳарф*
*Ҳама муҳтоҷи некӯтарҷумонанд.*

Ҳамин тавр меъёри забонӣ дар интисоби арзишҳои миллӣ бисёр муҳим мебошад, вале асосӣ нест.

Пас кадом меъёрҳои дигаре ҳастанд, ки дар интисоби арзишҳои миллӣ муҳимтар ва асосӣ мебошанд.

Яке, меъёри маҳсули кадом фазо ё муҳити адабӣ ва илмӣ ва фарҳангӣ, маҳсули кадом андешаи илмию адабӣ ва фарҳангӣ будани он арзишҳо мебошад. Низомии Ганҷавӣ ва «Хамсааш», Мавлоно Ҷалолиддини Балхӣ ва «Маснавии маънавиаш»,

Абунасри Форобӣ, Абурайҳони Берунӣ ва рисолаҳои маъруфашон ҳаргиз маҳсули муҳити туркӣ ва андешаи туркӣ наметавонанд буд. Бадриддин Ҳилолӣ бо он ки чағатойасл буд, шоири форсу тоҷик аст, зеро маҳсули ҳамин муҳит мебошад. Мегӯянд, ки Шаҳиди Балхӣ яҳудиасл буд, аммо ҳеҷ касе ӯро шоири яҳудӣ нагуфтааст. Ё худ Пайрав Сулаймонро кӣ метавонад шоири яҳудӣ бигӯяд.

Ёдгориҳои ҷовидонии шаҳрҳои Бухорову Самарқанду Хива маҳсули дасту бозӯ ва ақли ҳунармандони тоҷик, эронинажод мебошанд. Онҳоро ҳаргиз бо он ҳама қудрати сиёсӣ ва низомие, ки дошт Амир Темур ва ё ягона мири турктабори дигаре сохта наметавонист. Аз ин рӯ онҳо мероси миллии мо ҳастанд, агарчи дар ҳамаи катибаву осорхонаҳои Ӯзбекистон навиштаанд, ки ба онҳо нисбат дорад.

Маҳсули фазою муҳити адабию илмӣ ва фарҳангии муаян будан, ба он таалluқдоштан дар асл маънои онро дорад, ки ин шоир, ё олим, ё ҳунарманд бозтобдиҳандаи андеша, фикр ва ҳувияти кадом миллат аст. Ва ин омил дар интисоби арзишҳои миллӣ асосӣ мебошад. Темур Зулфиқоров, ки худро гаштаю баргашта таъкид мекунад, ки нависандаи тоҷик аст, агарчи ба забони русӣ менависад, дуруст мегӯяд. Зеро на танҳо мавзӯъ, мавод, макон ва замони навиштаҳояш, қаҳрамонҳояш тоҷикӣ, тафаккур ва ҳувияташ мебошанд.

Масъалаи дигаре, ки вобаста ба интисоби арзишҳои миллӣ ба миён гузоштанӣ ҳастем ва даъват мекунем, ки дар ин бора низ бо мулоҳиза биандешем, интисоби ин ва ё он аризишҳои адабии гузаштаамон ба Эрон ва ё ба Тоҷикистони имрӯза мебошад, ки дар ин замина низ, мутаассифона, сӯъитаассубҳо ва ифроту тафрит ҳам дар миёни эрониён ва ҳам эронитаборони муқими кишварҳои ғарбӣ зиёдаст. Қисме аз онҳо, аз қабили Эҳсони Ёршотир, ҶалолиМатинӣ ва Муҳаммадалии Надушан бар онанд, ки тоҷикон Фирдавсиву Хайёму Саъдию Ҳофизро аз худ кардаанд, ба худ нисбат медиҳанд ва ё ба таъбири устод Акбари Турсон бигӯем, «тоҷикизатсия» кардаанд. Дар байни аҳли адабу фарҳанг ва илми мо низ нафарҳое ҳастанд, ки адабиёту илму

ҳунари моро, аҳли Мовароуннаҳр, Варорӯдро аз адабиёту илму ҳунари Форс, ғарби Эрон тамиз диҳанд, ҷудо медонанд. Бояд барои онҳо гуфт, ки вижагии мовароуннаҳрӣ доштани адабу илму ҳунари мо ҳаргиз далел бар истиқлоли адабӣ, илмӣ ва ҳунарии мо нест. Адабу илму ҳунари мо дар замони бостон ва Садаи миёна муштарак буда, дар даврони баъдӣ низ, яъне пас аз қарни XVI ва ҷудоиҳои марзҳои сиёсию мазҳабӣ, равандҳои муштараки адабӣ, илмӣ ва ҳунарӣ дошт. Рӯдакиву Носири Хусраву Камоли Хуҷандӣ ба ҳамон андоза, ки барои мо тоҷикон азизанд, ба ҳамон андоза барои эрониён азизанд. Ва баръакс, Фирдавсию Ҳофизу Саъдӣ назди мо қадру манзалат доранд, ба андозае, ки наздики эрониён доранд.

Мушаххас, таҳқиқ ва муқаррар намудани меъёрҳои илмии интисоби арзишҳои миллӣ барои ба таври дуруст муайян кардани интисоби воқеии ин ва ё он адиб, олим, фарҳангӣ ва ғайра мусоидат хоҳад кард ва ба сарзадани баҳсҳои бебунёд ва ғайриилмӣ имкон нахоҳад дод.

Ин кор зарурат ба таҳқиқи пайгирона ва баргузор намудани ҳамоишҳои илмӣ ва амалии байналмилалӣ ва минтақаӣ дорад. Меъёрҳо ва роҳҳалҳои ёфтаамонро бо аҳли илму адаб ва фарҳанги кишварҳои дигари минтақа ва мамлакатҳои ҳамзабонамон ҳамгун бисозем.

Орзу мекунам, ки «чашми охирбинеро», ки Мавлономегӯяд, моро насиб гардад, то ростро, ҳақиқатро бибунем ва онро ошкор намоем. Мавлоно «Маснавӣ» фармудааст:

*Чашми охирбин тавонад дид рост,*
*Чашми охурбин ғурурасту хатост.*

**Хуршед ЗИЁӢ**
**доктори илмҳои фалсафа, профессор**

## МЕРОСИ МАНСУРИ МАВЛОНО ВА АҲАМИЯТИ ОН ДАР РУШДИ ИЛМУ ФАРҲАНГИ ТОҶИК

Дар мақола се асари мансури шоир ва донишманди бузурги тоҷик Ҷалолуддини Румии Балхӣ - «Маҷолиси сабъа», «Мактубот» ва «Фиҳӣ мо фиҳӣ» мавриди баррасӣ қарор гирифта, аҳаммияти онҳо дар омӯзиши ҳаёт ва эҷодиёти муаллиф, инчунин дар таҳқиқи рушди илму фарҳанги тоҷик кушода шудааст. Дар ин зимн хусусиятҳои шаклию бадеӣ, услубию забонӣ ва мундариҷаи фалсафию тасаввуфӣ, динию мазҳабӣ, ахлоқию иҷтимоии осори мазкур мавриди таҳлилу хулосабарорӣ қарор гирифта, зарурати чопи мукаммалу интиқодии осори мазкур таъкид ёфтааст.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ки ташаббускори баргузории Конфронси байналмилалии илмӣ - «Мавлоно ва гуфтугӯи тамаддунҳо» дар Душанбе, дар рӯзҳои 6-7 сентябри соли 2007 бахшида ба 800-умин солгарди мавлуди донишманди бузурги тоҷик Мавлоно Ҷалолуддини Румии Балхӣ (1207-1273) буданд, барҳақ зикр кардаанд: «Дар ҷараёни омодагӣ ба ин ҷашни бузург осори ҷовидонаи Мавлоно – «Маснавии маънавӣ», «Девони кабир» ва «Фиҳӣ мо фиҳӣ» ба табъ расида, намунаҳои гуногуни чакидаҳои хомаи ин мутафаккири амиқназар дар шаклҳои мухталиф – мунтахабот, қитъаот, тарҷумаҳо ва ғайра дастраси доираи васеи хонандагон гардиданд. Ҳадафи аслии мо аз иҷрои ҳамаи ин чорабиниҳо шинохти амиқ ва беҳтари ганҷинаи афкор ва корномаи инсонгароии Мавлавии Кабир, истифодаи оқилона ва босамари он дар тарбияи худшиносӣ ва худогоҳии миллат ва рушду камоли

маънавияти ҳар фарди Ватан буд ва ин кор минбаъд низ идома хоҳад ёфт[1]».

Барои расидан ба ҳадафи зикршуда бошад, бояд осори мансури ин мутафаккир ба таври мукаммал ба нашр расонида шавад. Хушбахтона, дар солҳои охир дар нашри ин осори Мавлоно, ки на танҳо дар омӯзиши ҳаёт ва эҷодиёти муаллиф, балки дар таҳқиқи рушди илму фарҳанги тоҷик аҳаммияти хосса доранд, қадамҳои устуворе гузошта шуданд.

Чунонки маълум аст, ба қалами Мавлоно се асари мансур муталлиқ аст: «Маҷолиси сабъа», "Фиҳӣ мо фиҳӣ" ва "Мактубот". Асари аввалӣ - «Маҷолиси сабъа», ки барои хонандагони тоҷик дар шакли баргардон аз хатти форсӣ бо хатти кириллиасос дар соли 2014 пешниҳод гардидааст, фарогири ҳафт хутба, хитоба ё маҷлиси вазъи Мавлоно аст. Ҳар маҷлиси китоб бо хутба бо забони арабӣ дар насри мусаҷҷаъ оғоз шуда, баъди он муноҷот ё навъе аз дуо бо забони тоҷикии форсӣ бо насри мусаҷҷаъ меояд.

Муҳтавои хутбаҳои ҳар яке аз ҳафт маҷлиси Мавлоно тахминан чунин тартиб дорад: муаллиф дар ибтидо оёти қуръонӣ ё ҳадиси набавӣ оварда, баъдан онро бо овардани ҳикоятҳо, қиссаҳо, пораҳои шеър ё худ бо истинод ба оётҳои қуръонӣ ва ҳадисҳои набавии дигар шарҳ медиҳад. Аз ҷиҳати муҳтаво «Маҷолиси сабъа», ба эътиқоди муҳаққиқи туркӣ Абдулбоқӣ Гулпинорлӣ, пеш аз ҳама аз он соҳиби аҳамияти бузург аст, ки аз мавзӯъҳои раҳоӣ аз фасоду гуноҳ, нишон додани қудрати имони инсон, худро фидои раҳоии дигарон кардан, арзишмандии илм, дурӣ аз ғафлат ва аҳаммияти ақл барои инсон иборат аст[2]. Муҳаққиқи эронӣ доктор Тавфиқ Ҳ. Субҳонӣ бошад, аҳаммияти «Маҷолиси сабъа»-ро пеш аз ҳама дар он мебинад, ки ин китоб калиди фаҳмиши «Маснавии маънавӣ»-и Мавлоно ва такмили асари мансури ӯ «Фиҳӣ мо фиҳӣ» буда, забони содаву шево дорад ва намунаи комиле аз насри даврони Мавлоност[3].

---

[1] Раҳмон Эмомалӣ. Мавлоно ва тамаддуни инсонӣ. – Душанбе: «Бухоро», 2012.- С. 5.
[2] Субҳонӣ Тавфиқ. Пешгуфтор // Мавлоно Ҷалолуддини Румӣ. Маҷолиси сабъа.- Теҳрон, 1365 ҳ.- С. 13.
[3]Ҳамон ҷо.- С. 12.

«Маҷолиси сабъа» чунин як асари Мавлоност, ки моро бо ҳаёт ва ҷаҳонбинии ин нобиғаи Шарқ то бархӯрд бо Шамси Табрезӣ шинос менамояд. Чунонки маълум аст, маҳз баъди ҳамин вохӯрӣ Мавлоно аз минбари ваъзу воизӣ фуруд омад ва ба курсии шеъру шоирӣ ва ирфон нишаст. Ва дар ҳақиқат ҳам, дар ин даврон Мавлоно, ки бо суханони худ зоҳиди саҷҷоданишин буд, ибтидо аз вафоти падараш Баҳоуддини Валад то вохӯрӣ бо Шамс дар соли 1243, яъне ба муддати тахминан 12 сол муфтии шариат буда, фатвову тазкир медод, аз минбарҳо ваъз мегуфт ва маҷлисҳои хутбаву мавзиагӯӣ таъсис мекард. «Маҷолиси сабъа» бозгӯи махсусиятҳои маҳз ҳамин даврони фаъолияти Мавлоност.

Барои муайян сохтани асосҳои ҷаҳонбинии Мавлоно, ки дар саҳифаҳои «Маҷолиси сабъа» инъикос гардидааст, мехостем таъкид созем, ки дар маърифати Ҳастии мутлақ Мавлоно ба пуррагӣ ба роҳҳои ҳадсӣ ва ирфонии дарёфти Ҳақиқат такя мекунад ва таълимоти ӯ дар ин самт комилан дар чаҳорчӯби фавқулақлоният, ирратсионализм ё худ ирфони шарқӣ, тасаввуфи хуросонӣ қарор дорад. Вале ногуфта намонад, ки ин навъи ҷаҳонбинӣ, ки барои Мавлоно баъди вохӯрӣ бо Шамс хос гардид, баъзе решаҳо дар фаъолияти ӯ то ин вохӯрӣ низ дорад. Мисоли ин баъзе гуфтаҳои мутафаккир аз «Маҷолиси сабъа» метавонад бошанд, ки дар поин як намунае аз онҳо оварда шудааст: «Аз сурати даъво дар ҳақиқат маънӣ овехтанд ва ин тоифа соликони тариқат ва толибони айн-ул-ҳақ таъоло ва тақдис, ки дар анворуллоҳ афтодаанд. Гоҳе ҳаст аз ҷамоли аҳадият шуданд ва гоҳе нести камоли самадият гаштанд. Дар нести ҳастӣ ва дар ҳасти нестии лутфу қаҳр бимонданд[4]».

Ин мисоли боло оҳангҳои сӯфиёна дорад, вале дар ҳар сурат гуфтан мумкин аст, ки дар «Маҷолиси сабъа» шахсияти Мавлоно бештар ҳамчун воизи минбар ва муфтии ислом зуҳур мекунад, ки аз масъалаҳои ирфонӣ дида, ба масъалаҳои динӣ ва ахлоқӣ таваҷҷуҳи бештаре дорад. Барои исботи ин таҳлили муҳтавои ҳафт хутбае, ки дар ин асар омадаанд, далелу бурҳони қотеъ буда метавонад.

Масъалаҳои ахлоқие, ки Мавлоно дар «Маҷолиси сабъа» бардошта ва ҳаллу фасл намудааст, то кунун аҳаммияти амалии

[4]Мавлоно Ҷалолуддини Румӣ. Маҷолиси сабъа. – Душанбе, 2014.- С.80.

хешро гум накардаанд. Аз ҷумла, ҳирсу молу пул дар ин асар мавриди танқиди шадиди мутафаккир қарор гирифтааст: «Зару мол ҷодуи чашмбанд аст ва гӯшбанд аст. Қозиву ҳокиме, ки мӯй дар мӯй мебинад ба илму ҳунар, чун тамаи молу ришват кунад, чашми ӯ бибандад ва ба рӯзи равшан золимро аз мазлум нашиносад[5]».

Ситоиши ақл ва илму амал низ дар сафҳаҳои «Маҷолиси сабъа» мавқеи назаррас дорад. Чун олиму донишманд ва фақеҳи исломӣ Мавлоно иброз медорад, ки «боди илм ва оби илм аз баҳри ниҳоли ниҳоди одамӣ фиристодаанд… Агар синаи ғам дорӣ, насими илму ҳикмат дарахтвор бикаш. Агар ҷигари бирён дорӣ, аз оби ҳаёти амал ташнавор бичаш[6]».

Барои мутафаккир илму маърифате фоидаовар маҳсуб аст, ки аз гуфтани беҳуда ва суханпардозиҳои бемаънӣ дур бошад. Дар ин ҷода як рубоии Мавлоно, ки ташбеҳҳо дар бораи моҳӣ дорад, хеле ҷолиб аст:

Гар дар сару чашм ақл дорию басар,
Бифрӯш забонрову сар аз теғ бихар.
Моҳӣ тамаъ аз забони гӯйё бибрид,
З-он менабуранд аз тани моҳӣ сар[7].

Ҳунаромӯзӣ низ яке аз мафҳумҳои калидист, ки дар ваъзҳои Мавлоно ҷойгоҳи баланде дорад. Ин маъниро ӯ чунон шарҳ додааст, ки ба фаҳмиши илми муосири фарҳангу адабиётшиносӣ хеле қаробат дорад. Аксари муҳаққиқони ин соҳаҳо чунин меҳисобиданд, ки ҳунару ҳунармандӣ бо эътирофу шарафёбӣ тавъаманд ва ҳар ҷо, ки истеъдоде бошад, шараф меҷӯяд. Дар суханони Мавлоно ин ду мафҳум - «истеъдод ва шараф» ба таври маҷозӣ - бо калимоти «ҳунар» ва «дӯкон» ифода ёфтаанд: «Мо чунин хосият ниҳодаем дар ҳар соҳибҳунаре ва ҳар пешаваре, ҳар устоди коре аз заргаре ва ҷавҳаре ва симиёгаре ва кимиёгаре ва пешаварон ва олимон ва муҳаққиқон, ки ҳамвора дар ҷӯш бошанд ва ҳунари худ ошкоро кунанд. Он ҷӯш мо ниҳодаем ва он талаб мо ниҳодаем, ки эшон беқарор шудаанд, ҳамчун он духтарони навболиғ дар хонаҳо чодар ва ҷамол

[5] Ҳамон ҷо.- С. 30.
[6] Ҳамон ҷо.- С.87.
[7] Ҳамон ҷо.- С.70.

мероянд, дар оина менигаранд ва мехоҳанд парда бидарронад ва ҷамол ба хосу ом бинамоянд ва аз миёни ҷон мегӯянд:

Моро ба дами пир нигаҳ натвон дошт,
Дар олами дилгир нигаҳ натвон дошт.
В-онро, ки сари зулф чу занҷир бувад
Дар хона ба занҷир нигаҳ натвон дошт.

Пас тақозои ҳамаи хубон ва ҳунармандон, ки меҷӯшанд бар худ, то ҷамол ва камоли худ бинамоянд, дӯконе металабанд, то бар он дӯкон ҳунари худ пайдо кунанд[8]».

Чунонки маълум аст, маъниҳои бикр оид ба рафоқату дӯстӣ, иттиҳоду ваҳдати ёрон дар ашъори Мавлоно зиёд ба чашм мерасанд ва то имрӯз дар шакли суруду таронаҳои хушоҳанг аз забони мардум садо медиҳанд. Перомуни ёрию дӯстӣ дар «Маҷолиси сабъа» низ андешаҳои баланди мутафаккир инъикос ёфтаанд. Вале ӯ инсонҳоро ба он даъват мекунад, ки дар рафоқату дӯстӣ аз ёрони бад канораҷӯӣ намоянд, зеро «ёрони бад гӯянд туро, ту они моӣ, мо они туем, дар марг ва зиндагонӣ мефармояд, ки ба он ғарра машавед, ки эшон мехоҳанд, то шуморо бад-ин дамдама ҳамчун худ фосид кунанд ва дар фасод кашанд. Чун шуморо олуда кунанд, на ёри шумо монанд ва на дӯсти шумо, аз шумо безор шаванд[9]".

Барои Мавлоно, ки бо аҳли футувват ошноии бевосита дошт, ахлоқи ҳамидае чун ҷавонмардию саховатпешагӣ низ мақоми арзанда доранд. Ҳамзамон ӯ ин мафҳумҳоро бо дур будан аз зоҳирпарастӣ ва худнамоишдиҳӣ ташвиқу тарғиб мекунад:

Бо ҳиммати боз бошу бо кибри паланг,
Зебо ба гаҳи шикору пирӯз ба ҷанг.
Кам кун бар андалебу товус диранг,
К-ин ҷо ҳама ҷо овосту он ҷо ҳама ранг[10].

Чунонки маълум аст, таълимоти Мавлоно бо ҳалли мушкилоти инсон ва инсонпарварии худ дар байни мактабҳои дигари фалсафа ва тасаввуф мавқеи намоёнро ишғол мекунад. Инсон дар осори ӯ ба ҳайси маркази доираи фалак қарор дорад ва ҳалли ин ё он масъалаи фалсафӣ мутафаккирро ҳатман ба

---

[8] Ҳамон ҷо.- С.88.
[9] Ҳамон ҷо.- С.38.
[10] Ҳамон ҷо.- С.49.

андеша дар бораи инсон меоварад. Инсон ва инсондӯстӣ, ки дар саҳифаҳои «Маҷолиси сабъа» омадааст, ин ҷанбаи таълимоти Мавлоноро барои мо боз ҳам равшантар мегардонад.

Дар ин самт Мавлоно инсонро ба мормоҳӣ монанд мекунад. Боду хок, аз назари ӯ, ғизои мори нафси аммора аст. Хокро мутафаккир ба ҳама чарбу ширинии дунё тамсил медиҳад. Бод бошад, ба андешаи ӯ «ҷоҳи амирӣ ва хоҷагӣ, ки одамӣ ҳамин, ки аз нон сер шуд, аз гуруснагӣ дасти орзуи боди хоҷагӣ дар сар мекунад, ки асли мо чунин будааст ва мо чунин муҳтарам будаем. Мансаб талаб мекунад он нафси морпора, чун ин хоку бод фаровон ёфт, аждаҳое мешавад ҳамчун Фиръавн[11]».

Дар мисоли «Маҷолиси саъба» як хусусияти дигари эҷодиёти Мавлоноро, ки иборат аз истифодаи қиссаву ҳикояҳо аст, метавон таҳлил намуд. Чунонки маълум аст, дар «Маснавӣ»-и мутафаккир қиссаҳои гуногун бо таҳлилоти илмӣ аз аввал то охир дар омезишанд. Мутафаккир қиссае, воқеаи муқаррарие ё худ латифае оварда, баъди он андешаҳои назариявии худро дар мушкилтарин масоили тасаввуфу ирфон ва амсоли он баён мекунад. Ба ибораи дигар, камтарин таҷрибаи инсонӣ ҳам барои Мавлоно воситаи таълим аст. Ногуфта намонад, ки ин услуб, ки дар осори Абдуллоҳи Ансорӣ, Саноӣ ва дигарон решаҳо дорад, дар «Маориф»-и падари Мавлоно - Баҳоуддини Валад низ ба хубӣ корбаст гардида буд ва минбаъд онро писараш Султонвалад ҳам ба таври худ истифода кардааст.

Дар ин самт дар «Маҷолиси саъба» қиссаҳои хеле зиёд метавонад мавриди таваҷҷуҳ бошад. Аз ҷумла, дар маҷлиси аввал Мавлоно қиссаи ҷонсӯзи кушта шудани Ҳамза ва тавбахоҳии қотили ӯ Ваҳширо вобаста ба шарҳи манфиати тавба ва қиссаи ибратомӯзи роҳиб Барсисоро, ки дар роҳи ишқ ба ҷавондухтари зебо тӯъмаи нафс гардид, барои тафсири раҳоӣ аз нафс ва пайвастан ба ақл мисол меорад. Ҳамчунин, дар маҷлисҳои минбаъдаи ин асар қиссаҳо дар бораи қассоб ва лошахӯр, рӯбоҳ ва табл, Сулаймон, Билқис ва пайки ҳудҳуд, Ҳорисаи муъмина, хурмофурӯшу зани зебо, Озими ҳайратзада, тавбаи Саълаба аз гуноҳ, тақводории Ҳабиби Аҷамӣ чун

[11] Ҳамон ҷо.- С.92.

ризқрасони ӯ, гови бемори «ҷӯъулбақар», шинохти насли оҳу ва гург ва амсоли он хеле аз ҷиҳати ахлоқӣ ибратомӯзанд.

«Маҷолиси саъба»-и Мавлоно Ҷалолуддини Румӣ на танҳо аз ҷиҳати мундариҷа фарогири мавзӯъҳои муҳимми динӣ, фиқҳӣ ва фалсафию ирфонӣ аст, балки аз рӯи хусусиятҳои бадеию забонӣ низ метавонад маводи хубе барои таҳқиқоти олимони соҳаҳои адабиёту забоншиносӣ бошад. Вале ин ҷо мехостем, ки вобаста ба забону бадеиёти ин асар ва ҳамчунин масъалагузорӣ дар ваъзҳои он баъзе нуктаҳоро барои ходимони динии кишвари муосири мо хотиррасон шавем. Қаблан мехостем зикр намоем, ки Пешвои муаззами миллат дар мулоқоти худ бо намояндагони аҳли ҷоеаи мамлакат дар соли 2013 дар ин хусус таъкид дошта буданд: «…ходимони дин ва шахсиятҳои рӯҳонӣ дар ҳар як сӯҳбату амри маъруфи худ бояд ҷавононро дар баробари риояи ахлоқу одоби ҳамидаи инсонӣ ба омӯхтани илму дониш, азхуд кардани касбу ҳунарҳои замонавӣ … даъват намоянд. Ин аз воҷиботи динӣ ва қарзи инсонии онҳост[12]».

Вобаста ба ин мавриди зикри хос аст, ки Мавлоно дар ваъзҳои худ ба интихоби оятҳо ва ҳадисҳои паямбар аҳамияти махсус медиҳад ва танҳо ба масъалаҳои ҷовидонӣ рӯ оварда, аз ҷузъиёти беҳуда канораҷуӣ менамояд. Ин кори ӯ барои воизони муосири мо, ки баъзе аз онҳо хурдагириҳои ноҷо мекунанд, ба масъалаҳои ҷузъие, ки ба ҳаёти рӯзмарраи дунявӣ алоқаманд буда, берун аз рисолати дину мазҳабанд, рӯй оварда, исломи поки нобро ба самти нопокизагиҳо мекашанд, хеле ибратомӯз аст.

Забони ваъзҳои Мавлоно ва масъалагузории ӯ тавъаманд, яъне ҳам ин баланд аст ва ҳам он олӣ. Барои мисол аз муқаддимаи ваъзҳои мутафаккир, муноҷоти ӯ ва дуоҳояш чанд намуна меоварем, ки шояд барои ходимони дин ва шахсиятҳои рӯҳонии мо, ки баъзан қабеҳгӯиҳо мекунанд, дар иҷрои боназокати рисолати онҳо дар самти тарбияи ахлоқии аҳли ҷомеаи Тоҷикистон кӯмаке кунанд.

Дар муқаддимаи ваъзҳояш Мавлоно бо насри мусаҷҷаъ, яъне бо истифода аз ҷумлаҳои мансури қофиядор ва бо услуби илмӣ

---

[12]Раҳмон Эмомалӣ. Суханронӣ дар мулоқот бо намояндагони аҳли ҷомеаи мамлакат. 4 июли соли 2013.

ситоиши Холиқ, паямбар ва асҳоби ӯро мекунад: «Сипос бар он Худое, ки … фалаки гирандаро дар укёнуси сабзи осмону киштиро бар сафҳаи бекарони дарёҳо ба ҳаракат даровард, тӯдаи абрҳоро бар гӯшаи фазо падидор сохт[13]».

Муноҷот дар ваъзҳои Мавлоно, ки бо забони шевои тоҷикӣ ва ҳамчунон бо насри мусаҷҷаъ гуфта ё дақиқтараш суруда шудаанд, бо истифода аз бадеиёти комил ва калимоту мафҳумҳои орифона таваҷҷуҳи шунавандаро бедор сохта, ӯро бехаёл ба олами маърифату муқаддасоти ҷовидона мебаранд: «Малико ва подшоҳо! Оташҳои ҳирси моро ба оби раҳмати хеш биншон. Ҷони муштоқонро шароби ваҳдат бичашон. Замири дили моро ба анвори маърифат ва асрори ваҳдат мунаввару равшан дор… Моро аз душманкомии ҳар ду ҷаҳон нигоҳ дор. Он чӣ душманон мехоҳанд бар мо, аз мо дур дор. Он чӣ дӯстон мехоҳанд ва гумон мебаранд, моро олитару беҳтар гардон. Эй хизонаи лутфи ту бепоён ва эй дарёи бопаҳнои бокарами ту бекарон![14]».

Дуоҳое, ки дар «Маҷолиси сабъа»-и Мавлоно омадаанд, билкул аз дуои қориёну намозгузорони муқаррарӣ тафовут дошта, маъниҳои рӯзмарраи дуогузоронро ба таври саҳли мумтанеъ ба самъи шунаванда мерасонанд: «Фалаки бозигар ҳамчун шаббозон аз паси чодари хаёлоти исторагон ва лӯъбатони сайёрот бозиҳо берун меорад ва мо чун ҳангома бар гирди он бозӣ мустағарқ шудаем ва шаби умр ба поён мебарем. Субҳи марг бирасад ва ин ҳангомаи шаббози фалак сард шавад ва мо шаби умр ба бод дода. Ё раб! Пештар аз он, ки субҳи марг бидамад, ин бозиро бар дили мо сард гардон, то ба ҳангом аз ин ҳангома берун оем ва аз шабравон боз намонем[15]».

Чанд сухани болоро хулоса карда, метавон бо итминони комил таъкид сохт, ки асари Мавлоно Ҷалолуддини Румӣ - «Маҷолиси саъба» бо он аҳаммияти илмӣ, бадеӣ ва диншиносие, ки дорад, метавонад дар тарбия ва болобарии сатҳи маърифати насли имрӯзу фардои ин миллат саҳми муайяне дошта бошад. Он як роҳнамои хубе барои аҳли илму маориф, муҳаққиқону

---

[13]Мавлоно Ҷалолуддини Румӣ. Маҷолиси сабъа. – С.65.
[14] Ҳамон ҷо.- С.16.
[15] Ҳамон ҷо.- С.82.

ходимони дин ва тамоми ҳаводорони каломи мансуру манзуми Мавлоно мебошад.

Дар асари дигари мансури Мавлоно - «Мактубот» ҳуҷҷатҳои гуногун дар ҳаҷми аз як то ду саҳифагӣ ҷамъоварӣ шудаанд. Ин ҳуҷҷатҳо асосан номаҳо ва муроҷиатҳои Мавлоно ба ҳокимону ашрофони Қӯния, аҳли оила ва дӯстони ӯ мебошанд. Тазаккур бояд дод, ки номаҳои Мавлоноро шогирдон ва фарзандону ёру дӯстони ӯ ҷамъ оварда, дар шакли китоби алоҳидае ҷилд кардаанд. Дастхатҳои ин муҷаллад дар китобхонаҳои Туркия маҳфуз буда, онҳо дар шакли китоби алоҳида дар соли 1356 ҳиҷрии қамарӣ дар Истанбул ба нашр расидаанд. Баргардони номаҳо аз хатти форсии арабӣ ба хатти кирилиасоси тоҷикӣ дар соли 2017 бо теъдоди хеле каме нашр шудааст.

Қисмати асосии китоби «Мактубот» фарогири 144 мактуб ё номаҳои Мавлоно аст. Ба ин шумора ҳамчунин чанд мактубе дохил мешавад, ки шояд ба худи Мавлоно аз ҷониби касони дигар навишта шудаанд ё нома набуда, мулоҳизоти сабтшудаи муаллифро оид ба ин ё он мавзӯъ дар бар мегиранд, ё дар чанд маврид такрори ҳамдигаранд.

Номаҳои Мавлоно дар «Мактубот», чунонки дар боло ҳам таъкид ёфт, ба ашхоси мухталиф нигаронида шудаанд. Баъзе шахсиятҳое, ки Мавлоно ба унвонии онҳо ин номаҳоро навиштааст, инҳоянд: фарзандонаш БаҳоуддинваАлоуддин, Муъинуддин Парвона - вазири давлати Салҷуқиёни Рум дар аҳди Мавлоно, Ноиббек, Малика, Оли Довуд, Сувбошибек, Атобек – аз амирону ҳокимони маҳаллии давлати Салҷуқиёни Рум ва ғайра.

Мавзӯъҳои муроҷиати Мавлоно дар номаҳояш гуногунанд ва оид ба ин нукта муҳаққиқони эронӣ Юсуф Ҷамшедпур ва Ғуломҳусайн Амин зикр доштаанд: «Ин номаҳо барои ташреҳу тафсири матолиби ирфонӣ ва ғавомизу муаззалоти тасаввуф нест, балки ағлаби онҳо супоришномаҳоест, ки ба хотири муридону ниёзмандон худ ба ашхоси зинуфуз навишта аст, вале камтар

номае дида мешавад, ки дар он асаре аз нукоти маърифату латоифи тариқат набошад[16]».

Ҷолиби зикр аст, ки тавассути омӯзиши амиқи номаҳои Мавлоно метавон маълумоти иловагӣ оид ба ҳаёту фаъолияти мутафаккир, махсусан муносибатҳои ӯ дар оила, бо ёрону дӯстон ва бо ҳокимони давр пайдо кард. Аз ҷумла, маълум мегардад, ки Мавлоно ба ҷуз хонааш берун аз шаҳр боғе доштааст, яке аз писаронаш ба ӯ мушкилоти оилавӣ эҷод мекардааст ва ғайра. Табиист, ки ин маълумот баррасии алоҳидаро тақозо мекунад.

Чун аз муҳтавои номаҳои Мавлонои Румӣ сухан меравад, қобили қайд аст, ки дар онҳо ҳам оҳангҳои сӯфиёна, ҳам фақеҳона ва ахлоқию иҷтимоӣ баръало ҳувайдоянд. Аз ҷумла, ӯ ҳокимону амиронро барои ҳалли масъалаҳои ҷомеа давъват мекунад, аз онҳо барои таъмини амнияти мардум сипос мегӯяд: «Алҳамду лил лоҳ,  ки аҳли ислом ба авдаси рикоби маймуну мавкуби ҳумоюни шумо шодмон гаштанду ғубори ошӯбу фитна аз бисоти рӯзгор ба ҷорӯби адлу инсоф барафшонда шуд[17]".

Масъалаҳои маърифати тасаввуфӣ, аз қабили худшиносиву Худошиносӣ низ дар номаҳои Мавлоно инъикос гардидаанд. Дар онҳо ашъори баландпояе низ иқтибос оварда шудаанд, ки моли худи муаллифанд ё аз шоирони дигар ба орият гирифта шудаанд. Мавзуъҳои ин ашъор гуногун аст. Аз ҷумла, дар бораи ишқи илоҳӣ ва инсонӣ абёти зерини ӯ ҷолиби таваҷҷуҳанд:

*Устоди ту ишқ аст, ту он ҷо бирасӣ,*
*Ӯ худ ба забони ҳол гӯяд, чун кун[18].*

Дар мавзӯъҳои ахлоқӣ, аз ҷумла мардонагиву рафоқат бошад, байти поин аз номаҳои Мавлоно хеле пуртаъсир аст:

*Аз садаф дур талаб, зи оҳу ноф,*
*Дил зи мардон талаб, зи нодон лоф[19].*

Дар хусуси саховату саховатмандӣ низ мутафаккир ашхосеро, ки дар номаҳояш ба онҳо мурочиат мекунад, пайваста таъкид мекунад:

---

[16]Муқаддима // «Мактубот»-и Ҷалолуддин Муҳаммад машҳур ба Мавлавӣ бо муқаддима, ҳавошӣ ва таълиқот. –Теҳрон, 1336 ҳ.ш. – С.  31-32.
[17]Мавлоно Ҷалолуддини Румӣ. Мактубот. – Душанбе: «Ирфон», 2017.- С.110.
[18] Ҳамон ҷо.- С.12.
[19] Ҳамон ҷо.- С.13.

*З-он пеш, ки додаро аҷал бистонад,*
*Ҳар дод, ки доданист, мебояд дод*[20].

На танҳо пораҳои манзум, балки насри мусаҷҷаъ низ, ки Мавлоно аз он дар номаҳояш зиёд истифода мекунад, ҳам аз ҷиҳати шакл ва ҳам аз лиҳози мазмун хеле моҳиронаву воло аст: “... хоноқоҳ ва хайрот, ки дар олам бино кардаанд, бар умеди он кардаанд, ки бандаи Ҳақ, на бандаи дақ ва ёри хоса, на ёри коса ва ошиқи диндор, на ошиқи динор ва дарвеши ҷондор, на дарвеши нонхор бошад, ки рӯзе аз иқбол иттифоқан дар ин иморат гузар кунад[21]”.

Номаҳои Мавлоно аз ҷиҳати шаклу мазмун имконият медиҳанд, ки қонунмандиҳои шаклу навъи мукотибот - жанри эпистоляриро дар таърихи асрҳои миёнагии мардуми тоҷик таҳқиқ намоем. Чунонки маълум аст, номи ин навъи наср – “эпистолярӣ”, аз решаи калимаи юнонии “нома” буда, мутахассисон одатан аз ду навъи мукотибот - шахсӣ ва корию расмӣ сухан мекунанд. Сохтори як номаро бошад, дар шакли хеле одияш ба якчанд қисмат, аз қабили қисми мурочиат, мазмуни асосии нома, эҳтиромоти хулосавию ниҳоӣ, имзо ва таърихи китобат тақсим мекунанд.

Дар номаҳои Мавлоно, ки ҳам шахсӣ ва ҳам корию расмианд, ин махсусиятҳои дар боло зикршуда ба таври айён ҳувайдоянд. Аз ҷумла ӯ мурочиат мекунад: “Саломи Ҳақ ва раҳмати абадӣ бар зоти шарифи маликул умаро, боситул адл, носирул ҳақ, абил мулук вас салотин, адомал лоҳу улуваҳу бодӣ![22]”.

Оид ба қисмати мазмуни асосии нома дар мисоли номаҳои Мавлоно болотар сухан рафт. Дар қисмати эҳтиромоти хулосавию ниҳоӣ бошад, дар ин номаҳо чунин сохтори навъи мукотибот низ аксаран риоя гардидааст. Масалан: “Аз баҳри рӯзе, ки умед медоред, ки Қаҳҳори мутлақ тақсирҳои шуморо афв кунад,дар онрӯзе,ки касеро заҳраи шафоат кардан набошад,аз ин заифи мрӯз захира созаду ҷиҳати он умеди шафоати индоӣ қабул

20 Ҳамон ҷо.- С.26.
21 Ҳамон ҷо.- С.100.
22 Ҳамон ҷо.- С.32.

кунад, то миннатҳо дошта ояд ва савоб ҷазил ва санои ҷамил ҳосил ояд. Ҷовид муҳсинбод, омин ё раббал оламин[23]".

Вале аксарияти номаҳои Мавлоно дар шакли то мо расида, бе қисмати имзоянд ё кулли онҳо сабти таърихи нигориш надоранд. Аз ҷумлаи имзоҳои Мавлоно чунин мисол метавон овард: "Алмуфтахару бидуоҳи, Муҳаммад бин Муҳаммад бин Алҳусайн Албалхӣ[24]".

Забони номаҳои ин шоиру мутафаккири барҷаста асосан тоҷикӣ аст, аммо дар дохили матн муаллиф калимоту иборот, ҷумлаҳои комил, пораҳои манзуму мансурро дар забони арабӣ зиёд истифода кардааст. Чанд номаи мутафаккир бошад, пурра бо забони арабӣ мебошад. Ҳамчунин, дар чанд номае миқдоре калимаву ибороти туркӣ низ мавриди истифодаи муаллиф қарор дорад.

Дар забони номаҳои Мавлоно забони тоҷикӣ бо тамоми шукуҳу шаҳоматаш мунъакис аст. Дар баробари ин баъзе калимотеро метавон пайдо намуд, ки махсусанд. Аз ҷумла, истифодаи калимаҳои "идрорӣ" ё "ҷомагӣ" ба маънии идрорпулӣ (стипендия): "Ҷамоате аз фарзанд онимо, ки дар мадрасаи Қаротой,раҳамаҳуллоҳу,идрорӣ доранд, хоифанд, ки мударриси бегона биояд ва ҷонро мутаарриз шавад ва мудоро ва муросо, ки сайидулмударрисин Шамсиддин мекунад бо фарзандони мо,он бегона ба акси он кунад[25]"; "Тавфиқ аз макорими ахлоқ ва лутфи шомили Шумо он аст, ки дар тақрир ва итмом ва таъйини ҷомагӣ ҳарҷӣ вофиртар ва бештар саъй фармоянд...[26]".

Ё худ истифодаи калимаи "шабгардак" ба маънии маҳфили шабонаи тӯйи арӯсӣ аз ҷониби мутафаккир ва даҳҳо калимоту ибороти дигар аз назари забоншиносии муосири тоҷик хеле ҷолибанд: "...ва аз баҳри сапедрӯии абадии ин падар ва аз они худ ва аз он ҳама қабила хотири эшонро азизи азиз дорад ва ҳар рӯзрову ҳар шабро чун рӯзи аввал ва шабгардак донад дар сайд кардан ба доми дилу ҷон...[27]".

---

[23] Ҳамон ҷо.- С.50.
[24] Ҳамон ҷо.- С.69.
[25] Ҳамон ҷо.- С.76.
[26] Ҳамон ҷо.- С.33.
[27] Ҳамон ҷо.- С.114.

Хулоса, дар асоси “Мактубот” муҳаққиқону ҳаводорони осори Мавлоно имкон доранд, ки на танҳо аз ҳаёт ва фаъолияти ин сӯфии оламгир маълумоти бештар пайдо кунанд, балки махсусиятҳои иҷтимоию фарҳангии даврони ӯ ва ҷанбаҳои мухталифи таълимоти мутафаккир ва хусусиятҳои бадеӣ, услубӣ ва забонии ин осорро амиқтар таҳқиқу баррасӣ намоянд.

Асари Мавлоно - «Фиҳӣ мо фиҳӣ» низ асари мансур буда, муаллиф онро дар пайравии асари падараш Баҳоуддини Валад «Маориф» эҷод кардааст. Дар асар баъзе масоили дар асарҳои дигари ӯ буда такрор шудаанд. Ин асар дар шакли дастхат дар солҳои 716 ҳиҷрии қамарӣ ва 751 ҳиҷрии қамарӣ дар Осиёи Сағир (Туркияи имрӯза) интишор гардида, нусхаҳои он дар китобхона ва музейҳои ин кишвар маҳфузанд. Дар замони муосир китоби мазкур се бор дар шакли пурра ва як бор дар шакли гузида аз он дар Эрон ба табъ расидааст. Бори аввал матни пурраи «Фиҳӣ мо фиҳӣ»-ро муҳаққиқи шинохтаи эронӣ Бадеъуззамони Фурӯзонфар дар соли 1330 ҳиҷрии шамсӣ дар шаҳри Теҳрон аз нашр баровардааст, ки он дар асоси дастхатҳои дар боло зикршуда таҳия гардидааст. Бори дуюму сеюм матни ин асари Мавлоноро Ҷаъфар Мударрис Содиқӣ дар солҳои 1372 ҳиҷрии шамсӣ ва соли 1374 ҳиҷрии шамсӣ дар Теҳрон ба табъ расонид, ки дар асоси ҳамон матни нашрнамудаи Бадеъуззамони Фурӯзонфар аст.

Гузидаи «Фиҳӣ мо фиҳӣ» дар Эрон аз ҷониби Ҳусейн Қумшаӣ ба табъ расида, онро муҳаққиқи тоҷик Абдуллоҳ Шавактӣ дар соли 2007 бо хатти кириллиасоси тоҷикӣ баргардон ва ба табъ расонид. Қобили зикр аст, ки ин гузида дар қиёс бо Қуръон иборат аз 114 пораи мунтахаб аз матни «Фиҳӣ то фиҳӣ» тартиб дода шуда, бештар характери тафсирӣ дорад ва нашри интиқодии матни ин асари Мавлоно ба ҳисоб намеравад. Аз ҷумла, матни кириллиасос аз 302 саҳифа иборат аст, ки аз он 47 саҳифа пешгуфтор, 172 саҳифа шарҳу таълиқот, 17 саҳифа шарҳи луғат, ҷамъ 236 саҳифа буда, матни асл ҳамагӣ 60 саҳифа ё 20 фисади китоби ба табъ расонидаро дар бар мегирад.

«Фиҳӣ мо фиҳӣ», ба иттилои муҳаққиқони эронӣ, дар шакли дастхат бо номҳои «Китоби фиҳӣ мо фиҳӣ» ё «Асрор-ул–ҷалолия» зикр шудааст. Дар дафтари панҷуми «Маснавии маънавӣ» худи Мавлоно ин китобро бо номи «Мақолот» ёд кардааст. Вале ин асар бештар бо номи «Фиҳӣ мо фиҳӣ» машҳур

аст. Маънии номи асар таҳтуллафз аз тарҷумаи арабӣ «Дар ӯст, ҳар он чӣ дар ӯст» мебошад ва сарчашмаи ин ибораро дар маъхазҳо ва таҳқиқоти муосир ба таври гуногун тафсир кардаанд. Аз ҷиҳати моҳият ин ибора мафҳуми машҳурро аз фалсафаи донишманди шинохтаи олмонӣ Иммануил Кант - «чизҳо дар худ» ба ёд меорад.

Оғозу анҷоми таълифи «Фиҳӣ мо фиҳӣ» аз ҷониби Мавлоно маълум нест, вале тахмин меравад, ки мутафаккир дар маҳфилҳои дӯстону шогирдон сухан мегуфт ва ибтидо аз соли 645 ҳиҷрии қамарӣ ва ё баъди вафоти ӯ муридон ва ё писараш Султонвалад ин суханонро тадвин кардаанд. Муҳаққиқи рус Э. Бертелс низ бар ҳамин ақида аст: «Ин китоб, ба тасаввури мо, чизе аз қабили қайди нимастенографии «сӯҳбатҳои» шайхи мутасаввиф бо муридони худ аст»[28].

Муҳаққиқи эронӣ Ҷаъфар Муддарис Содиқӣ чунин меҳисобад, ки матни дастнависҳои «Фиҳӣ мо фиҳӣ» дар шакли хом аст ва дар нашри Бадеъуззамони Фурӯзонфар ин хосияти дастнависҳо нигоҳ дошта шудааст. Дар матни асар фаслбандии он ба ягон қоида тобеъ набуда, дар як пора чандин маъниҳо бе робита бо ҳамдигар омадаанд. Аз ин рӯ ин асари Мавлоноро баъзан «машқи Маснавӣ» ҳисобидаанд. Доир ба мундариҷаи «Фиҳӣ мо фиҳӣ» низ муҳаққиқон ақидаҳои гуногунро баён кардаанд. Аз ҷумла, Бадеъуззмони Фурӯзонфар онро шарҳи «Маснавии маънавӣ» ҳисобидааст, Ҷаъфар Содиқӣ бошад, баръакс онро муқаддима ба «Маснавӣ» хондааст. Ин муҳаққиқ қайд менамояд, ки хонанда Мавлоноро дар «Фиҳӣ мо фиҳӣ» бепарда мебинад. Мавлоно дар ин асари худ савол мегузорад ва ба он ҷавоб мегӯяд, ҳадисе меорад ва онро шарҳ медиҳад. Бо ин сабаб забони асар намунаи дурахшони содданависӣ ва «ёдовари насри покизаи асри Сомонӣ» аст[29].

Дар маҷмуъ, асари Мавлоно - «Фиҳӣ мо фиҳӣ» чун ду асари дигари дар боло таҳлилшуда низ дар омӯзиши ҳаёт ва эҷодиёти муаллиф, дар таҳқиқи рушди илму фарҳанги

---

[28] Бертельс Е.Э. Избранные произведения. История персидско-таджикской литературы.- М., 1960.- С. 527.

[29]Мақолоти Мавлоно (Фиҳӣ мо фиҳӣ)-и Мавлоно Ҷалолуддин Муҳаммади Балхӣ (Румӣ).- Теҳрон, 1374 ҳ. - С. 22.

тоҷикзабонон дар Осиёи Сағир, мушаххассозии таълимоти тасаввуфи Хуросон, самтҳои инкишофи забон ва адабиёти тоҷик дар асрҳои миёна ва амсоли он аҳаммияти бағоят бузург дорад. Аз ин рӯ нашри матни пурраи ин асар боз як қадаме дар таҳқиқи мукаммали таълимоти ин орифи ҷаҳоншумул ва фарҳанги асримиёнагии миллати тоҷик хоҳад буд.

**Адабиёт:**


1. Бертельс Е.Э. Избранные произведения. История персидско-таджикской литературы.- М., 1960.
2. Мавлоно Ҷалолуддини Румӣ. Маҷолиси сабъа. – Душанбе, 2014.
3. Мавлоно Ҷалолуддини Румӣ. Мактубот. – Душанбе: «Ирфон», 2017.
4. Мақолоти Мавлоно (Фиҳӣ мо фиҳӣ)-и Мавлоно Ҷалолуддин Муҳаммади Балхӣ (Румӣ).- Теҳрон, 1374 ҳ.
5. Муқаддима // «Мактубот»-и Ҷалолуддин Муҳаммад машҳур ба Мавлавӣ бо муқаддима, ҳавошӣ ва таълиқот. –Теҳрон, 1336 ҳ.ш.
6. Раҳмон Эмомалӣ. Мавлоно ва тамаддуни инсонӣ. – Душанбе: «Бухоро», 2012.
7. Раҳмон Эмомалӣ. Суханронӣ дар мулоқот бо намояндагони аҳли ҷомеаи мамлакат. 4 июли соли 2013.
8. Субҳонӣ Тавфиқ. Пешгуфтор // Мавлоно Ҷалолуддини Румӣ. Маҷолиси сабъа.- Теҳрон, 1365 ҳ.

**Нуралӣ НУРЗОД**
**дотсенти кафедраи адабиёти классикии тоҷики Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров**

## ҶОЙГОҲИ ҶУҒРОФИЁИ ТАЪРИХИИ ФАРОРУД ВА СУННАТҲОИ ФАРҲАНГИ ТОҶИКӢ ДАР ОСОРИ МАВЛОНОИ БАЛХӢ

Мавлоно Ҷалолуддини Румӣ дар таърихи адабиёти форсӣ баробари ҳамчун орифи соҳибназар ва сӯфии соҳибмашраб эътироф гардидан, ба ҳайси шоири хаёлпардоз ва суханвари мумтоз шинохта шудааст, ки дар идомаи ҷодаи шуарои сӯфимашрабе чун Санойиву Аттор на танҳо барои нубуғи шеъри ирфонӣ, балки дар равнақи адаби форсӣ мақоми вижае дарёфта ва ба қавли худаш оташе дар бешаи андешаҳои муридону мухлисони шеър афрухт.Ҳатто ба рӯзгори хеш ин иродат ва идоматашро аз ҷодаи пешиниён ба гунаи зайл ҷилва рехта:

*Аттор рӯҳ буду Санойи ду чашми ӯ,*
*Мо аз пайи Санойиву Аттор омадем.*

Баҳси шинохти ҳунари нигорандагӣ ва партави арзишҳои бадеӣ дар осори Мавлоно дар пажӯҳишоти зиёде аз донишмандони Шарқу Ғарб ҷойгоҳи ҷудогона дарёфтааст ва ин ҷо аз таълифоти муҳаққиқоне чун Риналд Николсон, Анна Мери Шимел, Е.Э. Бертелс, Абулҳусайни Зарринкӯб, Бадеъуззамони Фурузонфар, Сируси Шамисо, Шафеии Кадканӣ ва дигарон ёдовар метавон шуд, ки ҳар яке ҳунари Мавлоноро дар оинаи пиндору тафаккури хеш бозшиносӣ кардаанд.

Мусаллам аст, ки бозтоби ҳунари шоирии Мавлоно ҷилваҳои вижае дорад ва як буъди кашфи он дар корбандии аносири ҷуғрофиёи таърихӣ ва фарҳанги тоҷикӣ дар осори шоир тазоҳур мекунад, ки дар меҳвари баррасиҳои ин мақола қарор мегирад. Ҳатто ҳадс ҳам метавон зад, ки ин мавзӯъ аксаран аз

марзи мабоҳиси донишмандони мавлавипажӯҳ то ҷое ҳам берун монда ё камтар ба он таваҷҷуҳ зоҳир гардидааст.

Мусаллам аст, ки дар осори Мавлоно, хоса дар «Маснавии Маънавӣ»-и ӯ ба вуҷуди шаҳру билод ва искону мавозеъи таърихие ишорат мешавад, ки ба гузаштаи ақвоми форсӣ, минҷумла тоҷикон пайванди қавӣ доранд. Масалан, дар қиссаи «Подшоҳ ва канизак», ки аввалин ҳикояти «Маснавӣ» маҳсуб мешавад, дар канори зикри шаҳри Самарқанд, ки искони меҳвари нақл ба шумор меравад, мавозеи Кӯҳи Ғотифар ва Сари Пул ёд шудаанд, ки ҳар ду ҳам ба ин шаҳр муртабит ҳастанд. Аввалӣ исми кӯҳест дар шаҳри Самарқанд ва сонӣ номи гузар ё маҳалле аз маҳаллоти ин шаҳри қадима:

*Набзи ӯ бар ҳоли худ буд бегазанд,*
*То бипурсид аз Самарқанди чу қанд.*
*Набз ҷасту рӯй сурху зард шуд,*
*К-аз самарқандии заргар фард шуд.*
*Чун зи ранҷур он ҳаким ин роз ёфт,*
*Асли он дарду балоро боз ёфт.*
*Гуфт: Кӯйи ӯ кадом аст дар гузар,*
*Ӯ Сари пул гуфту кӯйи Ғотифар…*

Ҳарчанд ҳадафи аслии корбандии мафоҳими ҷуғрофиёӣ дар ин қиссаи Маснавӣ бозтоби тафаккури ирфонӣ аст ва Самарқанд мазҳари асолат ва таҷаллӣ маҳсуб мешавад, аммо дар зимни ин Мавлоно нозукона ба ҳиҷрати заминии худ аз искони асли зист- Фароруди кабир ҳам ишорате мефармояд, ки Самарқанд дар он рӯзгор нигини ин мантақаи бузурги ҷуғрофии форсинишин ба шумор меомад. Ҷунбиши набзи канизак бо шунидани номи Самарқанд ва ду исми дигари ҷуғрофии муртабит ба ин шаҳри азим ишорат ба расидан ба асл мекунад ва ин ҳуруф бӯйи пироҳани Юсуфи асолатро барои солики роҳи тариқат меоварад. Маҷмӯи ҷусторҳо дар шинохти оғоз ва расидан ба кашфи рамзу рози аслӣ эҳтимоми соликро дар маърифати ҳақ бозтоб мебахшанд. Аз назари дигар, рамзист, ки Мавлоно нахуст дар «Найнома» аз дурафтодагии худ аз асли рӯҳонии хеш қисса мекунад ва тафсири ин ҷудойи аз васлу аслро бо ҳикояти «Шоҳ ва канизак» оғоз мекунад. Ин ҳадафи Мавлоно дар ду нукта ҷамъбаст мешавад:

а) Мавлоно бо нақли ин қисса ба тафсири найнома оғоз мекунад ва ба ибораи дигар достони мазбур сароғози хати ҳадафҳои Худовандгори «Маснавӣ»-ро рӯшан мекунад:

б) Мавлоно дар канори нақли ҷудоафтодагии рӯҳонии худ аз ҳиҷрати ҷисмонӣ ва дур мондан аз зодбуми аслии худ – Фарорудони бузург низ ҳикоят мекунад ва байти оғози қисса санади муҳкам бар ин гуфтор хоҳад буд:

*Бишнавед эй дӯстон, ин достон,*
*Худ ҳақиқат нақди ҳоли мост он.*

Нукоти дарунии достон ҳам рамзу роз ва падидаҳои фарҳангии тоҷикиро ошкор месозанд, ки ташреҳи бархе аз онҳо ин ҷо амри зарурӣ хоҳад буд. Мавлоно чаро самарқандии заргар мегӯяд ва ё ҳатто ба чӣ сабаб заргарро қаҳрамони достони худ мепазирад? Ба ин суол танҳо огоҳӣ аз фазилатҳои вижаи шаҳри Самарқанд ва суннатҳои фарҳангии он посух мегӯяд. Мусаллам аст, ки дар Самарқанд аксаран ба касби заргарӣ шуғл меварзанд ё ба таъбире дигар мустаъмалтарин пеша дар Самарқанд ин заргарист ва ба қавле дар ағлаби хонаводаҳо ин касб ривоҷи тамом дорад. Мардумони ин маҳал пайваста дар соҳили рӯди Зарафшон мераванд ва он ҷо зар мешӯянд. Маҳз, ҳамин рабти муҳками пешаи заргарӣ бо шаҳри Самарқанд Мавлоноро ба сӯи он мекашад, ки заргарро ба сифати қаҳрамон ва мушкилкушои рамзу роз бипазирад. Аз назари дигар, миёни табақоти мардум танҳо заргар аст, ки Мавлоно онро ба масобаи мазҳари ишқи заминӣ ва муҳаббати дунявӣ мепазирад ва Пири Румӣ ин матлабро зимни висоли ӯ бо канизак ин гуна тавзеҳ медиҳад:

*Ишқҳое к-аз пайи ранге бувад,*
*Ишқ набвад, оқибат нанге бувад.*

Мешавад гуфт, ки заргар баробари тимсоли муҳаббати маҷозӣ будан самбули нафси инсонӣ аст, ки дар адами он ба амри илоҳӣ парда аз рӯи маҷмӯи мушкилот бардошта мешавад.Марги заргар кушта шудани нафси аммора аст, ки канизакро ба сӯи шоҳ мехонад ва ин шоҳ ҳам рамзе аз маъшуқи абадӣ бошад.

Самбули дигари ин ҳикоят, ки пайванди онро ба фарҳанги мардумии тоҷик таъмин мекунад, маншаъ дар адабиёти шифоҳии тоҷикон доштани он аст. Ин достон миёни тоҷикон маъруф аст ва гоҳе ба номи Абуалӣ ибни Сино ва гоҳи дигар ба номи Ҳаким Барзуя ва мавриди дигар танҳо бо номи Ҳаким нақл мешавад. Фарқият дар достони мавҷуд дар «Маснавӣ» ва қиссаи омиёнаи

тоҷикии он дар он ифода шуда, ки дар Мавлоно то ба зикри асомии ҷуғрофӣ мерасад ва бо ҳамин ҷузъиёти мазкури қисса ба поён расида, тибқи дастури шоҳ барои овардани заргар аз Самарқанд қосид ирсол мешавад. Дар нусхаи омиёнаи достон бошад фарорафта аз асомии ҷуғрофӣ номи ашхос ҳам тазаккур меёбад то он мавқеъ, ки исми маҳбуби шахси бемор таъкид мешавад ва ӯ бо шунидани ин ном ба худ меояд ва мардумон дармеёбанд, ки мавсуф гирифтори ишқи ҳамин нафар аст. Дар ин ҳамин ҷо бо расидан ба висоли ҳамдигар қиссаи омиёнаи тоҷикии «Шоҳ ва канизак» ба поён мерасад, аммо Мавлоно ин марзро убур мекунад ва қиссае тамсиливу ирфонӣ меоварад, ки ҷузъиёти иловашудаи он бештар ин тамсилоту ҷанбаҳои ирфониро тақвият бахшидаанд. Ҳаройина,метавон бар ин назар шуд, ки новобаста ба таҳаввулоти маънавии қисса аз ҷониби Мавлоно нақши сарчашмавии достони омиёнаи он, ки дар адабиёти шифоҳии тоҷикӣ мавҷуд мебошад, ошкор мегардад. Баробар ба ин қисса дар «Маснавӣ» як идда достонҳои дигаре ҳам нақл шудаанд, ки маншаъ дар фарҳанги мардумии тоҷикӣ доранд ва теъдоди онҳо шояд аз 20 убур кунад. Тахмин ҳам меравад, ки бахше аз ин қисас танҳо ба тавассути Мавлоно аз фарҳанги мардумии тоҷикии форсӣ ба назм кашида шуданд ва бад-ин васила дар пиндору андешаҳои мардуми тоҷик боқӣ мондаанд. Ҳатто баъзе аз онҳо минбаъд дар кутуби дигар ба шеваҳои мухталифе аз назму наср нақл шудаанд, ки аслу маншаъашон китоби беназири Мавлонои Рум дониста мешавад, ки таҳқиқу пажӯҳиши ин масъала ниёзманд ба ҷусторҳое ҷудона мебошад. Ёдовар бояд, ки теъдоде аз ин қисасро адабиётшиноси маъруфи тоҷик Расул Ҳодизода аз васати «Маснавии маънавӣ» берун кашида, дар сурати китоби ҷудогонае бо номи «Ҳикоёти халқӣ дар маснавӣ» рӯйи чоп овардааст.

Бухоро, ки аз оғоз мазҳари илму дониш ва фарҳангу дин шинохта шудааст ва ҳамин нигине дар ангуштарии таърихи ақвоми форс дониста мешавад, он нуфузу нубуғи маънавии худро дар тафаккур ва андешаи Мавлоно ҳифозат карда. Мавлоно аз Бухорои Шариф ёд мекунад ва онро пеш аз ҳама манбаи дониш мешуморад, ҳамин партави маърифати худро дар қиссаи «Азм кардани он вакил аз ишқ, ки руҷӯъ кунад ба Бухоро лоуболивор» ингуна тафсир менамояд:

*Шамъи Марямро биҳил афрӯхта,*

*Ки Бухоро меравад он сӯхта…*
*Ин Бухоро манбаи дониш бувад,*
*Пас бухороист ҳар-к онаш бувад.*
*Пеши шайхе дар Бухоро андарӣ,*
*То ба хорӣ бар Бухоро нангарӣ.*
*Ҷуз ба хорӣ дар Бухорои дилаш,*
*Роҳ надҳад ҷазру мадди мушкилаш…*

Дар канори ин ки Бухоро дар пиндори Мавлоно манбаи дониш аст ва мазҳари илму ирфон, Пири Рум ин маскани азизро ҳуббулватан, мазҳари таҷаллӣ ва шаҳри шоҳи худ низ меҳисобад, ки ин амр ба иродати тамоми Мавлавии бузург ба ин ангуштарии нигини фарҳанги форсӣ ишорат дорад:

*Гарчи дил чун санги хоро мекунад,*
*Ҷони ман азми Бухоро мекунад.*
*Маскани ёр аст шаҳри шоҳи ман,*
*Пеши ошиқ ин бувад ҳуббулватан.*

Ин қиссаи дурударозе аст, ки мавзӯи меҳвари он сафари ошиқ ба ҷониби ҳуббулватан, яъне Бухоро аст ва ин ҷо низ Мавлоно то ҷое шабоҳате ба қиссаи Шоҳ ва канизак эҷод мекунад. Дар идомаи нақли худ зимни баёни «Рӯ ниҳодани он бандаи ошиқ ба Бухоро» чанде аз мавозеъи дигари мансуб ба ин минтақа, чун Реги Омӯ, руди Ҷайҳунро ёдовар мешавад, ки қаблан ҳам дар адабиёти форсу тоҷик бо маҳбубияти тамом зикр шудаанд:

*Рӯ ниҳод он ошиқи хунобрез,*
*Дил тапон, сӯи Бухоро гарму тез.*
*Реги Омӯ пеши ӯ ҳамчун ҳарир,*
*Оби Ҷайҳун пеши ӯ чун обгир…*
*Дар Самарқанд аст қанд, аммо лабаш,*
*Аз Бухоро ёфт в-он шуд мазҳабаш.*

Баъдан аз забони ошиқи содиқ Мавлоно ба сифати ин шаҳри азизон ва ба қавли худаш шаҳри шоҳи худ ва маскани ёраш мепардозад:

*Эй Бухоро, ақлафзо будаӣ,*
*Лекин аз ман ақлу дин бирбудаӣ.*
*Бадр меҷӯям, аз онам чун ҳилол,*
*Садр меҷӯям дар ин саффи ниол.*

Мавриди дигар дар Куллиёти Шамс бошад зикри исми ҷуғрофии Ҷанд мекунад, ки аз шаҳрҳои Фароруд буда, замони ҳамлаи муғул ба коми адам фурӯ рафтааст.

*Эй табъи рӯсияҳ, сӯйи Ҳинд бозрав,*
*В-эй ишқи турктоз, сафар сӯйи Ҷанд кун.*

Дар манобеи таърихӣ дар тафсири ҷуғрофиёи Ҷанд таъкид шуда, ки шаҳре аз шаҳрҳои бузурги Мовароуннаҳр будааст, ки дар қарни 7 – уми ҳиҷрӣ ҳангоми ҳамлаи Муғул яксара вайрон ва нобуд гардид

Алиакбари Деҳхудо низ дар такя бар маводи осоре чун «Мунтаҳӣ- ул-араб», «Муъҷам -ул-булдон», «Ҳудуд ул-олам», ин шаҳҳро аз бузургшаҳрҳои Мовароуннаҳр дониста, ҷуғрофиёи онро дар канори руди Сайҳун муқаррар мекунад, ки ба асари ҳамлаи муғул аз он нишоне намонда

Дар канори рӯди Сайҳун ҷуғрофиёи таърихии ягона доштани шаҳрҳои Хуҷанд ва Ҷанд гоҳо боис ба он ҳам гардидааст, ки онҳо як шаҳр дониста шаванд. Аммо аз иттилои Атомалики Ҷувайнӣ зимни баёни ҳодисаи ҳамлаи муғул вуруди лашкар ва асокири онро ба ин ду шаҳр паси ҳамдигар зикр мекунад, ки ин матлаб дар фосилаи қариби ҳамдигар макон доштани шаҳрҳоро ба субут мерасонад.

Дар шеъри классик низ гоҳо ин ду шаҳр мисли шаҳрҳои қарине чун Самарқанду Бухоро ёд шудаанд. Чунончи Анварӣ гӯяд:

*Ту ки дар ҳифзи эзадӣ чӣ кунӣ,*
*Ҳарзу таъвизи аҳли Ҷанду Хуҷанд.*

Дар маҷмӯъ, Мавлоно ҳар ҷо роҳ ба Самарқанду Бухорову Ҷанду Хуҷанд меҷӯяд ва пеш аз ҳама бо овардани асомии ин балдаву шаҳрҳои бузургу азиз bароят ёде аз ватани обои худ мекунад ва хумори васл мешиканад. Аз дигар сӯ, чун ин шаҳрҳо ҳадиси ватани асливу аҷдодии Мавлоноро мекунанд ва аз рӯзгори рафтаи вай лаб мекушоянд, ӯ дар сувари ин амокин мазҳарии таҷаллии зоти ҳақиқӣ ва ҷилвагоҳи муҳаббати эзадиро кашф мекунад ва аз ин ёдмонгоҳҳо роҳ ба сӯи асолат меҷӯяд. Ин аст, ки ин шаҳрҳо баробари ифодаи воқеияти зиндагии Мавлоно рамзҳои ҳақиқатшиносӣ, ишқу алоқа ба асли худ ва муфассири ростини ин байти худи Мавлоно ва нақди ҳоли вай мебошанд:

*Ҳар касе к-ӯ дур монд аз асли хеш,*
*Боз ҷӯяд рӯзгори васли хеш.*

Бозшиносии суннатҳои фарҳангии тоҷикӣ, ки басомадҳое дар китоби безаволи Мавлоно доранд, баҳсе доманадор аст ва имкон дорад, ки ин матлаб аз тариқи равишҳое муайян ва тамоюлҳое чандгона матраҳ шавад. Усули аввал дар корбандии амсол ва ҳикамитоҷикӣ, корбурди вожаву таобире, ки аз фарҳанги шифоҳии мардуми ин мантақа сарчашма мегиранд, ифода меёбад. Барои таъйини назари хеш метавон ба истифодаи масали «бо думи шер бозӣ накардан» ишорат намуд, ки дар маснавӣ ба кор рафта ва дергоҳест, ки дар фарҳанги шифоҳии мардуми тоҷик истифода мешавад. Мавлоно дар зикри достони «Иброҳими Адҳам бар лаби он дарё» аз дафтари дувуми Маснавӣ фармуда:

*Бо думи шере ту бозӣ мекунӣ,*
*Бар малоик турктозӣ мекунӣ.*

Чунонки зикр шуд, ин зарбулмасал миёни тоҷикон маъруфияти зиёд дорад ва аммо нуктаи ҷолиб он аст, ки донишманди эронӣ Муҳаммадалӣ Ҳақиқати Симнонӣ дар китоби «Зарбулмасалҳои манзуми форсӣ» асли зуҳури онро аз Маснавӣ донистааст.

Дар такя бар ин назар, худи «Маснавии маънавӣ»-ро ҳамчун сарчашмаи тазоҳури амсолу ҳиками форсӣ шинохтан мумкин аст, ки ин ҳам ҷанбае аз боргоҳи ҳунари шоирии худовандгори онро ошкор месозад.

Миёни тоҷикон таъбири «тухм ё дона бар шӯра пошидан» ҳам маълум аст ва ин албатта масалест, ки дар адабиёти пешини форсу тоҷик собиқаи зиёд дорад ва шуаро онро бо шеваҳои мухталиф корбандӣ кардаанд. Аз ҷумлаи онҳо «Оби ҳайвон бар замини шӯра пошидан», «донаи гавҳар бар мурғи арзанхора рехтан», «шакаристон ба коми магасон додан», «тухм бар шӯра рехтан» ва ғайра маҳсуб мешаванд. Ҳамаи ин таобири мушобеҳ ба маҳолу масал маънии анҷоми кори беҳударо доранд ва чунонки гуфта омад, имрӯз ҳам дар фарҳанги шифоҳии мардумии тоҷик истифода мешаванд. Махсусан, ҳамон таъбир, ки Мавлоно онро дар сурати «тухм бар шӯрахок рехтан» ба кор гирифтааст, дар гӯйиши тоҷикон маъмул аст:

*Панд гуфтан бар ҷаҳули хобнок,*
*Тухм афкандан бувад бар шӯрахок.*

Вожаи «шӯрахок» ҳам бештар дар гуфтори тоҷикон истифода мешавад ва дар манотиқи мухталифи Тоҷикистон ба

маънии хоки шӯра ё намакаш зиёд ба кор меравад, ки ба иллати нуфузи шӯра дар он чизе намерӯяд.

Таркиби «на сих сӯзад ва на кабоб», ки дар гӯйиши тоҷикон ҳамчун ибораи рехта ба маънии дар анҷоми коре манфиати ду ҷонибро ба назар гирифтан маъруфият дорад, дар «Маснавии маънавӣ» айни ҳамин маънӣ корбандӣ шудааст:

*Гуфта, ногуфта кунад аз фатҳи боб,*
*То аз он на сих сӯзад на кабоб.*

Муодили ин таъбир ё наздик ба он дар забони форсии тоҷикӣ таркибҳои «ҳам лаъл ба даст ояду ҳам ёр наранҷад», «бо як тир ду нишон» ва амсоли ин истифода мешаванд.

Барои ифодаи ҳолати тарс дар гӯйиши тоҷикӣ аз таъбирҳои «монанди барги бед ларзидан» ва ё «чун барг ларзидан», инчунин «ба мисли буз ларзидан» истифода мешавад. Мавлоно ҳам дар «Маснавӣ» ин таркибро ба сурати «бар мисоли барг ларзидан» ба кор гирифтааст, ки ҳолати тарс ё вазъи инсони тарсуро баён месозад.

*Бар мисоли барг меларзӣ, ки вой,*
*Гар равад рӯзу нишон н-ояд ба ҷой.*

Дар баёни авҷи ҳолати тарс дар фарҳанги мардуми тоҷикон таъбири «заҳра даридан», «заҳрадарид шудан», «заҳракаф шудан» ва амсоли ин ба кор гирифта мешавад. Бахусус, шакли «заҳра даридан», ки бештар дар шеваи гуфтори тоҷикон истифода мешавад, дар Маснавӣ бо ҳамин сурат ва маънӣ корбандӣ шудааст:

*Он яке тӯтӣ зи дардат бӯй бурд,*
*Заҳрааш бидриду ларзиду бимурд.*

Дар ҳамин байт таркиби дигаре аз чунин таркибҳо дар сурати «бӯй бурдан» истифода шудааст, ки дар фарҳанги оммаи тоҷикон ба маънии огаҳ шудан, хабар ёфтан ба касрат ба кор гирифта мешавад.

Агар маркабе бештар хислати рамидагӣ ё шӯху шангӣ дошта бошад ва идораи он аз ҷониби соҳибаш мушкил гардад, тоҷикон онро «ҷавмаст» мегӯянд. Мавлоно ҳам ин таркибро дар «Маснавӣ» ба сурат хар аз «ҷав маст шудан» истифода бурдааст:

*Ҳин ба ҳар масте, дило гарра машав,*
*Ҳасти Исо масти ҳақ, хар масти ҷав.*

Шеваи дигари партави суннатҳои фарҳангии тоҷикӣ ба корбурди вожаҳое марбут аст, ки имрӯз дар гуфтори мардуми

тоҷик ва забони шифоҳии мантақа ба касрат истифода мешавад ва иддае аз онҳо ё забони адабӣ берун мондаанд ва ё ҷойи худро ба муодилҳои дигар иваз кардаанд. Ҷиҳати пажӯҳиши бештари ин масъала зарурате пеш меояд, ки ин усули корбурди вожаҳо дар чанд даста баррасӣ шавад:

вожаҳои истилоҳӣ, ки падидаҳои фарҳанги хонаводагӣ ва муҳити иҷтимоии тоҷикиро ифода мекунанд. Ба ин гурӯҳ анвоъи хӯрока, афзор ва ашёи хонаводагӣ, лузумоти зиндагӣ, суннатҳои фарҳанги мардумии тоҷикон шомил ҳастанд. Барои намуна аз Маснавӣ чанд мисол зикр мешавад:

**анвоъи хӯрока:**

Тутмоҷ- навъе аз хӯрок аст, ки онро угро ҳам гӯянд ва бештар бо фатир тановул кунанд. Фатир бошад нони равғание бошад, ки бештар дар шаҳрҳои Мовароуннаҳр бо равған ва гузоштани донаи растании сияҳдона дар рӯи он таҳия кунанд. Ин вожа миёни тоҷикон хеле мустаъмал аст:

*Оби тутмоҷаш диҳад, к-инро бигир,*
*Гар намехоҳӣ, ки нӯши з-он фатир.*

**Шӯрбо:** - навъе аз хӯрок бошад, ки аз обу равғану гӯшту сабзӣ ва картошка таҳия кунанд. Дар шарҳи ин калима дар Фарҳанги форсӣ» -и Муҳаммад Муин омадааст: «Шӯрбо ё шурбоҷ оши сода, ки бо биринҷ ва анвоъи сабзӣ пӯхта шавад. Аммо миёни тоҷикон агар бо ин навъ хӯрок биринҷ ҳамроҳ намоянд, онро шӯрбои холис, яъне шӯрбо намегӯянд. Шӯрбои асл танҳо ба василаи истифодаи гӯшту сабзӣ ва пиёзу картошка таҳия гардад ва дар фарҳанги хонаводагии тоҷикӣ агар иловатан бар ин лузумот чизе дигар ҳамроҳ кунанд, он гоҳ номи он маҳсули илҳоқӣ ба калимаи шӯрбо илова мешавад. Масалан, агар карам ҳамроҳ кунанд, гӯянд, карамшӯрбо, ҳатто агар бо гӯшти мурғ таҳия шавад, онро мурғшӯрбо меноманд.

*Аз ғазаб шӯрбои сӯзон бар сараш,*
*Зан фурӯш резад, шавад кал миғфараш.*

**Залла-** хӯроки пасмонда ё исрофшударо гӯянд:

*Боз густохон адаб бигзоштанд,*
*Чун гадоён заллаҳо бардоштанд.*

**Анвои зарфҳо**:

Аз номгӯи афзоре, ки барои таҳияи хӯрок истифода мешаванд ва бо ин номҳо бештар миёни тоҷикон роиҷанд, Мавлоно инҳоро ба кор гирифтааст:

**Дег-** зарфе, ки дар он хӯрок таҳия шавад:

*Бингар андар наххӯде, дар дег чун,*
*Меҷаҳад боло! Чу шуд оташ забун*

**Нахӯд** ҳам номи зироате аст, ки онро барои омода намудани хӯрокҳои зиёде истифода кунанд ва тоҷикон дар аксар анвоъи ғизоҳои миллӣ, аз ҷумла оши тоҷикӣ аз он истифода мебаранд. Ҳатто аз он хӯроке ҷудогона ҳам омода мекунанд, ки миёни мардум ба таъбири «гармак» маъруф аст ва дар мантақаҳои ҷудогонаи Тоҷикистон, аз ҷумла шаҳри Хуҷанд хонаводаҳое маъруф ба пазандагии ин навъи хӯрок ҳанӯзам шӯҳрат доранд.

**Кафлез-** афзоре, ки барои таҳияи хӯрок ва кашидани он истифода мешавад.

*Чун харидӣ, чун нагунам мекунӣ,*
*Мезанад кафлез кадбону, ки не.*

Миёни тоҷикон бо истифода аз ин ду калима мақоли маъруфе бад-ин шакл ҳам ҳаст: «Агар дар дег бошад, ба кафлез меояд». Ин мақол ба он маънӣ корбандӣ мешавад, ки агар шахсе дар бисоташ андӯхтае ё донише дошта бошад, онро метавонад бемушкилот ба забон оварад.

Дар байти боло калимаи кадбону ҳам истифода шудааст, ки бо вожаҳои қаблӣ иртиботе дорад. Кадбону -соҳибхонаеро гӯянд, ки хӯрокро таҳия намояд. Одатан тоҷикон дар гӯйиши худ кадбонуро нисбати бонувоне истифода мекунанд, ки дар таҳияи анвоъи хӯрок маҳорати тамом доранд.

Афзоре, ки дар фарҳанги хонаводагии мардуми тоҷик барои анҷоми корҳои боғдориву заминдорӣ истифода мешавад, бо ҳамон номҳои роиҷ миёни тоҷикон дар «Маснавӣ» мавриди истифода шудаанд.

**Бел-** асбобе, ки барои нарм кардани замин, кушодани об, бардоштани хок ва корҳои дигаре истифода бурда мешавад ва бо ҳамин ном миёни мардуми тоҷик роиҷ аст. Мавлоно мегӯяд:

*Мунқатеъ шуд хону нон аз осмон,*
*Монд ранҷи заръу белу досамон.*

**Дос** бошад воситае аст, ки бо он маҷмӯи зуррот, чун гандуму ҷав, инчунин анвоъи алафро бидараванд. Ҳамчун вожаи ифодагари ин маънӣ дар гӯйиши тоҷик мустаъмал аст.

**Либос ва пойафзол:**

**Чоруқ-** пойафзоле аст, ки бештар шубонон мепӯшанд ва худи дарзиёни маҳаллӣ онро таҳия мекунанд.

**Пӯстин-** ҷомаи ғафсе, ки ҳангоми сардиҳо ба бар кунанд ва инро ҳам бештар шӯбонон истифода кунанд. Ҳар ду мафҳум дар гӯйиши тоҷикӣ басомади фаровон дорад:

*Чоруқат рабъи кадомӣ Осаф аст?*

*Пӯстин гӯйи куртай Юсуф аст.*

Муродифи дигари ин калима мӯза ҳаст, ки дар фарҳанги хонаводагии тоҷикон роиҷ аст ва Мавлоно ба ин шакл ҳам дар «Маснавӣ» байте дорад бад-ин шакл:

*Зуд меҳмон ҷасту гуфт: «Эй зан биҳил»*

*Мӯза дорам, ман надорам бим зи гил.*

Истилоҳоти дигари марбут ба фарҳанги хонаводагӣ ва баёнгари нукоти зиндагии тоҷикона:

**Ҳезум-** чӯби хушкро гӯяд, ки асосан барои сӯхтан ҷиҳати таҳияи хӯрок ё гарм кардани хонаҳо истифода баранд. Тоҷикон ин вожаро дар гӯйиши худ ба касрат истифода мебаранд:

*Ранҷаш аз сафрову аз савдо набуд,*

*Бӯйи ҳар ҳезум падид ояд зи дуд.*

**Охур-** калимаи маълум дар гӯйиши тоҷикон аст ва ба маънии ҷои бастани ҳайвони хонагӣ ва ҷойи рехтани хӯрок барои он ҳайвонот истифода шавад.

*Рустоӣ гов дар охур бубаст,*

*Шерговаш хурду бар ҷояш нишаст.*

**Новдон-** чӯб ё афзори оҳание, ки рӯи шифти хонаҳои гилӣ гузоранд ва ҳангоми боридани борон оби болои хона тавассути вай ба кӯчаҳо бирезад. Миёни тоҷикон бо истифода аз ин вожа як масале ба унвони «аз борон зери новдон» ҳам маъруф аст:

*Як зане омад ба пеши Муртазо,*

*Гуфт: «Шуд бар новдон тифле маро».*

*Гар-ш мехонам намеояд ба даст,*

*В-ар ҳилам, тарсам, ки афтад ӯ ба паст.*

**Боми каҳгилбаст-** боми хонаҳоеро гӯянд, ки ба гили онҳо каҳ омезанд ва ин таъбир миёни тоҷикон маълум аст, зеро ҳанӯзам дар қисмате аз минтақаҳои кӯҳистон чунин усули бунёди сарой ё оғилҳоро барои нигаҳдории ҳайвоноти хонагӣ ба кор мегиранд:

*Аввали ин панд ҳам дар дасти ту,*
*Сонияш бар боми каҳгилбасти ту.*

**Хатнасур-** унвонии маросиме аст, ки бештар миёни аҳли суннат роиҷ аст ва тифлро хатна кунанд ва ба ин муносибат маросиме ороянд, ки онро хатнасур мегӯянд:

Ҳар ду бистар густариду рафт зан,
Сӯи хатнасур кард он ҷо ватан.

**Анвои рустанӣ ва дарахтон:**

**Карафс** – дар луғатҳо аслан ин калимаҳо ҳамчун номи гиёҳе ташреҳ додаанд, ки онро истеъмол мекунанд. Ҳатто дар «Фарҳанги забони тоҷикӣ» афзуда бар маънии боло тавзеҳ шуда, ки агар онро инсони каждумгазида истеъмол кунад, мемирад

Аммо он чӣ имрӯз дар гӯйиши тоҷикӣ аз ин калима боқӣ мондааст, номи ҳамон гиёҳе аст, ки бештар дар канори рудхонаҳо ва ҷойҳои сероб дар манотиқи наздикӯҳӣ мерӯяд ва онро медараванду хушк мекунанд то хӯрокаи ҳайвоноти хонагӣ ҳосил шавад. Бештар дар сурати хушкшуда ба сифати хӯрокаи ҳайвон ба кор мегиранд.

*Мӯ ба мӯву зарра –зарра макри нафс,*
*Мешиносиданд чун гул аз карафс.*

Мавлоно ба он хотир ба ваҷҳи тамйизи гул аз карафс ишорат мекунад, ки карафс ҳам дар фарқ ё шохаҳои ҷудогонаи худ гули сафед дорад, аммо ҳаргиз гули он ба масобаи гули ороишӣ ё эҳдоӣ ба кор гирифта намешавад. Ҳарчанд ин рустанӣ дорои гул аст, аммо ба силки гулҳо ворид намешавад.

Усули дигари корбандии унсурҳои фарҳанги тоҷикӣ дар «Маснавӣ» ба кор гирифтани калимаҳо тибқи вижагиҳое мебошад, ки хоси гӯйиши тоҷикӣ мебошанд ё ба таъбири дигар Мавлоно калимотеро истифода мекунад, ки ҳоло бештар дар гӯйишҳои мухталифи забони тоҷикӣ маҳфуз мондаанд. Масалан, дар гӯйиши тоҷикон мулҳақ шудани пасванди –ак ба калимот бештар барои ифодаи поин овардани мақому манзалати шахс ё сифати ашё, инчунин таҳқир ва каму нодида гирифтани он истифода мегардад. Ин равиш дар «Маснавӣ» низ басомади зиёд дорад, ки овардани чанд намуна барои он санаде дар тасдиқи ин матлаб хоҳад буд:

*Он далел омад, ки он хуршед нест,*
*Нафрати хаффошакон бошад далел.*

***

*Ҳам гувоҳи ӯст иқрори малак,*
*Ҳам гувоҳи ӯст куфрони сагак.*

***

*Ҷумла гуфтанд: «Эй шаголак ҳол чист»*
*Ки туро дар сар нишоте мултавист.*

Гоҳо илҳоқ шудани пасванди «–ак» ифодаи хурдиву кӯчакӣ ва навозишро ҳам дорад ва махсусан дар гӯйиши марказии забони тоҷикӣ ин усули истифодаи пасванди мазкур роиҷ аст. Мавлоно мушаххасан ҷое ба ин маънӣ истифода шудани пасванди мазкурро таъкид мекунад:

*Кофи раҳмат гуфтамаш, тасғир нест,*
*Ҷад гӯяд «тифлакам» таҳқир нест.*

Шеваи дигари мутобиқ ба гӯйиши тоҷикӣ ба шаклҳои зерин истифода бурдани калимаҳо маҳсуб мешавад, ки ҳарчанд дар забони адабӣ низ басомади афзун дорад, аммо дар гӯйишҳои манотиқи мухталифи Тоҷикистон низ он ба махсусияти ҷолиби забонӣ бадал шудааст:

**Шиносанда- ишносанда:**

*Саг шиносо шуд, ки мири сайд кист.*
*Эй Худо он нури ишносанда чист?*

**Сиголид** – исголид:

*Бо гил андоянда исголид гил,*
*Даст коре мекунад пинҳон зи дил.*

**Шикастакамон**- ишкастакамон

*Ақли даррок аз фироқи дӯстон,*
*Ҳамчу тирандози ишкастакамон.*

Дар «Маснавӣ» басомади он калимоте низ зиёд аст, ки имрӯз бештар дар гӯйишҳои мухталифи тоҷикӣ маҳфуз мондаанд ва ба назар ҳам мерасад, ки шояд то рӯзгори Мавлоно ин калимот аслан дар забони адабии форсӣ ҷой доштанд ва ба иллати ҷойгузини онҳо шудани муодилҳои ҷадиди арабӣ ё калимоти дигар танҳо дар гӯйишҳо ҳифз шудаанд. Масалан, дар оғози маснавӣ мо ба таркиби «Шарҳа-шарҳа» дучор мешавем, ки ин калима дар гӯйиши тоҷикӣ ба шакли «шалҳа- шалҳа» ҳам маҳфуз мондааст:

*Сина хоҳам шарҳа –шарҳа аз фироқ,*
*То бигӯям рози дарди иштиёқ.*

Дар байти зерин бошад, феъли амрии «мефутӣ», ки масдари он футидан аст, ба маънии калавидан ё шакли дигари гӯйишии ғеҷидан истифода мешавад:

*Мефутӣ ин сӯву он сӯ мастcovор,*
*Эй ту ин сӯ! Нестат з-он сӯ гузор.*

**Ғунудан** ё шакли дигари он ғанав рафтан- ба маънии хобидан, орамидан. Дар гӯйиши тоҷикон аслан ба маънии ҳолате

аз миёни хоб ва бедориро гӯянд ва муодили ин калима ибораи «пинак рафтан»-ро ҳам истифода мебаранд:

*Он қароре, ки ба зан ӯ дода буд,*
*Гашт мубдал, в-он тараф меҳмон гунуд.*

Дар шеъри классикии қабл аз Мавлоно ҳам ҷой дорад. Аз ҷумла, устод Рӯдакӣ фармуда:

*Турунҷи бедор андар шуда ба хоби гарон,*
*Гули гунуда барангехта сар аз болин.*

Масдарҳои «тарошидан» ва «харошидан», ки дар шеваи гуфтори тоҷикон мустаъмал мебошанд, дар мутобиқат ба ҳамин маъонии роиҷ дар гӯйиши тоҷикӣ аз ҷониби Мавлоно ба истифода гирифта шудаанд:

*Андар ин раҳ метарошу мехарош,*
*То дами охир даме фориғ мабош.*

Вожаи «гурм» дар фарҳангҳо ба маънии андуҳ, ғам тафсир шуда, дар таркиби калимаи мураккаби «гурмдор» ифодагари шахси андӯҳзадаву ғамгин аст. Аммо дар гӯйиши тоҷикӣ калимаи мазкур бештар дар нисбати дарахтони бузург истифода мешавад ва агар дар танаи он дарахт нуқсе ё ба таъбири дигар ҷурме вуҷуд дошта бошад, онро «гурм» гӯянд. Тахмин метавон кард, ки вожаи «ҷурм» ба маънии айбу нуқсон муарраби гурм аст, ки имрӯз танҳо дар фарҳанги мардумӣ мавриди истифода қарор дорад. Мавлоно ин калимаро ба шакли куҳани он, яъне ҳамон «гурмдор» истифода кардааст, ки асли он дар забони гуфтугӯии имрӯзаи тоҷикӣ ҳам мафҳуз монда:

*Шаб дар он ҳуҷра нишаст он гурмдор,*
*Бо умеди ваъдаи он ёри гор.*

Барои намунаи чунин калимаҳо аз «Маснавии маънавӣ» вожагони дигареро чун «полон», «берӯзӣ», «шистан», «ғарқоб», «фурҷа», «потоба» ва ғайра бо зикри абёти шоҳид метавон овард ва ин теъдодро зиёдатар аз ин ҳам афзуд, ки дар шеваи гуфтори мардуми тоҷик бозтоби хоса доранд ва ҳатто миёни мардум бо ҳамон маъонии дар «Маснавӣ» омада роиҷ ҳастанд. Дар канори ин, Мавлоно зимни истифодаи онҳо ҳамчун суханвари соҳибҳунар баромад кардааст, ки пажӯҳиши амиқи масъала низ ҷанбаи муҳими адабиро касб хоҳад кард.

Теъдоде аз калимоти дигарро низ метавон дар матни «Маснавии маънавӣ» дучор омад, ки имрӯз бештар дар гӯйиши тоҷикӣ роиҷанд. Махсусан,гӯише, ки хоси кӯдакон аст ва дар каломи ибтидоии онон ҷорӣ мешавад. Кӯдакони хурдсоли тоҷик пироҳанро ба шакли «титӣ» талаффуз мекунанд ва ин вожа дар аксари шеваҳои мустаъмали Тоҷикистонривоҷи афзун дорад. Мавлоно ҳам дар дафтари дувуми «Маснавии маънавӣ» дар ҳикояти «Таън задани бегона дар шайх ва ҷавоб гуфтани муриди шайх ӯро» ин вожаи гӯишии кӯдаконаро ба ҳамин шакл истифода кардааст:

*Пеши тифли нав падар титӣ кунад,*
*Гарчӣ ақлаш ҳандасай гетӣ кунад.*

Дар мавриди дигар бошад вожагони сулфа ва қулф ба ҳамон шеваи баёни марсум дар миёни тоҷикон ба кор рафтааст:

*Ҳам фарқиву ҳам зулфӣ, мифтоҳиву ҳам қулфӣ*
*Бе ранҷ чӣ месулфӣ, овоз чӣ ларзонӣ?!*

Сулфа, ки аслаш хамон сурфа кардан аст ва қулф ҳам

Ҳамин тавр, бознигарӣ ва бозшиносии осори Мавлоно, хоса «Маснавии Маънавӣ» дар робита ба пайванди он ба фарҳангу суннатҳои тоҷикӣ аз он шаҳодат медиҳад, ки Мавлоно новобаста ба ҳиҷрати худ аз зодбуми аслиаш ва зиндагӣ дар муҳити дур аз асолати забони тоҷикии форсӣ барои ҳифозати аносири хосаи он эҳтимоми афзун варзидааст. Агар арҷу эҳтироми мантақаҳои ҷуғрофӣ ва шаҳру амокини муҳаббатрезу муҳаббатхези марбут ба сарнавишти таърихии тоҷикон Мавлоноро ба ёдмони Фарорудони азиз, он сарзамини асолат ва зуҳури ҳастии худ мебарад, нуфуз ва басомади касир пайдо кардани вожаҳое, ки ифодагари суннатҳои фарҳангии тоҷикон, падидаҳои хоси зиндагии мардуми ин кишвар мебошанд ва дар ҳавзаҳои дигари форсизабон истифода намешаванд, ба шинохти Мавлоно аз соири аносири фарҳанги тоҷикон ва мутобиқати сабки таълифи асар ба меъёрҳои забони тоҷикии имрӯз ишорат мекунанд.

**Пайнавишт:**

Алиакбари Деҳхудо. Луғатнома. Ҷ 5. Теҳрон, 1377. саҳ. 7872.

Атомалики Ҷувайнӣ. Таърихи Ҷаҳонкушо. Теҳрон, интишороти Армуғон, 1370., Ҷ.1. –с 66-74.

Зарбулмасал ва мақолҳои манзуми форсӣ. Бо муқаддимае ба қалами доктор Муҳаммад Алӣ Исломии Нудушан. Гирдоварии Муҳаммадалии Ҳақиқат. Теҳрон, 1374, саҳ. 53.

Муҳаммади Муин. Фарҳанги форсӣ. Ҷ.2. Теҳрон. Интишороти Амири Кабир, 1375. саҳ.2087

**Ҷамолиддин САИДЗОДА**
*номзади илми филология*

# МАВЛАВӢ - ШОИРИ МИЛЛӢ ВА БАЙНАЛМИЛАЛӢ

Ман ба таблиғи рисолат омадам,
То раҳонам ман шуморо аз надам.
Мавлавӣ

Баъди аз байн рафтани давлати миллии Сомониён ва рӯйи кор омадани сулолаҳои бегонатабор рӯҳи миллӣ, ки дар замони Тоҳириён, Саффориён, ба вижа Сомониён, зиндаву эҳё ва ба авҷ расида буд, ба заъф мегарояд. Маҳмуд ва ҳамфикрони ӯ бар зидди Фирдавсӣ, ки зиндакунандаи рӯҳи миллӣ ва эҳсоси ватандӯстона буд, мебароянд ва барои он ки нақшу мақоми шоҳкори ӯ «Шоҳнома» - ро бикоҳанд ва билкул аз байн бибаранд, даст ба фирдавсиситезӣ мезананд. Хусусан шоирони дарбори ӯ - Унсурӣ, Фаррухӣ ва дигарон ба иншои достонҳои ба истилоҳ ҳамосавӣ, аз ҷумла «Тоҷ-ул-футуҳ», «Давлатнома», «Маҳмуднома» ва ғайра, мезананд ва ба таври ошкоро ба Фирдавсӣ ва рӯҳи миллӣ метозанд. Аммо бо ин ҳама кӯшиш наметавонанд рӯҳи миллиро аз байн бибаранд. Баръакс, «Шоҳнома» беш аз пеш дар байни мардум шуҳрат меёбад ва Фирдавсӣ маҳбубият пайдо менамояд. Ҳатто иншои китоби «Умарнома», ки дар муқобили «Шоҳнома» навишта мешавад, наметавонад мардумро аз «Шоҳнома» ва шоҳномахонӣ дур созад, рӯҳи диниро ҷойгузини рӯҳи миллӣ намояд. Ба ҳарфи дигар, бегонагон, аз ҷумла Маҳмуд ва ҳамандешони ӯ, натавонистанд, ки рӯҳи миллиро шикаст диҳанд ва онро яксар аз миён бардоранд.

Возеҳ аст, ки дар замони Мавлоно рӯҳи миллӣ билкул ба заъф гароида буд ва имконияти рӯшод баён кардани он дар миён набуд, аммо аҳли қалам, ба ҳар роҳ, пинҳону пайдо, рӯҳи миллию қавмӣ, эҳсоси ватандӯстонаи худро буруз медоданд. Агарчи шеъру шоирӣ дар қаламрави тасаввуфу ирфон ҳаракат мекард, рӯҳи мазҳабӣ дар ҷомеа ҳоким буд, шоирону нависандагон ба тамоми мазҳари ҳаёт аз равзани дину диёнат менигаристанд ва хомафарсоӣ мекарданд ва зоҳиран ҷое барои бурузи рӯҳи миллӣ, андешаи миллӣ, ифтихори миллӣ ва ватандӯстӣ намонда буд, аммо боз ҳам адибони мутараққӣ ва масъул, аз ҷумла Мавлоно, дар ҳамин асри нуфузи рӯҳи мазҳабӣ, аз забону фарҳанг, ёру диёру миллати худ дар осорашон ёд мекарданд ва бад-ин тартиб рӯҳи миллӣ ва инсонии худро ба намоиш мегузоштанд. Чунончи, Мавлоно, бо он ки дар Рум зиндагию эҷод мекард, дар дафтари аввали «Маснавии маънавӣ» аз Балхӣ, яъне тоҷик будани худ босароҳат хабар медиҳад ва фикри онҳоеро, ки ӯро ки танҳо Румӣ медонанд, ботил месозад. Аз ҷумла ӯ мегӯяд: «Ин бандаи нотавон ниёзманд ба раҳмати Худои баландпоя. Муҳамммад ибни Муҳаммад ибни Ҳусайни Балхӣ, ки Худо бандагии ӯро қабул кунад, мегӯяд: «Ман дар татвили ин китоби манзуми маснавӣ кӯшидам, китобе, ки шомили достонҳои шигифту нодир, суханони дурахшон ва раҳнамоиҳои равшан аст»[1]. Ва дар ҷои дигар чунин месарояд:

Балхиям ман, балхиям ман, балхиям,
Шӯр орад оламе аз талхиям.[2]

Аммо шоир Румӣ будани худро ҳам фаромӯш наменамояд:

Эй абр, фаррошӣ бикун, худро ба дарёҳо фикан,
Рав, роҳро обе бизан, Муллои Румӣ мерасад.3

Мусаллам аст, ки Мавлавӣ дар Қуния (Туркияи имрӯза) зиндагӣ кардааст, аммо тамоми осорашро ба забони модариаш -

---

[1]Маснавии маънавӣ.Теҳрон,Нашри замон,2001,с.15.

[2] Куллиёти Шамс ё Девони кабир. Аз гуфтори Мавлоно Ҷалолиддин Муҳаммад, машҳур ба Мавлавӣ, ҷузви чорум.Теҳрон,1363,с.83 ва 269.

тоҷикии форсӣ эҷод намудааст ва бад- ин васила рӯҳи миллӣ ва муҳаббати хешро ба забону миллати худ на танҳо ҳифз, балки нишон додааст. Ва ҳамин муҳаббат ва ишқу алоқаи ӯ ба забон ва миллати худ аст, ки ӯ «ҳамзабониро хешию пайвандӣ» медонад ва ҳамчун адиби миллӣ дарси худшиносӣ ба ҳаммиллатон медиҳад:

Ҳамзабонӣ хешиву пайвандӣ аст,
Мард бо номаҳрамон чун бандӣ аст.4

Зеро,ба қавли ростини ӯ:

Ҳар кӣ ӯ аз ҳамзабоне шуд ҷудо,
Безабон шуд, гарчи дорад сад наво.5

Аммо ӯ адиби масъул ва байналмилалию инсондӯст будани худро низ фаромӯш намекунад ва зина ба зина боло меравад, яъне аз адиби миллӣ ба дараҷаи адиби байналмилалӣ уруҷ менамояд. Бинобар ин, дар байти дигараш ба тавсифи рӯҳи инсонӣ мепардозад ва ҷанбаи байналмилалӣ, яъне башардӯстонаи орову афкори худро буруз медиҳад ва ҳамчун адиби миллию байналмилаллӣ қомат баланд мекунад. Ӯ дар хамин мавқеъ аст, ки «ҳамдилиро аз ҳамзабонӣ» авлотар медонад ва мегӯяд:

Пас забони маҳрамӣ худ дигар аст,
Ҳамдилӣ аз ҳамзабонӣ беҳтар аст.6

Тавре ки гуфтем, баъди фурӯпошии давлати миллии Сомониён ва ба тахт нишастани сулолаҳои бегонаи турктабор, ба вижа тохтутози муғулон ба кишвари мо, миллати мо ба як миллати хонабардӯш табдил ёфта буд. Бинобар ин, мардум, аз ҷумла аҳли қалам, тарки ёру диёр, зодгоҳу ватан мегуфтанд, яке рӯ ба Ҳинд» (Авфию Бадри Чочию Нахшабӣ…) ва дигаре рӯ ба Рум (Мавлавию Сайфи Фарғонию дигарон) меоварданд ва ҷойи амну осоиш меҷустанд. Аммо эшон дар ғурбат низ ҳеҷ гоҳ ёру диёр, ҳамватанону пайвандон, яъне рӯҳи миллӣ, тамаддуну фарҳанги гузаштаи хешро фаромӯш намекарданд, балки ба ин ё он тарз дар осори худ инъикос менамуданд. Албатта, Мавлоно дар ин боб аз пешравону пешоҳангон маҳсуб мешуд, зеро ӯ ба ҳеҷ ваҷҳ зодгоҳу меҳану қавми хеш ва забони модарии худ-тоҷикии форсиро аз ёд намебурд. Бинобар ин, ӯ на танҳо ба забони модарии худ-тоҷикии форсӣ эҷод мекард, ба он арҷ мегузошт, балки аз он ба наҳви мухталиф ситоиш менамуд ва

хусусан аз Хуросону Эрону Мовароуннаҳр ва шаҳрҳои он ҳамвора дар осораш ёд мекард. Воқеан, «забон унсури муҳим ва аввалиндараҷаи ҳастии ҳар миллат ва ба қавли маъруф, шиноснамои ӯст. Мавлавӣ, ки шоир ва андешаманди тоҷик аст ва мисли Фирдавсӣ Аҷамро ба порсӣ зинда кардааст, алорағми арабинависону тозигароён ва мутаассибони он рӯзгор ва кулли рӯзгорон, ки забони ишқу ошиқиву ниёиши Худовандро танҳо арабӣ медонистанд ва медонанд, ба ин нуктаи муҳим даст меёбад, ки забони модарии ӯ низ тавонмандии онро дорад, ки на танҳо масоили илмиву фалсафиву ахлоқиву иҷтимоӣ, балки масоили диниву ирфониву илоҳиро низ ба равшанӣ бозтоб диҳад ва ҳатто болотар аз забонҳои дигар, аз ҷумла арабӣ, ҷилвагар созад. Хусусан дар васфи Худо («Дилбар») аз чунон нерӯ, расоӣ, арҷмандӣ ва боландагию сароҳат бархурдор аст, ки дигар забонҳоро дар ҳайрату шигифтӣ мегузорад, зеро ишқро як забон нест, балки, ба қавли Мавлоно, «сад забони дигар аст»:

Форсӣ гӯ, гарчи тозӣ хуштар аст,
Ишқро худ сад забони дигар аст.
Бӯйи он дилбар чу паррон мешавад,
Он забонҳо ҷумла ҳайрон мешавад».7

Мо ин гуна мисолҳоро, ки дар осори Мавлоно дар тавсифи забони модариаш - тоҷикии форсӣ гуфтааст, ҳам дар «Маснавии маънавӣ» ва ҳам «Девони Шамс» фаровон пайдо менамоем. Аммо дар ин мавқеъ мо ба ёдкардҳои Мавлоно аз зодгоҳу ватани хеш-Хуросону Мовароуннаҳру Эрон ва шаҳрҳои он (Бухоро, Самарқанд, Балх, Кошон, Тирмиз, Рай), рӯ меорем, ки дар онҳо адиб ҷанбаи ватандӯстонаи осори худро ба намоиш гузоштааст:

Дар сафар гар Рум бинӣ ё Хутан,
Аз дили ту кай равад ҳуббулватан.8

ххх

Нараи ҳой ҳӯи ман аз дари Рум то ба Балх,
Асл куҷо хато кунад, Шамси ману Худои ман.9

ххх

То зи Қуния битобад нури ишқ,
То Самарқанду Бухоро соате.10

Мавлоно аз вожаи тоҷик (ҳамчун қавм) низ дар осораш фаровон ёд менамояд, аз ҷумла аз нармии тоҷикон, ки, аз як ҷиҳат, фоидаманд, аммо, аз ҷиҳати дигар, зараровар мебошад:

Як ҳамлаву як ҳамла, к-омад шабу торикӣ,
Чустӣ куну туркӣ кун, не нармиву тоҷикӣ.11

Мавлавӣ аз Наврӯз, ки аз идҳои қадимӣ ва миллии мо буда, ҷашнгирии он расман аз Ҷамшед шурӯъ мешавад, ҳам дар «Маснавии маънавӣ» ва ҳам «Девони Шамс» ёд менамояд, Масалан, дар «Маснавии маънавӣ» аз омадани Наврӯз бад ин тарз хабар медиҳад:

З-ин гузар кун, эй падар, Наврӯз шуд,
Халқ аз халлоқ хуш падфуз шуд.12

Зимнан бояд гуфт, ки адибони мо, аз ҷумла Мавлоно, бо рӯҳи хайрхоҳиву шафқат ва инсондӯстонаи осори худ шуҳраи офоқ гардидаанд. Ба хотир биёред шеъри «Бани одам» - и Саъдиро, ки башарро як пайкари воҳид медонад ва мегӯяд:

Бани одам аъзои якдигаранд,
Ки дар офариниш зи як гавҳаранд.
Чу узве ба дард оварад рӯзгор,
Дигар узвҳоро намонад қарор.
Ту, к-аз меҳнати дигарон беғамӣ,
Нашояд ки номат ниҳанд одамӣ.13

Агар Саъдӣ, ки ҳамасри Мавлоност, ин маъниро ба тафсил дар (се байт) баён карда бошад, Мавлавӣ онро ба иҷмол (дар як байт) ба қалам додааст:

Ранҷи як ҷузве зи тан ранҷи ҳама- ст,
Гар дами сулҳ аст ё худ малҳама-ст.14

Азбаски ҳам Мавлоно ва ҳам Саъдӣ дар як аср зистаанд (асри 13), наметавон ташхис дод, ки кадоме аввалтар ин мазмунро гуфтаанд, яъне таъсирпазирии онҳоро наметавон мушаххас намуд. Агарчи Саъдӣ (1184 - 1291) пеш аз Мавлоно (1207 - 1273) таваллуд ва баъд аз ӯ вафот кардааст, боз ҳам наметавон аз таассури онҳо сухан дар миён овард, зеро таърихи сурудани ин ашъор маълум нест. Ба ҳар ҳол, ҳар ду инсондӯстӣ, шафқат ба ҳамнавъону дармондагону бечорагонро тараннум кардаанд ва тавсия додаанд ва бад - ин тартиб на танҳо аз маънавиёту фарҳангу тамаддуни волои миллати мо, балки рӯҳи

байналмилалии адабиёти мо ва вассофи инсон будани худ ба ҷаҳониён дарак додаанд.

Албатта, дар бораи ашъори башардӯстонаи Мавлоно ва рӯҳи қавии байналмилалии андешаву афкори ӯ метавон суханони зиёд гуфт ва мисолҳои зиёд овард, аммо мо бо овардани чанд байти машҳури яке аз ғазалҳои ӯ басанда менамоем:

Тавофи каъбаи дил кун, агар диле дорӣ,
Дил аст каъбаи маънӣ, ту гил чӣ пиндорӣ?

Ҳазор бор пиёда тавофи Каъба кунӣ,
Қабули Ҳақ нашавад, гар диле биёзорӣ.
Имарати дили бечораи дусадпора
Зи ҳаҷҷу умра беҳ ояд ба ҳазрати Борӣ.15

Зимнан бояд гуфт, ки Мавлоно дар осораш на фақат аз забону зодгоҳу қавми хеш фаровон ёд мекунад, инчунин аз қаҳрамонони милливу асотирӣ низ зикр ба амал меорад. Ӯ аз ҳама зиёд аз Ҷаҳонпаҳлавон- Рустам, ки рамзи далерию паҳлавонии ақвоми ориёӣ, аз ҷумла тоҷикон, маҳсуб мешавад, ёд менамояд:

Ҷон фидои ту кунам дар интиъош,
Рустамӣ, шерӣ, ҳило мардона бош!16

Бояд гуфт, ки Мавлоно дар ашъораш аз Кайхусрав, Доро, Ҷоми Ҷам, Дирафши Ковиёнӣ, Рахш-аспи Рустам, Вису Ромин, Хусраву Ширин, Вомиқ Узро ва соири қиссаву достон ва расму оинҳои қадимии тоҷикон низ ба ин ё он муносибат ёд менамояд, ки далели равшани инъикоси рӯҳи миллӣ дар ашъори Мавлоно метавонад буда бошад. Зиёда аз ин, ӯ дар осораш аз Ибни Сино, Саноӣ, Аттор, «Шоҳнома», «Калила ва Димна», Хоқонӣ, Низомӣ, Фахруддини Розӣ ва дигар андешамандону адибони пеш аз худ бо сароҳат ном мебарад, аз ашъорашон кор мегирад ва байту мисраҳои онҳоро иқтибос ва тазмин менамояд ва бадин тартиб аз алоқаи худ ба гузаштаи миллати хеш ба хонанда хабар медиҳад:

«Шоҳнома» ё «Калила» пеши ту,
Ҳамчунон бошад, ки Қуръон аз уту.17

ххх

Назири он ки Низомӣ ба назм мегӯяд:

«Ҷафо макун, ки маро тоқати ҷафои ту нест».18

Зимнан бояд гуфт, ки андешаву афкори миллӣ ва инсонӣ, яъне байналмилалию башардӯстона дар саросари осори Мавлоно мавҷ мезанад. Аз ин рӯ, миллати мо, ки баъд аз ҳазор соли бедавлатӣ соҳиби давлат гардид ва бо озодиву истиқлолият даст ёфт, имрӯз имкони баррасии ҳамаҷонибаи осори Мавлоно, аз ҷумла ҷанбаҳои миллӣ ва байналмилалии осори ӯро пайдо кардааст, зеро то ин дам бештар ба ҷанбаҳои диниву ирфониву тасаввуфии осори ӯ диққат дода мешуд. Ба сухани равшантар, маҳз дар замони истиқлолият мо чеҳраҳои бузурги миллии худ, аз ҷумла Мавлоноро шинохтем, ба осораш пурра дастрасӣ пайдо кардем ва аз мақоми волояш дар арсаи адабу тамаддуни башарӣ воқиф гардидем. Аз ин хотир, мо бояд шукри истиқлол, шукри ин неъмати бузург намоем, ки он дар поёни асри гузашта (бо мушкилоти зиёд ҳам бошад), бо роҳбарии Президенти кишвар, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, насиби мо гардид. Воқеан, гузаштагони мо ҳамеша  дар орзуи ҳамин гуна истиқлолият буданд ва пинҳону пайдо дар осори худ аз он сухан дар миён меоварданд. Беҳуда Ҳассони Аҷам- Хоқонии Шарвонӣ нагуфтааст:

Неъмате беҳтар аз озодӣ нест,
Бар чунин моида куфрон чӣ кунам? 19

Дар ҳақиқат, мо бояд куфрон накунем, балки шукри истиқлол намоем, ки ба мо озодии аз даст рафтаамонро бозгардонд, моро ба мо ошно кард. Хусусан дари ошноиро ба рӯйи яке аз бузургтарин ва бедортарин фарзанди миллатамон-Мавлоно Ҷалолиддини Балхии Румӣ (ҳамаҷониба) боз кард. Мавлоно, ки имрӯз аз ному осораш на танҳо мо-ҳаммиллатони ӯ ва шаҳрвандони кишвари Туркия, ки Мавлоно бо сабабҳои айнию зеҳнӣ дар он ҷо зиставу эҷод кардааст, балки тамоми аҳли башар ифтихор менамоянд, зеро ӯ тамоми башарро яксон дӯст медошт. Аз ин рӯ, барҳақ, ӯ ба кулли аҳли башар тааллуқ дорад. Гӯйӣ худи Мавлоно барои тасдиқи ин андеша аз забони шоир ба мо мегӯяд:

Маро аз софии ботин зи худ донанд ҳар қавме,
Ки ҳар зарфе ба ранги худ барорад оби равшанро.20

**Пайнавиштҳо**:

1.Маснавии маънавӣ. Теҳрон, Нашри замон, 2001, с.15.
2.Куллиёти Шамс ё Девони кабир. Аз гуфтори Мавлоно Ҷалолиддин Муҳаммад, машҳур ба Мавлавӣ, ҷузви чорум. Теҳрон, 1363, с.83 ва 269.
3.Ҷалолиддини Румӣ. Девони кабир, Ҷ.1.-Душанбе, Адиб, 1991, с.139.
4.Маснавии маънавӣ, с.46.
5.Ҳамон ҷо,с.16.
6.Ҳамон ҷо,с.46.
7.Ҷамолиддин Саидзода. Сабки сухани Мавлоно. Душанбе, 2009, с.65.
8.Маснавии маънавӣ, с.183.
9.Ҷалолиддини Румӣ.Девони кабир,Ҷ.1,с.395.
10.Маснавии маънавӣ, с.312.
11.Ҷалолиддини Румӣ. Девони кабир, Ҷ.2, Душанбе, Адиб, 1993, с.401.
12.Ҳамон ҷо, с.252.
13.Саъдии Шерозӣ. Куллиёт,Ҷ.3, Душанбе, Адиб, 1990, с.51-52.
14.Маснавии маънавӣ, с.425.
15.Мавлоно Ҷалолиддини Румӣ. Девони кабир,Ҷ.3, Душанбе, Дониш, 2008, с.675-676.
16.Маснавии маънавӣ, с.650.
17.Ҳамон ҷо, с.430.
18.Ҷалолиддини Румӣ. Девони кабир,Ҷ.1, с.62.
19.Девони Хоқонии Шарвонӣ.Теҳрон,1368, с.202.
20.Соиб ва сабки ҳиндӣ.Теҳрон,1371, с.163.

**Тоҷинисо МУРОДОВА**
*ходими илмии Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.Баҳоваддинови АИ ҶТ*

## НИГОҲЕ БА САРГУЗАШТИ МАВЛОНОИ БАЛХӢ

Мавлоно Ҷалолуддини Балхӣ – мутафаккир ва шоири барҷаста дар таърихи афкори дунёи Шарқ як шахсияти нотакрор буда, дар илму фарҳанги мардуми форсу тоҷик, махсусан, фалсафаву ахлоқ, иҷтимоъ ва ирфон саҳми арзанда гузоштааст.

Ҷалолуддин Муҳаммад Балхӣ, мутахаллис ба Мавлавӣ дар соли 604 ҳиҷрии қамарӣ дар шаҳри Балх, ки яке аз марказҳои муҳими илму фарҳанги он замон буд, дар хонаводаи аҳли илму адаб ба дунё омадааст.[3] Ӯ баъдан ба Мавлонои Румӣ ва Мавлонои Балхӣ шуҳрат пайдо мекунад, ки ӯро Мавлоно ва Мавлавӣ низ ном бурдаанд.

Сабаби он ки Муҳаммад ба Мавлонои Рум шуҳрат пайдо кард, он буд, ки вай бештар умри хешро дар Қуния гузаронидааст, дар акси ҳол ӯ возеҳу равшан худро Хуросонӣ мехонад ва дилбастагиашро ба мардуми он сомон изҳор мекунад. «Мавлавӣ» аз лақабҳои хоси ӯ нест ва зоҳиран аз дигар унвони вай, яъне Мавлонои Балхӣ гирифта шуда ва баъд аз қарни нуҳуми ҳиҷрӣ дар тазкираву сарчашмаҳо риводҷ пайдо мекунад.[4]

Падари Мавлоно Баҳоуддин Муҳаммад, маъруф ба Баҳовалад ва мулаққаб ба Султонуламо аз хатибони машҳур ва барҷастаи Хуросон ба шумор мерафт. Ӯ дар тариқат пиру машраби Наҷмуддини Кубро будааст. Азбаски падари Мавлоно дар Балх шуҳрати бисёр ёфта буд ва мардуми он ҷо ба вай

---

[3] Маснавии Мавлавӣ.Таҳқиқ ва тасҳеҳи Муҳаммад Ҳасани Шерозӣ. Теҳрон, 1379.-С.1

[4] Фурузонфар; Бадеъулзамон. Зиндагонии Мавлоно Ҷалолуддин Муҳаммад машҳур ба Мавлавӣ. Теҳрон, 1366.-С.5. Ниг.: Маҳдии Даҳбошӣ; Сайид Алиасғари Мирбоқирӣ Торихи тасаввуф (1). Теҳрон, 1391.-С.194.

иродати зиёд меварзиданд, боиси бухлу ҳасади атрофиёни Муҳаммад Хоразмшоҳ қарор мегирад ва ба ин ҷиҳат Хоразмшоҳ ӯро дар шароите қарор медиҳад, ки маҷбур ба тарк намудани Балх мешавад. Ӯ савганд ёд мекунад, ки то Султон Муҳаммад Хоразмшоҳ бар тахти подшоҳӣ нишаста бошад, ҳаргиз ба шаҳри хеш бознагардад[5]. Баҳовалад дар соли 617 ҳамроҳи хонавода ва гурӯҳе аз атрофиёнаш аз Балх муҳоҷират мекунад ва сафари тӯлониеро пеш мегирад. Муҳаққиқ Муҳаммад Ҳасани Шерозӣ сабаби муҳоҷирати ӯро аз Балх дар озурдагии хотири Баҳовалад аз Хоразмшоҳ донистааст, аммо муҳаққиқон Маҳдии Даҳбошӣ ва Сайид Алиасғари Мирбоқирӣ дар ин бора далели дигареро низ пешниҳод мекунанд, ки ин юриши муғул ба Хуросон ва беназмунизомиҳо онҳо дар ҷомеа буд, ки Баҳоваладро ба ин муҳоҷират водор сохтааст. Аз рӯйи далелу вазъи сиёсиву таърихии замони зиндагии Мавлоно ба назар мерасад, ки ҳар ду далел барои тарк намудани ватан аз тарафи аҳли байти Баҳовалад мувофиқат мекунад. Баҳовалад пас аз хуруҷ аз Балх муддате дар маҳдудаи Вахшу Самарқанд мондагор мешавад. Онгоҳ дар байни солҳои 616-618 ҳиҷрии қамарӣ барои зиёрати Маккаи муқаддас мераванд ва дар ибтидо дар роҳи сафар ба Нишобур расиданд ва баъд ба самти Бағдод роҳи худро идома медиҳанд. Давлатшоҳи Самарқандӣ аз дидори Баҳовалад дар Нишобур ба Шайх Фаридуддини Аттор маълумот додааст ва ишора мекунад, ки Аттор «Асрорнома»-ашро ба Мавлоно, ки он замон ҳанӯз хурдсол буд, ҳадя менамояд ва ба падараш мегӯяд, ки ӯ оянда оташ дар сӯхтагони олам мезанад.[6]

Иқомати Баҳовалад ва ҳамроҳонаш дар Бағдод аз се рӯз бештар давом намекунад ва рӯзи чаҳорум сӯйи Макка ҳаракат мекунанд ва дар бозгашт ба Шом рафта, муддате дар он ҷо умр ба сар мебаранд. Пас аз анҷоми ҳаҷ чаҳор сол дар Малатия ва ҳафт сол дар Ларанда мондагор мешаванд. Мавлоно дар ҳамин шаҳр дар синни ҳаждаҳсолагӣ ба хости падар бо Гавҳархотун, духтари Машрафуддин Лола издивоҷ мекунад, ки маҳсули ин

---

[5] Маснавии Мавлавӣ.-С.1.

[6] Давлатшоҳи Самарқандӣ. Тазкират-уш-шуаро. Бо эҳтимоми Муҳаммад Рамазонӣ. Чопи дуюм. Теҳрон,1366.-С.145; Ниг.: Торихи тасаввуф.-С.194.

васлат се писару як духтар буд, яъне Баҳоуддин Муҳаммад маъруф ба Султонвалад, Алоуддин Муҳаммад, Музафаруддин Амиролам ва Маликахотун.

Замоне, ки Баҳовалад бо ҳамроҳони хеш дар Лоранда зиндагӣ мекард, шуҳрат ва овозааш дар ҳама ҷо печида буд. Ҳокими Салчуқӣ Алоуддини Кайқубод аз ӯ дархост мекунад, ки ӯ ба Қуния равад.[7] Бояд гуфт, ки таърихи ба Қуния рафтани Баҳовалад дақиқан маълум нест, вале эҳтимолан ба соли 626 ҳиҷрии қамарӣ рост ояд.[8] Баҳовалад дар Қуния ба тадрис ва иршоди мардум машғул мешавад, ки охирин лаҳзаҳои зиндагии хешро дар ин шаҳр гузаронад. Баҳовалад рӯзи ҷумъаи рабеъ-ул-охири соли 628 ҳиҷрии қамарӣ дар синни ҳаштодсолагӣ рӯй дар ниқоби хок мекашад. Аз ин маълумотҳои мухтасар маълум мегардад, ки Мавлоно ватани хешро тарк нанамудааст, балки падари ӯ бо сабаби ноороми вазъи сиёсиву иҷтимоии Хуросон бо хонаводаи худ дар ибтидо ба кишварҳои араб ва баъдан пас аз чанд соли тулонӣ ба Қуния ворид мегардад.

Пас аз вафоти падар сарпарастии хонавода бар дӯши Мавлоно меафтад ва ҳамин тавр дар Қуния мондагор мешавад. Ӯ дар синни бисту чаҳорсолагӣ ба хоҳиши муридон ва ҳамчунин бинобар васияти падар ба тадриси шогирдон машғул мешавад.

Дар соли 629 Бурҳонуддин Муҳақақи Тирмизӣ (мутаваллид ба 638 ҳиҷрии қамарӣ), ки аз дӯстони Баҳовалад буд, вориди Куния мешавад ва Мавлоно муддати нуҳ сол таҳти иршоду тарбияти ӯ қарор мегирад. Соли 638 ҳиҷрии қамарӣ Бурҳонуддин вафот мекунад ва Мавлоно ба зиндагии хеш идома медиҳад, яъне муддати панҷ сол ба маснади иршод ва тадрису тарбияти толибони илму ахлоқ ва улуми дину адён ҳиммат мебандад ва ба зуҳду риёзат машғул мегадад ва ӯ ҳамчун устоди донишманду бо лаёқат дар байни шогирдони хеш машҳур мегардад. Бояд гуфт, ки дар ибтидо теъдоди шогирдони ӯ аз чаҳорсад нафар бештар будааст.

Мавлоно баъд аз ду соли вафоти падараш дар замони ҳаёт будани Бурҳонуддин барои такмили таҳсили худ ба Ҳалаб

[7] Маснавии Мавлавӣ. Теҳрон, 1379.-С.2
[8] Торихи тасаввуф.-С.195

меравад. Ӯ дар муддати чаҳор сол дар ҳоли риёзат ва сулук дар мадрасаи Муқаддасия омӯхтаҳояшро такмил дода, баъд аз ҳафт соли иқомат дар Ҳалаб ва Димишқ ба Қуния бармегардад. Пас аз вафоти Бурҳонуддин беш аз даҳ хазор мурид чун парвона ба даври шамъи вуҷуди Мавлоно гирд омада буданд, ки дар айни ин гирудор ҳодисае рух дод, ки аз Мавлоно Мавлонои дигар сохт. Ногаҳон шӯридае аз шӯридагони олам ва соҳиби ҳолу қол, марди ориф ва вораста ба Қуния ворид шуд, ки ин шахсият Шамсуддин Муҳаммад ибни Алӣ ибни Маликдоди Табрезӣ, бо лақаби Шамси Табризӣ машҳур буд. Ӯ тавонист, ки пас аз муддате Мавлоноро дар дарёи муҳаббати худ гирифтор созад ва ӯро аз сарчашмаи ирфони хеш бархӯрдор гардонад ва нерии дубора ба ӯ бибахшид.[9] «Шамс орифи беқароре буд, ки дар ҳеҷ макону ному нишоне ором намеёфт. Ӯ дар тариқат ба суҳбати машоихи бисёре, аз ҷумла Шайх Абубакри Саллабофи Табрезӣ, Шайх Рукнуддини Суҷосӣ ва Бобокамоли Ҷундӣ расида буд ва шаҳр ба шаҳрро зери по мегузошт».[10] Ӯ дар Шом бо Ибни Арабӣ низ мулоқот доштааст, аммо ин мулоқот ӯро пойбанд намесозад ва ба ҷустуҷӯйи хеш идома медиҳад ва билохира мерасад ба Қуния. Дар бораи буданаш ба Қуния ва ин ки чигуна ба Мавлоно вохӯрӣ дошт, ривояту қиссаҳои мухталифе вуҷуд дорад, ки мувофиқи маълумоти муҳаққиқони «Торихи тасаввуф» ба тафсил дар «Муноқиб-ул-орифин», «Нафаҳот-ул-унс» ва «Тазкират-уш-шуаро» ва дигар манбаҳои таърихи нақл шудааст.[11]

Чунонки дар боло қайд шуд, дидор ва ошноии Мавлоно бо Шамс боис шуд, ки дунёву зиндагии Мавлоно аз ин рӯ ба он рӯ шавад. Пеш аз ҳама ин дидор дар ҳаёту ҷаҳонбинии Мавлоно таъсири зиёде гузошта, ҷаҳони ботинии ӯро ба шӯру қиём андохт ва дар асари он ӯ якбора ва ногаҳонӣ тағйири ҳол кард ва дар қатори орифон даромад. Аммо бо вуҷуди он ки дидор ва суҳбатҳои ӯ бо Шамси Табрезӣ дар шаклгирии шахсияти ирфонии Мавлоно нақши бузурге дошт, Мавлоно пеш аз ин

---

[9] Маснавии Мавлавӣ.-С.3
[10] Ҳамон ҷо.-С.195
[11] Ҳамон ҷо

дидору мусоҳибат ва робита аз овони кудакӣ бо аҳли тариқат дошта, ба усул ва равиши муомилоти онҳо мутамоил буд.[12]

Аммо Шамси Табрезӣ боис шуд, ки то Мавлоно дар тариқати машрабӣ пуршӯртар бар гузинад ва дунёи зиндагии қаблии хешро нодида гираду комилан ба дунёи ирфону ахлоқи маънавӣ дохил гардад. Аз ин ҷо, муридон ва шогирдони Мавлоно Шамсро иллати тағйири аҳвол ва тариқати ӯ медонистанду кинаи амиқ нисбат ба ӯ дар дил парвариш намуда, аз пайи қасди ҷонаш мешаванд ва бо ӯ роҳи носозгориро пеш гирифта, ба ӯ озор доданро раво мебинанд. Шамси Табризӣ, ки аз ин мавзӯъ огоҳ шуда буд, озурдахотир бехабар Қунияро тарк мекунад ва Мавлоноро дар оташи фироқи худ месӯзонад:

Аҷаб, он дилбари зебо куҷо шуд,
Аҷаб, он сарви хушболо куҷо шуд.
Миёни мо шамъе нур медод,
Куҷо шуд, эй аҷаб! Бе мо куҷо шуд….
Девона ҳамегардам ба саҳро,
Ки он оҳу дар ин саҳро куҷо шуд.
Чашми ман чун ҷайҳун шуд зи гиря,
Ки он гавҳар дар ин дарё куҷо шуд.[13]

Бо ғайб задани Шамс Мавлоно ошуфтаҳол ва нороҳату саргардон мешавад ва оромиши хешро гум мекунад. Ӯ танҳо оромиши худро дар пайдо кардани Шамс дида, то ки дар сояи вуҷудаш қарор ёбад. Дар натиҷаи ҷустуҷӯйи зиёде Шамсро дар Шом ёфтанд ва Мавлоно тавассути номаҳо ва ашъори шӯрангези хеш ӯро розӣ кард, то ба Қуния баргардад. Султонвалад фарзанди Мавлоно бо узрхоҳии зиёде назди вай меравад ва Шамсро бо эҳтирому икром ба Қуния бармегардонад. Дар соли 645 дубора мардуми Қуния зидди Шамс ошӯб барпо мекунанд ва дар натиҷа ин орифи беқарор нопадид мешавад ва дигар аз ӯ хабаре нарасид. Мавлоно барои пайдо кардани Шамс дубора ба Шом сафар мекунад ва ба ҷустуҷӯйи ӯ машғул мешавад, вале натиҷае ба даст намеояд. Баъд аз ин ҷисми Шамс дар зиндагии

[12] Ҳамон ҷо.-С.196
[13] Маснавии Мавлавӣ.-С.4

Мавлоно ғуруб кард, Агарчанде ки ёди Шамс ҳамеша бо ӯ буд, бо вуҷуди ин бар зиндагии Мавлоно таъсир мегузошт.[14]

Мавлоно пас аз ҷустуҷӯйи зиёде сар ба шайдоӣ мезанад ва анбуҳе аз ашъори ӯ баёнкунандаи рӯзҳои ҷудоии ӯ аз Шамс будааст. Мавлонои Балхӣ чанд сол пас аз як муддате дар ибтидо бо Салоҳуддин Заркуб ва баъд аз ӯ Ҳисомуддин Чалабиро ба ҳамдамии худ қарор медиҳад.[15]

Соли 647 то соли 672 ҳиҷрии қамарӣ, яъне соли гузариши Мавлоно буд, ки пурбортарин ва муҳимтарин давраи зиндагии ин ориф ва мутафаккири бузургвор буд. Дар ин муддат ӯ ҳам ба тарбияту иршоди муридону шогирдон машғул мешавад ва ҳам ба навиштану таълифи осори хеш ҳиммат мебандад ва бо осори худ дар таърихи ирфону ахлоқ ва тасаввуфи форсу тоҷик мақоми волое пайдо мекунад ва беҳтарин асарҳои ирфонӣ-ахлоқии хешро ба қалам медиҳад: «Девони ғазалиёт», «Маснавии маънавӣ», «Фиҳи мо фиҳи», «Макотиб ва маҷолиси сабъа» аз муҳимтарин осори Мавлавӣ мебошад. Аммо бояд гуфт, ки дар замони ҳозир «Маснавии маънавӣ» яке аз машҳуртарин асари ирфонӣ ва ахлоқии ӯ ба ҳисоб меравад ва бар он шарҳҳои мухталифе навишта шудааст ва дар ҳар яке аз ин шарҳҳо ҷаҳонбинӣ ва дидгоҳи ирфонӣ-ахлоқии Мавлонои Балхӣ баррасӣ шудааст.[16]

Дар бораи Мавлонои Балхӣ дар замони муосир «дар кишварҳои мухталифи олам пайравони зиёди назария ва амалияи Румӣ ва мавлавия фаъолият мебаранд».[17]

Ин шахсияти камназир ва орифи баргузида дар соли 672 ҳиҷрии қамарӣ бар асари як беморӣ, ки табибон аз илоҷаш дармонда буданд, аз дунё даргузашт. Мавлоно дар охирин лаҳзаҳои зиндагии хеш чунин ғазалеро ба забон овардааст, ки матлаъи он ин аст:

*Рав сар бинеҳ ба болин танҳо маро раҳо кун,*

---

[14] Ҳамон ҷо
[15] Ҳамон ҷо
[16] Ҳамон ҷо
[17] Зиёев Хуршед. Перомуни баъзе сабабҳои шуҳрати ҷаҳони пайдо кардани Мавлоно Ҷалолуддини Румӣ. Маводи конференсияи илмии «Ҷалолуддин Балхии Румӣ ва фарҳанги сулҳофаринӣ. Душанбе,2013.-С.10

*Тарки ман хароби шабгардӣ, мубтало кун.*

Ва охири ғазал чунин аст:

*Дар хоб, дӯш пире дар кӯйи ишқ дидам,*
*Бо даст ишоратам кард, ки азм сӯйи мо кун.*[18]

Марги Мавлоно тамоми мардуми Қунияро аз пир то ҷавон мутаассир ва мутаасиф сохт. Мақбараи Мавлоно дар Қуния имрӯз маҳали зиёратгоҳи урафо ва алоқамандон ба адабу ахлоқи ирфонӣ гардидааст ва гурӯҳе аз иродатмандон бар сари турбати ӯ биное сохтаанд, ки ба қуббаи хазро шуҳрат дорад:

*Ҳосили умрам се сухан беш нест,*
*Хоми бадам, пухта шудам, сӯхтам.*[19]

Дар замоне, ки Мавлоно мезист дар ирфон дигаргуниҳои зиёде шуда буд, яъне доираи ирфон васеъ гардида равияву тариқатҳои зиёди ирфонӣ амал мекард ва тарафдорони он ба таблиғу ривоҷи таълимотҳои худ талош менамуданд. Мавлонои Балхӣ ба иллати шароити хоси зиндагиаш бо уламо ва машоихи бузурги замони хеш ва ҳамчунин ба тариқатҳои мухталифи ирфонӣ ошно буд. Ин ҷо суоле ба миён меояд, ки Мавлоно миёни ин тариқатҳои ирфонӣ кадомеро пайравӣ ва қабул намуда буд ва чи роҳу равишеро пеш гирифта буд ин суол ба мавқеъ ва муҳим аст. Агар ба ин суол ва ё пурсиш дуруст ҷавоб дода нашавад, онгоҳ фаҳму шарҳи осори вай низ ба дурустӣ мумкин нахоҳад шуд.[20]

Муҳимтарин нуктае, ки дар бораи тариқати ирфонии Мавлоно боиси рушанӣ мегардад, он аст, ки робитаи ӯ бо Ибни Арабӣ дар кадом ҳад будааст ва оё, ӯ таҳти таъсири вай қарор гирифта буд ва ё на? Мавлонои Балхӣ солҳои охири умри хеш, ки ба Шом рафта ба таҳсил ва касби маориф ва таҳзиби ахлоқ машғул буд, овозаи Ибни Арабӣ ин сарзаминро пур карда буд. Аз рӯйи маълумоти муҳаққиқони «Торихи тасаввуф» наметавон пазируфт, ки Мавлоно, ки барои омӯхтан ва такмили огоҳиҳои илмӣ ва тариқати ирфонии худ ба Шом сафар карда буд, бо яке аз бузургтарин ва машҳуртарин машоихи ирфонӣ, ки дар ин

[18] Маснавии Мавлавӣ.-С.5
[19] Ҳамон ҷо.-С.6
[20] Торихи тасаввуф.-С.197

сарзамин мезист ва орои ӯ дар дари ҳар маҷлиси илмӣ ва ирфонӣ дар миён буд, ошно нашуда бошад.[21]

Илова бар ин Мавлоно дар Қуния бо Садруддин Қунавӣ, ки аз бузургтарин шогирдони Ибни Арабӣ ба шумор мерафт, иртибот дошт. Ҳамин намунаҳо шояд далели хубе бошад барои он ки Мавлоноро мутамоил ба роҳу равиши Ибни Арабӣ бидонем ва осори ӯро саршор аз ин дидгоҳҳо ба рағми ошноии вай бар асоси мактаби ирфонии Ибни Арабӣ донем, вале наметавон ӯро дар зумраи пайравони Муҳайяддин ва аз тарафдорони дидгоҳҳои вай ҳисоб кард. Аз ин ҷо, райъи Мавлоно ба дидгоҳҳое наздик аст, ки дар тақсимбандии тариқатҳои ирфонӣ дар қаламрави мактаби Хуросон қарор мегиранд. Агар эътиқод ба сукрро яке аз маҳварҳои асосии таълимии ин мактаб бидонем, Мавлони Балхиро метавон дар сафи маъруфтарин орифони ин тариқати муҳими ирфонӣ ҳисоб кунем, ки бо ҳарорат ва эътиқоди том дар пайи ривоҷи усул, ё ин ки равиши ин мактаб будааст.

Аз ин ҷо, метавон хулоса кард, ки: аввалан Мавлоно мутаваллиди Балхи Хуросон буд ва бо ихтиёри худ зодгоҳашро тарк накардааст, ки навиштаҳои боло гувоҳи ин фикр аст, қаҳрамони асосии ин сафар падари Мавлоно буд, на худи ӯ. Дигар ин ки худи фарзанди Мавлоно Султонвалад дар «Маснавии валадия дар баёни асрори аҳадия» падари хешро чунин ном бурдааст, ки «Ҳазрати волидам ва устодам ва шайхам Султонуламо вал-орифин Мавлоно Ҷалол-ул-ҳақи-вад-дин Муҳаммад ибни Ҳусайни Балхӣ…»; дуюм ин ки ӯ нисбат ба кишвар ва ҷойи таваллуди худ Балх бо эҳтиром буд ва чунонки гуфтем иллати муҳоҷират ба кишварҳои дигар ин падари ӯ буд, на худи ӯ; сеюм ин ки осори навиштаи ӯ бештар ба равиши мактаби Хуросон ва пайравони он буд, харчанд ки ӯ дар давоми сафарҳои падари хеш ӯ ҳанӯз хело ҷавон буд, бо равияву тариқатҳо ва намояндагони онҳо вохӯрда буд; чаҳорум ин ки сафар намудан ва дар ҷараёни сафар такомулу ташаккул ёфтани ҷаҳони маънавию маърифатии аҳли илму адаб яке аз равияҳои хоси мутафаккирони барҷастаи замонҳои гузашта буд. Маҳз дар

[21] Ҳамон ҷо.-С.198.

сафар инсон муҳити худро дигар карда, ба ҷаҳони васеътаре рӯ ба рӯ шуда, мағзи эҷодкори ӯ фаъол гардида, рӯҳи ӯ аз зиндагии якнавохт озод мегардад ва шинохти ӯ ба дунёи асрори олами ашёҳо ва инсонҳои гуногунандешу мухталифахлоқ комилтар мешавад. Аз ин ҷо, сафар инсонро обу тоб дода, ӯро ҳам аз ҷиҳати маънавӣ ва ҳам аз лиҳози ҷисмӣ-рӯҳӣ қавию пуртаҳаммул месозад ва ӯро аз дунёи маҳдуд ба дунёи фарох ва ҷаҳонбинии васеъ ҳидоят менамояд. Бинобар ин, бузургтарин инсонҳои дорои хираду маърифати воло ин маҳсули сафарҳои тӯлонии худшиносиву мардуму миллатшиносӣ ва фарҳангшиносианд.

**Адабиёт:**

1. Брагинский И. Джалалиддин Руми. Муқаддима. -С.17-18. Кн.: Звезды поэзии. Душанбе, 1984.-С.243-286

2. Зиёев Х.М. Перомуни баъзе сабабҳои шуҳрати ҷаҳонӣ пайдо кардани Мавлоно Ҷалолуддини Румӣ. Маводи конфересияи илмии «Ҷалолуддин Балхии Румӣ. -Душанбе, 2013.-С.10

3. Маснавии Мавлавӣ. Таҳқиқ ва тасҳеҳи Муҳаммад Ҳасани Шерозӣ. Теҳрон, 1379, 389 с.

4. Маҳдии Даҳбошӣ, Сайид Алиасғари Мирбоқирӣ. Торихи тасаввуф. Теҳрон,1391. Ҷалолуддин Муҳаммад Балхӣ. С.194-198

5.Маҳмадҷонова М.Т. Фалсафаи сулҳ дар таълимоти «инсони комил»-и Ҷалолуддини Балхии Румӣ. Маводи конференсияи илмии «Ҷалолуддин Балхии Румӣ ва фарҳанги сулҳофаринӣ. -Душанбе, 2013,-С.46-54

6. Савонеҳ Умрӣ. Ҳазрати Мавлонои Рум. Мусаммӣ ба Муноқиб-ул-орифин.

МАОРИФПАРВАРӢ ВА ҶАҲОНБИНИИ АЛТЕРНАТИВӢ

**Ҳасани СУЛТОН**
**узви вобастаи**
**АИ Ҷумҳурии Тоҷикистон**

## УСУЛНОМАИ ИСТИЛОҲНИГОРИИ ТОҶИКӢ

Маҷмӯи вожагон ё калимаҳои хоси ягон соҳаи илму фан, саноату истеҳсолот, касбу ҳунар, ки бо мафҳумҳои мушаххас алоқаманданд, маъмулан истилоҳот ном бурда мешаванд. Ҳар соҳаи илму фан, саноату истеҳсолот ё касбу ҳунар истилоҳоти хоси худро дорад, ки ин истилоҳот дар ҳампайвандӣ як низоми том ва муназзами истилоҳоти ҳамин соҳаро ташкил медиҳанд.

Дар забони русӣ ба ин маъно бештар истилоҳи *терминология* (лот. *terminus* – ҳад, ҳудуд ва юн. *logos* – калима, таълимот) истифода мешавад, ки илова бар ифодаи маънии як соҳаи муҳимми *вожашиносӣ* (*лексикология*), яъне *истилоҳшиносӣ* боз маҷмӯи истилоҳоти забони русиро ифода мекунад.

Истилоҳоти тоҷикӣ воқеан таърихи қадиму ғанӣ дорад ва аз умқи асрҳои пешин ибтидо мегирад. Бузургтарин донишмандони миллии мо - Абурайҳони Берунӣ бо таълифи «Китоб-ут-тафҳим» (соли таълифаш 1029) ва Абуалӣ ибни Сино бо «Донишнома» (таълифаш байни солҳои 1023-1037) бунёдгузори истилоҳоти илмии тоҷикӣ шинохта шудаанд. Ташаккулу такомули минбаъдаи истилоҳоти илмии тоҷикӣ дар асрҳои баъдӣ дар осори Носири Хусрав, Умари Хайём, Насириддини Тӯсӣ, Исмоили Ҷурҷонӣ... камобеш идома пайдо кардааст.

Ҳамчунин ҷойи таъкид аст, ки ниёгони донишманди мо - Муҳаммади Хоразмӣ, Абулмаъшари Балхӣ, Аҳмади Фарғонӣ, Муҳаммад Закариёи Розӣ, Абунасри Форобӣ, Абулвафои Бузҷонӣ, Абуалӣ ибни Сино, Абурайҳони Берунӣ, Абусаиди

Сиҷзӣ, Абумаҳмуди Хуҷандӣ, Абулфазли Ҳиравӣ ва дигарон бо таълифоти илмии худ дар ташаккули истилоҳоти илмии арабӣ саҳми назаррас доранд, ки баъдан баъзе аз ин истилоҳот ба забони тоҷикӣ ворид шуда, то ба имрӯз ҷузъи муҳимми истилоҳоти илмии тоҷикиро дар илмҳои нуҷум, шумору ҳандаса, фалсафа, ҷуғрофия, тиб ва ғайра ташкил медиҳанд.

Истилоҳоти тоҷикӣ асосан дар заминаи захираи ғании луғавии дар тӯли бештар аз ҳазор сол гирдомада, забони зиндаи мардум, ҳамчунин сохтан ва пазируфтани истилоҳот аз забонҳои дигар ташаккул ёфтааст.

Бояд гуфт, ки истилоҳоти тоҷикӣ дар даврони шӯравӣ ҳамзамон бо пешрафти ҳамаи соҳаҳои ҳаёти ҷомеа ва илму фан, ба хусус зери таъсири истилоҳоти русӣ ва забонҳои дигар такмилу такомули бештар ёфт ва равиши илмии низомманд пайдо кард.

Истилоҳ маъмулан бо роҳи ба дӯши калимаҳои мустаъмал бор кардани мазмуни мафҳуми мушаххас ба миён меояд. Шарти муҳим он аст, ки истилоҳ ифодагари яке аз нишонаҳои асосии мафҳум бошад ё ба таври қатъӣ бори маънии мафҳуми мушаххас бар дӯши истилоҳ вогузор карда шавад. Илова бар ин, дар ҳолатҳои истисноӣ, гоҳе истилоҳ метавонад хилофи мазмуни исмии худ бошад ва ё ба мазмуни исмии худ ягон робита надошта бошад.

Нахустин дастурамал, ки усули асосии истилоҳоти забони тоҷикиро то солҳои ҳафтодуми садаи XX муқаррар мекард, «Установкаи терминологияи забони тоҷикӣ» ном дошта, соли 1936 аз ҷониби Кумитаи марказии алифбои нав ва терминология (истилоҳот) ба тасвиб расид. Вале бояд ёдовар шуд, ки усулномаи мазкур дар рӯҳияи сиёсати давр таҳия шуда, ҷанбаи заифи илмӣ дошт ва дар роҳи пешрафти забони тоҷикӣ ва истилоҳоти миллӣ дар садаи сарнавиштсози бист то андозае монеа эҷод кард.

22 июни соли 1960 бо қарори Шӯрои Вазирони ҶШС Тоҷикистон (рақами 276) Комитети терминология (Кумитаи истилоҳот) дар назди Раёсати Академияи илмҳо аз нав таъсис ёфт ва соли 1969 ин Кумита бо ташаббуси собиқ Президенти Академияи илмҳо - устод Муҳаммади Осимӣ, ки ҳамзамон

вазифаи раисии Кумитаро ба зимма дошт, ба аъзои Кумита лоиҳаи «Принсипҳои асосии терминологияи забони тоҷикӣ»-ро пешниҳод кард ва моҳиятан таҳияи усули истилоҳнигории тоҷикиро дар навбати аввал ба имкониятҳои худи забони тоҷикӣ марбут донист.

Усулномаи «Принсипҳои асосии терминологияи забони тоҷикӣ» соли 1971 дар зери таҳрири устод Муҳаммади Осимӣ ва Носирҷони Маъсумӣ ба нашр расид. Бояд гуфт, ки усулномаи мазкур аз тарафи Яқуб Калонтаров тартиб дода шуда, донишмандони маъруф Абдулқодир Маниёзов ва Акбари Турсон дар таҳрири ниҳоии он ширкат варзидаанд.

Мавриди зикр аст, ки ин усулнома аз 15 усул (принсип) иборат буда, то ба имрӯз дорои аҳамияти баланди илмию амалист. Вале рӯзгори имрӯзаи соҳибистиқлолии кишвар ва давлатдории миллӣ зарурат пеш овардааст, ки баъзе усули истилоҳнигории тоҷикӣ мавриди таҷдид, такмил ва бознигарии ҷиддӣ қарор дода шавад. Зеро, ҳангоми таҳияи усулномаи мазкур, яъне дар рӯзгоре, ки идеологияи ҳукмрони шӯравӣ ҳарчанд зоҳиран баробарии забонҳоро тарғиб намуда, ботинан ба густариши забони русӣ ва тарвиҷи корбасти истилоҳоти русиасл бештар машғулу манфиатдор буд, забони тоҷикӣ дар илму фан доираи фаъолияти нисбатан маҳдудтар дошт ва ҳангоми истилоҳнигорӣ ва корбасти истилоҳот ба истилоҳоти русӣ бештар афзалият ва бартарӣ дода мешуд. Ин нукта ҳам гуфтанист, ки аз 15 асли усулномаи мазкур 10 асли он (аслҳои 3, 4, 6, 7, 8, 9, 12, 13, 14, 15) бавосита ё бевосита ба забони русӣ алоқамандӣ дошт. Аз ҷумла, асли 3 «бо роҳи аз ҳисоби терминҳои забони русӣ ва дигар забонҳо бой кардани захираи терминҳои забони тоҷикӣ», асли 4 «бо роҳи аз забони русӣ айнан тарҷума кардани калима ва ибораҳо (калка)» ва асли 12 «баъзе унсурҳои калимасозии юнонию лотинӣ, ки дар терминологияи русӣ ҳастанд, дар тоҷикӣ ҳам бетағйир мемонанд» муқаррар шуда буд. Аммо, имрӯз, дар даврони соҳибихтиёрии воқеии кишвар ва мақоми олии давлатӣ доштани забони тоҷикӣ фурсат фаро расидааст, ки бо таваҷҷуҳ ба меъёрҳои аслӣ ва таърихии забон усул ва равишҳои истилоҳнигории тоҷикӣ дигарбора муайян ва муқаррар карда шаванд.

Албатта, ҷойи шакку тардид нест, ки мо ҳанӯз ҳам дар муҳити таъсири забон ва илму фарҳанги русӣ қарор дорем ва тору пуди ҷаҳонбинии илмӣ ва истилоҳнигории мо хоҳ-нохоҳ ғолибан бо истилоҳоти русӣ пайванд мехӯрад ва ҳанӯз истилоҳоти ин забон, ба хусус тарҷумаи истилоҳот аз ин забон барои истилоҳнигории миллии мо ба сифати заминаи муътамад хидмат мекунад.

Бино бар ин, дар зер чанд асли истилоҳнигории тоҷикӣ, ки ба андешаи мо, ба табиати забони тоҷикӣ ва истилоҳнигории он созгории бештар доранд ва бархе аз ин аслҳо дар усулномаи дар боло ёдшуда низ таъкид шудаанд, ба доварию қазовати мутахассисону алоқамандони соҳаи истилоҳнигорӣ вогузор карда мешавад. Зимнан барои дарки осонтари матлаб дар баъзе маврид истилоҳоти тоҷикӣ дар қиёс бо истилоҳоти русӣ ифода мегардад.

Мусаллам аст, ки истилоҳнигорӣ аслан фаъолияти огоҳонаи сохтан, пазируфтан ва мавриди истифода қарор додани истилоҳот мебошад. Усул ё аслҳои асосии истилоҳнигории тоҷикиро дар заминаи меъёрҳои аслӣ ва таърихии забон метавон аз инҳо иборат донист:

**Асли 1**. Истифодаи босамар аз калимаҳои захираи луғавии забони тоҷикӣ, ки дар осори илмию адабии ниёгон ё дар забони зиндаи мардум маҳфуз мондаанд ва маънои истилоҳро ба пуррагӣ ифода мекунанд. Масалан: **замин**, **осмон**, **ситора**, **кӯҳ**, **дара**, **чашма**, **дарё**, **садаф**, **нукра**, **бузургӣ**, **сафеда**, **биринҷӣ**, **заъфарон**, **гаҳворачунбон**, **шудгор**, **ҳастӣ**, **сулола** ва ғ.

**Асли 2**. Ба маънии истилоҳи мушаххас кор бастани вожа ё калимаҳое, ки дар забон маъмул мебошанд. Бо истифода аз ин асл ба дӯши калимаҳои маъруф ё номаъруфи забон бори ифодаи маънии истилоҳи мушаххас гузошта мешавад. Масалан: **бозор (бозори пул**, **бозори мол**, **бозори кор**, **бозори коғазҳои қиматнок**, **иқтисоди бозорӣ)**, **девон (девони вазирон)**, **бозаргонӣ** (бизнес), **бозаргон** (бизнесмен) ва ғ.

**Асли 3**. Сохтани истилоҳи нав бо риояи қатъии қолабҳои таърихии калимасозӣ ва иборабандии забони тоҷикӣ.

Дар ин асл ҳамаи шеваҳои шашгонаи калимасозии тоҷикӣ, яъне 1) шеваи сарфӣ: а) сохтани калима бо пешванд; б) сохтани калима бо пасванд; 2) шеваи наҳвию сарфӣ: а) сохтани

калимаҳои мураккаб; б) сохтани калимаҳои мураккаби омехта; 3) шеваи сарфию наҳвӣ, яъне аз як ҳиссаи нутқ ба ҳиссаи дигари нутқ гузаштани калима бидуни вандафзоӣ ва ё воситаи дигар, ки ин шеваро дар забоншиносӣ *вогардонӣ* (*конверсия*) ва *ҷотабдилӣ* (*транспозитсия*) низ мегӯянд; 4) шеваи луғавию наҳвӣ, яъне ба вожаи мураккаб табдил шудани ибораи изофӣ; 5) шеваи луғавию маъноӣ ва 6) калимасозӣ тавассути ихтисора мавриди истифода қарор доранд.

Илова бар ин дар забони тоҷикӣ боз як шеваи хоси наҳвии истилоҳсозӣ – сохтаниибораистилоҳҳо: а) сохтани ибораҳои истилоҳии изофӣ ва б) сохтани ибораҳои истилоҳии пешояндӣ низ мавҷуд аст.

Аз ин хотир шеваҳои асосии истилоҳсозии тоҷикӣ аз инҳо иборат дониста мешаванд:

1) шеваи сарфӣ ё вандафзоӣ:

а) сохтани истилоҳ бо пешванд: **абарсахт** (сверхпрочный), **абарсадо** (гиперзвук), **абармард** (сверхчеловек), **андарёфт**, **барсӯ**, **беандоза**, **боздошт**, **фаросавт**, **фурӯсӯ**, **ҳамчанд**, **норост**, **нопазиро**, **по(д)заҳр** ва ғ.;

б) сохтани истилоҳ бо пасванд: **гӯша**, **даҳа**, **овеза**, **асбак** (чека), **хиштак** (диоптр), **раванда**, **хазанда**, **дарозо**, **жарфо**, **паҳно**, **гардон**, **нуҳгона** (ададҳои нуҳгона, яъне ададҳои аз 1 то 9), **ҷисмонӣ**, **дарёбор**, **астурлобгар**, **расадгоҳ**, **тиҳигоҳ**, **сангистон**, **шӯристон**, **варзиш**, **якӣ**, **сардсер**, **гармсер** ва ғ.;

2) шеваи наҳвию сарфӣ:

а) сохтани истилоҳоти мураккаб: **буновар** (абцесс), **говмеш**, **дупайкар**, **сангпушт**, **туршширин**, **дарозмиёна**, **донишнома**, **тандуруст**, **ёддошт**, **сурхраг**, **сесӯ**, **ҳазорпо**, **сарсом**, **мардумгиёҳ**, **ситораёб**, **шаборӯз**, **шоҳбалут** ва ғ.;

б) сохтани истилоҳоти мураккаби омехта: **уштурговпаланг**, **бодреса**, **модаронбӯ**, **сангберуноранда** (гиёҳ), **дувоздаҳангуштӣ** (рӯда) ва ғ.;

3) шеваи сарфию наҳвӣ, яъне маънои истилоҳ пайдо кардан ҳангоми аз як ҳиссаи нутқ ба ҳиссаи дигари нутқ гузаштани калима бидуни вандафзоӣ ва ё воситаи дигар: **нимбурид**, **пурӣ**, **ростпаҳлу** (аз сифат), **истода**, **овеза**, **орамида**, **баранда**, **гарданда**, **гиранда**, **раванда**, **паранда** (аз сифати феълӣ),

**гузар**, **шумор** (аз асоси замони ҳозираи феъл), **дошт**, **хост** (аз асоси замони гузаштаи феъл) ва ғ.;

4) шеваи луғавию наҳвӣ, яъне ба истилоҳи мураккаб табдил шудани ибораи изофӣ ё ҷумлагуна: **мурғобӣ**, **бӯйимодарон**, **дорчинӣ**, **нимасб**, **канорирӯзӣ**, **канориШабӣ**, **кичуман**, **чуманкидид** ва ғ.

Шоистаи зикр аст, ки истилоҳи гиёҳшиносии **кичуман** (кӣ+чу+ман) ба сурати **киҷуман** ба забони арабӣ ворид шудааст ва гунаи **чуманкидид** (чу+ман+кӣ+дид) ба арабӣ айнан дар шакли **ман роа мислӣ** (кӣ дид мисли ман) тарҷума гардидааст;

5) шеваи луғавию маъноӣ, ки дар ин шева ҳодисаи ба чанд маъно истифода шудани як истилоҳ ба назар мерасад. Масалан, калимаи маъруфи **сутун** дар ҳандасаи қадим ба сифати истилоҳ ба маънии **устувона** (цилиндр) корбаст шудааст: **сутуни рост** (прямой цилиндр), **сутуни каж** (наклонный цилиндр); калимаи **тир** ба сифати истилоҳ ба маънии **меҳвар** (ось): **тири сутун** (ось цилиндра) омадааст. Калимаҳои **сурхӣ** ба маънии **шиҳоб** (метеор), **баландӣ** ба маънии **зирва** (апогей), **хирман** ба маънии **ҳола** (ореол) ба сифати истилоҳи нуҷумӣ ба кор рафтаанд.

Ҳамчунин феълҳои **костану афзудан** дар илми шумор (арифметика) ба маънии **ҷамъу тарҳ** ва дар илми нуҷум ба маънии **нуқсону зиёдат** истифода шудаанд;

6) шеваи наҳвӣ:

а) сохтани ибораҳои истилоҳии изофӣ: **адади аввал**, **адади мураккаб**, **адади том**, **бурҷи гардон**, **касри даҳӣ**, **Роҳи Каҳкашон**, **хатти рост**, **инқилоби зимистонӣ**, **эътидоли баҳорӣ**, **ихтилофи манзар** (параллакс), **фалаки ҳомил** (деферент), **фалаки тадвир** (эпитсикл), **қуввати ёддошт**, **қутби шимол**, **дарди дандон** ва ғ.;

б) сохтани ибораҳои истилоҳии пешояндӣ: **афзунӣ ба адад**, **доира бар шакл**, **шакл бар доира**, **пайванд ба паҳно** ва ғ.;

7) истилоҳсозӣ тавассути ихтисора: **α-зарра**, **β-шуоъ**, **НБО-и Роғун**, **д.и.ф.** (доктори илми филология), **км/с ва м/с** (километр/соат ва метр/сония), **АИ ҶТ** (Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон), **МУ СММ** (Маҷмаи умумии Созмони Милали Муттаҳид) ва ғ.

Ёдоварӣ мебояд, ки шеваҳои луғавию наҳвӣ ва истилоҳсозии ихтисораҳо дар истилоҳсозии тоҷикӣ ниҳоят каммаҳсул мебошанд.

**Асли 4**. Истилоҳи нав бо унсури зинда ва маънодори забон сохта мешавад ва мутобиқи қоидаи маъмули истилоҳнигорӣ истилоҳ бояд таркибпазир буда, дар заминаи он барои сохтани истилоҳоти дигар имкон мавҷуд бошад. Масалан: **сармоя (сармоягузор**, **сармоягузорӣ**, **сармоядор**, **сармоядорӣ**, **сармояфизоӣ**, **сармояи иҷтимоӣ**, **сармояи қарзӣ**, **сармояи аслӣ**, **сармояи эълоншуда**, **сармояи инсонӣ**, **сармояи аввалия**, **сармояи саҳмӣ**, **сармояи табиӣ**, **сармоягузории мустақил**, **сармоягузории дохилӣ**, **сармоягузории хориҷӣ**, **сармоягузории мустақим**, **сармоягузории воқеӣ)**, **паймон (паймонгар**, **паймонкор**, **паймонкорӣ**, **паймоншикан**, **паймоншиканӣ)**, **саҳмия (саҳмиядор**, **саҳмиядорӣ**, **саҳмияфурӯшӣ**, **саҳмияи номӣ**, **саҳмияи одӣ**, **саҳмияи имтиёздор)** ва ғ.

Сохтани истилоҳ бо калима ва унсурҳои калимасози даврaҳои бостон ва миёнаи забонҳои эронӣ, ки маънову моҳияти худро гум кардаанд, мувофиқи мақсад дониста намешавад.

**Асли 5**. Тарҷумаи дақиқи истилоҳ, яъне сохтани истилоҳоти нав бо роҳи тарҷумаи дақиқи истилоҳот аз забонҳои дигар, ба хусус аз забонҳои русӣ ва англисӣ. Масалан: **заринбарг** (золотолистник), **худнавис** (самописец), **ашёи камбаҳову зудфарсо** (малоценные и быстроизнашивающие предметы), **сабти дугонаи ҳисобдорӣ** (двойная бухгалтерская запись), **ададӣ дурақама** (двузначное число), **ҷадвали зарб** (таблица умножения), **бузургии мутлақ** (абсолютная величина), **вазни қиёсӣ** (удельный вес), **нақлиёти роҳи оҳан** (железнодорожный транспорт), **сарви ҳамешабаҳор** (вечнозеленный кипарис), **арзиши изофаи мутлақ** (абсолютная прибавочная стоимость), **арзиши аслӣ** (себестоимость), **ҳуқуқи иҷора** (арендное право), **иҷорагир** (арендатор) ва ғ.

Аслан ба тарҷумаи дақиқ ва муваффақонаи истилоҳот ноил омадан хеле душвор аст, аммо шарти муҳим он аст, ки ҳангоми тарҷумаи истилоҳот аз тарҷумаҳои дурушту дағал сарфи назар карда шавад.

**Асли 6**. Тарҷумаи озоди истилоҳ, яъне сохтани истилоҳоти нав бо роҳи тарҷумаи озоди истилоҳот аз забонҳои дигар, ба хусус аз забонҳои русӣ ва англисӣ. Масалан: **ҳаққи иштироки афзалиятнок** (квалифицированная доля участия), **меъёрҳои**

**мақбул** (пруденциальные нормативы), **иқоматнома** (вид на жительство), **биманома** (страховой полис), **қарзи худтаҷдид** (автоматически возобновляемый кредит), ва ғ.

**Асли 7**. Тарҷумаи маънои истилоҳ ё сохтани истилоҳи нав бо роҳи баёни мафҳуми истилоҳ аз забонҳои дигар. Масалан: **иқрори ихтиёрӣ** (явка с повинной), **рӯёнидан бо қарори суд** (отсуждение), **табақаи зерхок** (подпочва) ва ғ.

**Асли 8**. Сохтани истилоҳи нав бо роҳи ҳамроҳ кардани калима ва унсуру воситаҳои калимасози тоҷикӣ ба истилоҳи забонҳои дигар. Масалан: **дуатома** (двухатомный), **карбиди оҳан** (железистый углерод), **даҳанаи вулқон** (жерло вулкана), **оҳанубетон** (железобетон) ва ғ.

**Асли 9**. Сохтани истилоҳи нав бо роҳи ба таркиби истилоҳи русӣ ё забони дигар ҳамроҳ кардани унсуру воситаҳои калимасози тоҷикӣ. Масалан: **бонкдорӣ**, **бетонрез** (бетонщик), **бомбаандоз** (бомбардировщик), **мошинрон** (машинист), **пианинонавоз** (пианист), **футболбоз** (футболист) ва ғ.

**Асли 10**. Бо калимаи мураккаб ифода кардани истилоҳе, ки дар забони русӣ ва забонҳои дигар дар қолаби ибора таркиб ёфтааст. Масалан: **садоафкан** (акустический излучатель), **садопарда** (голосовая связка), **ангиштсанг** (каменный уголь), **намаксанг** (каменная соль), **мағзпарда** (мозговая оболочка), **ҳароммағз** (спинной мозг), **сарсатр** (красная строка), **сиккахона** (монетный двор), **тирреша** (стержневой корень) ва ғ.

**Асли 11**. Дар қолаби ибора ифода кардани истилоҳе, ки дар забони русӣ ва забонҳои дигар дар қолаби калима, калимаи сохта ё мураккаб таркиб ёфтааст. Масалан: **ситораи думдор** (комета), **кишти дубора** (пересев), **кишти илова** (подсев), **таъсири мутақобила** (взаимодействие), **муҳлати эътибор** (давность) ва ғ.

**Асли 12**. Дар ҳолатҳои истисноӣ мавҷуд будани имкони ифодаи як мафҳуми илмӣ бо ду ё се истилоҳи ҳаммаънои иқтибосӣ ё тоҷикӣ, дар сурати ба қоидаҳои дастурии забони тоҷикӣ мувофиқ будани ин истилоҳот. Масалан: **Хирси Калон, Дубби Акбар**, **Ҳафтдодарон (**Большая Медведица); **кусуф**, **гирифтани Офтоб** (солнечное затмение), **хусуф**, **гирифтани Моҳ** (лунное затмение); **ҳаракат**, **ҷунбиш** (движение); **пудина**, **ҳулбӯй** (мята); **тир**, **меҳвар** (ось) ва ғ.

Аз ҷумла, имкон дорад дар баробари корбасти номи тоҷикии бурҷҳои дувоздаҳгона номҳои арабиасли ин бурҷҳо низ мавриди истифода қарор бигирад:

1. **Бара** (Ҳамал); 2. **Гов** (Савр); 3. **Дупайкар** (Ҷавзо); 4. **Харчанг** (Саратон); 5. **Шер** (Асад); 6. **Хӯша** (Сунбула); 7. **Тарозу** (Мизон); 8. **Каждум** (Акраб); 9. **Тирандоз** ё **Камонвар** (Қавс); 10. **Бузғола** (Ҷадй); 11. **Обрез** (Далв); 12. **Моҳӣ** (Ҳут).

Ё номҳои асили сайёраҳои манзумаи Офтоб, ки дар осори пешиниён истифода шуда, ба шеъри арабӣ низ роҳ ёфтаанд, дар баробари номҳои арабиасли ин сайёрагон истифода карда шаванд: **Моҳ** (Қамар), **Кайвон** (Зуҳал), **Тир** (Уторид), **Ҳурмуз** (Муштарӣ), **Ноҳид** (Зуҳра), **Баҳром** (Миррих).

**Асли 13**. Иқтибос гирифтани истилоҳот вобаста ба табиат ва қоидаҳои дастурию овоии забон аз забонҳои дигар. Яъне, дар сурати мавҷуд набудани муодили тоҷикии истилоҳ ва имкон надоштани истилоҳсозии нав дар ин замина истилоҳ ба таври мустақим аз забони асл, ё ғайримустақим ба воситаи забони севум иқтибос гирифта мешавад. Масалан: **академия**, **кумита**, **аспирант**, **докторант**, **полковник**, **сулфур**, **карбон**, **оксиген**, **ҳидроген**, **бонк**, **мониторинг**, **ҳолдинг**, **трансферт**, **форвард** ва ғайра.

Муҳим аст, ки ҳангоми иқтибос гирифтани истилоҳот бояд хусусиятҳои дастурӣ ва овоии забон аз мадди назар дур намонад.

**Асли 14**. Асли муҳимми дигари истилоҳнигории тоҷикӣ, ки ба дигар ҳама усули дар боло номбурда бастагии ногусастанӣ дорад, риояи шевоӣ, назокат ва фасоҳати забони тоҷикист. Яъне, дар забони тоҷикӣ истилоҳнигор илова бар дониши олии забонӣ бояд дорои табъи салим ва завқи баланди сухансанҷию суханшиносӣ бошад. Зеро, ба истисноӣ баъзе истилоҳоти дурушт, ки дар даврони мавҷудияти Шӯравӣ ва солҳои охир сохта шудааст, дар забону адабиёти илмию адабии бештар аз ҳазорсолаи мо истилоҳоти дурушту дағал ва душворнависy душворбаён ба мушоҳида намерасад.

Умед аст, ки мутахассисону алоқамандони соҳаи забон ва истилоҳнигорӣ дар такмили ин усулнома кӯшиши бештар ба харҷ хоҳанд дод ва дар ин ҷода қадами пештар ва боз ҳам устувортар хоҳанд ниҳод.

**Фирдавс Мирзоёров**
**мудири шуъбаи луғат ва истилоҳоти**
**Институти забон ва адабиёти ба номи А.Рӯдакии АИ ҶТ**

# КАЛИМАҲОИ ИФОДАГАРИ ҲУНАРҲОИ МАРДУМӢ ДАР «ФАРҲАНГИ ТАФСИРИИ ЗАБОНИ ТОҶИКӢ»

Аз манобеи таърихӣ маълум аст, ки тоҷикон чун миллати соҳибтамаддун дар рушди фарҳанги ҷаҳонӣ бо ҳунарҳои гуногуни худ саҳми арзанда гузоштаанд. Айни ҳол дар раванди ҷаҳонишавӣ мо ворисони ҳунару фарҳанги тоҷикро зарур, аст ин ҳунарҳои мардумиро боз ҳам хубтару бештар омӯзем, пажӯҳиш намоем ва тарғибу ташвиқ намоем. Боиси сарфарозӣ ва мояи ифтихор аст, ки бо шарофати соҳибистиқлолӣ ва таваҷҷуҳи хоса ба ҳунарҳои мардумӣ халқи тоҷик тавонист аз нав ҳунарҳои қадимии худро эҳё ва такмил созад.

Нигоштаи мо ба шарҳу тафсири вожаҳои ифодагари ҳунарҳои мардумӣ дар забони муосири тоҷикӣ бахшида шудааст. Барои равшантар баррасӣ намудани масъалаи мазкур ба сифати манбаъ мо «Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ»-ро интихоб намудем. Аз он хотир, ки дар луғатнигории тафсирии тоҷик ин фарҳанг мақоми хос дорад ва яке аз дастовардҳои шоистаи илми фарҳангнигории муосири тоҷик маҳсуб меёбад. Мураттибони фарҳанги мазкур дар сарсухани луғат қайд мекунанд, ки «*Бори аввал аст, ки барои тасвир ва инъикоси тағйироту таҳаввулот ва пешрафтҳое, ки дар як муддати тӯлонӣ, яъне қариб як аср дар таркиби лугавии забони адабии тоҷикӣ рух додаанд, фарҳанги тафсирие бо фарогирии тақрибан 80 ҳазор калимаву ибора мураттаб ва нашр мешавад*» (3.9).

Аз лиҳози илмӣ тадқиқ кардани вожаҳои соҳаҳои касбу ҳунарҳои гуногуни мардумӣ, ки аз ҷониби мардуми меҳнаткашу эҷодкорамон дар давоми асрҳои зиёде ба вуҷуд оварда шуда, ҳамчун мероси пурарзиш ба мо ҳадя шудаанд, яке аз вазифаҳои

таърихнопазири рӯз аст. Чунки лексикаи касбу ҳунар бо фасоҳату салосати забони ноби тоҷикиро дар худ инъикос намуданаш қабати махсуси лексикаи забони адабиро ташкил дода, бо ин роҳ хусусиятҳои миллии забонамонро дар худ маҳфуз медоранд. Нахустин вожаи марбути соҳаи ҳунармандӣ, ки «Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ» шарҳ шудааст, «абрбандӣ» мебошад. Тафсири маънoии калимаи мазкур ба гунаи зер мебошад:

**«АБРБАНДӢ** боф. ҷо-ҷо бастан ва ранг кардани маштут, ки пас аз бофтан дар матоъ нақшҳои абрмонанд пайдо мешаванд (3. 31). Вожаи маштут, ки дар шарҳи мазкур омадааст, арабӣ буда маънояш «торҳои танида, ки барои бофтан ба зағӯта печонда шудаанд» мебошад. Тафсири истилоҳии «абрбандӣ» бошад дар луғати мазкур «ҳунари нақшгузорӣ дар матоъ» зикр шуддаст. Аз лиҳози сохтор ин вожа омехта буда аз ду реша исми «абр» ва асоси замони ҳозираи феъл «банд», ки бо сиғаи амр баробар аст ва пасванди «ӣ» сохта шудааст, ки аз лиҳози морфологӣ исми маънӣ мебошад. Пасванди «-ӣ», ки аз пасвандҳои муштараквазифае ба шумор меравад, ки дар сохтани исму сифат фаъолона иштирок мекунад ва махсусан дар исмсозӣ, ба ақидаи аҳли таҳқиқ, сермаҳсул мебошад.

Вожаи дигаре, ки дар «Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ» ба мушоҳида расид ва ифодагари касб мардумист «абрешимбофӣ» аст. Ин калима дар луғати мазкур ҳарчанд ба тариқи зерин: **«АБРЕШИМБОФӢ** ҳарирбофӣ, шоҳибофӣ» (3.31-32). мухтасар шарҳ ёфтааст. Мавриди зикр аст, ки аз калимаи «абрешим» дар забони тоҷикӣ калимаҳои зиёде сохта мешаванд, ки аксари онҳо бо маъноҳояшон дар луғати мавриди баррасии мо оварда шудаанду марбути касби мазкуранд. чанде аз онҳоро ба гунаи мисол меорем: «АБРЕШИМБАҲО -маҷ. дастмузди навозанда, пуле, ки ба навозанда бар ивази ҳаққи кор пардохт мешавад.

АБРЕШИМБОФ ҳарирбоф, шоҳибоф.

АБРЕШИМВОР монанди абрешим; мисли абрешим нарм.

АБРЕШИМВОРӢ матоъҳои аз нахи абрешим бофташуда.

АБРЕШИМГУН ба гунаи абрешим, абрешимвор.

Калимаи «АБРЕШИМДӮЗ» фарогири маъноии иҷрокунандаи амали нафарест, ки кораш абрешимдӯзист, пешаи абрешимдӯзӣ. АБРЕШИМДӮЗӢ бошад ҳамчуни амал «нақшу нигор ба рӯйи матоъҳо бо нахи абрешимӣ»-ро ифода мекунад.

Вожаи «абрешимӣ» дар фарҳанги мазкур ба маъноҳои зерин тафсир шудаст: «АБРЕШИМӢ 1. мансуб ба абрешим. 2. аз абрешим бофташуда (газвор ва монанди он): матои абрешимӣ, ҷомаи абрешимӣ (3.32).«АБРЕШИМКОР - шахси машғул ба таҳияи нахи абрешим ё хариду фурӯши он» қайд шудааст. «Абрешимрес» низ аз решаи калимаи абрешим пайдо шудааст, ки алоқаманд ба соҳаи абрешимкорист «абрешимтоб, ресандаи нахи абрешим. Дар маҷмӯъ калимаҳое, ки аз решаи вожаи абрешим ба вуҷуд омадаанд, дар «Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ» 21-тоанд.

Касби дигаре, ки ба соҳаи бофандагӣ иртибот дорад, ин «адрасбофӣ» мебошад. Ин ҳунари мардумӣ ба тариқи: «АДРАСБОФӢ шуғли адрас бофтан» шарҳ шудааст (3.40). Албатта мураттибон пеш аз он ки ин касбро тафсир намоянд, вожаи «адрас»-ро ки дар заминаи он ин ҳунар ба вуҷуд омадааст, тафсири маъноӣ намудаанд: «Адрас- як навъ матои дастибофи тораш абрешими пудаш аз ресмон, ки мисли беқасаб алобуло ва ё якранг мешавад»(3.40). Шарҳи иҷрокунандаи амали «адрасбофӣ» бошад, ба гунаи зер омадааст: «АДРАСБОФ он ки ба адрасбофӣ машғул аст; касе, ки адрасбофӣ пешаи асосии ӯст, бофандаи адрас (3.40)

Ҳунари дигари мардумӣ ин «алочабофӣ» аст, ки решаи калима аз номи матои «алоча» ба воситаи пайвастани решаҳои «алоча» ва асоси феъли замони ҳозираи «боф» ба вуҷуд омадааст. Дар луғати тафсирии мазкур шарҳ ба гунаи зер аст: «Алоча матое, ки аз нахи пахта ё шоҳии рах-рахи рангоранг бофта мешавад; алочаи жандагии кӯлобӣ як хел алочаи бонақшу нигор, ки гулҳояш чун дарбеҳ ба назар менамояд ва он пеш асосан дар вилояти Кӯлоб бофта мешуд; алочаи ресмонии нуратоӣ навъе аз алоча, ки дар шаҳри Нурато бофта мешуд (3.58).Номи касби марбут ба алоча «Алочабофӣ» мебошаду тафсираш «касб ва ҷои кори алочабоф: корхонаи алочабофӣ» (3.58).

Дар заминаи матои «атлас» касбӣ атласбофӣ ба вуҷуд омадааст. Вожаи атлас ба маънои аввал «як навъ матои абрешимӣ, ки як рӯи он барроқ аст, дебо: **куртаи атлас, либоси атлас; атласи мулъам** атласи мумтоз ва олисифат, атласи баргузида; **атласи румӣ** матои абрешимии нафис, ки махсуси Рум будааст» ва ба маънои дуюм «навъи матои сунъӣ, ки ба матои абрешимӣ монанд аст; ◊ **(ин) атласи лоҷвард** осмони кабуд; **атласи сабз, атласи фирӯза** осмон» касби «атласбофӣ -бофтани матои атлас, атлас бофтан» пайдо шудааст. Он ки касбаш бофтани атлас аст-атласбоф –мегӯянд (3.93).

Калимаи дигари бисёр маълум ва машҳури соҳаи ҳунарҳои мардумӣ ин касби баққолист, ки шарҳу тафсираш ба гунаи зер мебошад:

«Баққолӣ 1. мансуб ба баққол; амали баққол, кору касби баққол. 2. дӯкони озуқафурӯшӣ, макони фурӯши хӯрокворӣ (3.129).

Нафари машғули ин касб: «Баққол а. дӯкондори озуқафурӯш, фурӯшандаи озуқа (аз қабили орд, сабзавот, равған, биринҷ ва ғ.) зикр ёфтааст.

Мутасифона, касби «беқасаббофӣ» дар ин луғати тафсирӣ шарҳ наёфтааст. Мураттибон нафари машғул ба ин корро «беқасаббоф он ки беқасаб мебофад, бофандаи беқасаб» шарҳ додаанд (3.181)

Дар «Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ» ҳунари бофандагӣ ба маъноӣ дуюм номи касбро дар ифода намудааст: «Бофандагӣ- 1.тайёр кардани матоъ аз ресмон, ҷулоҳӣ, нассоҷӣ: дастгоҳи бофандагӣ, корхонаи бофандагӣ, саноати бофандагӣ. 2. касб ва шуғли бофанда: касби бофандагӣ (3.244).

Калимаи бофанда, низ, ки маънои иҷрокунандаи амал аст ба маънои дуюм тафсир шудааст: «Бофанда 1.сифати феълии замони ҳозира аз бофтан. 2. коргар ё устое, ки дар дастгоҳҳо аз ресмон матоъ мебофад, ҷулоҳ, нассоҷ: устои бофанда, чун (монанди) мокуи бофанда зуд рафтуо кардан» (3.244).

Вожаи дигари дар «Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ» касбро фарогиранда гаҷкорист: «Гаҷкорӣ 1. шуғл ва касби гаҷкор. 2. аз гаҷ сохта ё бо гаҷ андова кардашуда.3. намуди маъруфи санъати амалии ороишӣ бо истифодаи гаҷ (дар иморатҳо)».Амали гаҷпазӣ ҳам дар заминаи ҳамин касб ба миён

омадааст: «Гаҷпазӣ 1.амал ва шуғли гаҷпаз. 2. ҷое, ки дар он сангу гаҷро пухта, барои истифода омода мекунанд(3. 327).

Ҳарчанд касби гаҳворасозӣ миёни мардуми тоҷик маълуму машҳур аст, аммо мутаассифона дар фарҳанги тафсирии мазкур ҳамчун ҳунар ба назар нарасид. Нафари машғул ба касби мазкур ба гунаи: «Гаҳворасоз он ки аз чӯб гаҳвора месозад: устои гаҳвора» тафсир шудааст(3.359). Ҳунарҳои дигари мардумӣ аз қабили

**ГУЛДӮЗӢ 1. дӯхтани нақши гул ба рӯи матоъ; гулдӯзӣ кардан нақши гул дӯхтан бар чизе. 2. гул дӯхташуда, бо нақшу нигор ороишёфта**(3. 351).

ГИЛЕМБОФӢ амали бофтани гилем (3.333)

**ГУЛОБГИРӢ амал ва шуғли гулобгир; гирифтани гулоб**(3. 352)

**ДУРЕДГАРӢ касбу кори дуредгар, наҷҷорӣ**(3. 499)

ЗАРГАРӢ 1. касби заргар; ҳунари истеҳсоли маснуоти бадеӣ аз филизоту ҷавоҳирот ва ғ. 2. мансуб ба заргар. 3. дӯкон ва растаи заргарон дар бозор(3.531)

**ЗАРДӮЗӢ 1.пешаи зардӯз; навъе аз ҳунармандист, ки аҳли он бо торҳои симу зар дар порчаҳо гулу нақшҳои гуногун медӯзанд. 2. бо торҳои зарину нуқрагин нақшу нигор дӯхташуда, зардӯзишуда: тоқии зардӯзӣ**(3.533)

ИСЛИМӢ яке аз навъҳои нақшу нигор дар кандакории чӯбу гаҷ, ки иборат аз гиреҳ ва печу хамҳои занҷирмонанди шабеҳ ба унсурҳои табиат аст(3.580)

**КАЛОБАРЕСӢ исми амал аз калоба ресидан**(3.607).

**КАНДАКОРӢ наққошӣ дар чӯбу санг, гаҷу устухон ва ғ., ҳаккокӣ; дари кандакорӣ даре, ки дар он нақшу нигорҳо канда шудааст(3.618).**

КАФШДӮЗӢ касбу шуғли кафшдӯз(3.629)

КОРДСОЗӢ мансуб ба кордсоз, амали кордсоз(3. 652)

**КОШИКОРӢ бо кошӣ оро додашуда; кошикорӣ кардан бо кошӣ зинат додани деворҳо** (3.658).

КУЛОЛГАРӢ 1. ниг. кулолӣ. 2. коргоҳи кулол.

КУЛОЛӢ шуғл ва касбу ҳунари кулол; сохтан ва дар кӯра пухтани зарфҳои сафолӣ. (3.660).

**ҚАДОҚГАРӢ I шуғли коғазпеч кардану фурӯхтани чой.**

**ҚАДОҚГАРӢ II шуғли васлу таъмир кардани зарфҳои чинӣ ва филизӣ** (3.685)

ҚАДОҚГАР I.таър. коргаре, ки дар қадоқхона чойро баркашидаву ба коғазҳо печонда барои фурӯш тайёр мекард.

ҚАДОҚГАР II он ки ба васлу таъмир кардани зарфҳои шикаста ё кафида машғул аст(3.685)

**ҚОЛИНБОФӢ 1. исми амал аз қолин бофтан; кору касби бофандаи қолин. 2. ҷой ва дастгоҳе, ки дар он қолин мебофанд: комбинати қолинбофӣ** (3.719)

**МИСГАРӢ 1.касбу кори мисгар; ҳунари аз мис сохтани асбоби рӯзгор, аслиҳа ва ашёи гуногун. 2. растаи мисгарон** (3.844).

МУҲРАКАШӢ касб ва кори муҳракаш(3.914)

МУҲРАЗАНӢ шуғли муҳразан, муҳра задан, суфта кардани чиз

НАБОТПАЗӢ набот пухтан, ҳалвогарӣ (3.919).

**НАҚҚОРӢ а. кит. 1. кандакорӣ дар санг ва чуб. 2. навозандагӣ дар доираву табл.**

**НАҚҚОШӢ 1.ҳунар ва амали наққош. 2. нақшнигорӣ, гулкории рӯи чизҳо, расмкашӣ: санъати наққошӣ**(3.934).

НАҚШАНДОЗӢ кит. суратгарӣ, суратбардорӣ, наққошӣ(3.935)

**НАМАДМОЛӢ намад тайёр кардан**(3.936)

**ПОЙАФЗОЛДӮЗӢ 1.шуғл ва амали пойафзолдӯз; пойафзол дӯхтан. 2.ҷой ва макони дӯхтани пойафзол** (4.107)

**ПӮСТИНДӮЗӢ шуғли пӯстиндӯз; пӯстин дӯхтан: корхонаи пӯстиндӯзӣ** (4.134)

РАҒЗА матои дурушти дастӣ бофташудаи шол, ки аз он деҳқонон либоси корӣ медӯзанд.

РАҒЗАБОФӢ исми амал аз рағза бофтан, бофтани рағза (4.142).

**САБАДБОФӢ 1.амали сабадбоф. 2. ҷои бофтани сабад: дӯкони сабадбофӣ.** (4.185)

СОБУНПАЗӢ 1.амал ва шуғли собунпаз. 2. ҷое ё муассисае, ки дар он ҷо собун истеҳсол карда мешавад (4.261)

**СӮЗАНИДӮЗӢ шуғли сӯзанидӯз.**

СӮЗАНКОРӢ гулдӯзӣ (4.287)

**ТАБАҚТАРОШӢ амали тарошидани табақ аз чӯб** (4.292).

ТАНӮРСОЗӢ амал ва шуғли танӯрсоз(4.318).

**ХАЙМАДӮЗӢ** ***амал ва шуғли*** **хаймадӯз; хайёмӣ, чодирдӯзӣ,хиргоҳдӯзӣ** (4.434)

ХОТАМБАНДӢ санъати аз дандони фил, устухони уштур ва ё аз чӯб кандакорӣ ва нақшу нигор бастан.

**ХОТАМКОРӢ ба вуҷуд овардани гулҳо ва нақшҳо аз устухон, чӯб ва ғ. дар рӯи чизе**(4.470)

ХОТАМСОЗӢ ниг. хотамкорӣ

ЧӮЯНГУДОЗӢ гудохтани чӯян, об кардани чӯян.

ЧӮЯНРЕЗӢ. 1.об кардани чӯян. 2. ба қолаб рехтани олоти чӯянӣ(4.596).

**ҶОМАБОФӢ кит. амал ва шуғли ҷомабоф; бофандагӣ** (4.626).

**ҶОМАДӮЗӢ ҷома дӯхтан: кори (касби) ҷомадӯзӣ, ҷомадӯзӣ кардан** (4.627).

**ҶУВОЗКАШӢ ба воситаи ҷувоз равған кашидан** (4.633).

**ҶӮРОББОФӢ амал ва шуғли ҷӯроббор, ҷӯроб бофтан, ҷӯроб тайёр** кардан: дастгоҳи ҷӯроббофӣ, коргоҳи ҷӯроббофӣ(4.640).

**ШЕРОЗАДӮЗӢ амал ва шуғли шерозадӯз**(4.666).

**ШИШАПАЗӢ шуғли шишапаз; шишагарӣ, шишабарорӣ** (4.679).

**ШОНАТАРОШӢ** ***амал ва шуғли*** **шонатарош; сохтани шона аз чӯби махсус** (4.683)ва монанди инҳо дар «Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ мукаммалу фаҳмо ва мушаххас шарҳ шудаанд, ки онҳоро дар боло ба гунаи тафсиршудашон овардем.

Мавриди зикр аст, ки пасванди «-гар» дар забони муосири тоҷикӣ ба гурӯҳи пасвандҳое дохил мешавад, ки исми шахс месозанд. Дар «Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ» пасванди мазкур бо исмҳои маънӣ омадааст ва номи касбҳои мардумии: **мисгарӣ, наългарӣ, оҳангарӣ, рехтагарӣ, чармгарӣ, читгарӣ, шишагарӣ** ва ғайраро сохтааст. Калимаҳои зерин далели вазифаи пасванди мазкур мебошанд:

РЕХТАГАР-он ки филизотро гудохта, ба қолибҳо рехта, асбоби гуногун месозад, оҳангудоз.

**РЕХТАГАРӢ 1.амали рехтагар, гудохтани филиз ва сохтани асбобу дастгоҳҳои филизӣ, оҳангудозӣ. 2. корхонаи рехтагарӣ, рехтагархона** (4.163)

НАЪЛГАРӢ касби наълсозӣ ва наълзанӣ (3.950)

ОҲАНГАРӢ 1 касбу кори оҳангар, сохтани олату анҷоми гуногун аз оҳан. 2. мансуб ба оҳангар: кӯраи оҳангарӣ, устохонаи оҳангарӣ (4.45).

**ЧАРМГАРӢ 1. кор, касби чарм тайёр кардан. 2. корхона ва коркарди чарм; пӯсташро аз чармгарӣ меёбӣ а) дар бораи ҳайвоне, ки ҳатман кушта мешавад; б) дар бораи чизе, ки ба нест шудан маҳкум аст** (4.560).

ЧАРМГАР он ки касбаш чарм омода кардан аст.

ЧИТГАРӢ бофандагӣ, нақшу нигор андохтан ба чит: сехи читгарӣ (4.580).

ЧИТГАР бофанда, он ки ба чит нақшу нигор меандозад (*дар бофандагии дастӣ*).

**ШИШАГАРӢ 1.касбу кори шишагар. 2. коргоҳи шишасозӣ** (4.679).

ШИШАГАР шишасоз, коргари коргоҳи шишабарорӣ (4.679).

Аз таҳлилу баррасии калимаҳои ифодагари ҳунарҳои мардумӣ дар «Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ» метавон чунин хулосабардорӣ кард:

- аз таҳқиқ маълум гардид, ки дар «Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ» бештар аз 60 калимаҳои ифодагари касбу ҳунарҳоӣ мардумӣ шарҳ дода шудааст;
- маълум гардид, ки дар сохтани ин калимаҳо асосҳои феълии замони ҳозираи «боф», «дӯз» «соз», «паз», «тарош» фаъол мебошанд: *шишапазӣ, ҷуроббофӣ, сӯзанидӯзӣ, рагзабофӣ, собунпазӣ, табақтарошӣ, танӯрсозӣ ва гайраҳо*;
- муайян гардид, ки дар «Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ» номи касбу ҳунарҳои мардумии **аксиягӯӣ, дӯғкашӣ, гӯшворасозӣ, дегдонсозӣ, зулфорой, канаббофӣ, коғазгарӣ, қуроқдӯзӣ, мӯйбофӣ, наългарӣ, паловпазӣ, созтарошӣ, суманакпазӣ, ҳавлогарӣ, наҷҷорӣ** ва монанди инҳо тафсир наёфтаанд. Бо вуҷуди ин баъзе аз ин касбу ҳунарҳои мардумӣ бо калимаи синонимиаш шарҳ шудасту баъзеи дигараш умуман зикр наёфтаанд.
- айни замон «Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ» як манбаи асосӣ барои шарҳу тафсири калимаву

истилоҳоти забони муосири тоҷикӣ мебошад, ки ин далелро баррасии калимаҳои ифодагари ҳунарҳои мардумӣ собит намуд.

## РӮЙХАТИ АДАБИЁТИ ИСТИФОДАШУДА

1. Забони адабии ҳозираи точик. Лексикология, фонетика, морфология, қисми 1, нашриёти «Ирфон», Душанбе, 1973.

2. Раҳмонӣ Р. Фарҳанги мардумӣ оинаи рӯзгори тоҷикон буда, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ як ҷузъи арзишманди он аст.// http://khovar.tj/2017/12/far-angi-mardum-oinai-r-zgori-to-ikon-buda-sajyo-va-unar-oi-mardum-yak-uzi-arzishmandi-on-ast/.

3. Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ (иборат аз 2 ҷилд). (нашри дувум).Ҷилди I. -Душанбе: Пажӯҳишгоҳи забон ва адабиёти Рӯдакӣ, 2010. -996 с.

4. Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ (иборат аз 2 ҷилд). (нашри дувум).Ҷилди II. -Душанбе: Пажӯҳишгоҳи забон ва адабиёти Рӯдакӣ, 2010. -1091 с.

5. Хонхӯҷаева А.Хусусияти лексикӣ – семантикии калимаҳои соҳаи бофандагӣ//XX Международная научно-практическая интернет-конференция 27–28 февраля, 2014 .http://conferences.neasmo.org.ua/ru/art/279

6. Шарофов Н.,Ҷӯраев Т.Қ. Лексикаи касбу ҳунар-сарчашмаи терминологияи техникии точик, -Душанбе, 1991.-92 с.

**Ғиёсиддин ҚОДИРОВ**
**номзади илми филология**

## ШОИРИ МАРДУМӢ

Шеъри дарии садаи XX Афғонистон, ки ҳосили ҷунбишҳои фикрӣ ва таҳаввулоти умедбахши иҷтимоӣ-сиёсии оғози ин аср аст, бо вуҷуди таърихи минбаъдаи ноҳамвор ва заминаҳои пасту баланди иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва адабии даврони ташаккул, яке аз фаслҳои муҳимми адабиёти ин кишвар ба шумор меравад. Оғози таърихи адабии ин садсоларо пажӯҳишгарон солҳои бедории шоирон, марҳилаи таҳаввулу таҷаддуд, замони равшангарӣ, навгароӣ ва дар маҷмӯъ оғози даврони нави адабиёти дарии ин мамлакат номидаанд.

Аз нигоҳи теъдоди суханварони барҷаставу шоистаи ибтидои асри XX, назири Қорӣ Абдулло, Надим, Бетобу Мустағнӣ ва адибони ҷавонфикри таҷаддудназар низ чун Абдураҳмони Лудину Абдулҳодии Довӣ ва ҳамфикрони онон аз давраҳои пурбори адабиёти дарии Афғонистон мебошад. Ин давраест, ки шеър ба кӯчаву бозор баромада, бо мардум мепайвандад ва шоирон аз қонуну адолати иҷтимоӣ, озодиву истиқлол ва истибдоду ақибмондагии ватани хеш ба сухан гуфтан пардохтанд.

Яке аз пайравони ин мактаби нави адабӣ, шоири нағзгуфтор Орифи Чаёбӣ мебошад. Ӯ шоире буд, ки дар борам мардум ва барои мардум шеър суруд ва ба поси ин самимияту садоқат мардуми қадршиноси диёраш ӯро шоири худ, шоири мардумӣ хонданд. Шахсияти зидиистибдодӣ ва муҳаққиқи равшанназар Тоҳири Бадахшӣ ин матлабро чунин шарҳ додааст: «Ориф ба хотири он шоири мардумист, ки дар муҳити мо бори аввал ба забони авом, ки мардуми ҳақиқии ҷомеа аст шеър суруд ва ҳам барои ин шоири мардум шуд, ки хостҳои авом, аз заруратҳои онон, аз мушкилоташон ба забони муассири шеър сухан ронд. Дигарон авомро ҳайвон мешумурданд, Ориф онҳоро вориди саҳнаи музайяни шеър кард».

Абдулло Ориф машҳур ба Орифи Чоҳобӣ ё Чаёбӣ, фарзанди Саъдулло соли 1882 дар деҳаи Тухнободи Чоҳоб (ҳоло марбути вилояти Тахор) ба дунё омад. Таҳсилоти ибтидоии динӣ, сарфу наҳви арабӣ, фиқҳ, адабиёт ва дигар улуми ҷориро дар назди устодони диёри худ хонд. Дарси хушнависиро аз Мирзо Одинамуҳаммади Оҷиз, ки раҳнамои ӯ дар шеъру шоирӣ низ буд, омӯхт. «Шоҳнома», «Гулистон» ва девонҳои Ҳофизу Бедил ва амсоли онон китобҳое буданд, ки Ориф аз хурдӣ ба хондани онҳо завқу алоқа дошт.

Ориф аз хонаводаи савдогарон буд. Падараш Саъдулло дар шаҳрҳои ин тарафи Ому Кӯлобу Тирмиз, Самарқанду Бухоро ва ғайра машғули тиҷорати гусфанд буд ва писараш Орифи ҷавонро низ гоҳ-гоҳ ҳамроҳи худ ба он диёр меовард. Баъди ду-се соли ҳамроҳӣ бо падар Ориф сипас мустақилона дар шаҳрҳои Осиёи Миёна ба савдогарӣ машғул шуд. Аммо соли 1914 ҳангоми бузкашӣ чашмаш ба шидат осеб дид ва ин дард то охири умр табобат наёфт. Ин ҳодиса зиндагии ӯро дигаргун сохт ва ӯ пас аз ин аз тиҷорату савдогарӣ даст кашида, гӯшанишин шуд. Андӯхтаҳо сарф шуд ва мудати ҳашт сол дар Чоҳоб дар фақру тангдастӣ зиндагӣ кард.

Соли 1931 ноибулҳукумаи Қадаған ва Бадахшон шахсе ба номи Шермуҳаммадхони Ношир муқаррар гардид. Ношир дар Осиёи Миёна зиндагонӣ карда пас аз Инқилоби Бухоро (1920) ба Афғонистон баргашта буд. Ӯ, ки марди ҷаҳондида ва босаводу фарҳангдӯсте буд, бисёр аҳли завқу дониш ва соҳибқаламони он диёрро чун Шоҳабдулло Ямгии Бадахшӣ, Саидмуҳаммад Деҳқони Бадахшӣ, Фитрати Дарвозӣ ва амсоли ононро ба маркази худ, шаҳри Хонабод хоста, онҳоро ба вазифаҳои гуногуни маъмурӣ ва фарҳангӣ, ба монанди мудири таҳрирот, мудири рӯзномаи «Иттиҳод», муовини мудири ин рӯзнома ва ғайра гумошт. Ҳамон сол Ориф низ, ки бо Ношир ҳанӯз дар Мовароуннаҳр шинос шуда буд, ба Хонабод даъват шуда ба ин ҷамъ пайваст ва то соли 1939 дар он ҷо зиндагӣ кард. Дар натиҷа дар Хонабод як маҳфили адабии кӯчаки маҳаллӣ ташкил шуд. Аммо бо марги Шермуҳаммадхони Ношир ин ҳалқаи фарҳангӣ ва ҷамъияти дӯстон пароканда шуд ва Ориф ба Чоҳоб баргашт. Ӯ соли 1944 аз олам даргузашт ва дар зодгоҳаш, деҳаи Тухнобод, дар боғи худаш ба хок супорида шуд.

Чор соли охири умрашро шоир ба сахтӣ гузаронид. Илова бар дарди чашму фақру бенавоӣ марги писари ҷавон ва зиндонӣ шудани писари дигар ва бародараш ӯро ба куллӣ шикаст. Шоир ҳоли зору ғамангез ва дарду ситами замонашро чунин менависад:

*Ҷаро зи оташи дарду ситам насӯзам ман,*
*Ки дуди зулм ба атрофи Каҳкашон рафта.*
*Ду нури дида, ду лахти ҷигар, ду нахли мурод,*
*Ба гардан ҳалқаи занҷир Толиқон рафта.*
*Писар заифу бародар ятиму модар зор,*
*Чи оташ аст, ки моро ба дудмон рафта.*
*Чу хок нест шавӣ, эй Ҷаёби шӯрангез,*
*Ҳазор дида зи дасти ту хунфишон рафта.*

Дар чунин рӯзҳои душвор яке аз шогирдони қадршиносаш Айнуддини Айнӣ устодашро танҳо нагузошта, ҳамеша бо ӯ буд ва шеърҳояшро рӯнавис мекард. Ба поси ин дӯстӣ ва садоқат шоир пеш аз марг варақпораҳои парокандаи ашъори худро ба ӯ васият мекунад. Айниддин дар муддати чор сол аз миёни ин ашъор куллиёти мунтахабе омода сохта, ба Раёсати мустақили матбуот дар Кобул месупорад. Вале баъди як сол онро ба соҳибаш бармегардонанд. Зимнан бояд гуфт, ки зиндагии ин шахси босаводу фарҳангӣ фарҷоми талхе дорад. Дар замони сарвазирии Муҳаммад Довуд бо фармони вай ба шаҳри Бағлон бадарға ва дар замони фоҷиабори Ҳафизуллои Амин (1978) кушта мешавад.

Ориф дорои завқи адабии фитрӣ буд ва хеле ҷавон ба шеъргӯӣ пардохт. Дар насрнависӣ ҳам соҳибқалам буд, то ҷое ки зиндагиномаи амир Амонуллохонро як бор ба назм ва як бор ба наср навишт. Ориф ба тамоми маънӣ як шоири сухандон ва шахсияти қавии адабӣ буда, матонати сухан, лутфи услуб ва истеҳкоми баёнаш ҷойгоҳи баланде барои ӯ дар адабиёти муосири дарӣ таъйин намудааст.

Аммо бо чунин шуҳрати адабӣ ва алоқаи мардум ба шеъри ӯ ва кӯшишҳои нокоми ҳамшаҳриҳояш чун Айниддини Айнӣ девони шоир дар ватанаш рӯйи чопро надид ва танҳо соли 1995, он ҳам дар Лоҳур девони ӯ бо эҳтимоми ҳамшаҳрии дигараш Муҳаммад Иброҳими Ҷоҳобӣ ба чоп расид.

Ориф дар бештари қолабҳои шеъри анъанавӣ ашъори боарзише сурудааст. Вале дар ғазалу қасидасароӣ ва ҳаҷвнигорӣ маҳорати баланд ва дасти тавоно дорад. Девони чопшуда шомили 394 ғазал, 56 қасида, 2 мустазод, 21 мусаддас, 7 мусаммат, 72 рубоӣ ва 41 мухаммас мебошад. Баъзе аз мухаммасҳо аз худи Ориф ва баъзеи дигар тахмис бар ғазали шоироне чун Махфии Бадахшӣ, Валии Мовароуннаҳрӣ, Ҳофизи Шерозӣ, Мазҳари Ҷониҷонон, Низомӣ, Навиди Кобулӣ, Надими Кобулӣ, Шоҳин, Парии Ҳисорӣ, Ҳилолӣ, Бедил, Мушфиқӣ, Оҷиз ва дигарон мебошанд. Вале пажуҳишгарони адабиёти муосири дарӣ гумон доранд, ки ашъори Ориф бештар аз ин буда, чанде бо мурури замон аз байн рафта ва ё теъдоде ба сабабҳои «хос» дар девони мазкур иқболи чоп наёфта ва шояд дар нусхаҳои дастнависи назди мардум вуҷуд дошта бошанд. Бинобар ин муҳаққиқон умедворанд, ки «дар оянда девони мукаммалтаре аз ин шоир дошта бошем то бошад, ки пажӯҳишгарони ашъори ӯ дар баррасии мавзӯоти онҳо истифодаи густурдатару қавитар битавонанд кард ва абъоди гуногуни сурудаҳои ин суханвари мардумиро ба дурустӣ равшан бинамоянд».

Ориф аз ҳаводорон ва пайравони шоирони машрутахоҳи давраи Амонуллохон аст. Ӯ шоири қарни бист, қарни таҳаввул ва таҷаддуд буда, аз ҷумлаи шоиронест, ки муҳити маҳдуди афкори пешиниёнро дар ҳам шикаста, услуби сухансароии устодони қадимро бо афкори навин даромехта ашъори пурқимате офаридааст.

Ба қавли муҳаққиқон ӯ аз пайравони мактаби адабии Хуросон буда, ашъораш сода, зебо, дур аз такаллуфот ва ба забону андешаи мардуми камсаводи одӣ наздик буда, дар маҷмӯъ ҷанбаи интиқодӣ ва ифшогарона дорад. Бештари мавзӯоти шеърҳояш марбут ба зиндагии мардум ва аҳволу авзои ватанаш аст. Намунаи барҷастаи чунин шеърҳои иҷтимоии шоир қасидаи «Ришва маҳорати бузург» ба шумор меравад. Шоир дар замони фишору таъқиботи сензураи сахти Муҳаммад Нодиршоҳ албатта наметавонист ҳама айбҳоро фош гӯяд. Бинобар ин қасидаи тӯлонии номбурда гӯё дар бораи ҳодисаҳо ва падидаҳои манфии замони Ҳабибуллои Колаконӣ (Бачаи Сақо, соли 1929) навишта шудааст. Вале огоҳон аз вазъи онрӯзаи кишвар ҳама

медонистанд, ки он васфи фисқу фасоди мақомоти давлатӣ, зулму ситам ва беадолатиҳое буд, ки дар замони Нодиршоҳ мегузашт.

Шоири озодманиши бемору бенаво мисли бисёр суханварони озодандеши замона худ аз фишору таъқиботи сиёсӣ доим дар биму ҳарос зиндагӣ мекард. Шуҷоати шахсӣ ва адабии Ориф дар он аст, ки дар чунин шароити хатарнок аз интиқоди ҳокимон, беадолативу фитнаҳои онон, ҷангу нифоқҳои дохилӣ сухан мегуфт. Масалан дар яке аз мусаддасҳояш вазъи парешони диёрашро чунин интиқод кардааст:

*Эй Қатаган, дар ҷигар ҷуз хори озорат набуд,*
*Бо тароват як гуле дар боғи гулзорат набуд,*
*Ҷуз фалокат дар миёни саҳни бозорат набуд,*
*Сояи оромие дар пойи деворат набуд*
*Хуни ҳасрат аз ду чашми ашкборат мечакад,*
*Ҷойи борон барқ аз абри баҳорат мечакад.*

Қобили ёдоварист, ки танзу интиқодоти иҷтимоии Ориф хислати умумӣ надошта, балки қаҳрамонони манфии вай амалдорону ҳокимони золиму бераҳм воқеӣ мебошанд, ки шоир номи баъзеи онҳоро чун Ноиб Муҳаммад Набихон, ё Саид Неъматулло машҳур ба Эшони Шоҳ дар ашъораш натарсида зикр менамояд:

*Эй Шоҳи фалак, замини Кишон аз ту,*
*Сар то сари ғаллаи Бадахшон аз ту.*
*Бо донаи ҷав хотири Ориф ҷамъ аст,*
*Бо он ҳама аҳволи парешон аз ту.*

Ориф шоири равшанфикри тараққихоҳ буда, дар ситоиши илму фан ва даъвати ҷавонон барои касби донишҳои наву замонавӣ ашъори зиёде сурудааст, монанди:

*Бингар ба таҷаммул писари ман дигаронро,*
*Аз дидаи худ дур бикун хоби гаронро.*
*Барбанд чу мардони ватандӯст миёнро,*
*Аз дида мадеҳ домани соҳибназаронро.*
*Эй нури басар, аз ҳама илму ҳунар авлост,*
*Дар давраи имрӯз ҳунар аз ҳама болост.*
*Аз болу пари илму ҳунар касби ҳаво кун,*
*Андар ҷигари баҳр даро сайру шино кун.*

*Гаҳ ҷониби Мағриб раву гаҳ азми Хито кун,*
*Аз машъалаи илм шаби тира зиё кун.*
*Майдон ба яқин давлати ҷовиди камол аст,*
*Бе илм шудан комраво хобу хаёл аст.*

*Дар ҷойи дигар ба ҷавонон чунин хитоб мекунад:*

*Ало, бархез аз хоби ҷаҳолат зуд аз бистар,*
*Кӯшо чашми таҳайюр санъати ҳамсояро бингар.*
*Набошад зодаи Ҷопону Ҷарман аз ту афзалтар,*
*Ҷаҳоне комёб аз илму ту дар фикри гову хар.*
*Гарат номус аз тайёраву мутар намебошад,*
*Туро гоҳе дуое аз ману модар намебошад.*

Шеъри Ориф гузашта аз мазмуну муҳтавои нав ва андешаҳои ҷолиби замонавӣ аз нигоҳи ҳунарӣ ва зебоишиносӣ низ бисёр баланду бо арзишанд. Яке аз вижагиҳои шеъри Ориф, ки барои мо ҷолиб аст, ин ҷанбаи забонии он мебошад. Забони тоҷикии шеъри ӯ хушбофт, салису равон ва дорои таркибу ибораҳои зебо ва ороста аст:

*Боғ то саҳро тамошохонаи найранги кист,*
*Тоза аст аз равғани шабнам чароғони баҳор.*

Ё:

*Панҷаи лутфаш чу нохун баст бар мизроби уд,*
*Нолаи шодӣ бурун ҷӯшид аз рагҳои тор.*

Дар айни корбурди забони адабӣ ва таркибҳои зебои ҳунарӣ, забони шеъри ӯ пур аз луғоти омиёна ва ибораҳои гуфтории хоси диёри шоир мебошад, чун тирик-пирик, шикак-шикак, тарит (як нав хӯроки ҳайвонот, ки аз коҳу кунҷора омода мешавад), гаранг, тӯёна, камчин, саркут ва ғайра, ки ба ҳамин шаклу мазмун дар шеваҳои забони тоҷикии мо истеъмол мешаванд:

*Дорам диле, ки мекунад аз ғам тирик-пирик,*
*Поям кунад ба кӯчаи васлаш шикак-шикак.*

* * *

*Номи Худо, ба Кобули ҷонон ватан кадӣ*
*Ранҷат мабод гарчи фаромӯши ман кадӣ…*
*Аз доғҳои лоладилон низ ёд кун,*

*Бо дӯстон, ки сайри гули настаран кадӣ.*

* * *

*Тарити гов дар охур намонд аз чашми наҳси ӯ,*
*Худоро аз дари ман дур кун ингуна ҳайвонро.*

* * *

*Дар хонаи ман пучоқи нон нест,*
*Дар ҷисму ҷасад ту гӯӣ ҷон нест.*

* * *

*Дилу ҷон ҳадяи тӯёнаат дар остин дорам,*
*Ба ин ҷинси муҳақар хиҷлатам аз тундии хӯят.*

* * *

*Ончи хубист ба олам ҳама мавҷуд турост,*
*Дар замири ту магар меҳру вафо камчин аст.*

* * *

*Аз интизори хӯрдани сарқути беку хон,*
*Қонеъ шавӣ ба як лаби нони ҷави хунук.*

Навъи дигар луғоти туркӣ-узбекӣ ҳастанд, аз қабили қишлоқ, айлоқ, қалпоқ, тортуқ, қиёғ, оқсақол, ҳатто иборote «тухтасан, кимсан» ва ё баъзе калимаҳои русӣ чун помидур, истакон, капитон ва чанде дигар, ки имрӯз дар забони тоҷикии мо баъзеи онҳо ба кор бурда мешаванд. Ба қавли касоне, ки девони Орифро хондаанд, теъдоди чунин калимаҳои иқтибосӣ, махсусан вожаҳои сода ва вожаҳое, ки корбурди омиёна доранд дар ашъори ӯ ба ҳадде зиёданд, ки мавзӯи рисолае метавонанд бошанд. Хулоса ин шоири нағзгуфтор ва марди бодарду инсондӯст «агар аз шуҳрати ҷаҳонӣ аҳёнан бархурдор набошад, бидуни шак дар сатҳи маҳаллӣ ва миллӣ ба вай ва ашъори зебову пурмағзаш, ки мубайини дардҳо ва авзои мардуму муҳит ва моҳавли ӯст арҷ мегузоранд ва ёдашро гиромӣ медоранд».

Дар идома ва такмили ин хулосаи илмӣ бояд афзуд, ки Ориф дар миёни мардуми одии диёраш маҳбубияти зиёд дошт ва ҳанӯз ҳам харидорони ашъораш дар ин ҷомеа кам нестанд. Аз ин рӯ пажӯҳишгарони ҳамватанаш илова бар шоири мардумӣ ӯро ҳамчунин як шоири воқеан иҷтимоӣ низ мешиносанд.

Аз рӯйи маълумоти сарчашмаҳои дастрас дар Афғонистон пиромуни ҳаёт ва эҷодиёти Ориф, чунонки болотар омад, корҳои судманде сурат гирифтааст. Вале шояд ба иллати камёбии

нусхаҳои ашъори шоир ва ё рӯи «мулоҳизоти хос» китоби ҷомеъ ва таҳқиқоти мустақиле дар бораи ин шоири фаромӯшнопазир зоҳиран то кунун таълиф нашудааст.

Намунаи ашъор:

*Май дар пиёла рез ба ҳангоми навбаҳор,*
*Аз дасти соқиёни суманбӯи гулъизор.*
*Гул паҳн карда маснади иқбол дар чаман,*
*Себарга сабзбахт ба атрофи ҷӯйбор.*
*Булбул ба саҳни боғчаи гул сурудзан,*
*Қумрӣ ба шохи сарв нишаста ба ифтихор.*
*Аз бӯйи сунбул аст муаттар димоғи боғ,*
*В- аз ранги лола аст ҳино панҷаи чанор.*
*Машоттаи сипеҳр арӯсони ғунчаро,*
*Аз қатраҳои шабнами тар баста гӯшвор.*
*Болида буд сабза ба домони кӯҳу дашт,*
*Дар ханда буд кабк ба болои кӯҳсор.*
*Чун чуғд шоҳидони ҷафоҷӯи дилфиреб,*
*Сунбул шикаста гесӯи мушкини тобдор.*
*Сархуш нишаста соқии гулрӯ ба зери бед,*
*Лабрези бода машрабаи гул ба шохсор.*

* * *

*Бар гулшани дидори ту дидан киву ман кӣ,*
*Гул аз гули рухсори ту чидан киву ман кӣ.*
*Имрӯз, ки ман тоқати наззора надорам,*
*Сарви ту дар оғӯш кашидан киву ман кӣ.*
*Дар водии шавқи ту басе обилапоям,*
*Бар кӯйи висоли ту расидан киву ман кӣ.*
*Аз гӯшаи абрӯи ту афтодаму мурдам,*
*Бар арзи вафо боз давидан киву ман кӣ.*
*Талхист насиби мани маҷҳур зи айём,*
*Қанд аз лаби ҷонона чашидан киву ман кӣ.*
*Аз заъф ба ҷуз хок шудан чора надорам,*
*Беҷо ба ҳавои ту паридан киву ман кӣ.*
*Доим ба димоғам халал аз бӯйи ҷунун аст,*
*Атри сари зулфи ту шамидан киву ман кӣ.*
*Дӣ Орифи шӯридадил ин замзама мехонд:*
*Андар сари кӯйи ту хазидан киву ман кӣ.*

* * *

*Аз мусаддаси «Ҳоли Чаёб парешону дарҳам аст»:*

*Эй кавкаби сипеҳри саодат хурӯш кун,*
*Афтодагони дарду ситамро ба дӯш кун.*
*Аз ҷоми адл бодаи инсоф нӯш кун,*
*Аз роҳи лутф арзи гарибона гӯш кун:*
*Аз дасти кутавол ба ҳар хонае гам аст,*
*Ҳоли Чаёб сахт парешону дарҳам аст.*

* * *

*Рустоқ шоду миллати Рустоқ барқарор,*
*Шаҳри бузургу Роги Бадахшон фараҳшиор,*
*Гулҳо шукуфта дар Қатаган ҳамчу навбаҳор,*
*Илло Чаёби хаставу маҳзуну хору зор.*
*Бар захми сина судаи алмос марҳам аст,*
*Рӯзи Чаёб сахт парешону дарҳам аст.*

* * *

*Карнил*[22] *ҳамчу дузд ба зиндон асирвор,*
*Ҳоҷӣ Зарифи бегунаҳ аз мулк шуд фирор.*
*Қафоқ хӯрд Ҳоҷиакаҷон ҳазор бор,*
*Эй ноибулҳукумаи донои бурдбор!*
*Ташҳиру харсавору сияҳрӯй Аслам аст,*
*Рӯзи Чаёб сахт парешону дарҳам аст.*

* * *

*Гардун ҳазор киса тиҳӣ кард аз камар,*
*То як Чаёб сохт ба сад ранҷу дарди сар.*
*Бар ҳар уруқ мехӯрад имрӯз нештар,*
*Гург аст бе мурувввату чӯпон зи гӯши кар*
*Аз дарду дог ҳарчи нависад қалам кам аст,*
*Ҳоли Чаёб сахт парешону дарҳам аст.*

* * *

*Сад рӯзи бад ба ҳоли парешон намерасад,*
*Аз заъф оҳи мо ба Бадахшон намерасад.*
*Фарёдамон ба гӯши ҳукумрон намерасад,*

---

[22] Карнил – мансаби низомӣ.

*Дасти гадо ба домани султон намерасад.*
*Нахли умеди мо ҳама ҳамчу камон хам аст,*
*Рӯзи Чаёб сахт парешону дарҳам аст…*

* * *

*Кам- кам гумон, ки ришвати гаддор аз камин,*
*Берун кашида дасти ҷафоро зи остин.*
*Часпидааст хайли магас даври ангубин,*
*Номи Худо, ба ҳокиму кутвол офарин.*
*На тарси Кирдгору на аз Садри аъзам аст,*
*Рӯзи Чаёб сахт парешону дарҳам аст.*

* * *

*Ориф, кашем меҳнати рӯзгор то ба кай,*
*Зеро намонда тоҷи Фаридуну тахти Кай.*
*Дар рафтан аст қофилаи умр пай ба пай,*
*Дар киса ҳарчи ҳаст бикун сарфи ҷоми май.*
*Ҳар шом нола ҷӯшаду ҳар субҳ мотам аст,*
*Рӯзи Чаёб сахт парешону дарҳам аст.*

**Манобеъ:**


1. Собир Мирзоев ва Султонмуҳаммади Пӯё. Адабиёти муосири дарии Афғонистон (ҷузъи дувум), Донишгоҳи Кобул, 1364, с.174.
2. Абдулқаюми Қавим. Мируре бар адабиёти муосири дарӣ (бахши нахуст), Кобул, 1393, с. 49.
3. Холмуҳаммади Хаста. Муосирини суханвар, Кобул, 1339.
4. Маҷ. Ирфон, Кобул, 1359, №1.

*Назрбӣ ИСМАТОВА*
*ходими илмии Институти масъалаҳои омӯзиши давлатҳои Осиё ва Аврупо*

# РОҲҲОИ МУАРРИФИИ ШОИСТАИ ФАРҲАНГИ МИЛЛӢ БА ҶАҲОНИЁН

**«Агар касе гузаштаи худро надонад, инсони комил нест». Эмомалӣ Раҳмон**

Миллати тоҷик таъриху фарҳанги бою пурғановатро соҳиб мебошад. Тамаддуни фарҳангӣ ҳамагуна ҷомеаро ба сӯйи воқеияти зиндагӣ ҳидоят мекунад, зеро фарҳанг моҳияти зиндагии инсонро ифода карда, ҷавҳари онро инсон, зиндагӣ ваояндаи ӯ ташкил медиҳад. Мардуми ориёиасл ҳанӯз дар оғози пайдоиш ин ҷавҳарро хуб дарк карда буд. Ин буд, ки гомҳои нахустини худро бо фарҳанг оғоз карданд, зеро фарҳанг таъмингари меҳру дод ва истиқлолу озодӣ дар ҷаҳон аст.

Мафҳумҳои дину фарҳанг, хираду дод, имону озодӣ дар андешаи қадимаи ориёӣ якҷоя оини меҳру дӯстиро ифода карда, ҳамзамон ба муқобили қудрату зӯрӣ қарор доранд. Фарҳанги асили ориёӣ куллан муқобили ҳамагуна тазоҳуроти қудратист.

Дар замони мо миллатеро пешрафту дорои тамаддуни бой меноманд, ки он миллат дорои фарҳангу маданияти пешрафта ва мутараққӣ бошад. Фарҳанг асоситарин нишонаи ҳувияти миллӣ буда муаррификунандаи халқу миллат ба ҷаҳониён аст. Фарҳанги миллӣ, ин маҷмӯи арзишҳои моддӣ ва маънавии миллате, ки хусусиятҳои хоси зиндагӣ ва сунатҳои онро ба худ инъикос кардааст ба ҳисоб меравад. Кишвари мо дар гузаштаи дур ҷузъе аз як паҳнои таърихӣ-ҷуғрофӣ ба ҳисоб рафта, ҳамчун гаҳвораи тамаддуни ориёӣ ва макони мардуми ориёинажод шинохта шуда буд. Эҳёи намунаҳои беҳтарини суннатҳо ва анъанаҳои аҷдодӣ дар замони истиқлолият суръати хос пайдо кардааст. Ҳамин аст, ки зина ба зина номгӯи анъанаҳо ва суннатҳои мардумӣ эҳё ва дар байни мардум густариш ёфта истодаанд. Алалхусус, солҳои охир намунаҳои беҳтарини

фарҳанги моддӣ ва ғайримоддии миллиамон дар ҳамаи минтақаҳои кишвар инкишоф ёфта истодааст, ки аз воситаҳои беҳтарин дар мусоидат ба пешрафти маънавии ҷомеа ба шумор меравад. Дар давоми солҳои охир ҳунари чакандӯзӣ, гулдӯзӣ, зардӯзӣ, кандакорӣ, кашидадӯзӣ, қолинбофӣ, атласбофӣ, адрасбофӣ, алочабофӣ, намадмолӣ, бӯрёбофӣ, заргарӣ, кулолгарӣ, косаву қошуқтарошӣ, гаҳворасозӣ, созтарошӣ, фалаксарой ва дигар суннатҳои миллӣ дар қолаби қадимӣ ва шаклу услуби нави миллӣ зинда шудаанду дар паи рушд қарор доранд. Ин ҳунарҳои миллӣ ифодакунандаи мероси давраҳои гуногуни таърихии рушди ҷомеа ба ҳисоб меравconfiguration.

Таҷлили чорабиниҳои фарҳангӣ, симпозиуму конференсияҳо ва ҳамоишҳои байналмилалӣ бахшида ба таҷлили солгарди фарзандони барӯманди миллат, таҷлили санаҳои бузурги фарҳангӣ, бунёди иншоотҳои замонавӣ, барқарорсозии ёдгориҳои таърихию фарҳангӣ, эҳёи суннатҳо ва анъанаҳои ҳазорсолаи миллӣ, тавассути чорабиниҳои байналмилалӣ тарғиби фарҳанги пурғановати миллӣ дар кишварҳои хориҷӣ, баргузории рӯзҳои фарҳангиву ба роҳ мондани сафарҳои ҳунарӣ ва амсоли он роҳҳои муаррифии шоистаи фарҳангӣ миллӣ ба ҷаҳониён мебошад.

«Халқи тоҷик дар таърихи чандҳазорсолаи худ шаҳру пойтахтҳое бунёд кардааст, ки мавриди таваҷҷуҳи оламиён будаанд. Суннатҳои шаҳрдорӣ ва санъати меъмории онҳо, ки хусусиятҳои миллӣ ва умумибашарӣ доранд, то замони мо боқӣ мондааст.Ниёгони ориёии тоҷикон дар инкишофу рушди босуботи фарҳангу ҳунармандӣ, санъати осори нафисаи ҷаҳонӣ болоравии соҳаи меъморӣ ва шаҳрсозӣ саҳми бориз гузоштанд.

Беҳуда нест, ки бо эҳтимоми Президенти кишварамон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо мақсади ошноии бештар ба таъриху фарҳанги бостонӣ соли 2006 соли тамаддуни Ориёӣ эълон гардида, бо ифтихори ин санаи сабзи таърихӣ чораҳои мушаххас андешида шуд.Барҳақ, эҳё кардан ва гиромӣ доштани анъанаҳои писандидаи бостонӣ, ки ба манфиати рушду такомули маънавиёти мост, барои ваҳдати миллӣ ногузир аст. Аз ин лиҳоз, барои ворхиси асили Ориёӣ будан,бо истифода аз ҳикмати дирӯзу имрӯз, ҷустани падидаҳои тозаи илмиву фарҳангӣ ба мақсад мувофиқ аст.

Аз ин ҷост, ки ҳисси баланди ифтихори миллӣ моро ба сӯи қуллаҳои фатҳношуда ва ободии Ватан ҳидоят мекунад. Эъломияи давлати тозабунёд ва моҳияти истиқлолият дар он аст, ки мардум боз ба асли хеш баргашта, аз сари нав баъзе анъанаҳои бо мурури замон аз байн рафтаро эҳё менамоянд.Ҳар як шахси меҳнатдӯст мувazzаф аст, ки муқаддасоти ватанашро гиромӣ бидорад ва баҳри ободии диёри арҷманд саъю талош намояд.

Мардуми соҳибфарҳангу соҳибтамаддуни мо таҳти сарварии хирадмандонаи Асосгузории сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти мамлакат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон калиди дари иқболи худро дар бунёди сохтмонҳои азими ҷумҳурӣ тасаввур намуда, дар ҷодаи бунёдкориҳо ва бо мақсади баромадан аз бунбасти коммуникатсионӣ, таъмини истиқлолияти энергетикӣ корҳои назаррасро ба анҷом мерасонанд.

Эъмори иншоотҳои азим, биноҳои боҳашаммат, боғу гулгаштҳо, маҷмааҳои осмонбӯси истиқоматию маъмурӣ боварии мардумро ба оянда асоснок намуд.Халқи тоҷик бори дигар собит сохт, ки воқеан тоҷикон миллати воҳид ва соҳибтамаддуну бунёдкор мебошанд.

Чунонки қайд намудем, миллати тоҷик таъриху фарҳанги ҳазорсолаҳоро соҳиб аст. Барои шинохти ин таърих ва инчунин муаррифии он ба ҷаҳониён, санаҳои таърихиву фарҳангии 2500-солагии Истаравшан, 2700-солагии Кӯлоби Бостон, 3000-солагии Ҳисори Шодмон дар сатҳи байналмилалӣ бо иштироки ҳазорон нафар меҳмонони хориҷӣ ҷашн гирифта шуд, ки ин аз эҳтиром ба гузаштаи таърихии миллатамон мебошад.

Чунонки Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми имсолаи худ (соли 2018) ба Маҷлиси Олӣ қайд намуданд: «**Миллати тоҷик соҳиби ойину суннатҳои бостонӣ ва фарҳанги қадима буда, дар тамаддуни ҷаҳонӣ саҳми сазовор гузоштааст**». Суннату ойинҳои нек ва ҷашнҳои миллии мо, мисли Наврӯз, Меҳргон ва Сада дар тӯли таърих барои тарғиби ахлоқу маънавиёти созанда хизмат кардаанд. Аз ин рӯ, зарур аст, ки дастовардҳои маънавию моддии мардуми шарифи мо ба

Феҳристи умумиҷаҳонии ЮНЕСКО ворид гарданд ва нақши тамаддунсозӣ миллати тоҷикро минбаъд низ боло баранд[1].

Бешубҳа мероси бою пурғановати фарҳангӣ-таърихӣ ба рушди туризм таъсири мусбат расонида ҷиҳати ҷалби ҳарҷӣ бештари сайёҳон имконияти ниҳоятдараҷа мусоид ба ҳисоб меравад. Аз ин ҷост, ки аз ҷониби Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон эълон гардидани соли 2018 «Соли рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ» ба ҷаҳониён қадимӣ будани фарҳангӣ миллии моро муаррифӣ кардан мебошад. Мерос ду вазифаи асосиро иҷро мекунад: аз як тараф вазифаи тарбиявӣ ва фарҳангӣ (ташаккули минталитети миллӣ, ҳифзи худшиносии аҳолӣ, тарбияи эҳсоси ватандорӣ), аз ҷониби дигар вазифаи иқтисодӣ (рушди ҳудуд, бунёди ҷойҳои корӣ)[2]. Аз нигоҳи туризм, айни замон таваҷҷуҳи ҷомеаи ҷаҳонӣ ба кишварҳое равона гардидааст, дорои мероси бою пурғановати таърихи-фарҳангӣ мебошанд. Кишвари мо, дорои ҳам мероси таърихӣ-фарҳангӣ ва ҳам табиати зебову нотакрор мебошад. Ҳар яки моро зарур аст дар рушди соҳаи туризм ва муаррифии кишвари худ ба оламиён саҳмгузор бошем.

Мусаллам аст, ки бузургони ҳикматпешаи мо аз замонҳои қадим ба ҳунару ҳунармандӣ шуғл варзида, ба ин васила дар самти ба шогирдон омӯзонидану ба пайвандон ба мерос гузаштани ҳунарро пайваста талқин намудаанд. Ҳатто дар китоби «Анвори Суҳайлӣ» омадааст, ки: «Дари ганҷи мурод ҷуз ба калиди ранҷ наметавон кушод.

Боиси хушбахтист,ки ба шарофати соҳибистиқлолии кишварамон ва дастуру ҳидоятҳои Президенти мамлакат, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон соли ҷорӣ,Соли рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ эълон гардида аст.Ин бесабаб нест,зеро ҳунар ганҷу зар ва муаррифгари дастовардҳои беназири халқ дар тӯли мавҷудияташ буда, бар замми ин боиси боз ҳам бештар аз

---

[1] Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, 22 декабри соли 2017

[2] Қодиров Ф.С. Захираҳои туристӣ: ёдгориҳои фарҳангӣ – таърихӣ ва табиӣ.саҳ 38.Душанбе Ирфон 2012

пештар ба ҷаҳониён пешкаш кардани дастранҷ ва муаррифии миллати тавонову кишвари биҳиштосоямон мебошад.

Боиси қайд аст, ки халқи бузурги тоҷик аз даврони атиқа бо ҳунармандӣ, боғу токпарварӣ, коркарду истихроҷи маъдан, зироатчигию чорводорӣ ва одоби баланди хуби инсонии худ ва осори барҷастаи фарҳангу тамаддуни безаволаш қалби оламиёнро тасхир намудааст.Тавре, ки сарчашмаҳо гувоҳанд дар замони давлатдории Сомониён Мовароуннаҳру Хуросони бузург дар ақсои олам бо ҳунару ҳунармандони маъруфаш ном бароварда буданд. Беҳтарин ҳунармандон, рассомон, наққошон, санъаткорон, машшоқон, хаттотони чирадаст ва устоҳои гулдаст соҳиби эҳтироми хосаи худ гардида, обрӯю мавқеи зиёд доштанд.Ровиёни ахбор ва ноқилони осор овардаанд, ки дар он айём бузургтарин корхонаи бофандагӣ бо номи «Байтуттирос» дар шаҳри Бухоро ҷойгир буда, матоъ ва қолинҳои истеҳсоли он ҳатто дар маркази хилофат, шаҳрҳои Шарқи наздик шухрат пайдо карда буданд. Ҳунармандони давр аз матоъҳои пашмин, абрешимин, пахтагин либосҳои мухталифи хушранг, карбос тайёр мекарданд.Тоҷирону соҳибкорон бошанд намад, ҷойнамоз, либосҳои пашмин, зину чармин, тиркаши чармин ва рӯймолҳои зеборо тавассути роҳи абрешим то ба Чину Мочину Ҳиндустон ва дигар мамолики мутараққӣ мебурданд.Дар он замонҳо омода ва истеҳсол кардани номгӯи маҳсулоти бофандагӣ басо мушкилу заҳматталаб ва сабру таҳаммулро тақозо менамуд.

Шоири заҳматкашу ширинкаломи тоҷик Миробид Сайидои Насафӣ танҳо дар як шаҳри бостонии Бухоро вуҷуд доштани зиёда аз 200 намуди касбу ҳунарро ном бурдааст, ки аксар аз маҳсулоти онро низ ба хориҷи кишвар судур менамуданд.Ҳамин тариқ, эҳёи ҳунарҳои мардумӣ ва анъанаҳои фаромӯшшудаву беҳтарини ниёгон тақозои айём маҳсуб меёбад.

Глобализатсия (ҷаҳонишавӣ), ки бо як суръати баланд идома дорадба ҷомеа бетаъсир буда наметавонад. Раванди ҷаҳонишавӣ омили заиф кардан ва барои аз байн бурдани фарҳангу арзишҳои миллӣ албатта таъсиргузор мебошад. Дар такя ба фарҳанг дар арсаи ҳама талошҳо, ҷомеа метавонад муваффақ бошад. Дар ҳаёти кишварҳои абарқудрати имрӯза мо ин гуфтаҳоро мушоҳида намуда истодаем, ки бо гиромидошти

фарҳанг ва тақвияти ҷабҳаҳои он, тавонистанд дар арсаи ҷаҳонӣ нуфузу эътибор пайдо кунанд.

Байналмиллалӣ эълон гардидани ҷашни «Наврӯз», таҷлилу эҳёи суннатҳои мардумӣ ва баргузории чорабиниҳои васеи фарҳангӣ, ба монанди Меҳргон, Сада, Рӯзи Шашмақом, Рӯзи Фалак, Рӯзи китоб, Рӯзи забон, Рӯзи Парчам ва амсоли он ба ҳукми анъана даромадаанд, ки аз ҳисси худшиносии милии мардуми мо дарак медиҳад. Ҳамзамон бо дастгирии молиявиву маънавии сарвари давлат маҳсули дасти ҳунармандони тоҷик дар намоишгоҳҳои хориҷи кишвар ба маърази тамошо гузошта мешаванд, ки як навъи муаррифгари фарҳанги тоҷикон дар миқёси ҷаҳон мебошад. Қайд намудан ба маврид аст, ки бо тасмими бевоситаи Пешвои миллат дар маркази кишварамон бунёди яке аз азимтарин масоҷиди Осиёи Марказӣ идома дорад, ки дар ҷаҳони ислом рухдоди фарҳангии бузург мебошад.

Бинобар ин фаромӯш набояд кард, ки азхуднамоии мероси фарҳангӣ ва дуруст муаррифӣ намудани он ба ҷаҳониён омили беҳдошти маънавиёти ҷомеа мебошад. Дар акси ҳол фарҳанги ғайр метавонад ҷойнишини он гашта фазои онро тира созад.

**Юсуф ШОДИПУР**
номзади илмҳои таърих, дотсенти Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

## ДАР МАСИРИ ДАРЁФТИ СОҲИБКОРИ МУВАФФАҚ ВА ТОҶИРИ КОРЧАЛЛОН

**(Тибқи осори ёддоштӣ ва публисистии академик З.Раҷабов ва проф. А.Мухторов)**

Дар ҳар як давру замон дарёфти соҳибкори муваффақ ва тоҷири корчаллон ниҳоят кори мушкил ва мураккаб маҳсуб меёбанд. Аз ин боис, ба ташаккул ва омода намудани бозаргону соҳибкори асилу муваффақ эътибори махсус равона намуда, пайваста талош мекунанд, ки чунин кори муҳиму судбахш анҷом дода шаванд. Хосатан ҳар як ашхоси ҷозибу хайрхоҳ ва некхоҳу дурандеш ният ва орзу менамояд, ки меросхӯри худро чун соҳибкори муваффақ ва тоҷири корчаллон тарбия намуда, ба воя расонад, то ки дар рӯзгори инсонӣ ва рушду такомули ҷомеаи мутамаддин мавқеи муҳим ва нақши арзанда пайдо намояд. Чунин ниятҳои неку орзуҳои ширинро чун ҳар як тоҷики асилу ояндабин бобою падари Зарифу Латиф ва дигарон дар замири хеш парварида, мудом аз паи амалӣ намудани он пайваста кӯшишу талош менамуданд. Аз ин рӯ, ин мавзӯъ муҳиму рӯзмарра буда, пажӯҳишу тадқиқи саривақтии худро интизор аст.

Маҳз аз нигоҳи имрӯз даврони тифливу наврасӣ ва ҷавонии академик Зариф Шарифович Раҷабов (1906-1990) дар ибтидои асри бистум, дар Хуҷанди бостон сурат гирифтааст. Дар хотираҳо ва ёддоштҳои ин марди ҷасуру дурандеш ва инсони неку ояндасоз на танҳо паҳлуҳои рӯзгори тифлӣ, ҷавонӣ, навҷавонӣ ва камолоти худаш, балки бародару наздикони

хонадони Раҷабовҳо ва дигар ҳамзамонон ба тариқи амиқу мукаммал қаламдод гаштаанд. **Зимнан қиблагоҳи ӯ Мирзошариф орзу мекард, ки Зариф ва Латиф дар шаҳрҳои Русия, Аврупо ва Амрико таҳсили илму маърифат намуда, ҳамчун соҳибкори моҳиру кордон ва тоҷири корчаллон ба Ватани азизамон баргашта, ба аҳли диёр ва миллати сарбаланду бостониамон содиқона хизмат намоянд.** Ин нияти нек ва орзуҳои қиблагоҳ ҷомаи амал пӯшида, Зариф дар аҳди шӯравӣ ҳамчун шахси лаёқатманду боистеъдод парвариш ёфта, то дараҷаи олими маҳбуб ва номдори замони шӯравӣ, доктори илми таърих, профессор, академики Академияи улуми ҷумҳурӣ сабзида расид. Имрӯз аз таҷрибаҳои судбахш ва рангини олимони номдори Ватан, муҳаққиқони мумтоз ва чирадасти замон дар бунёди ҷомеаи мутамаддин-Тоҷикистони соҳибистиқлол пурсамар ва моҳирона истифода бурдан мувофиқи матлаб аст. Аз ин хотир, саҳифаҳои дурахшон ва пурасрори рӯзгори рангини ин фарзанди фарзона ва барӯманди миллатамонро варақгардон намуда, дар асоси хотираҳову ёддоштҳо ва инчунин муқоиса бо дигар маъхазу сарчашмаҳо ва тадқиқотҳои ҳамкасбону шогирдон, аз ҷумла профессор Абдусаттор Мухторов, пиромуни ҷузъиёти рӯзгори тоинқилобии эшон фикру мулоҳизаҳои судманд пешкаши аҳли илму адаб гардонида хоҳанд шуд.

Ашхоси пешқадами Осиёи Марказӣ, аз ҷумла музофоти Хуҷанд ба забт ва ҳамроҳшавии ин минтақа ба Русияи подшоҳӣ назари нек ва муносибати мусбат зоҳир намуданд. Чунончи, бобою падари Зариф Раҷабхӯҷа ва Мирзошариф нисбат ба боёну амалдорони маҳаллӣ дида, ба русҳо эътимод доштанд ва аз назари онҳо русҳо мардуми маърифатпарвару ояндабин мебошанд. Чунонки баъдтар мушоҳида гардид, ки русҳо дар баробари дигар шаҳрҳои Осиёи Миёна дар музофоти Хуҷанд низ корхонаҳои гуногуни саноатӣ бунёд намуда, ба ин ҷо навгониҳои зиёде, аз ҷумла роҳи оҳан ва амсоли онро оварда, ба хизмати мардуми маҳаллӣ во гузоштанд. Ҳамаи ин дигаргунсозиҳо ба мардуми пешқадами музофот, аз ҷумла Раҷабхӯҷаву Мирзошариф ва дигарон таъсири мусбат расониданд. Чунонки профессор А. Мухторов шаҳодат медиҳад, ки пас аз шаш соли ҳаёти мустамликашавӣ, русҳо дар Хуҷанд ба бунёди корхонаҳои саноатӣ, аз ҷумлаи заводу

фабрикаҳои пилларесӣ, шарбатбарорӣ, шишабарорӣ, чармгармӣ ва ғайра оғоз бахшиданд, ки онҳо дар рушду инкишофи иқтисодиёти музофот такони азиме доданд ( 4,6 -7). Масалан, бобои Зариф - Раҷабхӯҷа дар корхонаи шишабарории Хуҷанд ба кор даромад, ки он дар рӯзгори минбаъдаи аҳли хонадон мавқеи мусбӣ бозид. Мавсуф ба омӯхтани забони русӣ оғоз намуда, хешу ақрабояшро аз қафои худ бурд. Дар рӯзгори онҳо омаду ноомадҳо ва комрониву камомадҳо ва рӯйдодҳои мусбиву манфӣ тавъам рух медоданд. Ин рафтори ӯ ба ҳамсояҳо, муллотарошону хушомадгӯёни замон маъқул набуд. Аммо Раҷабхӯҷа ба рафтору гуфтори эшон гӯш намедод, зеро худ аз қоидаю қонунҳои ислом мудом бохабар буд, ба онҳо мефаҳмонид, ки донистани забонҳои гуногун ва урфу одати халқҳои дигар, дар васеъ гардидани ҷаҳонбинии мардум манфиатнок аст . Зеро инсон бо воситаи омӯхтани забони русӣ ҷаҳони нав пайдо мекунад ва дунёро хуб дарк менамояд. Баъди ошно шудан бо маданият ва урфу одати русҳо, Раҷабхӯҷа ба писаронаш Мирзошарифу Ашурхӯҷа таълим медод, ки баробари азбар намудани «Ҳафтяк», «Чаҳор китоб», зимнан ба омӯзиши забони русӣ камари ҳиммат бубананд. Ин рафтори ноҷою якравонаи Раҷабхӯҷа ба ҳамсояҳо маъқул набуданд, онҳо дар нишастҳо таънаю маломат мезаданд, ки «Раҷабхӯҷа писаронашро кофир кардааст, онҳо салла намебанданд, дар мактаби урусҳо дарс мехонанд, бо онҳо дар як табақ хӯрок мехӯранд» ва ғайра. Аммо ӯ ба ҳамаи таънаю маломати ҳаммаҳаллаҳову дӯстони аз илму маърифат бехабар гӯш намедод ва писаронашро аз пайомадҳои илмҳои ҷахонӣ бархурдор менамуд Забономӯзӣ ва забондонӣ ба фарзандони Раҷабхӯҷа кор дод: даставвал, Мирзошариф дар ширкати тиҷоратӣ ва Ашурхӯҷа дар корҳонаи пиллапарварӣ ба шарофати забондониашон соҳиби ҷойи кор ва иззату икроми хӯҷаинонашон шуданд (4,6 –7).

Дере нагузашта, обрӯйи Мирзошариф дар байни соҳибкорону тоҷирони Хуҷандӣ боло рафт. Ҳар яке аз онҳо мехостанд, ки мисли ӯ, ҷавони кордону корчаллонро ба доми хеш кашанд. Дар охир, бойи калони Хуҷанд Фозилбой дили ӯро ба даст овард. Вай дар шаҳри Андиҷон ширкати калони тиҷоратиро соҳибӣ мекард. Зимнан сармоядор чунин фарди

моҳиру корчаллонро дар симои Мирзошариф медид. Дар охир, ӯро розӣ намуда, бо фотиҳаи падараш Раҷабхӯҷа ба Андиҷон бурда, низоми корҳои истеҳсоливу тиҷоратиро ба уҳдааш мегузорад.

Мирзошариф дар зодгоҳаш шаҳри Хуҷанд таҷрибаи бойи на танҳо зиндагӣ, балки фаъолияти босамари корӣ ба даст оварда буд. Баробари забони модарӣ, инчунин забонҳои русӣ ва ӯзбакиро низ хуб медонист ва аз ин хотир, чуноне мегӯянд, ки «кор ба кордон осон аст!». Вай дар баробари шаҳри Андиҷон, инчунин дар шаҳрҳои Хӯқанду Фарғона, Марғелону Ӯш савдо карда, ба боварии хӯҷаин даромада буд (4,8). Акнун Фозилбой бо дили пур аз фараҳ, бемалол ба корҳои соҳибкориву тиҷориаш машғул мешуд, ба ӯ дар ҳама кор боварӣ дошт.

Марди моҳиру корчаллон Мирзошариф ин дафъа муддати тӯлонӣ, аз сабаби ба корҳои соҳибкорӣ ва тиҷоратӣ машғул будан, ба Хуҷанд омада натавонист. Ӯ дар ин муддат, ба корвони тоҷирон ҳамроҳ шуда, ба мулки Қошғари Чин сафар карда, мудом корҳои савдоиро анҷом дода, ба баъзе дастовардҳо ноил мегардад, ки перомуни ҳамаи онҳо ишора кардан шарт нест. Воқеан, Мирзошариф марди тозакору озодандеш буда, хизмати бойи маҳаллиро адо мекард. Вале аз кору рафтори бой розӣ набуд, зеро ин фард чун дигар сармоядорон халқро фиреб медод. Мирзошариф ба ивази хизматаш аз хӯҷаин танҳо музди ночизе мегрифт, ки он барои рӯзгораш кофӣ набуд. Вале ӯ чун намояндаи хӯҷаин вагон-вагон меваи хушк, пӯсти қароқӯлӣ, пахта ва дигар молу маҳсулоти бойро сарфакорона ба Русия мефиристод, ба ивази он қатораи пур аз ангиштсанг гирифта, онро дар байни савдогарони хурду миёна тақсим карда, мефурӯхт ва фоидааш пурра ба киссаи бой мерафт (4,27). Аз ин рӯ, аз кирдору рафтори рӯзгор, аз нобаробарии инсонҳо, аз нобасомониҳо ва таассубу рӯйдодҳои иҷтимоӣ дар тааҷҷуб монда, аз онҳо мудом хиҷил ва норизо мешуд. Дар натиҷа, талошу бархӯрдҳояш нисбат ба замони нави сармоядорӣ ва он тағйироту дигаргунсозиҳои кишварамон, воқеан ҳам афкору акидаҳои ӯро тағйир медиҳанд.

Модари Зариф Бибисолеҳа зани ҳунарманде буда, дар оилаашон чаҳор нафар фарзанд - Бароҳатхон,Зариф, Латиф ва Шарофатхонро парасторӣ мекард. Вай мекӯшид, ки

фарзандонро бо ашёву лавозимоти зарурӣ ва сару либос таъмин намояд. Ба ин мақсад, ӯ дӯкони аллочабофӣ созмон дода, аз пахтаю абрешим, карбосу алоча бофта, ба писару духтаронаш ҷомаву ҷелак ва куртаву эзор омода мекард, зиёдатиашро Бароҳатхону Зариф ба бозор бароварда, мефурӯхтанд. Духтари калонӣ Бароҳатхон ба модараш пайравӣ карда, тӯппӣ медӯхт, ба дӯкон нишаста, аллоча мебофт, бисёр ҳунарҳоро азбар намуд, хамроҳи Зариф ба Панҷшанбе-бозор рафта, маҳсули истеҳсолиашонро мефурӯхтанд ва аз ин ҳисоб ризқу рӯзӣ меёфтанд. Азбаски ҳавлиашон дар шафати бозори Панҷшанбе мавзеъ дошт, тӯппиҳои дӯхтаашонро Бароҳатхону Зариф ба фурӯш мебаровард анд. Рӯзҳое мешуд, ки тӯппиҳо ба савдо намерафтанд, он гоҳ ҷигарбандон бо дасти холӣ бармегаштанд. Дар ин хусус, худи устод дар китоби ёддоштиву саргузаштиашон «Саҳифаҳои рӯзгори гузашта» баъдтар ин душвориҳоро чунин нақлу тафсир додаанд, ки он ҷолибу хотирмон аст: «Ман ҳамчун писари калонӣ соатҳоро дар бозор сипарӣ менамудам, то ки ришта ва тӯппиҳои тайёркардаи модарамро фурӯшам, вале на ҳама вақт корам омад мекард, бисёр вакт бо дасти холӣ гуруснаю мондашуда ба хона бармегаштам. Модарам бештар асабонӣ мешуд, вале чӣ илоҷ! Азбаски аксари мардум қашшоқона зиндагӣ мекарданд, бино бар ин, қудрати харидорӣ надоштанд» (8,12,15).

Дар солҳои баъдӣ, додари хурдии Зариф Латиф ба доираи корҳои ҳоҷагӣ ва иртиботи савдоӣ кашида шуда, дастёри беминнат гардид. Аз рӯйи тавсифҳои профессор А Мухторов, баъзан бародарон бо бачаҳои ҳаммаҳаллаашон ба бозиҳои гуногун машғул шуда, бозорро фаромӯш мекарданд. Онҳо барои рӯпӯш намудани сирру асрори хеш, маҷбуран ба назди бобояшон Насруллобой омада, каме ба корҳои ӯ кӯмак расонида, пас, чойпулӣ мегирифтанд. Ба пули додаи бобо ба хона нону сабзавот харид мекарданд(4,13-14). Аз ин далелҳо маълум мегардад, ки бобои модарии Зариф Насруллобой яке аз соҳибкорону сармоядорони машҳури Хуҷанд ба ҳисоб мерафт. Яке аз дастовардҳои савдоии бобояш Насруллобой аз он иборат буд, ки ӯ дар бозори Панҷшанбе дорои дӯкони савдоӣ буда, дар он ҷо доираи васеи тиҷоратӣ амалӣ мегардид. Аз ин амалиёт, наберагони ӯ Зарифу Латиф низ баҳраманд мегаштанд. Ин

матлаб дар осори ёддоштии академик З.Ш.Раҷабов чунин ба қалам дода шудааст: «Дар бозори Панҷшанбе падари Бибисолеҳа Насруллобой дӯкон дошт. Баъзе рӯзҳо Зариф ба бобояш чойю хӯрок бурда, ба корҳои ӯ кӯмак мерасонд. Бобояшон ба ивази хизмати наберахо ба Зариф нонпулӣ медод, онҳоро дар ин роҳ рӯҳбаланд менамуд…» (4, 13).

Дар замони тоинқилобӣ, дар музофоти Хуҷанд сармоядорону соҳибкорони номдор кам набуданд. Яке аз чунин ашхоси барӯманди Хуҷанди бостонӣ Насруллобой маҳсуб меёфт. Бино бар қайдҳои муаррихон, «дар воқеъ ҳам, Насруллобой одами машҳури замон ба шумор мерафт. Вай бо тоҷирони русу тотор робитаи устувор дошта, бо онҳо доду гирифти савдоӣ анҷом медод. Дар бозори Панҷшанбе соҳиби анбори калоне буд. Бештар ба савдои яклухти газвор машғул мешуд. Аз савдогарони рус вагон–вагон газвору матоъҳоро гирифта, пас чаканафурӯшӣ мекард. Савдогарон аз водии Фарғона, шаҳри Истаравшан ва мулкҳои дигари атрофи Хуҷанд ба назди Насруллобой омада, ба қадри имкон , бо нархҳои дилхоҳ газвор, моҳут, шиму костюм ва ғайра харид мекарданд» (4,14). Чуноне З. Раҷабов дар ёддоштҳои хеш ёдовар шудааст, ки «бобояш Насруллобой чун тоҷири кӯтарафурӯш дар бозори Панҷшанбе саройи калони тиҷоратӣ дошт. Вай ба назди бобояш ҳаррӯз як маротиба хӯроки лазиз ва чойи кабуд бурда, доираи муомилоти тиҷоратии ин саройро хеле хуб медонист. Ба қавли ӯ, ин сарой аз рафу қаторҳои молу маҳсулот иборат буда, дар онҳо чандин бастаҳои калони матоъу газвор гузошта мешуданд. Насруллобой онҳоро вагон-вагон аз Русия оварда, сипас ба савдогарони хурди Хуҷанд ва музофоти он бо нархи фоидаовар мефурӯхт. Маълум аст, ки чунин муомилоти доманадори савдоӣ бемуҳобот фоидаи калон меовард» (8,23).

Дар воқеъ, сармоядорону соҳибкорон ва тоҷирони номдори музофоти Хуҷанд маҳз дар ин давра чун намояндаи бонуфузи доираҳои сармоядорону табақаи тоҷирони Тоҷикистони тоинқилобӣ ташаккул ёфтанд. Хусусан бойҳо ва сарватмандони машҳури он замон: Насруллобой, Солиҷонбой, Эргашбой, Мирзокарим ва амсоли он дар байни доираҳои тиҷоративу саноатӣ мавқеи калонро соҳиб гашта, дар байни онҳо рақобат мавҷуд буд. Ҳар кадоме кӯшиш менамуданд, ки

дар гирдоварӣ ва ҷамъоварӣ намудани боигариву сарват аз якдигар қафо намонанд (4, 14). Чуноне академик З. Раҷабов дар ёддоштҳояш таъкид кардааст, ки дар он замон дар Хуҷанд Эргашбой ном бойи калон ва сарватманди бонуфуз зиндагӣ мекард. Вай фурӯши яклухти меваҳои хушк, хусусан ғӯлингро соҳибӣ менамуд. Зеро ғӯлинги Хуҷанд, аз ҳама бештар навъи қандаки он дар аксар ҷойҳо талабгорони сершумор дошт. Манбаъҳо шаҳодат медиҳанд, ки он на танҳо дар Осиёи Миёна, балки инчунин дар Русия ва баъзе кишварҳои Урупо харидорони бештаре пайдо карда будааст. Зимнан Эргашбой ин намуди меваҷот, хусусан ғӯлингро аз деҳқонон бо нархи арзон харида, бо воситаи қатора ба дигар шаҳру мамлакатҳо гусел менамуд. Ба ҳамин роҳу усул сарвату бойгарии ӯ ташаккул меёфт (6,12; 8,17). Профессор А.Мухторов низ пиромуни фаъолияти соҳибкорӣ ва туҷҷории Эргашбой иттилоъ дода, қайд кардааст, ки ин шахс дар ин ҷода, ба комёбиҳо ва дастовардҳо ноил мегардад. Ба қавли нигоранда, хусусияти кору пайкори Эргашбой дар он таҷассум меёфт, ки аз деҳқонон меваи хушк, аз қабили ғӯлинг, чормағз, мавиз, бодом, писта ва монанди онро ҷамъоовварӣ намуда, ба Русия ва ҳатто кишварҳои Аврупо мефиристод ва аз он фоидаи калон ба даст меовард (4,14). Воқеан, боигариву доровӣ ва сарватмандии Эргашбой диққати Зарифи хурдсолро низ ба худ ҷалб карда будааст. Чуноне ӯ баъдтар таъкид месозад, ки «ман муттасил ба ҳавлии Эргашбой мерафтам ва борҳо медидам, ки чӣ тавр бой ба аспи худ қанд медод, ба сагаш бошад, гӯшти серравғани гӯсфандро ҳадя мекард. Ҳар бегоҳ дар манзили ӯ чароғи калони карасинӣ дар гирифта, гирду атрофро чароғон мекард (6,13; 8,18). Ҳамеша ба манзили барҳавои Эргашбой меҳмонон фойтунсавор меомаданд. Онҳо, қабл аз ҳама, маъмурону хизматгузорони подшоҳӣ, сарватмандони машҳур, соҳибкорону тоҷирони русу маҳаллӣ ва ғайра буданд (8,18-19).

Хосатан амалу фаъолияти соҳибкорӣ ва туҷҷории Эргашбой ба соҳибкорону тоҷирон муфид ва манфиатбахш будааст.Гарчанде Эргашбой шахси бесавод бошад ҳам, вале ба русӣ чандон бад ҳарф намезад. Хазинадор ва котиби шахсии ӯ корчаллони тотор И. Консеров буда, забонҳои русӣ, тоҷикӣ ва ӯзбекиро дар дараҷаи баланд медонист. Падари Зарифу Латиф

дар вақти мувофиқ ва қулай ба фарзандонаш такроран таъкид менамуд, ки «Эргашбой марди бесавод аст, ҳамаи корхои тиҷоратии ӯ дар дасти И.Консеров аст. Эргашбойро танҳо Консерови соҳибмаълумот сарватманд намудааст. Агар шумоён ҳам, дар оянда маълумотнок шуда, илму амал ва касбу ҳунар омӯзед, чун ӯ одами доро ва аҳли сарват мешавед» (6,13;8,18). Ин тарғибу ташфиқи қиблагоҳ доим дар ёду хаёли писаронаш Зарифу Латиф садо медонанд, онҳо пайваста ба омӯхтани илму адаб ва касбу ҳунар шитоб мекарданд.

Ҳамсояи Насруллобой яке аз одамони намоёни Хуҷанд Абдуқодир Оқсақол буда, ки ҳокими шаҳр ба шумор мерафт, дар ихтиёраш хизматгорони зиёде кору фаъолият мекарданд. Писари калонии оқсақол Ҷӯра дӯсти наздики тағои Зариф - Мирзокарим ба шумор мерафт. Ҳар муддат ба Русия ва дигар кишварҳои Аврупо ба сайру саёҳат мерафт. Вай нахустин шахсе буд, ки дар Хуҷанд соҳиби автомобил шудааст(4,16). Чуноне Зариф Раҷабов дар ёддоштҳои хеш зикр кардааст, ки дар соли 1916 яке аз бойҳои Қалъаи Нави Хуҷанд Мулло Абдуқодир аз Маскав як автомобил оварда буд. «Боре ман, - менависад З. Раҷабов,- шоҳиди воқеаи ҳайратоваре шудам. Дар ҳамон гузаре, ки бобоям Абдуқодир – оқсаққол зиндагӣ мекард, ӯ чун яке аз сарватмандони намоёни шаҳр вазифаи оқсаққолии қисмати Қалъаи Нави Хуҷандро бар ӯҳда дошт, писарони ӯ ҳамчун тоҷирони номдори Хуҷанд ба мақсади пешбурди корҳои тиҷоратӣ борҳо ба Русия сафар карда буданд. Боре ҳангоми бозӣ ба назди манзили оқсаққол аз ҷониби бозор ҳаракат карда омадани як қуттии калони сиёҳеро дида, дар ҳайрат мондам. Пас аз чанде, он дар назди хонаи оқсаққол омада бозистод. Аз даруни он писари калони бой- рафиқи амакам Мирзокарим берун баромад. Маълум шуд, ки он қуттии сиёҳ автомобил буда, онро яке аз ошноҳои руси ӯ оварда будааст»(8, 31-32).

Дар воқеъ, як нуктаи муҳимро таъкид кардан ҷоиз аст, ки тағои қадрдони Зарифу Латиф нисбат ба ҷиянҳои худ пайваста ғамхорӣ зоҳир мекард. Чунончи, азбаски Зариф ва дигар рафиқонаш майлу завқи ба автомобил саворшавӣ доштанд, бо дастгирии тағояшон Мирзокарим, писари бой онҳоро ба мошинаш савор карда, дар майдони атрофи Панҷшанбе - бозор

сайру тамошо медод (4,16). Аз ин боис, ба Зарифу Латиф навгониҳои илмию техникӣ бештар диққатҷалбкунанда буданд. Қаблан мардуми ноҳияҳои шимоли Точикистон, чун мардуми Осиёи Марказӣ аз бисёр навгониҳои илмиву техникии он замон бохабар буданд. Чунончи, падари Зариф Мирзошариф дар водии Фарғона, дар истгоҳи роҳи оҳан кор мекард. Ба тариқе аён гардид, ки падари Зарифи ҷавон дар Андиҷон чун мудири хоҷагии бой аз истансаи Дирагомир қаторахои пурангиштро қабул намуда, онро дар миёни тоҷирони хурд тақсим мекард. Корҳои падараш ба роҳи оҳан зич вобастагӣ дошт. Бо сардори вокзали роҳи оҳани Андиҷон ниҳоят наздик буд (8,39-40).

Дар охири карни XIX аллакай баъзе ноҳияҳои шимолии Тоҷикистон, аз ҷумла Хуҷанд бо бисёр шаҳрҳои кишвари Туркистон ва Русия тавассути хати тилгироф мепайваст. Зарифи ҷавон аснои ҳашт-нӯҳсолагиаш ҳодисаи муҳимеро ба мушоҳида мегирад, ки пиромуни тилгироф ва тилфун аст. «Ҳангоми ба хонаи яке аз ҳамшаҳриёнам рафтан,- менависад вай, - дар роҳ гӯшамро ба симчӯби тилгироф монда, гуфтугӯи одамонро гӯш кардан хостам. Зеро калонсолон мегуфтанд, ки сими тилгироф – сими «гапзанандаест». Аммо ман гуфтугӯйи шахсеро шунида натавонистам, ба гӯшам танҳо ғуввоси симчӯбҳои тилгироф мерасиданду халос. Симҳо танҳо баъди дар хонаамон овардани асбоби беҳаракати чӯбини тилфун «гап мезадагӣ»шуданд, ки ман онро бори нахуст дар соли 1921 дар Самарқанд дида будам...» (8,32).

Коргарони тилгироф ва тилфунро русҳо ва баъдтар маҳаллиён ташкил медоданд. Ба гуфти З.Раҷабов, ҳамсояи андиҷонии онҳо амаки Валентин начандон дуртар аз хонаашон мезист ва ӯ чун тилгирофчӣ кор мекард (8,39).

Пас аз пахши шӯриши соли 1916 Мирзошариф бо назардошти мураккаб гардидани вазъияти музофоти Хуҷанд, писарони худ Зариф ва Латифро ба водии Фарғона - шаҳри Андиҷон ҳамроҳ мебарад. Онҳо тавассути қатора бори нахуст сафар мекарданд. Аз рӯйи ахбори профессор А. Мухторов, Мирзошариф писаронашро ҳамроҳ бо худ гирифта, ба поезд савор шуда, роҳи Андиҷонро пеш гирифт. Зарифу Латиф поездро бори нахуст медиданд ва аввалин бор ба он савор шуданд. Зариф

дар ҳайрат буд, ки хонаҳои чӯбин худазхуд дар болои қатораи оҳан ҳаракат мекунанд ва кунҷковона аз падар мепурсид:

-Додоҷон бигӯед, ки беасп, ин қатораро чӣ ба пеш мебарад?

Мирзошариф аз саволҳои кӯдаконаи фарзандаш ба завқ омада, посух мегуфт:

-Онро паровоз ба пеш мебарад...

-Паровозаш чист?-мепурсид Зариф.

-Паравозаш хонаи оҳанин аст, ки дар дохилаш оташдон дорад. Дар он ангиштсангро алав мекунанд. Он гоҳ дегҳои обдор ба ҷӯш меоянд, пас буғ тайёр мешавад. Ба воситаи он буғ қисмҳои механикии паровоз ба кор даромада, қатораро ба пеш тела медиҳанд, он гоҳ поезд суръат гирифта, ба сӯйи муайян ҳаракат менамояд,- бо хушнудӣ мефаҳмонд падар (4,24).

Пас аз гузашти айём, Зариф Раҷабов аз сайргузашт ва рӯйдодҳои нимаи дуюми соли 1916 ёдовар шуда, дар ёддоштҳояш онро чунин акс намудааст:

-Мо бори нахуст тавассути қатора (поезд) ба шаҳри Андиҷон мерафтем. Аҷобаташ дар он буд, ки мо дар аробаи калони болопӯш ҷой гирифта, дар шоҳроҳи фӯлодӣ бе кӯмаки асп ё дигар ҳайвоноти боркаш ҳаракат менамудем. Вай ниҳоят тез медавид, ки ҳатто ҳавлиҳову дарахтони шафати хати роҳи оҳанро фарқ кардан мушкил буд. Ман аз падарам дар хати роҳ бе қувваи беруна чӣ тарз ҳаракат кардани қатора (поезд)-ро пурсидам, ки ӯ як лаҳзаи ҳаёти ҷавониашро ба хотир оварда, нақл намуд, ки бобоям дар замони пайдоиши оташароба дар кишварамон дар мадраса таҳсил мекардааст. Ҳамон солҳо дар мадраса ҳеҷ ягон шахсе муаммои ин кашфиёти бузург ва «асрорангезе»-ро тасаввур карда наметавонист. Боре бобоям ва рафиқони ҳамсабақаш ба мударрис – донишманди ҳодисаҳои тамоми олам рӯ оварда, мепурсанд:

-Ҷаноби Ҳазрати эшон дар саҳро дар болои қутии сиёҳи русҳо давидани қуттии сурхро чӣ тавр шарҳ медиҳанд?

-Дар қуттии сиёҳ аспест, ки аз қафояш қуттии сурхро мекашад, - бериё посух медиҳад мударрис (8,38). Бубинед, ки аз ин посух ба кадом натиҷа расидан мумкин аст, қазоват ба худатон ҳавола карда хоҳад шуд.

Албатта, то ин вақт, хати роҳи оҳан, ҳудуди ноҳияҳои шимолии Тоҷикистон - музофоти Хуҷандро бурида мегузашт, ки

он то водии Фарғона кашида шуда буд ва он амалан дар такомул ва тақвияти ҳаёти иқтисодиву иҷтимоӣ нақши бузург мебозид. Ин матлаб дар ҳуҷҷатҳои бойгонӣ низ дарҷ ёфта, мақсаду мароми мардуми маҳаллиро ифода мекард. Бино бар ахбори асноди бойгонӣ, сокинони деҳаи Говхонаи волости Гулякандози музофоти Хуҷанд аз манфиату фоидаи истгоҳи роҳи оҳани Дирагомир дар арзномаи худ, аз 2 майи соли 1900 ба сардори музофоти Хуҷанд чунин навишта буданд: **«…Бо тараҳҳуми подшоҳи бузурги рус дар Туркистон хати роҳи оҳан кашида шудааст. Дар шафати деҳаи мо – Говхона вокзали роҳи оҳан бунёд ёфтааст. Ҳудуди вокзал… ба минтақаи сарсабзу хуррам табдил ёфтааст. Қатора (оташароба) ба мардум фароғату манфиати зиёде меорад. Мо аз он ифтихор мекунем, ки истгоҳи роҳи оҳан дар шафати деҳаи мо бунёд ёфтааст» (ниг.: 1,9).** Воқеан, истгоҳи Дирагомир яке аз истгоҳҳои роҳи оҳани ноҳияҳои шимолии Тоҷикистон (ҳоло вилояти Суғд) буда, мардум аз он ба таври васеъ истифода мебурданд. Чунончи, агар дар соли 1900, аз ин истгоҳ 1640 нафар мусофирон сарфар карда бошанд, пас дар ин муддат беш аз 1000 нафар мусофир ба ин ҷо ворид шуданд ( ниг.: 2, 374).

Як ҷиҳати муҳимро таъкид кардан ҷоиз аст, ки писари калонии Насруллобой Мирзокарим тағои меҳрубони Зарифу Латиф аз боздиди ҷиянҳояш дар манзилашон шоду масрур мегашт. Тағояшон Зарифу Латифро пазироӣ намуда, онҳоро бо фойтун ва автомобил савор карда, дар кӯчаҳои Хуҷанд сайру тамошо медод. Дар як вақт, Зарифу Латиф низ ба корҳои ҳоҷагии бобои худ Насруллобой ҳамеша чун дастёри хуб хизмат менамуданд. Дар хоҷагии Насруллобой, дар аксар ҳолатҳо, навгониҳои хоҷагӣ ва истеҳсолӣ дар амал татбиқ мешуданд. Чунончи, дар Хуҷанд ташкил шудани корхонаи пилларесӣ шавқу рағбати аҳли хонаводаи Насруллобойро ба пиллапарварӣ зиёд намуд. Ташаббускори ин кори наҷиб, писари бой Мирзокарим гардид. Зеро онҳо берун аз шаҳр замин доштанд, ки онро ба тутзор табдил дода, дар манзилашон ба пиллапарварӣ шароити мусоид омода сохтанд. Чунки ин соҳа ба эшон даромади калон меовард. Аз ин рӯ, тағояшон завқу ҳаваси ҷиянҳояш Зарифу Латифро ба баргчинӣ зиёд мекард. Ӯ ба онҳо ба ивази меҳнаташон маблағи пулӣ дода, илова бар ин, аз бозор

ширинихо низ харида, табъи онҳоро шод менамуд. Ин тадбирҳо боиси ба кор шавқманд шудани бародарон мегашт (4,15-16). Ҳамин ки дар фасли баҳору тобистон, онҳо баробари аз мактаби динӣ фориғ гаштан, фавран ба кӯмаки тағо мешитофтанд. Дар воқеъ, чунин рафтори тағо меҳру муҳаббати ҷиянҳоро нисбат ба фаъолияти меҳнатӣ зиёд мекард. Мирзокарим ҳар гоҳ ҳамроҳи ҷиянҳояш ба боғу роғ рафта, онҳоро дастгирӣ мекард. Вай навдаҳои тути сабзро қайчӣ карда, ба пуштораи Зарифу Латиф бор мекард, то ки ба хонаи бибиашон бурда, пиллаҳоро бо хӯрок таъмин намоянд. Онҳо ин корҳоро доим иҷро намуда, баҳри бобою тағояшон хизмати арзандаеро анҷом медоданд (4,17).

Бемуболиға, бойҳо ва сармоядорони Хуҷанд дар байни мардум таъсир ва нуфузи калон доштанд. Онҳо на танҳо дар шаҳри Хуҷанд ва музофоти он, балки берун аз он низ дар ҳалли корҳои гуногун қодир буданд. Ин ҳолатро академик Зариф Раҷабов дар ёддоштҳояш ҳаққонӣ қаламдод намудааст, ки намунаи ибрат аст. Ба қавли ӯ, дар ҳамсоягии бобоям Насруллобой, дар маҳаллаи Панҷшанбе-бозор Эргашбой ном марди сарватманди Хуҷандӣ зиндагӣ мекард. Сарвату боигарии ӯ нисбат ба дигар бойҳову сармоядорони музофот зиёдтар буда, дар ин минтақа таъсиру нуфузи калон дошт. Масалан, ҳангоми мардикоргирӣ (соли 1916) вай Алӣ ном камбағали ҳаммаҳаллаи худро киро карда, ба ҷойи худ ба Русия фиристод. Ӯ ба Алӣ ваъда медиҳад, ки тамоми аҳли байташро меҳӯронад ва бо пӯшока таъмин менамояд. Вале муддате мегузараду Эргашбой ба ин ваъдаи худ вафо накард… (муфасал ниг.: 8,11; 4,21-22).

Ҳамзамон Зариф ва Латиф дар ин ҷо ба муҳити нави замон ворид гардида, бо навгониҳо ва ободкориҳо шинос шуданд, ки дар ташаккули афкори сиёсиву иҷтимоӣ ва фарҳангии онҳо таъсири муфид расонд. Ба тариқе маълум аст, ки Андиҷон яке аз шаҳрҳои қадимаи водии Фарғона ба шумор мерафт. Мирзошариф Раҷабов ҳамчун корчаллони бойи Хуҷандӣ дар маҳаллаи нави Андиҷон ҳуҷраеро иҷора гирифта, бо мароми ба худ хос зиндагӣ мекард. Ин бино нисбати хонаҳои хуҷандӣ хеле озодаву пероста буда, беруну дохили он бо оҳаксанг сафед карда шуда, дар он тамоми шароитҳо ба тарзи аврупоӣ зебу зинат ёфта буданд. Дар рӯ ба рӯйи утоқи Мирзошариф Валентин ном марди

чеҳракушоди аврупоӣ зиндагӣ мекард. Ӯ дӯсти наздики эшон буда, дар идораи алоқаи шаҳр сармутахассис шуда хизмат менамуд. Ӯ аз рӯзҳои аввали ба Андиҷон омадани Зариф ва Латиф ба онҳо меҳр баста, онҳоро иззату икром меварзид. Идораи кории ӯ аз хонаи истиқоматиаш начандон дур воқеъ гардида буд. Бино бар ин, ҳар рӯз ҳангоми хӯроки нисфирӯзӣ, Мирзошариф ба воситаи Зариф ба дӯсташ оши палав , манту ва ё шӯрбо мефиристод. Валентин аз он хеле мамнун ва сарфароз гашта, бо хушнудӣ Зарифро пешвоз гирифта, сипас гусел менамуд. Ҳамин тавр, Зарифу Латиф бо дӯстони андиҷонии падарашон наздику қарин гаштанд. Дар ибтидо, бародарон аз вохӯрӣ ва нишаст бо урусҳо истиҳола мекарданд. Зеро дар кӯдакӣ онҳо шӯх буданд ва барои ором намуданашон Бибисолеҳа мегуфт, ки: «Хап шинед, урус омада истодааст!». Аммо дар асл, онҳо дар Андиҷон дӯстони рус пайдо карда, бо онҳо унс гирифта, дар сари як миз нишаста, хӯрок хӯрда, суҳбатҳо мееоростанд ва дар амал медиданд, ки урусҳо дигаранду дӯстӣ бо онҳо лоиқу арзанда аст.

Яке аз дӯстони дигари Мирзошариф, сардори роҳи оҳани Андиҷон Алексей Николаевич Миронов буд. Вай дар мавзеи шаҳри нави ин мулк манзил дошт. Баъди чанде писарони дӯсташ Зарифу Латифро ба хонааш даъват кард. Онҳоро зани дӯсти русашон бо ду нафар духтаронаш самимона пешвоз гирифтанд. Бародарон чунин муносибати ҳалимонаи зани русро бори нахуст дида, байни якдигар мегуфтанд:

-Гапҳои момою модарамон дуруғ будааст. Ин зану духтаронаш ба мо чунон меҳрубонанд, ки онро дар хонаи ягон тан аз хешу табори худамон надидем… (4,24--25).

Зимнан соҳибхона онҳоро бо шӯрбо ва гӯштбирён зиёфат медиҳад. Чунин меҳмондориро онҳо ҳатто дар хонаи бобояшон Насруллобой ҳам надида буданд. Баъди анҷоми хӯрок меҳмононро бо қаҳва зиёфат намуданд. Ин меҳрубонӣ боиси ҳушнудӣ ва ба русҳо дил бастани писарони Мирзошариф гардид. Пас аз чамъ намудани хон, яке аз духтарон ба паси асбоби мусиқии аврупоӣ - пианино нишаста, оҳанги шӯхеро навохт. Духтари дуввум бошад, дар зери оҳанг ба рақс даромад, бародаронро низ ба он таклиф кард, ки аз он дар ҳайрат

монданд, Духтар аз дасти Зариф гирифта, ба ӯ рақсиданро нишон дод, ки он ба ин ҷавон писанд омад ва он боиси абадан бо русҳо дӯсту бародар шуданаш мегардад.

Ҷигарбандони Мирзошариф дар як муддати кӯтоҳ ба шароити зиндагии нав ворид шуданд. Акнун дар шаҳри Андиҷон касе онҳоро «кофир» намегуфт. Падар ба онҳо шиму костюм, туфлию ҷомадон харид ва писаронашро омодаи мактаб намуд.

Яке аз мактабҳои нахустини русӣ-маҳаллӣ дар Осиёи Миёна дар Андиҷон таъсис ёфтааст. Ин мактаб ба туфайли омӯзгоронаш дар ибтидои қарни XX дар тамоми қаламрави Осиёи Миёна машҳур гашта буд. Директории онро дӯсти наздики Мирзошариф Михаил Василевич Назаров бар дӯш дошт. Вай марди миёнасоли ширинсухану инсондӯст ба шумор мерафт. Вай таклифи дӯсти тоҷикашро рад накарда, писарони Мирзошарифро ба мактабаш қабул намуд ва дар баровардани хату саводи кофӣ ба онҳо кӯмак расонид. Ӯ баробари директорӣ, инчунин ба омӯзгорӣ низ машғул мешуд. Дар синфҳои ибтидоӣ аз забони русӣ, адабиёти рус, илми ҳисоб ва ҷуғрофия дарс мегуфт. Бо дастгирии директор Зарифу Латиф бо китобҳои дарсӣ ва дафтару қалам аз ҳисоби мактаб таъмин гаштанд (4,26).

Ин марди шариф ва инсонпарвар ба вазифааш нигоҳ накарда, марди хоксору худотарс буда, бо ҳама муносибати неки инсонӣ дошт. Ӯ вақти холии хешро бештар бо дӯсташ Мирзошариф мегузаронид. Дар сари мизи хоксоронаи ӯ нишаста, оид ба ҳаёти сиёсию иҷтимоии мамлакат ва кишвари Туркистон суҳбатҳои хоса мероост. Муаллим шогирдонаш Зарифу Латифро дӯст медошт, ба онҳо маслиҳат медод, ки бештар илму адаб омӯзанд, донишу биниш ва малакаю маърифатнокии хешро сайқал дода, чун мутахассиси баландихтисос сабзида, ба воя расанд.

Таҳсил дар мактаби нав ба бародарон писанд омад. Онҳо дигар аз дасти нимчамуллоҳо калтак намехӯрданд, ҷомаю салла намепӯшиданд. Дар азхуд намудани забони русӣ ҳамсояашон амаки Валентин мадади худро дареғ намедошт, ба онҳо пайваста машғулият мегузаронд. Зимнан ӯ кӯшиш менамуд, ки писарони дӯсташ зудтар савод бароранд. Ба дарсҳои иловагӣ аз бачаҳо маблағ талаб намекард. Ҳангоми ба сафари хизматӣ берун аз Андиҷон рафтани Мирзошариф, амаки Валентин дӯстони ҷавони

худро нигоҳубин мекард. Мавсуф бо ҳамин дар тарбия ва такомули қиёсии онҳо нақши муассир мегузошт.

Ҳамзамон муҳити нави таҳсил дар мактаби русии маҳаллӣ, шиносоӣ бо навгониҳои илмию техникӣ ва фарҳангӣ ва дигар омилҳо дар ташаккул ва пешрафти шууру тафаккури Зариф Раҷабов ва дигар ҷавонони замони сармоядорӣ нақши муассир гузошт. **Падари Зариф Мирзошариф** ҳангоми фаро гирифтани таълим ва тарбияи фарзандонаш тамоми кӯшишу талошҳои худро дареғ надошта, **дар ботину замири хеш сидқан орзу мекард, ки ҷигарбандонаш мактаби русии маҳаллиро сарбаландона хатм намуда, дар шаҳрҳои Маскаву Санкт-Петербург, инчунин Амрикою Англия ташриф оварда, дар шаҳрҳои Нюйорку Лондон таҳсил намуда, ҳамчун соҳибкори моҳиру муваффақ ва тоҷири корчаллон ба меҳани азизамон баргарданд.** Зимнан бо боварӣ изҳор карда метавонем, ки он дуои хайр ва фотиҳаи неки қиблагоҳи Зарифи соҳибистеъдод дар ояндаи наздик ҷомаи амал пӯшида, мавсуф ба олими номдору муаррихи барҷастаи дорои мактаби бузурги таърихшиноси тоҷик сабзида расид. Ҳатто дар замони шӯравӣ ва имрӯз низ дар Тоҷикистони соҳибистиқлол ҳамагон аз чунин фарзандони фарзонаи миллат фахр мекунанд. **Зеро чунин фарзандони барӯманди миллат баҳри ба ин рӯзи саид - Истиқлолияти давлатӣ расидани Тоҷикистони азизамон нақши боризу арзанда гузоштаанд.**

Инак, пиромуни рӯзгори рангини тоинқилобии академик Зариф Шарифович Раҷабов, минҷумла овони тифлию наврасӣ, камолот, доираи парваришу таълим, ғамхориҳои падари бузургвор, дӯстону наздикону пайвандони хонаводаашон, ки маҳз ба ҷавонони кунунӣ муфиду ибратомӯз мебошанд, чанд мулоҳизаҳои мубраму судмандро пешкаш менамоем:

**Аввалан,** аз рӯйи ёддоштҳои Зариф Раҷабов оилаашон аз падар (Мирзошариф Раҷабов), модар (Бибисолеҳа Насруллоева) ду писар (Зариф ва Латиф), ду духтар (Бароатхон ва Шарофатхон) иборат буданд. Модараш гарчанде камсавод бошад ҳам, вале ҳунарманди моҳиру чирадаст буда, бо меҳнати ҳалоли касби аллочабофӣ ва туппидӯзӣ оиларо таъмин менамуд. Падараш шахси босавод буда, китобҳои таърихиву адабиётро беҳад дӯст медошт, онҳоро бештар мутолиа мекард. Ба фарзандон гаштаю баргашта тарғиб менамуд, ки шеърҳо ва

ғазалҳои Умари Хаём, Саъдии Шерозӣ ва дигар классикони адабиёти форсу тоҷикро азбар намоянд (9, 56 – 57) ва монанди он.

**Дуввум**, дар навиштаҳо, ёдномаҳо ва қомусҳо зикр гардида, ки дар маърифатнок шудани Зариф хидмати қиблагоҳаш Мирзошариф Раҷабов бузург ва бесобиқа аст. Зарифи хурдсол саводомӯзиро аз Хуҷанд оғоз намуда, дар солҳои 1915-1916 таҳсилро дар мактаби русии маҳаллии шаҳри Андиҷон идома додааст. Аз рӯйи дигар манбаъҳо, Зариф Шарифович маълумоти ибтидоиро дар мактаби русии маҳаллии шаҳри Андиҷон гирифта, аз хурдсолӣ ба забони русӣ хеле хуб гуфтугӯ карда, босаводона хонда ва навишта метавонист (5, 36 – 37).

**Сониян,** мактабҳои русии маҳаллӣ дар омодасозӣ ва камолоти ҷавонони заҳматкашу лаёқатманди кишварамон саҳми бориз ва нақши бесобиқа гузоштанд. Новобаста аз он, ки мактабҳои русии маҳаллӣ бо қарори ҳукумати подшоҳӣ дар кишвари Туркистон, аз ҷумла музофоти Хуҷанд ба мақсади омода намудани кормандони ҳидматгузор ва маъмурони мустамликавӣ ташкил ёфта буданд, вале дар онҳо фарзандони мустамликадорон, бойҳову сарватмандони маҳаллӣ низ таълим дода мешуданд. Матлаби аслии онҳо аз ҳисоби аҳолии маҳаллӣ тайёр кардани кормандони ёрирасон ва маъмурони босаводу содиқ нисбат ба ҳукумати подшоҳӣ ба ҳисоб мерафт (3, 73).

**Дар охир,** зикр кардан мусаллам аст, ки Зариф Раҷабов дар роҳи омӯзиш ва мутолиа пайваста талош карда, асосҳои илму дониш, таъриху фарҳанг, адабиёт ва дигар фанҳоро азхуд намуда, ҳамчун шахси босавод ва маърифатнок тарбия ёфта, ба камол расидааст. Маҳз ин шахс дар замони шӯравӣ дар нахустин муассисаҳои бонуфузи илмию таълимии шӯравӣ - Донишгоҳи давлатии Маскав таҳсил намуда, чун нахустин номзади илми таърих (1937), нахустин доктори илми таърих (1959), нахустин ректори Университети давлатии Тоҷикистон ба номи Ленин (1948-1954), академики Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон (1962-1990) ва амсоли он ба халқу Ватан ва миллати худ садоқатмандона хизмат намудааст. Мавсуф муаллифи беш аз 400 асару монография, мақолаҳои илмиву тадқиқотӣ, илмиву таълимӣ ва оммавӣ буда, асарҳои худро ба масъалаҳои актуалӣ ва мубрами таърихи халқи тоҷик ва дигар мардуми Осиёи

Марказӣ бахшидааст. Ӯ мактаби бузурги илмӣ созмон дода, беш аз 30-40 нафар аспирантон ва докторантонро тарбия намуда, ба воя расонидааст, ки онҳо имрӯз кору пайкори ӯро идома дода, дар Тоҷикистони соҳибистиқлол софдилона ва садоқатмандона хидмат карда истодаанд.

**Пайнавишт**

1. АМД ҶТ - Архиви марказии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон.-З.1.-Р.1.-Д. 921.-В.9.

2. Иллюстрированный путеводитель по Среднеазиатской и Ташкентской/ Под ред.А.И.Дмитриева-Мамонова. Изд. 3-е. - Спб., 1907.- 398 с.

3. Ёрмуҳаммадов А.Академик З.Ш.Раҷабов муҳаққиқи таърихи матбуоти Туркистон//Ахтари илму ирфон. - Душанбе, 2006.- С. 69 -76.

4 .Мухторов А.Ахтари тобони илми таърих:(Очерки публисистӣ-таърихӣ).-Душанбе:Сино, 2016.-150 с.

5. Набиева Р. Ситораи дурахшони илму фарҳанги Машриқзамин//Ахтари илму ирфон.-Душанбе: Ватанпарвар,2006.- С. 35- 43.

6. Раҷабов З. Дорогой знаний (Из воспоминаний).- Душанбе: Ирфон,1975.-152 с.

7. Раҷабов З. Маорифпарвар Аҳмади Дониш. - Душанбе: Ирфон,1964.-308 с.

8. Раҷабов З. Страницы прошлого: (Из воспоминаний ветерана культурного строительства в Таджикской ССР).- Душанбе: Ирфон,1986.-256 с.

9. Раҷабова А.А. Мой дорогой Зариф//Ахтари илму ирфон.- Душанбе: Ватан-парвар,2006.-С.56-63.

10. Шодипур Ю. Муносибатҳои сармоядорӣ дар Тоҷикистони тоинқилобӣ аз нигоҳи академик З.Ш. Раҷабов//Ахтари илму ирфон.-Душанбе,2006.- С. 83-87.

11. Шодипур Ю. Нақши муассисаҳои тиҷоративу истеҳсолӣ ва фароғатӣ дар тақвияти муносибатҳои савдоии Тоҷикистони тоинқилобӣ (тибқи маълумоти осори илмиву тадқиқотӣ ва хотираҳои академик З.Ш.Раҷабов)//Саҳми академик З.Ш.Раҷабов дар рушди илму маориф ва фарҳанги халқи тоҷик (Маҷмӯаи мақолаҳо…). - Душанбе,2016.- С.142-149.

*Дидавар БЕКЗОДА*
*ходими илмии АИ ҶТ*

**Фалсафаи маорифпарварӣ**

(хулосаҳои гузориш)

1. Ҷомеаи муосири тоҷик ба фалсафаи илмии асил эҳтиёҷ дорад. Ба маорифпарварии ақлонӣ на имонӣ.
2. Фикри маорифпарварии мо эҳтиёҷ ба методи солими ақлонӣ ва мантиқӣ дорад. Қоидаҳои баҳси илмӣ риоя карда шаванд. Баҳсҳо таҳлили мантиқӣ дошта бошанд.
3. Баҳсҳои маорифпарварӣ бояд дар рӯҳияи гуфтушуниди фикрии озод анҷом гирад. Яъне: баҳс бардавом бошад; озодии фикрӣ бошад; истиқлоли фикри якдигар эътироф карда шавад; озодӣ бошад; мақоми ҳақ аз ҳама боло дониста шавад; таассуб набошад; хусумату низоъро қабул накунанд;

   "Рӯҳи маорифпарварӣ он гоҳ амалӣ мегардад, ки агар рӯҳи фишор ва таассуб аз байн бардошта шавад".
4. Гуфтушиниди маорифпарварона бояд дар рӯҳи фалсафӣ давом кунад ва заминаи фалсафӣ дошта бошад. Зеро озодии фикрӣ дар заминаи солими фикрӣ вуҷуд дошта метавонад;
5. Фалсафаи маорифпарварӣ бояд дар афкори мо эҳсоси ҳадафмандӣ ва арзишшиносиро бедор кунад. Яъне инсонҳоро аз байни ашёҳои беҷон чун сангу хишт ба сатҳи аъзоёни комилҳуқуқи ҷомеаи фарҳангӣ баровардан лозим аст. Саодати ҳақиқӣ хӯрдану хобидан нест, балки саодати ҳақиқии башарӣ дар бедории маънавии ӯст. Дар ҷангал асли масъала алаф аст. Дар ҷомеа чизи асосӣ маънавиёт мебошад; Мо дар ҷомеа бояд пеш аз ҳама дар пайи равнақу ривоҷи маърифат, маданият, санъат, ҳунар ва адабиёт бошем.

   Гумроҳӣ он аст, ки "лаззат"-ро бо "саодат" яке мешуморанд. Носири Хусрав мегӯяд:

Носири Хусрав ба роҳе мегузашт,
Масту лояқил чун девонагон...

6. Фалсафаи маорифпарварӣ бояд василаи раду инкор ва танқид бошад. Яъне: инкори ақидаҳои шахшудамондаи ғайриилмӣ; мухолифат бо соддалавҳӣ, зудбоварӣ ва тасдиқҳои бедалелу бурҳон; ақидаҳои пешинаро аз нав санҷидан лозим; бояд ба талаботи ақлу мантиқи муосир ҷавобгӯ бошанд;

   Маорифпарварон бояд марҳилаи гузаришро аз устура ба илм осон гардонанд.

   Мо имрӯз қудрати илмие надорем, ки шакку шубҳа ва хурофоту дурӯғҳои авомро ба куллӣ рад кунем.

   Мақсад раду инкори хушку холӣ нест. Балки раду инкори далелнок ва илмӣ мебошад. Мо ҳар ақидае, ки аз Шарқу Ғарби олам қабул мекунем, бояд аз назари танқидӣ гузаронида шавад.

   Фалсафаи маорифпарварӣ бояд ба инсон ҳунари фикр карданро ёд диҳад. Ин фалсафа бояд моро аз хоби устурӣ бедор намояд.

7. Фалсафаи маорифпарварӣ бояд моро ба сӯи оянда раҳнамоӣ карда тавонад. Бояд ба гузашта маҳдуд нашавем. Гузашта моро таҳдид ва ҷоду накунад. Моро аз ҳаракат боз надорад. Мо бояд маориф ва фалсафаи ояндабин ва ояндапарвар дошта бошем.

*ҲАМГИРОИИ СИЁСӢ ВА РАВАНДҲОИ ИННОВАТСИОНӢ*

***Оймаҳмадов М.- мудири шуъбаи ИДМ, номзади илмҳои иқтисодиёт***

***Давлиёрова С.Т.- ходими калони илмии шуъбаи ИДМ, номзади илмҳои фалсафа***

## АҲАМИЯТИ ҶАЛАСАИ САРОНИ ҲУКУМАТҲО (САРВАЗИРОН) - И ДАВЛАТҲОИ АЪЗОИ СҲШ

Он дигаргуниҳои куллие, ки баъд аз пошхӯрии Иттиҳоди Шӯравӣ ба амал омаданд ва дар натиҷа дар ҷаҳон мувозинати қувваҳо нобаробар шуд, роҳбарияти солимфикри баъзе давлатҳоро водор кард, ки нисбати бехатарии марзи давлатии худ чораҳои зарурӣ андешанд.

Бори нахуст 26 апрели соли 1996 дар Шанхай вохӯрии сарони панҷ давлати ҳамсарҳад - Ҷумҳурии Қазоқистон, Ҷумҳурии Мардумии Чин, Ҷумҳурии Қирғизистон, Федератсияи Россия ва Ҷумҳурии Тоҷикистон сурат гирифт, ки он барои густариши муносибатҳои байниҳамдигарӣ саҳифаи наверо кушод. Мамлакатҳои Форуми Шанхай бо ҷидду ҷаҳди амалии худ ба инкишофи солими муносибатҳои неки ҳамсоягӣ, дӯстӣ ва ҳамкорӣ роҳ кушода, ба ҷомеаи байналмилалӣ таҷрибаи бунёди шаклҳои нави муносибатҳои байнидавлатӣ, сохти нави ҳамкориҳои байни минтақавӣ ва бархӯрди нав ба масъалаҳои амниятро пешниҳод карданд.

Вохӯрии дуюми “Панҷгонаи Шанхай” моҳи апрели соли 1997 дар шаҳри Москва баргузор гардид. Дар рафти ин вохӯрӣ Созишнома дар бораи ихтисори мутақобилаи қувваҳои мусаллаҳ дар мавзеи наздисарҳадӣ имзо карда шуд, ки он бори дигар майлу хоҳиши давлатҳои иштирокчиро дар бобати инкишоф додану мустаҳкам кардани ҳамкорӣ, инчунин нисбати ҳамдигар надоштани ҳеҷ гуна мақсадҳои таҷовузро нишон дод.

Вохӯрии сеюм соли 1998 дар шаҳри Алмаато барпо гардид, ки дар он ҳамкории байни мамлакатҳои Форуми Шанхай вусъат ёфт. Дар изҳороти якҷояи ҷамъбасти ин вохӯрӣ доир ба инкишофи муносибатҳои байнидавлатӣ афзалиятҳои нав ва махсусан ҳавасмандкунӣ ва инкишоф додани ҳамкории тиҷоратию иқтисодӣ дар асоси принсипҳои баробарӣ ва мутақобилан судманд муайян шуданд.

Августи соли 1999 дар шаҳри Бишкек вохӯрии чоруми давлатҳои Форуми Шанхай баргузор гардид, ки дар он сарвазирони давлатҳо чараёни иҷрои амалии созишномаҳоеро, ки дар вохӯриҳои Шанхай, Москва ва Алмаато имзо шуда буд, муҳокима карда, доир ба масъалаҳои хеле муҳим дар соҳаи амнияти минтақавӣ ва вусъати фаъолияти тичоратию иқтисодӣ ва фарҳангию гуманитарӣ табодули назар карданд.

Соли 2000 - ум вохӯрии сарони давлатҳо дар Душанбе вохӯрии панҷум дар доираи “Панҷгона” буд. Дар ин вохӯри сарони давлатҳои узви “Панҷгонаи Шанхай” “Эъломияи Душанбе”-ро қабул намуданд[1].

Соли 2001 вохӯрии сарони давлатҳо дар Шанхай (ҶХХ) баргузор гардид, ки дар он панҷ давлати аъзо Ҷумҳурии Ӯзбекистонро ба ин созмон қабул намуданд. Дар натиҷа созмони мазкур ба “Шашгонаи Шанхай” ё Созмони ҳамкории Шанхай номгузорӣ карда шуд. Аввалин ҳуҷҷате, ки дар СҲШ қабул карда шуд, ин “Эъломия оид ба созмон додани СҲШ”, “Конвенсияи Шанхай дар бораи мубориза бо терроризм, сепаратизм ва экстремизм ” ва “Изҳороти якҷоя оид ба шомил намудани Ӯзбекистон ба механизми “Панҷгонаи Шанхай ” буд.

---

[1] Оймаҳмадов М. Иқтисодиёти ҷаҳон. Теҳрон. 2001. Саҳ. 322 -325

Созмони ҳамкории Шанхай (ШОС) Созмони байниҳукуматии байналхалқии доимӣ мебошад, ки 15 июни соли 2001 дар Шанхай (Чин) дар бораи таъсиси он аз ҷониби Ҷумҳурии Қазоқистон, Ҷумҳурии Мардумии Чин, Ҷумҳурии Қирғизистон, Федератсияи Россия, Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Ӯзбекистон хабар дода шуд. Механизми қаблии он "Панҷгонаи Шанхай" мебошад.

Моҳи июни соли 2002 дар саммити сарони давлатҳои аъзои СҲШ – Хартияи СҲШ имзо шуд, ки ҳуҷҷати асосии оинномавии Созмон маҳсуб меёбад.

8-9 июни соли 2017 дар ҷаласаи таърихии Шӯрои сарони давлатҳои Созмони ҳамкории Шанхай, ки дар шаҳри Остона баргузор гардид, Ҳиндустон ва Покистон ба узвияти СҲШ пазируфта шуданд[2].

Айни замон ҳашт давлат аъзои СҲШ мебошанд - Ҷумҳурии Ҳиндустон, Ҷумҳурии Қазоқистон, Ҷумҳурии мардумии Чин, Ҷумҳурии Қирғизистон, Ҷумҳурии Исломии Покистон, Федератсияи Русия, Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҷумҳурии Ӯзбекистон.

Чор давлат- Ҷумҳурии Исломии Афғонистон, Ҷумҳурии Белорус, Ҷумҳурии Исломии Эрон ва Ҷумҳурии Муғулистон дар СҲШ ба ҳайси нозир мебошанд.

Шаш кишвар - Ҷумҳурии Озарбойҷон, Ҷумҳурии Арманистон, Салтанати Камбоҷа, Ҷумҳурии Федеративии Демократии Непал, Ҷумҳурии Туркия ва Ҷумҳурии Демократии Сотсиалистии Шри-Ланка шарикон оид ба муколама дар СҲШ маҳсуб меёбанд[3].

*12 - уми октябри соли 2018 дар "Кохи Сомон" - и шаҳри Душанбе ҷаласаи Шӯрои сарони ҳукуматҳо (сарвазирон)-и давлатҳои аъзои Созмони ҳамкории Шанхай (СҲШ) баргузор гардид.*

Қабл аз ҷаласа роҳбарони ҳайатҳои хукуматҳои давлатҳои аъзои СҲШ-ро Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои

[2] http://rus.sectsco.org/about_sco/
[3] http://rus.sectsco.org/about_sco/

миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Қасри миллат ба ҳузур пазируфтанд.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар баромади худ таъкид намуданд, ки "омилҳои шиддатёбии таҳдидҳо ва хатарҳои глобалӣ моро водор месозанд, ки дар чаҳорчӯбаи Созмон таваҷҷуҳи махсусро ба мубориза муштарак бар зидди се хатар - терроризм, экстремизм, сепаратизм, ҳамчунин гардиши ғайриқонунии маводи нашъаовар ва силоҳ, паҳн кардани идеологияи динии радикалӣ, ҷинояткории кибернетикӣ ва шаклҳои дигари ҷинояткории муташаккили фаромарзӣ равона созем".

Чунки имрӯз мо шоҳиди фаъолшавии гурӯҳҳои террористӣ ва экстремистӣ дар сатҳи минтақавӣ ва ҷаҳонӣ мебошем, ки ба амнияти минтақавӣ таҳдид мекунад. Дар робита ба ин моро зарур аст, ки ҳамкории амалиро дар муборизаи муассир бар зидди гурӯҳҳои гуногуни террористӣ ва экстремистӣ тақвият бахшем.

Ноил шудан ба муваффақият дар ин масъала асосан аз ҳамоҳангсозии мавқеъгирии умумӣ дар муайян кардани моҳияти зуҳуроти терроризм ва экстремизм дар сатҳи байналмилалӣ вобаста аст. Бинобар ин истифода аз «меъёрҳои дуҳӯра» дар муносибат ба ин масъала гурӯҳҳои мухталифи радикалӣ аз парастории иттилоотиву сиёсӣ, молиявӣ ва дигар дастгириҳои ташкилоту ҷонибҳои алоҳида бархӯрдоранд.

Ҳамзамон таъкид гардид, ки дар самти ҳамоҳангсозии самараноки талошҳои давлатҳои аъзо дар мубориза бар зидди таҳдидҳо ва мушкилоти ҷаҳонӣ, сохтори минтақавии зиддитеррористии Созмони Ҳамкории Шанхай нақши муҳим мебозад[4].

Ҷаласаи Шӯрои сарони ҳукуматҳо (сарвазирон) таҳти раёсати Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон Қоҳир Расулзода доир гардид. Дар ин ҷаласа Сарвазири Ҷумҳурии Қазоқистон Бахитжан Сагинтаев, Сарвазири Ҷумҳурии Қирғизистон Муҳаммедкали Абилгазиев, Сарвазири Шӯрои давлатии

[4] Амит Ховар

Ҷумҳурии Мардумии Чин Ли Кетсян, Раиси Ҳукумати Федератсияи Россия Дмитрий Медведев, Сарвазири Ҷумҳурии Ӯзбекистон Абдулло Орипов, Вазири корҳои хориҷии Ҳиндустон Сушма Сварач, Вазири корҳои хориҷии Покистон Мақдум Шоҳ Маҳмуд Қурайшӣ, инчунин роҳбари ҳайатҳои давлатҳои нозири СҲШ ва роҳбарони созмонҳои байналмилалии даъватшуда иштирок намуданд.

Ба ҳайси нозир дар ҷаласа намояндагони кишварҳои Афғонистон, Белорус, Эрон ва Муғулистон ширкат варзиданд. Рӯзномаи ҷаласаи Шӯрои мазкур масоили рушди ҳамкории тиҷоратию иқтисодӣ ва гуманитариро дар доираи СҲШ дар бар мегирад.

*Дар ҷараёни ҷаласаи Шӯрои сарони ҳукуматҳо (сарвазирон)-и давлатҳои аъзои Созмони ҳамкории Шанхай 10 қарори Шӯрои сарони ҳукуматҳо (сарвазирон)-и давлатҳои аъзои СҲШ ва 2 санади нави ҳамкорӣ байни вазорату идораҳои дахлдори давлатҳои аъзои СҲШ ба имзо расиданд:*

**- ҳисоботи Котиботи СҲШ оид ба татбиқи Барномаи бисёрҷонибаи ҳамкории тиҷоратӣ-иқтисодии давлатҳои аъзои СҲШ;**

**- дар бораи Ҳисоботи молиявии СҲШ оид ба иҷрои буҷети СҲШ барои соли 2017;**

**- оид ба буҷети СҲШ барои соли 2019;**

**- оид ба кумаки ихтиёрӣ барои таъмини фаъолияти мақомоти доимоамалкунандаи СҲШ;**

**- оид ба таъмини тарҷумаи фаъолияти мақомоти доимоамалкунандаи СҲШ;**

**- оид ба ворид намудани тағйирот ба Низомнома дар бораи таъмини молиявӣ, кафолатҳо ва ҷубронпулиҳои шахсони мансабдори мақомоти доимамалкунандаи СҲШ;**

**- оид ба таҳияи таҳрири нави Барномаи ҳамкории бисёрҷонибаи тиҷоратию иқтисодии давлатҳои аъзои СҲШ;**

**- оид ба омода намудани Барномаи рушди ҳамкории байниминтақавии давлатҳои аъзои СҲШ;**

**- оид ба Нақшаи тадбирҳои амалӣ («Харитаи роҳ») оид ба ҳамкории муассисаҳои илмию тадқиқотии аъзои СҲШ барои солҳои 2019-2020;**

**- оид ба татбиқи Консепсияи ҳамкории давлатҳои аъзои СҲШ дар соҳаи ҳифзи муҳити зист.**

**Баёнияи муштарак оид ба натиҷаҳои ҷаласаи Шӯрои сарони ҳукуматҳо (сарвазирон)-и давлатҳои аъзои СҲШ аз ҷумлаи қарорҳои ба имзорасида мебошанд.**

**Инчунин дар ҷаласа аз ҷониби роҳбарони вазорату идораҳои дахлдори давлатҳои аъзои СҲШ Барномаи ҳамкории СҲШ оид ба бехатарии озуқаворӣ ва Ёддошти тафоҳум байни мақомоти ваколатдори давлатҳои аъзои СҲШ дар бораи ҳамкории техникӣ дар соҳаи пешгирии муштарак ва назорати бемориҳои фаромарзии эпизотӣ ба имзо расонида шуданд.**[5]

Зикр намудан ба маврид аст, ки ҷаласаҳои Шӯрои сарони ҳукуматҳо (сарвазирон) соле як маротиба барои муҳокимаи стратегияи ҳамкории бисёрҷониба ва самтҳои афзалиятнок дар чорчӯбаи СҲШ, ҳалли масъалаҳои принсипиалӣ ва рӯзмарраи ҳамкории иқтисодӣ ва дигар намуди ҳамкорӣ, инчунин барои тасдиқи буҷети солонаи Созмон баргузор мешаванд.

**Аҳамияти ин ҷаласа дар таъмини сулҳу суботи ҷомеа, ҳамкории бисёрҷонибаи тиҷоратию иқтисодӣ, рушди ҳамкориҳои байниминтақавӣ, ҳамкории муассисаҳои илмию тадқиқотӣ ва муҳити зист муфид мебошад.**

---

[5] Амит Ховар

*Пирмаҳмад НУРОВ*
*ходими пешбари илмии Маркази рушди инноватсионии илм ва технологияҳои нави Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон*

# ҲАМБАСТАГИИ ИЛМ, ТЕХНОЛОГИЯ ВА РАВАНДҲОИ ИННОВАТСИОНӢ

Пешбурди фаъолияти илмию технологӣ ва фаъолияти инноватсионӣ шарти зарурии рушди равандҳои инноватсионӣ дар ҳар як давлати рушдкарда ва рушдкунанда мебошад. Фаъолияти илмию технологӣ ба тавлид, рушд, густариш ва татбиқи донишҳои илмию техникӣ дар иқтисодиёт, аз ҷумла истеҳсолот вобаста мебошад. Он таҳқиқоти илмӣ ва коркардҳои илмӣ, тайёр кардани кадрҳои илмӣ дар ин самт ва хизматрасониҳои илмию техникиро фаро мегирад.

**Таҳқиқоти илмӣ ва коркардҳои илмӣ** фаъолияти эҷодӣ мебошанд ва мақсади онҳо афзун гардонидани ҳаҷми донишҳо оид ба инсон, табиат, ҷамъият, ҷустуҷӯйи роҳҳои татбиқи онҳо мебошад. Таҳқиқоти илмӣ ва коркардҳои илмӣ таҳқиқоти бунёдӣ (фундаменталӣ), таҳқиқоти амалӣ ва коркардҳоро дар бар мегиранд.

**Таҳқиқоти илмии бунёдӣ** аз таҳқиқоти таҷрибавӣ ё назариявӣ иборат буда, мақсад аз анҷом додани онҳо кашфи алоқаҳои нав байни ҳодисаҳо, донистани қонунияти рушди табиат ва ҷамъият новобаста ба истифодаи мушаххаси онҳо мебошад. Таҳқиқоти бунёдӣ дар самти инноватсия марҳилаи якуми раванди ба вуҷуд овардан ва аз худ кардани техника (технологияҳо)-и нав дар асоси донишҳои нави илмӣ ва қонуниятҳои навошкоргардида ба ҳисоб меравад.

Дар қиёс бо таҳқиқоти илмии бунёдӣ, **таҳқиқоти илмии амалӣ** ба дарёфти натиҷаҳои амалӣ ва ҳалли масъалаҳои мушаххас равона карда шудааст. Таҳқиқоти илмии амалӣ марҳилаи дуюми раванди ба вуҷуд овардан ва аз худ кардани техникаю технологияҳои нав мебошад.

**Коркардҳои илмӣ** корҳое мебошанд, ки барои ба вуҷуд овардани маҳсулот, маводу таҷҳизоти нав, татбиқи равандҳои нав, технологияҳо ва хизматрасониҳо ё такмилдиҳии молу маҳсулот ва таҷҳизоти кайҳо истеҳсолшуда ва ё татбиқгардида равона карда шудаанд.

**Технология** дар маънии одӣ маҷмӯи қоидаҳо ва тарзҳои сохтан ва татбиқи техника ва табдил додани моддаҳои табиӣ ба маҳсулоти саноатӣ ва хизматрасониҳои иҷтимоӣ мебошад. Дар маънии васеъ бошад, он татбиқи донишҳои илмиро барои ҳалли масъалаҳои амалӣ ифода мекунад.

Ҳамин тавр, таҳқиқот ва коркардҳои илмӣ аз корҳои таҷрибавию конструкторӣ, корҳои лоиҳавӣ, корҳои технологӣ, ба вуҷуд овардани намунаҳои таҷрибавӣ ва анҷом додани озмоишҳо иборат аст.

**Корҳои таҷрибавию конструкторӣ** ба татбиқи натиҷаҳои корҳои илмию таҳқиқотӣ барои сохтан (ё такмил додан)-и намунаҳои техника, мавод ва технологияи нав равона карда шудаанд. Онҳо марҳилаи анҷомёфтаи таҳқиқоти илмӣ, гузариши хос аз шароити озмоишгоҳӣ ва истеҳсолоти таҷрибавӣ ба истеҳсолоти саноатӣ мебошанд. Ба ин корҳо мансубанд: коркарди конструксияи муайяни объекти муҳандисӣ ва ё системаи техникӣ (корҳои конструкторӣ); коркарди ғояҳо ва гунаҳои объекти нав; коркарди равандҳои технологӣ, яъне, тарзҳои муттаҳидкунии равандҳои физикӣ, химиявӣ, технологӣ ва ғайра бо равандҳои меҳнатӣ ҳамчун системаи комил. Мақсад аз анҷом додани корҳои таҷрибавию конструкторӣ ин сохтан (такмилдиҳӣ)-и намунаҳои маснуоти наве мебошад, ки онҳоро пас аз озмоиши дахлдор ба истеҳсолоти силсилавӣ ва ё бевосита ба истеъмолкунанда супоридан мумкин аст. Дар ин марҳила санҷиши ниҳоии натиҷаҳои таҳқиқоти назариявӣ гузаронида шуда, асноди дахлдори техникӣ таҳия мегардад, намунаҳои маснуоти нав сохтаю озмоиш карда мешаванд.

**Фаъолияти инноватсионӣ** бошад, фаъолияте мебошад, ки ба истифодаи амалии натиҷаи илмӣ, илмӣ-технологӣ ва нерӯи зеҳнӣ бо мақсади ба даст овардани маҳсулоти истеҳсолшавандаи нав ва ё хеле беҳтаргардида, технологияҳои истеҳсоли ин гуна маҳсулот ва қонеъ гардонидани талаботи пардохтқобилии истеъмолкунандагон дар молу хизматрасониҳои баландсифат,

такмили хизматрасониҳои иҷтимоӣ равона карда шудааст.Таҳқиқоти илмӣ ва коркардҳои илмӣ ҳамчун манбаи ғояҳои нав дар марҳилаҳои раванди инноватсионӣ амалӣ карда мешаванд.

**Раванди инноватсионӣ** раванде мебошад, ки тамоми фаъолияти илмию техникӣ, истеҳсолотӣ, маркетингии истеҳсолкунандагонро фаро гирифта, дар ниҳоят ба қонеъ гардонидани талаботи бозор равона карда мешавад. Ба ибораи дигар ин раванди ба инноватсия табдил додани дониши илмӣ мебошад, ки онро ҳамчун занҷираи пайдарпайи таҳқиқоти илмӣ (бунёдӣ ва амалӣ) - коркардҳои илмӣ – технология – истеҳсолот - маҳсулот (ё хизматрасонӣ) тасвир кардан мумкин аст. Яъне, дар рафти ин ҳодисаҳо инноватсия аз ғоя то маҳсули мушаххас, технологияҳо ва ё хизматрасониҳо мерасад ва зимни истифодаи амалӣ густариш меёбад. Дар умум раванди инноватсионӣ ба даст овардан ва тиҷоратӣ кардани ихтироот, технологияҳои нав, намудҳои маҳсулот ва хизматрасониҳо, ҳалҳои хусусияти истеҳсолӣ, молиявӣ, маъмуридошта ва натиҷаҳои дигари фаъолияти зеҳнӣ мебошад.

Ҳамин тариқ, дар раванди инноватсонӣ ғояҳои илмӣ ба маҳсулоти инноватсионӣ табдил меёбанд. Ин раванд марҳилаҳои зеринро дар бар мегирад:

**Марҳилаи якум** - анҷом додани таҳқиқоти бунёдӣ; дар ин марҳила донишҳои нави илмӣ ба даст оварда мешаванд.

**Марҳилаи дуюм** - анҷом додани корҳои илмии таҷрибавӣ аст, ки ба муайян кардани тарзҳои татбиқи натиҷаҳои назариявӣ дар дастгоҳҳои техникӣ равона карда шудаанд; дар ин марҳила консепсияи маҳсулот, технология ё хизматрасонии нав ба вуҷуд оварда мешавад.

**Марҳилаи сеюм** - анҷом додани коркардҳои илмӣ аст; дар ин марҳила талаботи бозор ба ин гунаи маҳсул омӯхта шуда, корҳои таҷрибавию конструкторӣ анҷом дода мешаванд ва намунаи таҷрибавии маҳсулот ё технологияи нав сохта мешавад.

Дар **марҳилаи чаҳорум** намунаҳои маҳсулоти нав сохта мешавад.

Дар **марҳилаи панчум** маҳсулот ё технология дар шароити бозорӣ бо мақсади муайян кардани сатҳи қонеъгардонии истеъмолкунандагон, сатҳи ҷоизи нархҳо,

коркард шудани усулҳои густариши мол, усулҳои ташкил кардани реклама озмоиш карда мешавад.

Дар **марҳилаи шашум** истеҳсоли тиҷоратии маҳсулот ё технология ба роҳ монда шуда, маҳсулоти инноватсионӣ ба вуҷуд оварда мешавад ва пас аз фурӯхта шудани онҳо истеҳсолкунанда даромад ба даст меорад.

***Оймаҳмадов М., номзади илмҳои иқтисодӣ***
***Шамсуддинов Ш., корманди илмии ИОМДОА АИ ҶТ***

## РОБИТАҲОИ ТОҶИКИСТОН ВА ОЗАРБОЙҶОН

Миллати Озарбойҷон ба монанди тоҷикон решаҳои куҳан ва таърихи қадима дорад.

Дар асри X-и пеш аз мелод дар ҳудуди давлати Озарбойҷони кунунӣ заминаҳои бунёди аввалин давлатҳои қудратманди он замон, ба монанди Мания ва Модия дар саҳифоти таърих сабти ном кардаанд, ки таҳти тасарруфи онҳо дар тӯли зиёда аз 300 сол миллат ва халқиятҳои зиёд умр ба сар бурда, барои ташаккулёбии хеш шароити мусоид фароҳам оварда буданд[6] .

Таърих гувоҳ аст, ки он замон бо назардошти бо суръат пайдошавии давлатҳои зиёди ғуломдорӣ, набардҳои шадид бо мақсади ҳарчи бештар васеъ намудани ҳудуди давлати худ ба мушоҳида мерасад.

Дар ин замина, дар асри VII-и пеш аз мелод давлати Модҳо, баъд аз задухӯрдҳои шадид зери тасарруфи форсҳо афтода, бо амри шоҳ номи Атропатро гирифт.Бояд ёдовар шуд, ки бисёре аз таърихшиносон дар татқиқотҳои худ пайдоиши калимаи Озарбойҷонро аз вожаи Атропат бо изофаи калимаи форсии “озар”, ки маънои оташ ва ё “замини оташпарастон” маънидод шудааст, пайваста медонанд.

Мавриди зикр аст, ки дар ҳудуди имрӯзаи давлати Озарбойҷон таҳти итоати қабилаҳои мутамаркази албаниҳои

---

[6]Ионе Г. И. Мингечаурская разновидность наконечников стрел «скифского» типа. Сб. «Материальная культура Азербайджана», 1953, вып. 3, с. 81-97

қавқозӣ (соли 387-и пеш аз мелод), шоҳигарии Сосониҳо ва Хилофати Араб афтода, дар тӯли асорати зиёда аз даҳасра, аз ин миллатҳо хоҳу ноҳоҳ забон, фарҳанг ва дини онҳоро қабул намуд.

Бо фаросии асри VIII-и мелодӣ, таъсири қабилаҳои бодиянишини турк афзуда, бо мурури замон дар натиҷаи пайвасташавӣ бо аҳолии маҳаллӣ ва маҷбуран маҳдуд намудани истифодабарии забони форсӣ, таъсири худро дар забон, фарҳанг ва сиёсати давлатдории озариҳо гузошта, ба ташаккулёбии забони озарӣ замина гузоштанд.Аммо таърих гувоҳ аст, ки ҷараёни туркикунонии миллатҳои зери асорати онҳо афтода, давраи тӯлониро дар бар гирифта, татбиқи он бо душворӣ ба даст омада аст. Олимони бостоншинос дар натиҷаи омӯзиш ва таҳлили давраҳои таърихӣ таъсиррасонии қабилаҳои бодиянишини туркро ба якчанд давраҳо гурӯҳбандӣ намудаанд. Дар асри XIII баъд аз ҳуҷуми муғулҳо ҳудуди давлати имрӯзаи Озарбойҷон ба ҳайати давлати Хулагухон ва идомадиҳандаи сулолаи ӯ, ворис Илхон то асри XV давом намуда аст.Бо ҳуҷуми артиши Темур ҳудуди давлати имрӯзаи Озарбойҷон ба итоати сулолаи туркманҳо вогузор карда шуд, ки онҳо дар натиҷаи зиддиятҳои дохилиқавмии худ, бо мурури замон ҳудуди сарзамини озарнишинро ба давлати Қара - Коюнлу ва Оқ - Коюнлу тақсим намудаанд[7].

Дар баробари давлатҳои номбурда дар он замон, озариҳо дар натиҷаи муттаҳидсозии миллати худ, тавонистанд нахуст давлати худро бо номи давлати Ширвоншоҳиҳо бунёд намоянд.Бо афзудани нуфузи сулолаи Сафавиён ва ба маркази тамаддун мубаддал гардидани Озарбойҷон, пешвоёни миллат дар охири асри XV дар натиҷаи набардҳои шадид ва татбиқи сиёсати муттаҳидсозӣ тавонистанд давлати азими форсии шаклан навро, ки ҳудуди он аз соҳилҳои Сирдарё то Фуротро дар бар мегирифт, бунёд намоянд. Бояд ёдовар шавем, ки он замон дар ташаккул ва мустаҳкам гардонидани давлати Сафавиён хизмати дини ислом низ назаррас аст.Аз шароити муфиди ба миён омада шоҳ Исмоили 1 соли 1502 равияи

[7] [7]https://ru.wikipedia.org/wiki

шиамазҳаби дини исломро расман дини давлатӣ эълон намуда, бо даст кашидан аз фарҳанги сулолаи Салҷуқиён барои бунёд намудани фарҳанги миллати имрӯзаи Озарбойҷон заминаи мустаҳкам гузоштю

Асрҳои баъдӣ вобаста ба ҳаракати қувваҳои ҳарбии давлатҳои пурқудрат ҳудуди давлати Озарбойҷон, зери асорати империяи Усмониҳо, хонигарии Озарбойҷониҳо, империяи Русия ва Иттиҳоди Шӯравӣ қарор доштанд ва новобаста аз тағйир ёфтани шаклҳои давлатдорӣ ва сарони он, миллати озарӣ дар якҷоягӣ бо миллати куҳантамаддуни тоҷик қарнҳо дар ҳудуди сарзамини беканори империяҳои номбурда, бо ҳам дар фазои ягонаи сулҳу дӯстӣ умр ба сар мебурданд.[8]

Бо рушди тиҷорати байни миллатҳо, мустаҳкамшавии робитаҳои иқтисодӣ, бараъло мушоҳида карда мешавад. Садҳо корвонҳои пур аз бор, беист дар шоҳроҳҳои беканори мамлакат дар ҳаракат буда, бозорҳои дохили мамлакатро таъмин менамуданд. Дар он замон бунёди шаҳрҳо ва дар онҳо пояи марказҳои азими тиҷорӣ бараъло ба мушоҳида мерасад. Дар ин замина шароити муфид барои барқарор намудани муносибатҳои дипломатӣ бо давлатҳои дуру наздик, авҷгирии муносибатҳои тиҷорӣ ва иқтисодии байни давлатӣ низ ба миён омада буд. Дар он замон дар баробари рушди соҳаҳои гуногуни истеҳсолот ва забони ягонаи давлатӣ будани забони форсӣ, пешрафти илм ва фарҳанги тамоми миллатҳои муқими ин диёр мушоҳида карда мешуд. Муҳим он буд, ки дар ҳама ҷо аз забони тамоми миллатҳои империяи бузург рубоиёти ҷовидонаи Умари Хайём, ашъори Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ, “Шоҳнома”- и Абулқосим Фирдавсӣ, ”Хамса”- и Низомии Ганҷавӣ ва шоиру нависандагони зиёди он замон, ки дар маҷмӯъ осори онҳо дӯстию бародарӣ, шуҷоату қаҳрамонии тоҷикону озариҳоро таҷассум менамуданд, шунида мешуд.

Захираҳои азими табиӣ ва муносибати дӯстонаи миллати озарӣ бо миллати рус, боиси наздик шудани ин ду миллат ва

---

[8]Пути развития феодализма (Закавказье, Средняя Азия, Русь, Прибалтика). -М., Наука, 1972. — С. 56—57.

равнақу ривоҷ ёфтани муносибатҳои тиҷоратӣ ва иқтисодии давлатҳо гардида буд. Муносибатҳои бисёрсолаи дӯстона бо русҳо, дар баробари таъмини босуръати соҳаҳои мухталифи иқтисодиёти Озарбойҷон ба ҷаҳониён шахсиятҳои маъруф ва барҷастаи соҳаи илму фарҳанг ва ходимони маъруфи давлатиро ба миён овард. Чунин пешрафт дар солҳои мавҷудияти Иттиҳоди Шӯравӣ низ назаррас буд.

Озарбойҷон бо хусусиятҳои хоси дар боло баён гардида, дар тӯли 70 соли дар ҳайати Иттиҳоди Шӯравӣ қарор доштанаш мавқеи худро аз даст надода, комёбиҳои азими иқтисодиро дар баробари 14 ҷумҳурии дигари Шӯравӣ ба даст оварда буд. Дар фазои ягонаи сиёсию иқтисодӣ озариҳо ва тоҷикон дар баробари миллатҳои сершумори Иттиҳоди Шӯравӣ дӯстона умр ба сар мебурданд ва бо як намуди шиносномаи шаҳрвандии бе маҳдудият дастовардҳои 15 ҷумҳурии собиқ Иттиҳоди Шӯравиро истифода менамуданд.

Бо ҳам донишкадаҳои касбӣ ва олиро хатм менамуданд, шаҳрҳои навро месохтанд, корхонаҳои истеҳсолӣ, фабрикаву заводҳо, иншооти барқӣ ва шоҳроҳҳоро сохта, дар баробари аз худ намудани илм ва кайҳон, таҳкими бехатарии мамлакатро таъмин намуда, дар вазифаҳои масъули давлатӣ фаъолият менамуданд.

Дар ин иртибот ба ёд овардани номи фарзанди асили озариҳо, ходими бузурги сиёсӣ, Вазири корҳои хориҷии Иттиҳоди Шӯравӣ Алиев Ҳайдар Алиевичро шоистаи ифтихор аст. Ӯ дар баробари иҷрои вазифаҳои баланди давлатӣ ва бо истифода аз он дар ҷаҳон мустаҳкам намудани вазъи сиёсӣ, иқтисодӣ ва ҳарбии Иттиҳоди Шӯравӣ доимо дар фикри рушду равнақи миллати ба ҷон баробари худ буд.

Пинҳон нест, ки имрӯз тамоми музаффариятҳои миллати озарӣ бо номи Ҳайдар Алиев алоқамандӣ бевосита дорад. Озарбойҷониҳо барои хизматҳои шоиста Ҳайдар Алиевро дӯст медоранд ва ба некӣ ёд мекунанд.

Бо тақозои замон, 30 августи соли 1991 Шӯрои Олии Озарбойҷон Эъломияро "Оид ба барқарор намудани истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Озарбойҷон" ва 18 октябри соли 1991 санади Конститутсионӣ "Оид ба соҳибистиқлолии

Озарбойҷон" - ро қабул намуд, ки тибқи он барои сохтори навини давлатдорӣ замина гузошт.

29 декабри соли 1991 бо баргузории референдум барои қонунан ба расмият даровардани соҳибистиқлолии Озарбойҷон 99,58% - и аҳолӣ овоз доданд.

Баъд аз эълони Созишномаи "Беловежская пуша", таъҷилан бо мақсади муайян намудани тақдири миллати худ 13 декабри соли 1991 дар шаҳри Ашқобод вохӯрии сарварони 5 давлати тоза истиқлолият ба дастовардаи Осиёи Марказӣ (Қазоқистон, Қирғизистон, Тоҷикистон, Туркманистон ва Ӯзбекистон) баргузор гардид. Бо ҷамъбасти ин вохӯрӣ, иштирокчиёни форуми Ашқобод якдилона бо назардошти риояи қонунҳои байналмилалӣ, таъмини иштироки баробарҳуқуқи субъектҳои Иттиҳоди Шӯравии аз байн рафта ва эътироф намудани соҳибистиқлолии ба даст овардаи онҳо ба ин Иттиҳод ҳамчун саҳмдор ворид шуданд.

Президенти Ҷумҳурии Қазоқистон Назарбоев Нурсултон Абишевич ҳамфикрии сарони давлатҳои тоза истиқлолият ба даст овардаро ба назар гирифта, бо мақсади пешгирии хавфи парокандашавии робитаҳои иқтисодӣ ва ҳарбӣ пешниҳод намуд, ки бори дигар барои қабули қарори якҷояи қатъӣ дар шаҳри Алма-Ато гирд оянд.

21 декабри соли 1991 дар шаҳри Алма-Ато тибқи гуфтаи Нурсултон Назарбоев вохӯрии сарони 12 давлати тоза истиқлолият ба дастоварда (Федератсияи Русия, Украина, Белорус, Қазоқистон. Арманистон, Тоҷикистон, Ӯзбекистон, Қирғизистон, Гурҷистон, Туркманистон ва Молдова) баргузор гардид. Дар баробари сарони 11 давлати номбурда, Президенти Ҷумҳурии Озарбойҷон- Аяз Ниязӣ-оглӣ Муталибов низ иштирок намуд.

Баъд аз суҳбат ва музокираҳои зиёди дӯстона, бо ҷамъбасти вохӯрии тақдирсоз, 21 декабри соли 1991 Эъломияи ба ном Алма - Аторо қабул гардида, дар он мақсад ва принсипҳои ИДМ - ро баён намуданд. Тибқи Эъломияи қабулгардида, "ҳамкории иштирокчиёни ин вохӯрӣ дар асоси принсипҳои баробарҳуқуқӣ, бо бунёди сохтори якҷояи идорие, ки амали фаъолияти он дар асоси Созишномаи байни иштирокчиёни ИДМ ба имзо расида, ҳуқуқи идоракунии марказии давлат ва ё

сохтори болоии давлатҳои аъзои ИДМ- ро надоранд", ба роҳ монда шуд. Дар баробари гуфтаҳои боло, иштирокчиёни вохӯрии Алма-Ато қарор қабул намуданд, ки:

- роҳбарии ягонаи қувваҳои ҳарбию стратегӣ ва назорати ягонаи силоҳи ҳастаиро мисли пештара нигоҳ доранд;
- эҳтироми тарафайн барои расидан ба мақоми давлати бе яроқи ҳастаӣ ва бетараф қайд гардид ;
- тамоили ҳамкорӣ ва кӯшиши бунёд ва рушди фазои ягонаи иқтисодиро сарвари Озарбойҷон низ дастгирӣ намуд.

Аз соли 1993 то соли 2003 сарварии Ҷумҳурии Озарбойҷонро Ҳайдар Алиев ба зимма дошт ва аз соли 2003 инҷониб Илҳом Алиев роҳбарӣ менамояд.

Президенти Ҷумҳурии Озарбойҷон Илҳом Алиев, ки ба тариқи раъйпурсии умумӣ интихоб шуда буд, такя ба таҷрибаи падар намуда, бо истифода аз иқтидори давлати худ, дар муҳлати бениҳоят кӯтоҳ тавонист, ки дар Ҷумҳурии Озарбойҷон тағйиротҳои куллиро ба амал оварад. Ҳоло Озарбойҷон узви доимии Созмони Милали Муттаҳид, Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил, Созмони амнияти ҳамкорӣ дар Аврупо (САҲА) ва дигар созмонҳои байналмилалӣ мебошад. Имрӯз Озарбойҷон бо тақозои замон бо Хазинаи байналмилалии асъор, Бонки Ҷаҳонӣ, Бонки Аврупоии Рушд ва Таҷдид ҳамкории васеи молиявӣ дорад. Дар баробари созмонҳои байналмилалӣ ҳоло Ҷумҳурии Озарбойҷон бо давлатҳои ҳамсоя ва аъзои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил сиёсати дӯстонаро пеш мебарад. Имрӯзҳо Озарбойҷон дар баробари маҷрои нави иқтисодии давлатҳои дуру наздик дар раванди ҳамгироии тоза ба миёномада, фаъолона ширкат менамояд. Солҳои охир дар рафти ҳамкориҳо дар доираи ИДМ байни Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ва Президенти Ҷумҳурии Озарбойҷон Илҳом Алиев муносибатҳои хоси дӯстона ба миён омаданд.Муносибатҳои дуҷонибаи дипломатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Озарбойҷон 29 майи соли 1992 барқарор шуданд. Бо анҷомёбии ихтилофҳои байни тоҷикон, 22 сентябри соли 2007 дар шаҳри Душанбе ифтитоҳи Сафорати Ҷумҳурии Озарбойҷон баргузор гардид. 23 марти соли 2008 дар баробари ба ҳукумати Озарбойҷон супоридани номаи дипломатӣ дар шаҳри Боку Сафорати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба фаъолият шурӯъ намуд. Ба

муносибатҳои иқтисодӣ, фарҳангӣ ва алоқаҳои байни ду миллат дар шакли нав солҳои мавҷудияти Иттиҳоди Шӯравӣ замина гузошта шуда буд ва ниҳон нест, ки ин робитаҳо имрӯз ба муносибатҳои дӯстона мубаддал гардиданд. Ин ҷараён баъд аз ба даст овардани соҳибистиқлолӣ идома ёфта истодааст. Озарбойҷони ба мо бародар яке аз аввалин давлатҳое мебошад, ки соҳибистиқлолии Тоҷикистонро эътироф намуда буд[9].

Таърихи навини муносибатҳои Тоҷикистон ва Озарбойҷон бори дигар собит намуд, ки самти интихоби дурусти ду кишвар дар ҳамкориҳои дарозмуддату самаранок, ки ба принсипҳои дӯстӣ, эътироф намудани ҳуқуқи соҳибистиқлолӣ ва муқаддасоти ҳудудӣ, аз ҷумла ҳамкориҳои барои ҳар ду давлат муфид бунёд ёфтаанд.

Солҳои охир дар натиҷаи ба роҳ мондани муносибатҳои дипломатӣ ва иқтисодӣ заминаи шартномавию ҳуқуқӣ гузошта шудааст. Имрӯз дар сатҳи давлатӣ зиёда аз 40 созишнома, ки пешрафти муносибатҳои дуҷонибаи сиёсӣ, тиҷоратӣ, иқтисодӣ, илмию техникӣ, фарҳангӣ ва гуманитариро таъмин менамояд, ба имзо расиданд. Дар баробари ин муносибатҳои байни парлумонии ду давлат низ ба авҷи камол расидааст. Тоҷикистон ва Озарбойҷон дар чаҳорчӯбаи ташкилотҳои байналмилалӣ низ бо муваффақият ҳамкории худро ба роҳ мондаанд. Мавқеи давлатҳои мо дар бисёр масъалаҳо оид ба барномаҳои байналмилалӣ ба хусусияти минтақавӣ мутобиқанд.

Нигоҳи бунёдии ин ду давлат вобаста бо рӯзномаи чунин ташкилотҳои байналмилалӣ ва минтақавӣ ба монанди Созмони Милали Муттаҳид, Созмони амнияти ҳамкорӣ дар Аврупо (САҲА), ИДМ, Созмони ҳамкориҳои Исломӣ ва Созмони Ҳамкории Иқтисодӣ барои равнаку ривоҷи мунтазам ва пайдарҳам мусоидат менамояд.

Дар фаъолияти ҳаррӯзаи тарафайн оид ба масъалаҳои минтақавӣ ва байналмилалӣ онҳо фикри ягонаи омодагии худро оид ба густариш додани ҳамкориҳои дуҷониба ва бисёрҷониба дар ҳалли масъалаҳои бехатарӣ, зидди терростӣ, экстремистӣ ва хавфҳои дигари ҷаҳони муосирро доранд. Имрӯзҳо дар ҳар

[9] http://mfa.tj/?l=ru&cat=90&art=156

ду давлат ҳам идоракунии президентӣ ба роҳ монда шудааст. Бештари аҳолӣ пайравони дини ислом мебошанд. Агар дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мазҳаби суннӣ ва шиа (исмоилия) вуҷуд дошта бошад, пас дар Озарбойҷон мазҳаби шиа мақоми асосиро дорад. Озарбойҷон аз лиҳози нишондоди маҷмӯи маҳсулоти дохил нисбат ба Тоҷикистон хело пеш рафтааст.Агар нишондоди маҷмӯи маҳсулоти дохилии ба сари аҳолии Тоҷикистон истеҳсолшуда соли 2017 1041 доллари ИМА-ро ташкил дода бошад, пас ин нишондод дар Озарбойҷон ба 7399 доллари ИМА баробар мебошад. Тоҷикон ва озарбойҷониҳоро аз қадимулайём урфу одатҳои миллию фарҳангӣ ва санъати бо ҳам монанд мепайвандад. Маданияти миллатҳои ин ду давлат аз лиҳози урфу одатҳои миллӣ ва пайвастагии фарҳангӣ нақши бағоят муҳим дорад.Аз соли 2007 то ин ҷониб байни ин ду давлат гузаронидани рӯзҳои фарҳангӣ, фестивалу озмунҳои муштараки ҳарсола ва шабҳои эҷодии шоирону олимони маъруфи тоҷику Озарбойҷон ба ҳукми анъана даромадааст[10] .

Мусиқии миллии ҳар ду кишвар ба мисли "Шашмақом" ва "Фалак"-и тоҷик аз як тараф,"Муғом" ва "Ашиг"-и Озарбойҷон низ аз тарафи дигар, бо ҳам хеле шабоҳат ва наздикӣ доранд. Баргузории сафарҳои пай дар пайи фарҳангии оркестри симфонии театри академии давлатии опера ва балети ба номи Садриддин Айнии шаҳри Душанбе ва оркестри синфонии театри академии давлатии опера ва балети шаҳри Боку худ далели гуфтаҳои болост[11].

Дар замони Шӯравӣ робитаҳои иқтисоди хориҷии Ҷумҳурии Озарбойҷон ва Ҷумҳурии Тоҷикистон сол аз сол тамоили рӯ ба афзоиш дошта, барои ҳарчи бештар хизмат намудан ба миллат ва баланд бардоштани некуаҳолии ватани худ равона карда шуда буд. Ҳаҷми муомилоти ду давлат, дар як сол зиёда аз сад миллион доллари ИМА - ро ташкил медод.

Бар ивази содироти пахта, пилла, нахи пахта ва абрешим, яхдон, алюминий, молҳои саноати сабук ва хӯрокворӣ аз Озарбойҷон ба Тоҷикистон маҳсулоти хом барои заводи

---

[10] http://dushanbe.mfa.gov.az/content/3
[11] https://www.trend.az/casia/tajikistan/2758966.html

алюминий, маҳсулотҳои сӯзишворӣ, молиданӣ, дастгоҳҳои пармакунӣ, таҷҳизотҳои махсус барои коркарди нафт, кондитсионер, номгӯи зиёди молҳои ниёзи мардум, махсусан чой ворид мешуданд. Ин раванди муносибатҳои иқтисоди хориҷӣ дар тӯли 73 соли мавҷудияти Иттиҳоди Шӯравӣ ба роҳ монда шуда, имрӯз ҳам идома дорад ва аз тарафи комиссияи байни ҳукуматӣ бунёд гардида, назорат ва бо мақсади таъмини рушди самтҳои гуногуни ҷабҳаҳои иқтисодии ду давлат танзим карда мешавад. Дар бозори дохилии Тоҷикистон маҳсулоти холдингии "Азерсун" васеъ ба роҳ монда шудааст.Возеҳ аст, ки дар татбиқи барномаҳои дуҷониба, саҳми нақлиёти боркаш, қатораи роҳи оҳан хеле бузург аст. Набудани шароити истифодабарии нақлиёти баҳрӣ боиси рушд ёфтани нақлиёти боркаш, хусусан нақлиёти роҳи оҳан гардид.

Бо истифода аз роҳҳои мавҷуда, Иттиҳоди Аврупо бо мақсади пайвастани манбаъҳои ашёи хоми ҷумҳуриҳои тозаистиқлол ба корхонаҳои азими саноатии Аврупо, барномаи ба ном "Трасека" (Аврупо – Қавқоз – Осиё") - ро омода намуд. Мутобиқи ин барнома мошинаҳо ва қатораҳои пур аз бор аз Тоҷикистон, Ӯзбекистон, Қирғизистон, Қазоқистон ва Туркманистон тариқи роҳҳои Озарбойҷон ва Гурҷистон бе истифода аз ҳудуди Русия ба давлатҳои саноатии Аврупо бояд пайваст гардад.

Бо мақсади татбиқи лоиҳаи "Аврупо - Қавқоз - Осиё", Иттифоқи Аврупо маблағҳои азимеро сафарбар намуда, бо назардошти сарватҳои зиёди табиии Осиёи Миёна дар он аз нав эҳё гардидани шоҳроҳи абрешим, рақобатнопазир ва аз лиҳози самаранок истифодабарӣ муфидтарин ва бехатартарин лоиҳаро медид ва бо хотима ёфтани он умед дошт, ки ин диёр маркази ҷалби сармояи хориҷии давлатҳои Аврупо мегардад.Бо назардошти иқтидори азими иқтисодии Озарбойҷон ва Тоҷикистон, мо имрӯз бо боварии комил гуфта метавонем, ки робитаҳои тиҷорӣ ва иқтисодии сохторҳои марбутаи ин ду давлат рӯ ба инкишоф ниҳодааст.

Қобили қайд аст, ки сарзамини ин ду ҷумҳурӣ аз лиҳози захираҳои азими табиии истифода нашуда, дар байни ҷумҳуриҳои тозаистиқлол мавқеи хосе доранд. Аз тарафи дигар,

бо назардошти мустаҳкамшавии робитаҳои иқтисодӣ, фурсати муносибе барои созмон додани корхонаҳои муштараки коркарди маъдани тилло, нуқра, мис, никел, синк ва сурма, коркарди маҳсулоти кишоварзӣ, меваҷот ва сабзаҷот фароҳам омадааст.

Мо бояд аз таҷриба ва усулҳои нави шаҳрсозии озариҳо истифода намоем ва ба сохтмони биноҳои ҳозиразамони истиқоматӣ, меҳмонхонаҳо, маҷмааҳои варзишӣ шурӯъ намуда, ба ҳусни шаҳрҳои сарсабзи Тоҷикистон ҳусни тозаи замонавӣ бахшида, дар ин ҷода ба равнақу ривоҷ додани туризми байналмилалӣ қадами устувор гузорем. Имрӯзҳо, аз лиҳози илмию назарӣ созмон додани туризми байни шаҳрҳои Озарбойҷон ва Тоҷикистон, боиси равнақу ривоҷи туризми миллии ду давлат гардида (барномаҳои шиносоии шаҳрҳо, боздид аз ҷойҳои таърихӣ, кӯҳнавардӣ, шикор ва ғайра), ба зиёд шудани буҷаи давлат ва бо ҳам наздикшавии миллатҳо мусоидат менамояд.Илова бар ин, солҳои охир бо ривоҷу равнақи боғу токпарварӣ зарурати ҳамкорӣ дар соҳаи коркард ва истеҳсоли шароб бо корхонаҳои дахлдори озарӣ, бо мақсади содирот ба миён омадааст. Аз ин лиҳоз, Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ҷалби сармояи Озарбойҷон дар татбиқи лоиҳаҳои гуногуни муштараки иқтисодӣ манфиатдор аст. Махсусан, ҳамкорӣ дар сохтмони иншоотҳои барқии хурд, миёна ва бузург боиси ҳавасмандгардии тарафайн мегардад.

Ширкатҳои озарӣ ва муассисаҳои молиявӣ имконият доранд, ки дар татбиқи лоиҳаҳои муштарак дар соҳаи савдо, сохтмон, нақлиёт, телекоммуникатсия ва сектори аграрӣ ширкат намоянд.

***З.Қ.МУҲИДИНОВ,***
***д.и.к., профессор***
***И.Б.ИСМОИЛОВ***
***унвонҷӯйи***
***Институти кимиёи ба номи В.И. Никитини Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон***

# ПОЛИМЕРҲО ДАР ҲАЁТИ ИНСОН

## 1. Маводҳои полимерӣ– масолеҳҳоиояндасоз

Фарогирии зиндагии ҳаррӯзаи моро бе маводҳои полимерӣ (пайвастагиҳои калонмолекулавӣ) тасаввур намудан хело душвор аст. Зеро ба кадом ҷабҳаи зиндагии ҳаррӯза, ки назар афканем, маводҳои полимерӣ онро иҳота намудаанд: аз борхалта (пакет)-ҳое, ки ҳамарӯза аз мағоза маводи ниёзи авваларо меорем, ибтидо гирифта, то ба зарфҳои як маротиб истифодашаванда, рӯйпӯши телефонҳои мобилӣ ва аксар техникаи маишӣ, чарххои худрав (автомобил), чорчӯбаи тирезаҳо ва монанди инҳо ҳама маводҳои масолеҳи полимерианд. Аз тарафи дигар полимерҳо як ҷузъи табиии тамоми организмҳои зинда ва олами растаниро дар бар мегиранд,ки онҳо хос табииaнд ва ба **биополимерҳо** мансубанд.

Полимерҳо як синфи аҷоиб ва ҳайратоварӣ моддаҳои химиявиянд. Ин моддаҳо ба худ хос бадалшавии сохт, таркиб ва хосиятҳои аҷиби физикавивухимиявиродороянд. Ба полимерҳо на танҳо пластикҳо, ки аслан аз полимерҳои синтетикӣ гирифта мешаванд (расми 1), инчунин биополимерҳои сафедаҳо, полисахаридҳо, кислотаҳои деокси-рибонукеотидӣ (КДР) ва рибонуклеотидӣ (КРН), ки қобилияти аз насл ба насл гузаронидани аломату хусусиятҳои организмҳои зиндаро

доранд, шомиланд. Ин материяи беҷон, ки моро фаро гирифтааст, қариб ҳамаи қобилиятҳои худро маҳз бо шарофати иполимерҳо дорост.





*Расми 1. Намунаи маводҳои масолеҳи полимерӣ*

Масолеҳҳои полимерӣ аз сабаби дорои хусусиятҳои аз дигар моддаҳои кимиёвӣ фарққунандаи ба худ хос, дар ҳаёт ва технологияи навин мавқеи махсусро ишғол намудаанд.

Сухан фақат оиди пластикҳо намеравад, инчунин оиди шаклҳои дигари полимерҳо низ бояд ақида ронд. Масалан, тефлон (политетрафторэтилен, истеҳсоли ИМА), тобаҳои насӯзонанда, поликарбонатҳо, полиакрилонитрилҳо, каучук, кевлар (аз он ҷавшан месозанд) ва монанди инҳо, ки дар

технологияи навин бениҳоят татбиқи васеъ ёфтаанд, масолеҳҳои полимериянд.

Инчунин аз масолеҳҳои полимерӣ ҳоло барои сохтани ҷузъҳои ҳавопаймоҳо низ истифода мекунанд, ки бартарияти онҳо дар он аст, ки онҳо дорои мустаҳкамии зиёд ва ҳамчунин массаи каманд.

Таҳқиқотчиён аз Институти технологии Ню-Джерси (NJIT) (ИМА) намуди нави батареяи офтобиеро дар асоси полимерҳо кашф намудаанд, ки он аз ҷиҳати нарх арзон ва бо сифат буда, метавон онро дар лавҳаҳои пластикии чандир чоп намуд.

Ба андешаи ихтироъкори ин намуди батареяҳо- профессор, роҳбари кафедраи химия ва муҳитҳои иҳотакунандаи Институти NJIT - Сомнат Митра ин намуди батареяҳороҳар шахс метавонад бо истифода аз принтерҳоиоддӣба даст оварад ва дар болои бомҳо ё деворҳои хона овезон намуда, дорои истгоҳи барқии шахсӣ шавад.

Моҳияти ин технология дар он аст, ки нанотрубкаҳои карбонӣ бо фуллерен омехта шуда, шакли «найчаи морпече»-ро ҳосил менамоянд. Нурҳои Офтоб, ки ба қисмати полимерӣ меафтанд, дар полимер ҷараёнро меофаранд ва фуллерен электронҳоро ба худ мегирад. Аммо флурен, ки ҷараёнро интиқол карда наметавонад, ин ҷо нанотрубкаҳо вазифаи ноқилроичро менамоянд. Электронҳои забтшуда дар дохили нанотрубкаҳо ҳаракат намуда, ҷараёнро ба вуҷуд меоваранд. Ин технология ба шаҳрвандон имконият медиҳад, ки дар хонаи худ ба ҳосил намудани энергияи алтернативии арзон соҳиб гарданд.

Имрӯзҳо дар ҳаёти мо боз як қатор маводҳои нави полимерӣ истифода карда мешаванд, ки хосият ва соҳаи истифодаи онҳоро дар ин мақола мухтасар ба Шумо пешниҳод мегардонем:

**Поликарбонатҳо** – гетерозанҷирӣ буда, аз кислотаи карбонатии эфирҳои мураккаб таркиб ёфтаанд. Карбонат дар асоси дифлон дорои мустаҳкамии зиёд буда, диэлектрик мебошад ва хусусиятҳояшро дар диапазонҳои калони ҳарорат аз – 100 то +135 нигоҳ дошта метавонад. Ҳудуди мустаҳкамияш ҳангоми деформатсияи кашиш 750 МПа, фишориш 900МПа ва ҳангоми хамкунӣ 1100МПа мебошад. Гармоғунҷоишаш 115-

127Ҷ/кг·К буда, аз он маснуотҳои плепк ва лакҳо истеҳсол мекунанд.

**Сополимерҳои метилметакрилатӣ-** дар намуди дуқабата - метилметакрилат ва стирол ва инчунин сополимери сеқабатаи метилметакрилат-стирол акрилонитрил истеҳсол карда мешаванд. Ин сополимерҳо бо сабаби дорои мустаҳкамии зиёд, хусусиятҳои олии физико-механикӣ, гармотобоварӣ ва шаффофияти зиёд аз метилметакрилат фарқ мекунанд.

Ин сополимерҳоро барои истеҳсоли филтрҳо, сарпӯшҳо ва умуман барои ҷойҳое, ки дар он ҷо талабот ба маҳсулотҳои дорои мустаҳкамӣ ва шаффофияти баланд зиёд аст, истифода мебаранд.

**Полиакрилонитрил** – полимери гуруҳи акрилӣ ва метакрилии кислота; барои истеҳсоли наххҳои техникӣ ба сифати пуркунандаи қабатҳои пластик истифода мешавад.

**Бутадиен** – ба гурӯҳи каучукҳои синтетикӣ дохил шуда, дар сохтмон барои ҳосил кардани ширешҳо, сирешим(мастик), герметикҳо, пластобетонҳо ва пластомаҳлулҳо ва инчунин барои истеҳсоли рӯйкаши полҳо истифода мешавад.

**Полистироли зарбабардор** – сополимери дучандаи стирол бо каучук - аз полистирол бо часпакии баланд ва зарбатобоварияш фарқ мекунад ва аз ин рӯ зарбабардор ё зарбатобовар ном бурда мешавад. Сополимери сечандаи стирол бо каучук ва акрилонитрил, ки АБС номида мешавад, аз сополимери дучандаи стирол бо каучук мустаҳкамии зиёдтарро дорост ва ин хусусияти зарбатобоварии баланд доштани ин сополимерҳо боиси татбиқи васеъи онҳо ( дар истеҳсоли маснуоти ҳаҷми калон дошта, панелҳо, ки зери таъсироти зиёди беруна қарор мегиранд ва монанди инҳо) гаштааст.

**Рулопит (Булғория)** – масолеҳи рӯйкаш барои деворҳо, ки дорои зебогии хос ва аз ҷиҳати гигиенӣ сифаташ баланд буда, дар намуди лӯлапечҳое, ки дорои дарозии 10-15 м, бари 30-500 мм ва ғафсии 0,2-2 мм мебошанд, истеҳсол карда мешавад.

**Трокал (Германия)** – профилҳои шаклҳои гуногундошта барои чорчӯбаи атрофи тирезаҳо бо рангҳои мухталиф аз ПВХ-и сахти махсус истеҳсол карда мешавад ва таъсири газҳо, бетон, маҳлулҳои гуногун, коррозияро “ҳис” намекунад ва умри дароз

мебинад. Ин масолеҳро барои сохтмони хонаҳои истиқоматӣ васеъ истифода мебаранд.

**Версакор** (Англия) – иборат аст аз лавҳаи сиёҳи тунукагӣ, пӯлоди галванизироватсияшуда, рӯйпӯши эпоксидӣ, хок ва плёнкаи полиэфирӣ. Ғафсии умумияш 0,7-1,5мм буда, дар намудҳои гуногун ва рангҳои гуногун ва ҳамчун профил истеҳсол карда мешавад. Барои тайёр намудани панелҳои сеқабатаи конструксияҳои девор ва бомпӯшҳо истифода мешавад.

**Садурит (ҶСЧ)** – масолеҳ дар асоси полимерҳо (эпоксидӣ, фенолоформалдегидӣ ва ғайраҳо). Ба сифати пайвасткунандаи бетон, дарахт, санг ва металҳо барои сохтани фаршҳо истифода мешавад. Дар намуди ҳашт ранги ҷилодиҳанда истеҳсол карда мешавад. Масолеҳи сахтшуда ба худ адгезияи хуб ва мустаҳкамии баланди химиявиро доро мебошад. Инчунин ба таъсири баланди механикӣ тобовар буда, онро бо об шустан мумкин аст.

**Теродур (ҶСЧ)** – дисперсияи пигментҳои ғайриорганикӣ, пуркунандаи маҳлули тақсимнопазири полиэфирҳо дар ҳалкунандаҳои органикӣ. Бо ҳашт хел ранг истеҳсол шуда, барои тайёр намудани рӯйкашҳои рангаи бетарқиш барои фаршҳо ва барои корҳои дохилисохтмонӣ истифода бурда мешавад.

**Виниплан** (Финляндия) **-** масолеҳ иборат аст аз наххои сунъии устувор ва сатҳаш бо ПВХ рӯйпӯшкардашуда. Аз он барои сохтани рӯйкашҳо ва гунбазҳои калон истифода мебаранд.

**Ховн–70** (Финляндия) - тахтасанг (плитка)-и иборат аз винилкварси фишурдашуда, ки мустаҳкамии худро дар ҳама ҳолат ба таъсироти беруна нигоҳ медорад. Барои рӯйпӯш кардани фаршҳо истифода карда мешавад ва дорои қаишиву часпакии зиёд буда, ба пораҳои алоҳида тақсим намешавад ва намуди яхлухтро дорад. Тахтасанг дар ҳаҷми 30×30×(2,0-2,5)мм истеҳсол карда мешавад.

**Мелинекс** (Англия) – плёнкаи ориентатсиякардашуда, ки иборат аст аз полиэтилентерефталат ё плёнкаи полиэфирӣ, ки дорои мустаҳкамии механикии аъло, ба таъситротҳои беруна тобовар, обҷаббанда, хусусияти электроизолятсионии хуб дошта ва аз ҷиҳати химиявӣ устувор мебошад. Қариб дар ҳамаи

соҳаҳои саноат (металлизатсия, рангуборгарӣ, нақшу нигору қолаббандӣ... ) татбиқ карда мешавад.

**Соммер** (Франсия) – рӯйкаши полимерӣ барои девор, ки дар асоси пенополивинилхлорид офарида мешавад ва маҳин буда, ҳамчун маводи ороишӣ ва осон ҷобаҷо шаванда ва инчунин шусташаванда истифода бурда мешавад. Дар намуди рангҳои гуногун ҷилодиҳанда ва ба намуди лӯлапечҳои дарозии 40м, бари 1030мм ва ғафсии 2,5мм дошта истеҳсол карда мешавад. Онро дар хонаҳои истиқоматӣ, меҳмонхонаҳо, тарабхонаҳо, мактабҳо, мағозаҳо ҳамчун маводи ороишӣ истифода мебаранд.

## 2. Биополимерҳо ва истифодаи онҳо дарояндаи наздик

Табиати зинда аз биополимерҳо, ки барои ҳастии одамият нақши муҳимро доранд, офарида шудааст. Аз ҳама паҳнгаштатарин биополимер дар табиат ин селлюлоза ба ҳисоб меравад, ки 90%-и дарахтон аз он таркиб ёфтаанд. Хусусиятҳои аъло (аз ҷумла вайроншавандагӣ, пӯсандагӣ) ва афзалияти зиёд доштани биополимерҳо боиси он гаштааст, ки онҳо дар бозор ва технологияи навин ҷойи масолеҳи полимерҳоисинтетикиро, ки ин хусусиятҳоро надоранд, гирифта истодаанд ва ҳатто дар соҳаҳои мухталиф масолеҳе нест, ки ҷойи онҳоро иваз намояд.

Тайи солҳои охир ҳифзи муҳити атроф яке аз масъалаҳои аввалиндараҷаи ҷомеаи ҷаҳонӣ гаштааст. Ин масъала ба он расондааст, ки бояд масолеҳҳои дар муҳити атроф вайроншаванда(пӯсанда) коркард ва татбиқ карда шаванд [1-3].

Барои истеҳсолкунандагони маводи хӯрока муҳлат ва ҷойи нигоҳдории мавод масъалаи аввалия ба ҳисоб меравад. Ҳоло барои бо сифати баланд ва дар муҳлатҳои зиёд нигоҳдории маҳсулот аз масолеҳҳои махсуси полимерӣ истифода мебаранд, ки онҳо дорои қобилияти нигоҳдории воридшавии ҳар гуна газҳо ба дохили мавод, қобилияти нигоҳдорӣ аз нам ва бӯйро дороянд, ки атмосфераи муътадилро барои мавод муҳайё месозанд, маводро эмин аз микроорганизмҳои зараррасон ва барои истеъмол дар оянда нигоҳ медоранд. Дар алоҳидагӣ масолеҳҳои полимерӣ наметавонанд, ки ҳамаи талаботҳои истеъмолиро ба ҷо оваранд, аз ин рӯ масолеҳҳои композитсионӣ

дар асоси хусусияти комплексиидодашудаи полимерҳо офарида мешаванд.

Барои бартараф намудани хавфи партовҳои зараррасон, чун партовҳои маводҳои полимерӣ истифодаи биополимерҳо дар истеҳсолоти хӯрока барои нигоҳдории маҳсулот хело муфид аст. Ҳоло истифодаи технологияи коркарди биополимерҳоро тамоми институтҳои тадқиқотии ҷаҳон ва ширкатҳои истеҳсолии банду басти маводҳои хӯрока ба роҳ монда истодаанд.

Масолеҳҳои биополимерӣ, ки аз манбаъҳои табиӣ гирифта мешаванд ва ҳамчун масолеҳҳои композитсионӣ дар намуди плёнкаву рӯйпӯшҳо истифода мешаванд, дар расми 2 оварда шудаанд.




*Расми 2. Биополимерҳое, ки барои болопӯш ва банду басти маводи хӯрока ва доруворӣ истифода мешаванд*

Рӯйкашҳои композитсионии аз чунин биомакромалекулаҳо офаридашуда дар истеҳсолот ва зиндагии ҳаррӯза соҳаи нав ва бехатари масолеҳи борҷомагиро кушоидаанд.

Полисахаридҳо дорои сохт ва таркиби мураккаб буда, аз дигар полимерҳо бо рангорангии функсионалиашон фарқияти куллӣ доранд [1-4]. Аз баъзе полисахаридҳои сохтори хаттӣ дошта, ба монанди селлюлоза ((1-4) ß-D-глюкан)), амилоза

(сохтори воҳидии крахмал, (1-4) $\alpha$-D-глюкан)), хитозан ((1-4) ß-D-глюкозамин) плёнкаҳои мустаҳкам, қаиш ва шаффоф ба вуҷуд овардан мумкин аст. Плёнкаҳое, ки дар асоси ин полисахаридҳо омода карда мешаванд ба таъсири чарбу равғанҳо тобоваранд. Масалан, хитозанарзӣ бо алдегид пайваст шуда, плёнкаи хело устувор ва дар об ҳалношавандаро ҳосил менамоянд. Селлофане, ки дар натиҷаи коркарди (регенератсия)-и селлюлоза ба даст оварда мешавад, дар муҳити часпак коркард мешавад, ки дар ин ҳолат плёнка хусусияти эластикиро доро мешавад.

Якчанде аз эфирҳои мураккаби селлюлоза, чун пропионат-, асетат- ва бутират-селлюлоза дар худ масолеҳи термопластикиро таҷассум менамоянд, ки ҷабҳаи муҳими тиҷоратиро дороянд. Эфири селлюлозаи анионӣ, карбоксиметилселлюлоза (КМС) дар об ҳалшаванда буда, якҷоя бо дигар (био)-молекулаҳо хусусияти тафовутноки плёнкаофариро дороянд ва дар соҳаи сохтмон ва меморӣ васеъ истифода мешаванд.

Ба биополимерҳо сафедаҳо, кислотаҳои нуклеинат, полисахаридҳо дохил мешаванд. Инчунин омехтаи биополимерҳо, масалан липопротеинҳо (комплексҳо аз сафеда ва липид), гликопротеинҳо (пайвастагиҳое, ки молекулаашон аз занҷирҳои олиго ё полисахаридӣ, ки ковалентӣ бо занҷирҳои пептидӣ пайваст ҳосил кардаанд), липополисахаридҳо (пайвастагиҳое, ки аз липидҳо, олиго ва полисахаридҳо таркиб ёфтаанд).

**Пектин** – полисахариди табиӣ, ки одатан аз боқимондаи кислотаи галактуронан, аз меваву сабзавот, бехмеваҳо ва аз чанд намуд растаниҳои обӣ ба даст оварда мешавад. Элементи таркибии растанӣ буда, қобилияти ҳимоявӣ ва худнигоҳдории бардавоми растаниро афзоиш медиҳад. Муттахасисон пектинро «санитар»-и табии организм мегӯянд, зеро ин модда дорои қобилияти нигоҳ доштани тавозуни табии бактериологии организм буда, нахи мушакҳоро аз заҳр, моддаҳои зарарноке чун элементҳои радиоактив, пестисидҳо ва ионии металҳои вазнин тоза менамояд. Бартарияти дигари пектин дар он аст, ки мубодилаи моддаҳои организмро ба танзим медарорад, раванди оксиду барқароршавиро тақвият мебахшад, гардиши хунро муътадил менамояд ва инчунин миқдори холестеринро дар хун паст менамояд. Пектин ҳамчун бофтаи (клетчатка)ҳалшаванда

якҷоя бо масолеҳҳои дигар ба рӯда ворид гашта, моддаҳои зараррасон ва холестиринро ба худ меҷабанд ва якҷоя бо худ аз организм берун менамоянд. Инчунин пектин хусусияти бо ионmetалҳои вазнин ва радиоактивӣ пайвастшавиро дорост, ки ин хусусияти он барои мардуми дар ҷойҳои ифлос ва бо металҳои вазнин кору фаъолият дошта бартарияти дигари онро нишон медиҳад.

Бартарияти дигари пектин дар он аст, ки вай микрофлораи рӯдаро тақвият дода, инчунин дорои хусусияти рӯйпӯшкунии захм ва илтиҳоби меъда мебошад ва шароити оптималии шаклгирии микробиосенозро муҳайё менамояд. Ҳамаи хусусиятҳои дар боло дарҷгардидаи пектин ба он меоранд, ки онро барои ҳамагон ҳамчун ғизои ҳаррӯза тавсия бояд намуд [4].

Истифодаи пектин ҳамчун маводи хӯрока ва бо мақсадҳои табобатӣ аз замонҳои қадим сарчашма мегирад. Ҳатто дар давраи асримиёнагӣ, даврае, ки фармакотерапия ба вуҷуд омадааст, олими бузург ва барҷастаи форсу тоҷик Абӯалӣ ибни Сино дар бораи миқдор, сифат ва вақти хӯрок махсус таъкид намудааст. Дар корҳои таҳқиқотии ӯ хӯрокаҳои бофтадор ҳамчун нишони банизомдарорандаи фаъолияти рӯдаю меъда ҳисобида мешаванд.

Пектини озод ҳангоми якҷоя бо хӯрока истифода шуданаш дар организм манбаи энергетикӣба вуҷуд намеоварад, вай нисбат ба дигар полисахаридҳо аз ҷиҳати функсионалӣ фарқ менамояд [4].Дар маводҳои косметикӣ ва дорусозӣ пектинроҳамчун маводи гелҳосилкунанда ва устуворкунанда истифода менамоянд.

Солҳои охир аз сабаби дорои хусусиятҳои беназири физико-химиявӣ ва биологӣ доштани полимерҳо соҳаҳои татбиқи масолеҳи полимерӣ хело афзудааст. Масалан, дар тиб барои нақшаи офаридани системаи интиқолкунандагони маводҳои доруворӣ (СИД) бо мақсади паст намудани заҳрнокии доруи синтетикӣ ва таъсиротҳои мақсаднок полимерҳо татбиқи васеъи худро ёфтаанд [5-12].

Истеҳсоли пектин – тиҷорати пешравандаи босуръат буда, ҳар сол ҳаҷми истеҳсолот ба миқдори 3-4% зиёд мегардад ва имрӯз ба миқдори содироти он ба 45-50 ҳазор тонна расидааст. Технологияҳои ба даст овардани пектинҳо пӯшида мебошанд ва

аз тарафи истеҳсолкунандагони асосии ин маҳсулот – чун ширкатҳое ба мисли CPKelco (Дания, ИМА), Herstright&Fox KG ва Degussa (Олмон), Danisco (ИМА), Cargill (Фаронса, ИМА), Yantai Andre Pectin (Хитой) ва ғайраҳо,  махсус коркард мегарданд. Марказҳои асосии истифодабарандагони пектин соҳаҳои саноати хӯрокворӣ ва фармасевтӣ мебошанд. Айни ҳол доираи истифодабарандагони ватанӣ хеле васеъ мебошад. Инҳо корхонаҳои қаннодӣ, ширӣ, консервакунонӣ ва дорусозӣ мебошанд. Барои истеҳсоли он маҳсулотҳо маводи пектин аз хориҷ дастрас мегардад. Ҳоло олимони Институти кимиёи Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон технологияи коркарди пектинро аз ашёҳои гуногун-боқимондаҳои меваҷот (себ, лиму, зардолу, шафтолу ва дигарҳо) ва сабадчаи офтопараст ихтироъ намуданд [13, 14].

Полисахаридҳои пектинӣ ва  сафедаҳо ҳамчун полимерҳои табиии вайроншаванда ва пайвастагиҳоҳосилкунанда дар истеҳсолоти фармасевтӣ барои тавлиди СИД васеъ истифода бурда мешаванд. Барои ба таври зарурӣ ба ҷойи лозимӣ расонидани доруворӣ зарур аст, ки интиқолкунандаи полимерӣ бояд дар сатҳи берунаи гузаргоҳи рӯдаву меъда вайрон нашавад (паҳн нагардад). Аз қобилияти гелофарии пектиникамметиллӣ дар якҷоягӣ бо ионии металҳо, маводи гелшаклеро меофаранд, ки барои тавлиди СИД дар шакли микросферҳо, микрокапсулаҳо ва композитсияҳо маводи асосӣ ҳисобида мешавад.

Аммо дараҷаи баланди варамкунии гели пектинӣ дар шароитҳои физиологӣ бо сабаби васеъшавии сӯрохчаҳои он маводи доруввориро пеш аз муҳлат аз худ озод менамояд. Пешгирии ин равандро аз ҳисоби зиёд намудани қисми гидрофобҳои тӯрҳои полисахаридӣ ва ба он бо роҳи физикавӣ ҳамроҳ намудани полимерҳои гидрофобӣ ба даст оварда шуд, ки яке аз дастовардҳои муҳими олимони кимиёгарӣ ватанӣ( Институти кимиёи АИ ҶТ) дар ин соҳа мебошад [5-12, 15-20].

Истифодаи полисахаридҳои пектинӣ ҳамчун СИД бо шарофати дорои хусусияти ҳассосияти гидродинамикӣ дар маҳлули обӣ доштани онҳо, (аз ҳолати гурӯҳҳои карбоксилии звенаҳои полигалактуронҳо вобаста аст), дорои занҷирҳои шохадор аз полисахаридҳои нейтрал будани онҳо ва дорои

қобилияти ҳосилкунии бандҳои дохилӣ ва байнимолекулавии онҳо, соҳаи инноватсиониро барои офаридани СИД, роҳҳои осон ва безарари расонидани маводи доруввориро ба роҳ монд. Онҳо интиқолкунандаи потенсиалӣ ва ба таъсири ферментҳои меъдаю рӯда тобовар буда, ба рӯдаи ғафс гузашта, дар он худ бо моддаҳои лозимаи микрофлораҳо-кислотаҳои равғанини кӯтоҳзанҷир табдил мегаданд[15] ва маводи доруворӣ дар он ҷо ба хун ҷабида мешавад, ки ин усулӣ нави гузаронидани дору ба хун аст.

Бо шарофати ин таҳқиқотҳои муосири илмӣ олимони Институти кимиё ба он муваффақ гардиданд, ки имрӯз дар ҷаҳони илм яке аз авалинҳо шуда, аз маводи растаниҳои ватанӣ моддаҳои фаъоли биологиро ҷудо намоянд [16-20], ки аз ташхис ва истифодабарии онҳо дар рӯзҳои наздик шинос хоҳем шуд.

Дар хулосаи ин мақола бояд қайд намоем, ки ҳамаи хусусиятҳои олии биополимерҳо ба таҳқиқотчиён заминаи нави илмиро ба вуҷуд овардаанд ва месазад, ки дар рушд ва инкишофи омӯзиши хусусиятҳои хуфяи ин синфи олии ин масолеҳҳои «зиндагисоз» ва «ояндасоз» бетараф набошем.

## Адабиёт:


1. Krochta, J. M.; De Mulder-Johnston, C.; Edible and biodegradable polymer films: challenges and opportunity. Food Technol. 1997, 51, 61-74.
2. Tharanathan R.N. Biodegradable films and composite coatings: past, present and future. Review/ Trends in Food Science & Technology. 2003, 14, p. 71–78.
3. Liu W., Liu T., Xin J., Zhang J., Muhidinov Z.K., Liu LS. Properties of poly(butileneadipate-co-terephtalate) and sunflower head residue biocomposites. Journal of Applied Polymer Science, 2017, v.134 (13), p.44644-44651.
4. Мухидинов З.К., Халиков Д.Х. Пектин – лечебно-профилактический продукт для здоровых и больных,- Душанбе Обзор. информ / НПИЦентр. 2005. – 60 с.
5. Pillay V, Danckwerts M.P., Muhidinov Z.K., and Fassihi R. Novel Modulation of Drug Delivery Using Binary Zinc-Alginate-Pectinate Polyspheres for Zero-Order Kinetics Over Several Days Experimental Design Strategy to Elucidate the Crosslinking

Mechanis. Drug Development and Industrial Pharmacy, 2005, 31, p.191–207.

6. Штанчаев А.Ш., Мухидинов З.К., Насриддинов А.С, Бобокалонов Д.Т.,Тешаев Х.И. Халиков Д.Х Нерастворимые комплексы белков молочной сыворотки с различными пектинами / Доклады АН РТ, том 51 ,8, 2008, С. 607-614.
7. MuhidinovZ.K,,TeshaevKh.I, Kasimova G. F., Nasriddinov A.S., Liu LS. Pectin-Zein Hydrogels for delivery of Drugs and Nutrients. In Gum and Stabilizers for the Food Industry 16, RSC publishing, ed. P.A. Williams and G.O. Fillips P. 2012, 401-406.
8. Muhidinov Z.K, Shamsara O, Bobokalonov JT, Goibobva ZV, Liu L.S. 12th International Hydrocolloids Conference “Functional hydrocolloids: The key to human health”. May 5th - 9th 2014 Taipei, Taiwan Microparticles coating through interfacial complexes of biopolymers in emulsion for delivery of drug and nutrients.
9. Bobokalonov J. T., Liesiene J., Petrauskaite O., Muhidinov Z. K., Isupov S. J., Liu L. S.. Morphology of three -dimensional pectin/hyaluronic acid scaffolds Fabricated by lyophilization. Proceedings of the international conference “CHEMISTRY AND CHEMICAL TECHNOLOGY “ Kaunas University of Technology, 25 April 2014.
10. Shamsara O., Jafari S.M., Muhidionv Z.K. Development of double layered emulsion droplets with pectin/ β-lactoglobulin complex for bioactive delivery purposes. Journal of Molecular Liquid, 2017, 243.
11. Shamsara O., Jafari S. M., Muhidinov Z.K. Fabrication, characterization and stability of oil in water nano-emulsion produced by apricot gum-pectin complex. International Journal of Biological Macromolecules, 2017, 103, p. 1285-1293.
12. Shamsara O., Muhidinov Z.K, Jafari S.M., Bobokalonov J., Jonmurodov A, Taghvaei M., Vollrath M.K. Effect of ultrasonication, pH and heating on stability of apricot gum–lactoglobuline two layer nanoemulsions. International Journal of Biological Macromolecules, 2015, 81, p. 1019-1025.
13. ЕА Патент 016871, Способ получения пектина из подсолнечника опубл. 30 августа 2012г. бюл. №8.Мухидинов З.К., М.Л. Фишман, ЛШ Лиу.

14. UA 70046. Processing Line for Pectin Production. 25.мая 2012, бюл.№10.Мухидинов З.К., М.Л. Фишман.
15. Бобокалонов Д.Т. Фармакокинетика новых лекарственных форм пироксикама: дисс… канд. биол. наук: 14.03.06 / Бобокалонов Джамшед Толехмуродович ; Душанбе, 2011. – 100 л.
16. Ашуров А.И., Усманова С.Р., Мухидинов З.К., ЛиуЛ.Ш..Биологически активные компоненты корнеклубней эремуруса гиссарского (E. hissaricus) Известия высших учебных заведений. Пищевая технология, 2018, №1 (361), ст. 35-38.
17. Muhidionov Z.K., Bobokalonov J.T., Ismoilov I.B., Liu LinSu, Strahan G, Hotchkiss A.T. Characterization of a polysaccharide from Eremurushissaricus roots growing in Tajikistan. 7th World Congress on Biopolymers and Polymer Chemistry, June 03-June 08, 2018, Osaka , Japan.
18. Мухидинов З.К., Усманова С.Р., Носирова Ф.Ю. Перспективы изучения прополиса в Таджикистане. Вестник Авиценны. 2017,том 19, № 3, ст. 413-421.
19. Jonmurodov, A., Bobokalonov, J., Usmanova, S., Muhidionv Z.K., and Liu, L.S.Value Added Products from Plant Processing.Agricultural Sciences, 2017, vol.8, p.857-867.
20. БобокалоновД.Т., УсмановаС.Р., ИсмоиловИ.Б., ШероваЗ.У., Мухидинов З.К. Изучение полифенольных соединений корнеклубней Эремуруса Гиссарского (E. Hissaricus) методом капиллярного зонного электрофореза. Актуальная биотехнология 2018(дар дасти чоп аст).

*Шогуна СОБИР*

## НОВЫЕ УГРОЗЫ СОЦИАЛЬНОЙ И ПОЛИТИЧЕСКОЙ СТАБИЛЬНОСТИ В БЛИЖАЙШЕМ БУДУЩЕМ

В 1927 году на экраны вышел немецкий фильм «Метрополис», в котором было изображено будущее человечества. В этой картине общество состояло из двух частей — небольшой группы богатых промышленников, бизнес-магнатов и руководителей высшего звена, живущих в роскоши, и нищего большинства, которое управляло машинами для поддержания жизни в городе. Это, в конечном счете, привело к буйному восстанию против статус-кво. Сегодня существует мнение, что события фильма могут стать реальностью.

Проект под названием «Безусловный базовый доход» (ББД) предусматривает, что государство будет выплачивать каждому гражданину страны определенную денежную сумму, достаточно для выживания или больше. Предполагается, что такие выплаты будут производиться постоянно без необходимости выполнять какую-либо работу. Первая формулировка идеи ББД возникла в 1800-х годах.

В настоящее время введение данного проекта рассматривается в Швейцарии, Нидерландах, Франции, Великобритании, Италии, Японии, Южной Корее, и во многих других странах. ББД уже тестировался в различных странах как Канада (2015-2018, $1,400 для одиноких людей, $2,000 для супружеских пар в месяц), Намибия (2008-2012, $12 в месяц) и сейчас тестируется в Финляндии (с 2017-2018, $650 в месяц), Макао в Китае (с 2008-, $1,200 в месяц), Иране (с 2011-, $45-$90), Кении (2018-2030, $22.5 в месяц), и будет тестироваться в США (2019-2024, $1000 в месяц), и т. д.

Эти страны рассматривают возможность введения ББД в качестве подготовки к четвертой волне промышленной революции, которая, как говорят некоторые, начнется уже в 2025 году. Ожидается, что ее начало будет иметь негативное влияние на общество. Глава Всемирного банка Джим Ким на открытии пресс-

конференции в рамках Всемирного банка в прошлом году подчеркнул, что в развивающихся странах автоматизация производства может уничтожить до 66% всех рабочих мест.

Причиной этой неизбежной массовой безработицы послужит внедрение технологических достижений, таких как автоматизация производства, квантовые компьютеры, искусственный интеллект, 3D-принтеры и т. д. Перечисленные технологии могут с легкостью справляться со многими задачами, выполнение которых ранее было возможно только людьми. Особенно это касается рабочих мест для низкоквалифицированных работников — а именно такие рабочие места составляют основу рынка труда в развивающихся странах.

Будут появляться новые профессии, связанные с этими технологиями, однако многие рабочие места больше не будут нуждаться в людях и перестанут существовать. Люди, потерявшие работу, останутся без средств к существованию.

Подсчитано, что автоматизация угрожает 42% рабочих мест в Канаде и 54% рабочих мест в Европейском Союзе; в США риск составляет от 38 до 50%. По данным ООН риск автоматизации в развивающихся странах намного выше, чем в развитых странах. Приблизительно 77% рабочих мест в Китае, 69% рабочих мест в Индии, и 55% рабочих мест в Узбекистане находятся под угрозой.

«Это не какая-то гипотетическая возможность в будущем; это то, что происходит прямо сейчас» считает бывший министр финансов США и профессор экономики Гарвардского университета Лоуренс Саммерс.

Недавно компании Otto удалось успешно отправить беспилотный грузовик на расстояние 193 километра. Яндекс, Google, Uber, а также службы такси в США, Японии, Арабских Эмиратах и Китае тоже тестируют беспилотные автомобили на дорогах. В супермаркетах происходит замена кассиров машинами. В США, Китае и Индии уже работают магазины, в которых вообще нет кассиров.

Однако в зоне риска находятся и работы, требующие высококвалифицированного труда. Технологии уже доросли до такого уровня, что программное обеспечение может справляться с работой бухгалтера быстрее и точнее, чем живой человек. В американском инвестиционном банке JP Morgan компьютерные

программы за считанные секунды выполняют работу, на которую у юристов ушло бы 350 000 часов. С 2000 года в Нью-Йорке исчезло 30% рабочих мест в финансовом секторе. «Уже сейчас в некоторых случаях обучаемые машины описывают рентгеновские снимки лучше специалистов-рентгенологов» говорит Мартин Форд, который является разработчиком программного обеспечения для автоматизированных систем и автором книги «Восстание роботов: технологии и угроза безработицы».

Хотя все эти технологии не будут внедряться в Таджикистане в скором будущем, их внедрение является неизбежным. Ведь они позволяют получать лучший результат при меньших затратах. Роботы и машины не нуждаются в зарплате, отпуске, и обеденном перерыве. Они могут работать круглосуточно и без выходных, а результат их работы всегда стабилен. Поэтому компании и отдают предпочтение автоматизированному производству.

Более того, когда спрос на рабочую силу снизится, и исчезнет стимул экономить на стоимости рабочей силы за счет переноса производства и офисов в другие страны, международные компании могут перестать пользоваться офшорными зонами. А это может привести к увеличению безработицы в тех странах, которые сейчас принимают производственные подразделения корпораций.

Перед тем, как существующие технологии будут внедрены здесь, они будут использованы в России, куда едут миллионы граждан Таджикистана в поисках работы. Количество доступных рабочих мест в России может сократиться вследствие введения нового законодательного регулирования, направленного на трудоустройство в первую очередь безработных российских граждан, количество которых увеличится.

Все эти изменения негативно отразятся на беднейших слоях населения и на среднем классе. Однако новые технологии могут принести прибыль владельцам капитала. Профессор международного развития Гарвардского университета Калестос Юма утверждает, что: «Роботы никогда не станут нашими хозяевами, а вот владельцы роботов станут ими». Подразумевается, что богатые станут еще богаче, а бедные -еще беднее. Рост безработицы и увеличение классового неравенства приведет к конфликтам, а значит нельзя исключить негативные последствия для политической системы.

Политикам нужно осознать, насколько большим будет масштаб грядущих изменений. Но что можно предпринять для предотвращения потенциальной политической и экономической нестабильности?

Внедрение ББД может стать возможным ответным шагом на уменьшение рабочих мест. Для финансирования ББД можно передать отдельные средства производства в общественную собственность. Введение налогов на внедрение новых технологий может послужить источником финансирования ББД, но может и ограничить использование таких технологий. Еще одним вариантом является полное блокирование внедрения подобных технологий.

Хочется надеяться, что введение ББД позволит людям уделять больше времени любимым делам, таким как живопись и литература. Однако экономику невозможно построить на искусстве. Владельцы капитала нуждаются в потребителях, которые будут покупать товары и услуги и приносить прибыль. Поэтому если размер ББД не будет достаточно большим, то при увеличении безработицы и снижении заработной платы, можно ожидать отрицательные изменения в экономике.

Когда дешевая рабочая сила перестанет пользоваться спросом, страна, которая не сможет решить проблему возвращающихся мигрантов и постоянно увеличивающейся безработицы, окажется в плачевном положении.

## ТАҚРИЗ ВА ШЕЪРИ МУОСИР

*Комил БЕКЗОДА*
*файласуф*

# ИШҚИ БЕПАРВОИ МАН
*(Чанд намунаи шеър)*

## ИШҚИ БЕПАРВОИ МАН

### Маънии Зиндагӣ

Қиссаҳо кардам зи ишқу ошиқӣ ман борҳо,
Қиссаи арзандаро бояд кунем такрорҳо.
Бонги шодӣ мезанад дил, дар ҳавои номи ишқ,
Озмудам ин балоро дар дилам бисёрҳо.
Корвони ишқи мо пайваста бошад дар сафар,
Боз гардад сӯйи манзил, борҳову борҳо.
Рози ин пайғомро Лайливу Маҷнун фош кард,
Дар ҳавои ин Ҳақиқат хуш бувад гуфторҳо.
Гавҳари арзандаи ин Зиндагӣ ишқ асту бас,
Шоирон оварда дар девони худ ашъорҳо.
Ошиқи Имрӯз ғофил гашта аз асрори ишқ,
Мезанад лофи вафо дар кӯчаву бозорҳо.
Аз вуҷуди ишқ, осоре намебинӣ, вале,
Номи ошиқ сабт гашта бар дару деворҳо.
Алғараз, ишқи ҳақиқиро бибояд зинда кард,
Дур бодо ошиқони булҳавас з-ин корҳо!
(13 октябри 2018)

**Маҳфили Мавлоно дар Тоҷикистон**

Мо ба ин Маҳфил сафои рӯзгор овардаем,
Аҳли илму фазлро аз ҳар диёр овардаем.
Шод бодо рӯҳи поки Шамсу Мавлонои Рум,
Дарди Ишқи бекаронро дар канор овардаем.
Шарқу Ғарби оламе афсурда аз фасли хазон,
Мо паёми сабзаву гул аз Баҳор овардаем.
Зиндагӣ гар гавҳари яктост бахри одамӣ,
Арзиши волои онро чун шиор овардаем.
Масти ҷоми ишқро рақсу самоъ зебанда бод!
Чунки бо ёди руху зулфи нигор овардаем.
Маҳфили мо, эй аҷаб, дорад нишон аз Сулҳи кул,
Баҳри исботаш далели бешумор овардаем.
Зинда бодо ёдбуди аҳли Шеъру Ошиқӣ,
Шеъри Комилро ба расми ёдгор овардаем.
(15 октябри 2018)

**Ишқи бепарвои ман**

Раҳ ба сӯйи ёр дорад ин дили шайдои ман,
Ҷуръати Мансур дорад ишқи бепарвои ман.
Назди ӯ розу ниёзи мо надорад эътибор,
Гарчи ранге заъфаронӣ дид дар симои ман.
Ахгаре дар синаи имрӯзи худ афкандаам,
Шӯълаҳо хоҳад дурахшид аз дили фардои ман.
Як тараф шарҳу баёни ҳикмату илми вуҷуд,
Як тараф нозу адои дилбари зебои ман.
Дӯстон гӯянд, Комил, охир ин девонагист,
Оре, оре, ин бувад пинҳону ҳам пайдои ман.
(30.10.1991)

**Оташи суғдӣ**

Тоҷи ҳиммат ин заминро Тоҷикистон кардааст,
Партави Хуршед оламро хуросон кардааст.

Қимати мулки Зарафшонро ба зар натвон шинохт,
Оташи суғдӣ Зарафшонро зарафшон кардааст.
Наварӯсонро, ки мебинӣ чу ахтар беҳиҷоб,
Шеваи озодагӣ дар ишқ ҷавлон кардааст.
Гарчи дарди бедавои марг домангири мост,
Ҷони моро кимиёи ишқ дармон кардааст.
Хоби хуш бодо ҳалолат, эй зи маънӣ бехабар!
Хоби моро маънии байте парешон кардааст.
Кӯҳсорони ҷаҳонро дидаӣ? Сангaнд, санг!
Шеъри Комил сангро лаъли Бадахшон кардааст!
(05.2000)

## Чашмони наврӯзӣ

Аз нигоҳи сабзчашме дар ҷаҳони ишқи ман,
Лолаву себарга мерӯяд саропо сабзранг.
Дар ҷаҳони ошиқӣ, оҳанги якрангӣ хатост,
Шукри ин чашмон, ки мебинам навоҳо сабзранг.
Фитнаи чашмони сабзинаш, чӣ гӯям беш аз ин,
Мерасад бар гуши дил савту садоҳо сабзранг.
Ақл мехонад маро бар оламе, бе рангу бӯ,
Дар ҳавои ишқ меболад адоҳо сабзранг.
Кас надонад ҳикмати чашмони сабзу соҳираш,
Ҷуз мани ғофил, ки дидам ин балоҳо сабзранг.
Дар ҷаҳони сокиту аз кинаҳо сарду хазон,
Чашми наврӯзӣ барангезад нидоҳо сабзранг.
(03.1996)

## Хуштар аз баҳор

Дар замири ин баҳорон меҳри ёре дидаме,
Хуш баҳор асту вале хуштар баҳоре дидаме.
Лолаву гул дар чаман ғарқи ҷамоли хештан,
Хешро ғарқи ҷамоли гулъузоре дидаме.
Мавсими гул мавсими озодиву озодагист,
Пои дилро бастаи зулфи нигоре дидаме.
Мефизояд накҳати гул мастиву ворастагӣ,

Аз лаби гулчеҳрае масту хуморе дидаме.
Бар мани ғофил, ки будам ноумед аз рӯзгор,
Хешро дар олами авҷу бароре дидаме.
Бахти хоболудаи ман гар мададгорӣ кунад,
Бошадо рӯзе, ки худро дар каноре дидаме!
(21.04.1991)

## Ёд бод…

Ёд бод он сабзаву гул ёд бод,
Нолаҳои зори булбул ёд бод!
Ёд аз рӯзе, ки мо ҳам чун баҳор,
Сабзае будем дар кӯи нигор,
Аз тулӯи офтоби меҳри ӯ,
Доштам бо дидаву дил гуфтугӯ...
Ёди он соат, ки аз девонагӣ,
Тарк кардам кишвари фарзонагӣ.
Хешро бар мавҷи гесӯҳо задам,
Ғарқ гаштам, ғарқ, аз сар то қадам...
Аз куҷо донам, ки дунё дар куҷост!?
Шӯриши ин мавҷи дарё аз куҷост!..
Ёд бод он мавҷи гесӯ, ёд бод,
Ҷилваҳои чашму абру ёд бод!

## Таронаи ошиқон

Зиндагӣ болотар аз болостӣ,
Зиндагӣ дарётар аз дарёстӣ!
Арзиши ин лаҳзаро бояд шинохт!
Қимматаш пайдои нопайдостӣ.
Хоса базму тӯйҳову сурҳо,
Ояте гӯётар аз гӯёстӣ.
Ҳар куҷо базме, ки барпо мешавад,
Мояи фахру ғурури мостӣ,
Бо ҳузури хештан шоҳу арӯс,
Маҳфили моро чу гул оростӣ.
Эй хушо, ин шӯрҳо ин шавқҳо,
Одамиро давлати дунёстӣ.

Мерасад бар гӯши дил акси садо:
Баҳри ту мегӯям, эй марди Худо -
Зиндагӣ болотар аз болостӣ,
Зиндагӣ дарётар аз дарёстӣ!

### Дарди ширин

Ишқи ҷонон дарди ширини ман аст,
Ончунон дарде, ки таскини ман аст.
Рози дил ҳаргиз нагӯям бо касе,
Роздорӣ сирри тамкини ман аст.
Бо ҳама номеҳрубониҳои ёр,
Меҳрубонӣ аҳди дерини ман аст.
Он ки зад бонги муҳаббат дар ҷаҳон,
Муршиду пири нахустини ман аст.
Мисраҳоям қатраҳои ашку хун,
Дафтарам гулбоғи рангини ман аст.
Осмони беғубори ошиқӣ,
Ҷилвагоҳи Моҳу Парвини ман аст.
Ошиқиву шеваи озодагӣ,
Ояте аз расму ойини ман аст.
Гоҳи мурдан ҳар касеву одате,
Номи ҷонон вирди талқини ман аст.
Марҳабо, эй олами пурсӯзи ишқ,
Сузу созат дину ойини ман аст.
(Тобистони 1991)

### Ошиқнамо

(Дар арафаи соли нав духтари ношиносе ба воситаи телефон ба ман изҳори ишқ намуд...)

Дар хазони ишқ пайғоми баҳорам додааст,
Дар шаби ялдо нишоне аз наҳорам додааст.
Гуфтугӯе доштам бо ҳотифе аз аҳли қудс,
Аз ҷаҳони нуриён бонги шиорам додааст.

Шуру илҳоме, ки пайдо буд аз ҳар байти ӯ,
Сайр дар дунёи лутфи бешуморам додааст.
Рангу рӯю қадду басташро намедонам, ки чун,
Ин қадар донам, ки чашми интизорам додааст.
Худфиребӣ олами ишқ асту мо ошиқнамо,
Дар ҷаҳони худнамоиҳо қарорам додааст.
Гарчи найсоне надорад тарамоҳи ошиқӣ,
Дилхушам, аз он ки шавқи рӯзгорам додааст.
(1 июли 1991)

**Мақоми шеъру шоирӣ**

Дар дилам файзи баҳорон буду ҳаст,
Ибрате аз рӯзгорон буду ҳаст.
Аслу насли одамӣ аз хок нест!
Шӯълаи Хуршеди тобон буду ҳаст.
Ақли оламгири мо сеҳри ҳалол!
Шӯълае андар шабистон буду ҳаст.
Ин ҳама ҳангомаҳои одамӣ,
Гоҳ зоҳир гоҳ пинҳон буду ҳаст.
Кашфи асрори ҳаёти ҷовидон
Орзуи ҷумла инсон буду ҳаст.
Ин диле к -аз оташи тар беш нест!
Шӯълазор аз ишқи ҷонон буду ҳаст.
Шод бош, эй мулки шеъру шоирӣ,
Чун мақомат авҷи Кайҳон буду ҳаст!
Соҳили руди Зарафшон мактабам,
Минбарам Кӯҳи Бадахшон буду ҳаст!

**Лаб-лаби дарё ба боло меравем**

(Тарона)

Лаб-лаби дарё ба боло меравем,
Ванҷи Болоро тамошо мервем.
I

Нашъае дорад насими кӯҳсор,
Кӯҳсорони ҳамеша обшор,
Дар тароват ҳамчу фасли навбаҳор!
Лаб-лаби дарё ба боло мервем,
Ванҷи Болоро тамошо мервем,

II

Чашмаҳои Ванҷ чашмони мананд,
Ҷӯшиши қалби хурушони мананд,
Дар сафо ҳамаҳду паймони мананд!
Лаб-лаби дарё ба боло меравем,
Ванҷи Болоро тамошо меравем.

III

Зодгоҳи шоири моро бубин,
Ёрии Ванҷии мазмунофарин,
Ҳимматаш болотар аз чархи барин!
Лаб-лаби дарё ба боло меравем,
Ванҷи Болоро тамошо меравем.

IV

Сарзамини мардхези тоҷикон,
Номовар паҳлавонони ҷаҳон,
Ифтихори ворисон то ҷовидон!
Лаб-лаби дарё ба боло меравем,
Ванҷи Болоро тамошо меравем

V

Қуллаи Сомониён андар сараш,
Оташи лаъли Бадахшон дар бараш,
Ишқи Комил нағмаву шеъри тараш!
Лаб-лаби дарё ба боло меравем,
Ванҷи Болоро тамошо меравем.

VI

Чун биҳишт аст ин диёри нозанин,
Мо нигинему Ватан ангуштарин,
Зиндаю поянда бодо ин замин!
Лаб-лаби дарё ба боло меравем,
Ванҷи Болоро тамошо меравем.

(Июн - июли соли 2002)

### Мақоми ишқ

Ишқро нозам, ки исёнпарвар аст,
Тоҷи исёнаш ҳамеша бар сар аст.
Бо ҳама ин дар ҷаҳон сангу хишт,
Дилрабову дилфиребу дилбар аст.
Хоса мардони зи худ огоҳро,
Раҳнамову раҳнамуду раҳбар аст.
Марҳабо, эй ошиқон, эй ошиқон,
Ишқ моро сорбону сарвар аст.
Зинда бодо базму ишқу ошиқӣ,
Бахтро бин, ёри ҷонон дар бар аст.
Ёри ҷонон дар бар аст!
(27-28 январи соли 2001)

### Ин ҷаҳон чист ва мо кистем?

Худро кунам суҷуде, дунё вафо надорад,
Дар тору пуди ҳастӣ маънӣ садо надорад.
Бо сеҳри худфиребӣ, дил бо нигор додем,
Афсӯсу сад надомат, к-он ҳам вафо надорад.
Бегона душман асту бо хеш дар ситезем,
Дигар чӣ метавон гуфт, кас ошно надорад!
Дардест дарди мурдан, одам ҳама гирифтор,
В-ин дарди бедаворо касе даво надорад.
Умрест корвони пайғамбарӣ ба роҳ аст,
Маҳмил гарону акнун бонги диро надорад.
Ҳарчанд соддалавҳист даъвии умри ҷовид,
Фарзанди одамӣ ҷуз ин муддао надорад.
Дар мақтаи ғазалҳо арзи умедворист,
Комил, чӣ метавон гуфт, дасти дуо надорад!
(22 октябр соли 1991)

### Таронаи миллии Тоҷикистон

**Тоҷикистон кишвари зебову озоди манӣ,**
**Ёдгори безаволи умри аҷдоди манӣ.**
Тоҷи ман аз шавкати Кайхусраву Ҷамшедҳост,
Мулки ман майдони азму рамзу базму идҳост.
Роҳи ман равшан зи нури фитрати воло шуда,
Ҳасту будам ҷилвагоҳи партави умедҳост.

**Тоҷикистон кишвари зебову озоди манӣ,**
**Ёдгори безаволи умри аҷдоди манӣ.**
Хонадони Оли Сосон ифтихори мо бувад,
Сарзамини поки Эрон эътибори мо бувад.
Ин диёри мардхезу мактаби фарзонагон,
Аз саодатҳои қавми бурдбори мо бувад.

**Тоҷикистон кишвари зебову озоди манӣ,**
**Ёдгори безаволи умри аҷдоди манӣ.**
Ворисони сарфарози Оли Сомонем мо,
Зодаи Хатлону Вахшону Зарафшонем мо,

Дар радифи ганҷҳои бекарони ин ватан,
Як шароре аз дили лаъли Бадахшонем мо.

**Тоҷикистон кишвари зебову озоди манӣ,**
**Ёдгори безаволи умри аҷдоди манӣ.**
Ин замини нурпарвар Марзи Синои ман аст,
Хоки покаш тутиёи чашми бинои ман аст.
Сад ҳазорон нуқтасанҷу аҳли дониш дар бараш,
Ояти бедории қавми тавонои ман аст.

**Тоҷикистон кишвари зебову озоди манӣ,**
**Ёдгори безаволи умри аҷдои манӣ.**
(Априли 1992)

**Фирдавсӣ – файласуфе ношинохта**

Бар хирад бедод рафту додро нашнохтанд,
Ҳамзабонон ҳикмати Устодро нашнохтанд,
Баҳри инсон мезад ӯ бонги адолат дар ҷаҳон,
Ҳамдиёрон маънии фарёдро нашнохтанд.
Бар рухи бунёди зулмат офтобе пош дод,
Шабпарсатон аз қазо бунёдро нашнохтанд.
Номаи шоҳон накӯҳишномаи бедодхост,
Нуктасанҷон рози ин бедодро нашнохтанд.
Аз шукӯҳу шавкати фарри ниёгон қисса дошт,
Ворисони нохалаф аҷдодро нашнохтанд.
"Он ки бо сеҳри сухан мулки Аҷамро зинда кард",
Камназарҳо шеваи эҷодро нашнохтанд.
Аз ҷафои давр андар кунҷи танҳоӣ муқим,
Ҳамзамонон шоири озодро нашнохтанд.
Алғараз, дар олами маънӣ расуле тоза буд,
Лек ин пайғамбари навзодро нашнохтанд.

**Фалсафаи ишқ**

Муҳаббат ин ҳама бешу ками мост,
Муҳаббат шодмониву ғами мост.
Ба ҳангоми висолу гоҳи ҳиҷрон,
Муҳаббат тӯи мову мотами мост.

**Афсона гуфтанд**

Дило, аҷдодҳо афсона гуфтанд,
Сухан аз Кавсару паймона гуфтанд,
Тамаллуқ бар Худову банда карда,
Риёро шеваи риндона гуфтанд!
(Баҳори соли 1970)

**Мақоми ошиқ**

Бо сеҳри худфиребиву аз бими зиндагӣ,
Дилро ба дасти дилбари неку супурдаем.
Маҷнун бувад гувоҳ, ки дар қайди рӯзгор,
Бе сӯзу сози ошиқӣ дар ҳукми мурдаем!

(9 ноябри соли 1972)

### Эътироф

Пас аз айёми рангорангу мадҳуши шароби ишқ,
Ба чашмони хуморолуди худ аз ҳам ҷудо рафтем,
Биё, хоҳони марги ман шаву ман маргхоҳи ту,
Ки мо ҳарду зи кӯи ошноӣ бевафо рафтем!
(Ноябри соли 1972)

### Ҳадафи куллии ҷаҳониён

Моем, ки бунёди аҷал канда бисозем,
В-аз умри абад олами поянда бисозем.
Азму ҳадафи аҳли ҷаҳон аст, ки рӯзе
Хайём, туро бо дигарон зинда бисозем!

P.S. Шеърҳое, ки байни солҳои 2003 то 2013 эҷод шудаанд.

### Наврӯзи Ҷамшедӣ

Иди Наврӯз аст ёрон, бода дар соғар занем,
Бодахоронро аз ин пас, таънаҳо камтар занем.
Як қадаҳ бар ёди он, Ҷамшеди соҳибдил равост,
Дар фазои некномиҳош, болу пар занем.
Чун дирафши Кова рамзи, нангу номи миллат аст,
Парчами озодагӣ, бар рӯи бому дар занем.
Пири Тусӣ бо сухан, мулки Аҷамро зинда кард,
Сеҳру афсуни каломаш бар ҳама Ховар занем.
Суннати Ҷамшедро Хайём авҷе тоза дод,
Дар ҳавои шеъри Лоиқ наъраи дигар занем.
Мо саропо шавқу шуру ошиқу саргаштаем,
Бо чунин мастонагӣ оташ ба хушку тар занем.
Баъд аз ин лофу газофу худситоиҳо, ки рафт,
Ҷои он дорад, ки гул бар гесуи дилбар занем!
(Баҳори 2012)

### Бодаи Ҷамшедӣ

Меравам аз ин ҷаҳону дил ба дарё мезанам,
Пушти по бар мушкилоти ҳарду дунё мезанам.
Гар ту масти бодаи рӯзи аластӣ, шод бош!
Ман зи ҷоми бодаи имрузу фардо мезанам.
Эй ки доим саргарон аз ишқи ирфони, вале,
Ман дам аз ёри нахусту ишқи Лайло мезанам.
Арзишу маънии Олам, ҳасту буди Одам аст!
Гар набудӣ одамӣ, кай лофи маъно мезанам.
Дар Замин зодиву аммо, мегурезӣ аз Замин!
З-ин фирори нангборат, водарего мезанам.
Сар ба зону мезанӣ, аз шӯрбахтиҳои хеш,
Ман ба ёди Навбаҳорон, сар ба саҳро мезанам!
Ман аминам, мерасад рӯзе ки бо эъҷози илм,
Бодаи Наврӯзӣ бо Ҷамшед якҷо мезанам!
(Баҳори 2012)

### Паёми Наврӯз

Рӯзи нав меоварад, шуру шароре нав ба нав,
Номаи лутфи ҳабибе бар нигоре, нав ба нав.
Тирамоҳи умр дорад, рангу оҳанги хазон,
Офтоби Ишқ мезояд, баҳоре нав ба нав.
Ишқ бар пирони барнодил, раво бошад, раво!
Навҷавонӣ боз гардад, бо хуморе нав ба нав.
Ин ҷаҳону сад ҷаҳон, ҷавлонгаҳи ишқ асту бас!
Дар ҷаҳони бешумор, ояд шуморе, нав ба нав.
Мо паёми Идро риндона кардем ошкор,
То ки барОяндагон гардад, шиоре нав ба нав!
(Баҳори 2012)

### Наврӯзи одамӣ

Ҷабри айёму шигифтиҳои дунё бигзарад,

Бодҳои гармселу фасли сармо бигзарад.
Бо умеди қиссаҳои ориёӣ зиндаем,
Ин ғуруру нахвати қавми Урупо бигзарад.
Аз гузашти рӯгорон гоҳ шоду гаҳ малул,
Ин шабохуни фалак аз мулки дилҳо бигзарад.
Дар гулистони вуҷуди мо навоҳо ранг-ранг,
Булбулон сармасти созу базми гулҳо бигзарад.
Баъдҳо бар ҷои ҷон, ояд ҳаёти ҷовидон!
Тарсу ларзи маргу мурдан аз сари мо бигзарад.
Боз аз нав мо ба сӯи ҷисми худ рӯй оварем,
Ҷисм монад ёдгору ҷони шайдо бигзарад!
(Баҳори 2012)

## Зан ва баҳор

Фасли баҳорон мерасад, эй ЗАН баҳори мо туӣ,
Дар базми гулҳои чаман, болотар аз гулҳо туӣ.
Олам чи нозад бо Баҳор, к-аз боду борон беш нест,
Бо сели ашки шодият, туфон туӣ, дарё туӣ.
Мо мардҳои хомро, дар зиндагӣ гумномро,
Ишқи ту созад ошкор, он оташи пайдо туӣ.
Ҳаллоҷи аз ЗАН бехабар, лофи Аналҳақ зад, вале:
Дору расан сӯи ту гуфт: Доно туӣ, Доно туӣ!
Эй баҳри ҳусну дилбарӣ, сарчашмаи шеъри дарӣ,
Комил бигуфтат борҳо: Зебо туӣ, Зебо туӣ!
(Баҳори 2012)

## Ҳикмати Ҷамшедӣ

Фарзанди Офтобем, ҳамрози Моҳтобем,
Нур аст фитрати мо, ҳамвора дар шитобем.
Афкори мо биҳиштист, Гуфтори мо биҳиштист,
Садҳо биҳишт дорем, Кирдори мо биҳиштист.
Дар Ҷоми Ҷам бидидем, тақдири хештанро,
Ному нишони Миллат,Ояндаи Ватанро.
Ҷамшед не Худо буд, не ахтари само буд,
Танҳо зи роҳи Дониш, рашки ману Шумо буд!

Гуфто, ки : «Эй азизон! Дар тору пуди Кайҳон,
Болотар аз Шумо нест, деву париву Яздон…
Гар нектар бубинӣ, аҳволи хештанро,
Аз тарси маргу мурдан пиростӣ кафанро!...
Гар марги Тан набудӣ, андар ҷаҳони ҳастӣ,
Бар ёди кас наёмад, номи худопарастӣ…»
Ҳоло ки асри Илм аст, дар Шарқу Ғарби олам,
Парвои кас набошад, аз маргу мири одам.
ТАНРО НАҶОТ бахшид, илми шабеҳасозӣ,[12]
Аз доми ДИН раҳо шуд, Инсон ба сарфарозӣ.
Эй илми ориёӣ, эй ҳикмати ниёгон,
Алҳақ муборакат бод, арзанда кори шоён.
(Баҳори 2012)

**Наврӯзи зиндагӣ**

Одамиро маҳшаре бе хайру шар, зебанда аст,
Маҳшаре дур аз хурофоти башар, зебанда аст.
Бандаи мирандаро, бе илм растохез нест,
Бандаи озодаро, фатҳу зафар зебанда аст.
Ҳеҷ маъное надорад, рафтани бебозгашт,
Наслҳои рафтаро, умре дигар, зебанда аст.
Оқилу фарзонаро, мирандагӣ зебанда нест!
Амр бар сайёраву Шамсу Қамар, зебанда аст.
Ҳикмату фарзонагӣ, бе шеър мурғи бепар аст,
Ҷилваҳои фикри моро, болу пар, зебанда аст.
Шоири имрӯз масти бодаи кибру ғурур,
Хушкмағзони замонро, кару фар зебанда аст.
Ошкоро гуфтани ҳақ, кори ҳар бекора нест,

[12]Шабеҳасозӣ-Clon and cloning. Клонирование. Ҳамсонасозӣ. Аз рӯи таҷрибаҳои илмӣ ва лабораторӣ аз нав ба ҳаёти дубора баргардонидани ҷисми инсони мушаххас. («Донишномаи зистшиносӣ», Теҳрон 1376=1997, саҳ 485)

Марди майдони суханро, ин ҳунар зебанда аст.
(Баҳори 2012)

### Васият ва даъво

Чун бимирам аз ҷадал гӯши малоик кар кунам,
Рафтагонро бо хабар аз омади маҳшар кунам.
Қиссаҳои зулмату торикиҳои гӯрро,
Бемуҳобо арза бар Зардушти пайғамбар кунам.
Бонг хоҳам зад ба Исо к-ин ҳама таъхир чист?
Рӯзи растохез ку? То базму шодӣ сар кунам!
Гар ҷавобе кофию шофӣ наёбам з-он тараф,
Чок хоҳам зад кафанро, шиква бар Довар кунам.
Бо тане лухту диле хунину чашме ашкбор,
Ру ба сӯи аҳли илму донишу дафтар кунам.
К-эй азизон! Гар ҷаҳоне ҳаст аз мову шумост!
То ба кай бар қиссаву афсонаҳо бовар кунам?
Навбати кӯҳнафурушон даргузашту бигзарад,
Ҳамдаме нав ёбаму андешаи дигар кунам!!
(Баҳори 2012)

### Хайма болотар задам

Дар фазои ишқи ҷонон, баски болу пар задам,
Осмонро паст дидам, хайма болотар задам!
Ин ҷаҳони мо ки аз сӯзи дарун бегона аст,
Дар ҷавобаш оташи дилро ба хушку тар задам!
Ҳамдиёри ман чи донад, чист маргу зиндагӣ,
Аз хиҷолат назди душман, хокро бар сар задам.
Дар суроғи одамӣ, дар рӯзи равшан бо чароғ,
Хешро парвона карда, сар ба кӯю дар задам.
Гоҳ гоҳе бо дили афсурдаю фикри пареш,
Дар ҳавои базми ёрон, бода дар соғар задам.
Ёрии Ванҷӣ, ки рӯҳаш ҷовидонӣ шод бод,
Фикри нобашро шиоре, бар маҳу ахтар задам.

То ки бар Ояндагон бошад ҷиҳодам ошкор,
Саргузашти хешро бар сафҳаи дафтар задам.
Чун ғараз аз шеъри Комил, покиву озодагист,
Хомаи озодаро дар чашмаи Кавсар задам!
(Баҳори 2012)

**Иди наврӯзи Аҷам иди ҷаҳонӣ мешавад.**

Иди Наврӯзи Аҷам, иди ҷаҳонӣ мешавад,
Ин ҷаҳони пирро, рамзи ҷавонӣ мешавад.
Ҳикмати ин Рӯзро Ҷамшеди фаррухпай ниҳод,
К-одами миранда рӯзе ҷовидонӣ мешавад.
Илму фан меоварад, бар умри Одам рӯзи нав,
Нав ба нав зистан шиори зиндагонӣ мешавад.
Олами атроф ҳам з-ин ҷилваҳо маҳрум нест,
Чашми ибратбин агар дорӣ, айёнӣ мешавад.
Сабзаву гул дар чаман мафтуни ҳусни хештан,
Булбули шӯрида ғарқи шодмонӣ мешавад.
Ғунчаҳо бар лаб табассум рӯ ба сӯи Офтоб,
Боди Наврӯзӣ чу ояд, гулфишонӣ мешавад.
Ин биҳишти нақдро, гар шоире бинад, яқин,
Шавқу илҳоми заминаш, осмонӣ мешавад.
Бо назокатҳои худ, Наврӯз оламгир гашт,
Як ҷаҳони мо чӣ бошад? Сад ҷаҳонӣ мешавад!
(Баҳори 2012)

**Наврӯзи истиқлол**

Наврӯзи ман, наврӯзи ту, наврӯзи вай, наврӯзи мо,
Аз кӯи ҳиҷрон омада, ин шамъи худафрӯзи мо.
Эй ошиқон, эй ошиқон, ӯро пазироӣ кунед,
Фархунда бодо фурсате бар ошиқи имрӯзи мо.
Эй аз гулаш моро насиб, в-эй аз ҳавояш бахравар,
Эй кишти моро раҳмате, в-эй толеи фирӯзи мо.
Тарсам, ки бемеҳрӣ кунанд ин ошиқони нимахоб,
Афсурда гардад баъд аз ин армони ҳастисӯзи мо.
Моему кӯи ошиқӣ, бо ошиқони сахткӯш,

Бошад, ки наврӯзӣ шавад, имрӯзаву ҳар рӯзи мо.
(Баҳори 2012)

### Базми Наврӯзи Аҷам

Мо ба ин маҳфил насими кӯҳсор овардаем,
Аз дили лаъли Бадахшон як шарор овардаем.
Маҳфиле шоиставу боиста мебояд чунин,
Дӯстону ҳамдилон аз ҳар диёр овардаем.
Сархушӣ бодо ҳалолаш масти ҷоми ишқро,
В-андар ин хумхонаи дилҳо хумор овардаем.
Эй ҳарифон, як даме пайғоми дилро бишнавед,
Ёд аз фасли гулу меҳри нигор овардаем.
Эй худо, гар ишқ бахшӣ, бар нигори Ванҷ бахш,
З-он, ки сӯзи бекаронаш дар канор овардаем.
Зиндаю поянда бодо, базми Наврӯзи Аҷам,
Шеъри Комилро ба расми ёдгор овардаем.
(Баҳори 2012)

### Наврӯзи Ҷамшедӣ

Рӯҳи Ҷамшедӣ ҷаҳонеро зи нав бедор кард,
Олами афсурдагонро чун гулу гулзор кард.
Ҷоми Ҷамшедӣ таҷаллигоҳи маргу зиндагист,
Саргузашти одамиро мӯ ба мӯ изҳор кард.
Боди Наврӯзӣ паёме мебарад аз дил ба дил,
Ошиқонро волаю шайдои гулрухсор кард.
Номаи ишқу муҳаббат дафтари гулҳои тар,
Хомаи Наврӯз онро борҳо такрор кард.
Ҷашни Наврӯз ояте аз гавҳари хайр аст, хайр,
Ворисони Аҳриманро дар ҳама ҷо хор кард.
Ёдгоре аз ниёкон аст ин Наврӯзи мо,
Ҳикмати воломақомаш рахна дар афкор кард.
Базми Наврӯз аст шоҳи базмҳои ин диёр,
Кишвари Озодагонро ғарқ дар ашъор кард.
Базму шодию тараб зебандаву арзанда аст,

Дар чунин Ҷашне, ки оламро зи нав гулзор кард.
(Баҳори 2012)

### Бигзор шеъри Мавлавӣ…

(Мегӯянд ки донишманде дар Урупои имрӯз қурсе (таблеткае) ихтироъ намудааст, ки умри инсонро 800 сол дароз мекунад…Агар Мавлоно 800 сол пеш чунин қурсе истеъмол мекард, то ҳол зинда мемонд…)

Бигзор шеъри Мавлавӣ, аз қурси дармонӣ бигу,
Имрузу фардо мондаӣ, аз қабри зулмонӣ бигу.
Гирам ки бепарвостӣ, аз маргу миру нестӣ,
Эй Ғофил ибни Бедарак, аз рӯи нодонӣ бигу.
То чанд аз худ бехудӣ, овораи шеъру ғазал,
Ин худфиребӣ асту бас, аз дарди пинҳонӣ бигу.
Не бо Худӣ, не бо Худо, одам набошад инчунин!
Ё ҷовидон кун хешро, ё амри раббонӣ бигу.
Гар ҷовидонӣ мақсад аст, Комил дар ин дайри хароб,
Домони илми зист гир, ашъори ирфонӣ магу,
Тавҳиди Яздонӣ магу, тақдири Кайҳонӣ магу.
Танҳо ва танҳо баъд аз ин, аз Умри Инсонӣ бигу,
Аз Илми Кайҳонӣ бигу, аз Қурси Дармонӣ бигу!
(Баҳори 2012)

### Наврӯзи ман

Иди наврӯзи диёру гулшану гулзори ман,
Чашни фирӯзи нигору дилбару дилдори ман.
Эй сароғози туро Ҷамшеду Кайхусрав гувоҳ,
Эй далелу шоҳиди таърихи пурасрори ман.
Ҷустуҷӯи нав ба навро кардаӣ бар худ шиор,
Эй хушо ин фикри бикри миллати бедори ман.
Насли имрӯзи ҷаҳон ҳам рӯзи нав дорад умед,
З-ин таманнои бузурги мардуми солори ман.
Оташи Маздоии Наврӯз партав афканад,
Бар шабистони хаёлу зулмати афкори ман.
Комил ин айёму даври кӯҳнарӯзӣ бигзарад,
Дил гувоҳӣ медиҳад, ҳар лаҳза дар ашъори ман.

(Баҳори 2012)

***Мирзонасриддин САИДЗОДА навиcанда, барандаи ҷоизаи адабии ба номи С.Айнӣ***

## ШАЪНУ ШУКУҲИ АДАБИЁТИ ҚИРҒИЗ

Аз он рӯзе, ки устод Чингиз Айтматов аз мо ҷудо шуду, ба олами дигар рафт, аллакай ҳафт сол гузаштааст. Вале мо имрӯзҳо мебинем, ки он озодмарди равшанзамир давру бари моро бо қаҳрамонҳои пур аз ишқу орзуву ошуфтагиҳо чунон пур карда будааст, ки гӯё худаш ҳам дар ҳамин наздикиҳосту алъон ҳозир мешавад.

Мо тайи солҳои зиёд бо Ҷамилаю Донёр, Асалу Илёс, Олтинойу Душан, Тулғанойу Субҳонқул, Танабойу Ҷойдор, Бобои Мумин, Едигей ва дигарон бо ҳазорон ҳавасмандиҳо ва сипосгузориҳо шинос шудем. Ҳоло мо бо онҳо мисли ҳамсояҳои дарбадар ҳастем. Медонем, ки онҳо одамони бавиҷдон, шуҷоъ ва адолатҷӯй ҳастанд,дӯстшон медорем. Тавассути онҳо нависандаро ба таҳсину муҳаббат ёдовар мешавем.

Воқеан, устод Айтматов марди ситорааш баланд будааст. Дар оғоз тақдир ӯро ба одамони некхоҳ рӯ ба рӯ кард. Аз рӯзе, ки нависандаи франсавӣ Луи Арагон қиссаи "Ҷамила"-ро баргардон карду дар пешгуфтор навишт: "Баъде, ки достони ишқи Дониёру Ҷамиларо хондам, ин қадар аз худ бадар рафтам, ки дигар дар чашмам Парижи Гюгою Бодлер, Парижи подшоҳону инқилобҳо, Париже, ки ҳар сангаш қаҳрамонӣ ва афсонае дорад, нанамуд" .Айтматов ба ҳалқаи адабии ашрофонианқарибҷаҳон пайваст. Вале он вақт ба сифати як ҷавони сисола намедонист, ки он ҳалқаи орзубарангез,узвашроҳам шуҳратманд мекунад,ҳам бар дӯшаш бори гаронидар талош ва меҳнати ҷовидонро хоҳад афканд. Акнун ӯ мебоист дар асарҳояш ҳар ҳарф, ҳар ҳиҷоро даҳҳо

маротиба паҳлугардон ва ба ҳам ҳамсозу ҳамнаво карда, пас ба хонандапешниҳод намояд. Суҳбату мақолаҳояш бояд ба сухани тоза ороиш ёфта бошанд. Дар маҷлису маъракаҳо олимона сухан гӯяд. Ҳатто либоспӯшӣ, нигоҳ, оҳанги гуфторашро таъқиб хоҳанд кард. Оре, ҳалқаи ашроф мисли шишаи рангину пурҷило басонозук ва сахтгиру бераҳм аст.

Чингиз-оғо, ки соҳиби фазлу фаросат буд, инро зуд дарк кардаю нисбат ба худаш сахтгир шуд. Мо шоҳид будем, ки ӯ ин кӯраи сахт тафсон ва пур аз дӯсту душманро қадам ба қадам бо тавоноӣ ва зебоӣ паси сар мекард. Баъдан ҳар асареро, ки ба чоп мерасонд,ҳам дар ҷумҳуриҳои собиқ Шуравӣ,ҳам дар кишварҳои берун бо кунҷковию шавқмандиҳо истиқбол мекарданд. Маҷаллаю рӯзномае, набуд, ки дар он номи Айтматов набошад. Президентҳо, машҳуртарин олимону нависандаҳо ба ӯ роҳи дӯсти меҷӯстанд. Дар маъракаҳохузурашро орзу мекарданд ва гиромӣ медоштанд.Шоиру нависандаҳо кӯшиш мекарданд, ки исми Айтматов дар китобашон сабт шавад. Ин ном он китобро шухратёр мекард.

Ман аввалин маротиба ҳангоми дар Техникуми политехникӣ хонданам китоби устод “Роҳи каҳкашон”-ро, ки дар он чанд қисса чоп шуда буд, хондам ва нахустин маротиба таъсир ва қудрати руҳониисухани шахси нависандаро эҳсос кардам. Суханеро, ки ҳамроҳат мемонду бавиҷдон ва зебоипарастат мекунад. Қаҳрамонҳои ин асарҳо мисли хайли мурғоне буданд, ки гоҳу бегоҳ ба саҳни дилам фурӯд меомаданд: ханда, садо ва нағмаҳояшонромешунидам. Гоҳе садои гиряашон ҳам ба гӯшам мерасид. Ва фикрмекардам, ки оё ман ҳам чунин навиштаметавониста бошам? Ва расид рӯзе, ки китоби қисса ва ҳикояҳоям чоп шуд. Ин яқин аст, ки мисли ман касони аз китобҳои устод илҳому илтиҳоб гирифта зиёданд ва минбаъд ҳам зиёд хоҳанд шуд.

Дар хабарҳо мехонем, ки то имруз китобҳои устод ба 170 забони дунё тарҷума ва нашр шудаанд. Ин шумора, сол то сол меафзояд. Ин чунин маъно дорад, ки нависандаи пуркор ва пурғайрат обу офтоб, дашту саҳроҳои ватанаш,

одату суннат ватаърихи пурпечу тоби халқи қадимаашроба ин қадар мардуми олам ҳам шинос ва ҳамошною улфати ҷовидон кардааст. Ин корест, ки аз уҳдаи ҳеҷ як сипоҳва ё қувваи дигаре барнамеояд. Ва барҳақ гуфтаанд, ки Айтматов халқи кучакашро ба миллати бузурге табдил дод. Ана, нависандаи ҳақиқи чӣ касест! Ана, ин аст намунаи як нависандаи асил ва мардумӣ!

Донишмандони Урупо ёдовар мешаванд, ки камоли хираду маърифати мардуми мо аз шарқи куҳан аст. Дар асри XX ба шарофати китобҳои Чингиз Айтматов бо ҳаёту зиндагии мардуми Осиёи Шуравӣ шинос шудем.

Устод Айтматов, ки дар замони сотсиализим кору зиндагӣ карда буд, солҳои инқилоб, колхозсозии маҷбурӣ, замони ҷанг, душмантарошиҳоито ва баъди ҷанг, баъдтар давраи осоиш, ниҳоятбозсозию озодбаёнии Гарбачёвиродида, шароиту вазъиятро мушоҳидаву муоина карда, нӯшу неши замонашро чашидаю дар асарҳояшон рӯзгори пургиреҳ ва ҳам пурҳавасу пурасрорро бо асотиру ривоёту мӯъҷизоте, ки дар таърихи кишвараш, мисли маъдани куҳ қабат ба қабат хобида буданд, берун кашидаю ҳамаро дар силки гуҳар андохта,пешниҳоди оламиён кард.

Танҳо шахсе, ки дӯстдори ҳақиқии халқу ватанаш аства аз адабиёти ҷаҳон огоҳӣ аз уҳдаи дорад чунин кори мушкил, вале миллатсоз баромада метавонад.

Ман ин ҷо ҳаргиз нияти арзёбӣ ва баҳо додани асарҳои устод Айтматовро надорам. Ҳанӯз дар даврони барҳаёт будани ин корро бисёри адабиётшиносони кишварҳои олам мекарданд. Аз байни қаторикитобҳо ба фаҳмишашон маънӣ меҷустанд ва мо онҳоро мехондем. Ин ҷо танҳо аз қиссаи “Алвидоъ, Гулсарӣ” ҳамчун хонанда дарку дидаеро, ки бардоштаам, ба таври худ баён мекунам.

Нависанда дар қисса ҳаёти одамони колхозӣ ва ҳақиқати зиндагии дар дилу ҷони халқ нишастаи солҳои СССР-ро тасвир менамояд

Қаҳрамони асар Танабой аз гурӯҳи фаъолон буд, табиатан марди беқарор аст. Вай дар айёмиҷавонӣ, ки дар даргоҳи бойе ғуломӣ карда буд, ба сохти нав, ки “ҳама

баробар зиндагӣ ва ҳукумат мекунанд", мегуфтанд, сахт дил басту бо тамоми ҳастияш ба пешравии онҳаёти нав миён баст. Дар ин роҳ ҳатто бародарашро рӯи хотир накарда, ба рӯйхати бойҳо дохил кард, то ки кори колхоз рӯз то рӯз беҳшаваду ба чашми душманони ин сохт мардона нигарад. Ва ҳамзамон ба кадом соҳае, ки кораш қафо мондааст ва ё касе ба он ҷо рафтан намехоҳад, Танабой бо супориши ҳизб меравад.

Маълум аст, ки дар он замони навсозӣ баробари дигаргуниҳо, ба гуфти худашон, каҷравиҳо низ рӯй медоданд. Равиши кор чунин буд, ки дар қатори бойу муштамзӯрҳо касбу ҳунарҳои қадимаро низ "инҳо дақиёнусианд" гуфта,нест мекарданд. Вале баъде, ки худи Танабой ба ҳаёти воқеӣ рӯбарӯ шуд, фаҳмид, ки зиндагӣ қирраҳои зиёд ва басо тез доштааст. Он чизҳое, ки нест кардан, ҳама аз таҷрибаиҳаёт гузашта, суфта шуда, зиндагии одамиро нуру сафо мебахшиданд.

Танабой супориши ҳизб галабон шуд ва ҳам раиси комиссияи тафтишотӣ буд. Ҷавон ки буд, ҳама корро саранҷом мекард. Ҳар вақте, ки лозим мешуд аз назди гала ба деҳа, ба маҷлису маъракаҳо меомад. Бо аспи дӯстдоштааш Гулсарӣ, ки худаш ба воя расонда, саворӣ карда буд, дар бозиҳои бузкашӣ, пойгаҳо иштирок кардаю ҷойи аввалро соҳиб мешуд.Ҳам номи худаш ва ҳам номи аспаш вирди забонҳо буд. Аз кӯчаҳои деҳа ки мегузашт, зану мард бо ҳавас ба худашу аспаш менигаристанд. Гоҳе шабҳо дар деҳамемондва пинҳонӣба назди зане, ки дӯст медошт, мерафт. Пас бо супориши партия чӯпон шуд. Раиси колхоз рафиқаш Чоро гуфт, ки ҷавонҳо ба кори чӯпонӣ намераванд. Чун аз ҷониби колхоз ёрӣнамерасид, ҳама корро ҳамроҳи занаш Ҷойдорба субут мерасонданд.

Дар қисса чунин лаҳзаеҳаст:

"Ними шаб шудаасту бориши барфу борон бас намекард. Селоба қӯраю гусфандхона, хаймаи чӯпонро зер кард. Фарши гӯсфандхона аз об пур шуд. Танабой ҳамроҳи ёрдамчиҳо баррачаҳои нофармонранги ба даруни кулмаки

сард ва лойи омехта бо пору афтидаро ба хаймаи кӯҳнашуда, ки аз ҳар ҷояш мечакид, мекашонанд”.

Ана дар чунин лаҳза дар ботини Танабой аз кутаҳфикриҳои дар гузашта кардааш хурӯшу ғавғо талотум мекунад . “Худат ҳам сабабгори нест кардани ҳунарҳои қадима будӣ. Дар маҷлиси комсомолӣ нутқ кардӣ: хаймаро нест кардан даркор, то кай ба таври кухна зиндагӣ мекунем?! Хуб, ки ҳамин як хаймаи кухна аз галабони пештара монда будааст. Агар хаймаи брезентӣ мешуд, пас медидӣ ҳолата...”

Давоми шаби чӯпон:

“Барраҳои ба хайма кашонда беист маҳастмекарданду дод мезаданд. Як қисмашон ба касалии исҳол гирифтор шуда, бадани ҳамдигарро меолониданд. Бӯйи бад касро нафастанг мекард”. Танабой ҳамчунон дар ботлоқи саргину шошаи гусфандон то ба зону ғӯтида, чалап-чалапкунон барраҳои мурдаро даста-даста бардошта, бароварда дар пушти девори гӯсфандхона мепартофт ва худро таъна мекард:

“Аз минбар баромада ваъда додӣ: ман чорводори пешқадам ҳастам. Дар назди ватан ва партия қавл медиҳам... Ана акнун ба қавлат вафо кун, маҳмадоно!”

Баробари дамидани субҳ Танабой манзараи ғайритабиӣ ва мудҳишро мушоҳида мекунад.

“Мешҳои буғӯз, ки дар кӯраи кушод дар зери барфқарор доштанд, ҷоғашон шах шудааст. Онҳое, ки нав зоидаанд, пайкари ларзону хурдакаки баррачаашонро, лесида тоза мекарданд. Баъзеро дард гирифтааст. Гӯсфандҳое, ки барраҳои мурдаашонро бурда партофта буданд, аррос задаю ба ҳар сӯй метохтанд...”

Сарвати колхоз дар пеши чашми Танабой нобуд мешуду ӯ коре карда наметавонист. Вай аз ҳамаи бохту ноомади колхоз ғам мехӯрд. Ғам мехӯрд, ки солҳо мегузаранду ҳеҷ не ки корҳо ба сомон расонад. Ғам мехӯрд, ки мардум зиндагии хуб надоранд. Ғам мехӯрд, ки одамони бегонаро оварда, раис мемонанд, онҳо сарам-дилам кор мекунанд. Ва ниҳоят рӯзе мерасад, ки Танабой аз колхозу кораш, аз зиндагии пурмашаққат ва беқадру бефарҷомаш дилгир ва ноумед

мешавад. Ин ҳолат дар утоқи кории котиби райком рӯй медиҳад.

Он ҷо барои муҳокимаи чӯпони коммунист Танабой Бакасов ҳафт нафар аъзои бюро ҷамъ омадаанд.Танабой, прокурорро, ки ба назорати кори чорводорӣ ба назди рамаи онҳо омада буд, бо панҷшохазаданӣ шудааст.Инак, котиби райком бо қиёфаи пурғурур нишастааст. Вай ба чӯпон назарногирона менигарад. Прокурор каси хавфнок аст, бояд тарафи ӯро гирад. Дар он бюро чеҳраи тиратарин чеҳраи прокурор буд. Ӯ нисбат ба котиб хуш надорад. Зеро ӯ ҳафт сол боз пракурор асту ӯро сарфи назар карда, аз дигар ҷо котиб оварданд. Ана дар ҳамин ҷо ду шахси бонуфузи район баҳри талоши мансаб Танабойро қурбон мекунанд. Касе ба ёд намеорад: баҳри ватан ё ҳизб кӣ чӣ коре хубе кардааст.

Танабой ҳарчанд бо сари хам нишастааст, зоҳиру ботини ҳаммаслакҳоро мебинад. Дилаш огоҳӣ медиҳад, ки тарафдориаш намекунанд. Прокурор дар номае, ки бар зиддаш навиштааст(номаро котиб хонд), чунон суханҳое ёфтааст,ки моту мабҳут мемонӣ. Навиштааст, ки "Бакасов ба сохти сотсиалистӣ нафрат дорад. Мо бояд донем, ки дар байни мо ӯ чанде аст ё ба худ ҳамфикру ҳаммаслак ҳам дорад?" Он номаи даҳшатангез ҳамаро тарсонд. Фақат ҷавони лоғарандоме, ки дар сари синааш нишони комсомол дошт,бо содагие, ки хоси ҷавонӣ аст, тарафи Танабойро гирифта, бо прокурор баҳс кард: "Шумо чӣ ҳақ доштед, ки аҳволи чӯпонро напурсида, дарҳол ба таҳқир шуруъ кардед? Ҷойи ту сафи ҳизб не, ҷоят зиндон гуфтед!" Охируламр котиб корротарзе сохт, ки бо овози бештар Танабойро аз ҳизб хориҷ карданд. Танабой аз ҳамаи он чи ки тамоми умр ба он умед дошт ва барояш давутоз мекард, ноумед шуд. Ва дар ботин ба худ муроҷиат мекунад: "Охир аз он шабҳои барфолуд, ки дар қӯраҳои пурлой афту хез карда, барраҳоро ҳифз мекардӣ, ин ҷо касе парво надорад, - ку. Ман аҳмақ будаам, ки ғами колхоз, ғами пешрафти ҷамъият, ғамимешу барраро хӯрда, умрамро хазон кардаам... Ӯ аз назди ҳамсафон мисли каси тирхӯрда берун меояд. Аз таҷриба медонад, ки минбаъд зери таънаи дӯсту душман хоҳад монд.

Медонад, ки ҳатто атрофиёнаш ба ӯбо чашми таҳқирхоҳанд нигарист. Ба бошишгоҳ баргашта, худкушӣ карданӣ мешавад. Лаҳзае чанд мегузараду ба худ меояд ва бемаъногии нияташро дарк мекунад. “Оё меарзад, ки барои прокурор шудааз ҳаёте, ки ба кас фақат як маротиба насиб мешавад, худро маҳрум созад?”.

Аслан ба осори устод Айтматов назар андозем, мебинем, ки ҳаёти аксари қаҳрамонҳо бо озурдагиву фоҷиа анҷом мепазирад. Дар яке аз суҳбатҳо худи устод ҳам мегӯяд:“Ман ҳаётро бештар дар фоҷиа эҳсос мекунам. Аммо анҷомаш бояд ғояи некбинона дошта бошад”.

Нависандаи дурбин ҳамон вақт мушоҳида кардааст, ки мардуми одӣ ба корашон, ба давлату ҳизб содиқанд. Бархе аз раису прокурору котибҳо даруғгӯйу риёкоранд. Дар ғами ҷоҳу мансабанд. Харобии давлату давлатдорӣ аз дасти ҳаминҳо оғоз мегирад.

Мо баъдҳо дар солҳои 80-ум медидем, ки пешвоҳои баландмақом, як гурӯҳ мӯйсафедони ҳушбохтаю мағзҳошон хушкшуда ҳеҷмансабро аз даст додан намехостанд. Оқибат давлати муқтадирро ҳамонҳо худашонбарин фалаҷу нокора кардаю ба нестӣ расонданд. Қаҳрамони дигари асар Ҷойдор зани Танабой аст.Ҷойдор тимсоли зани бораъйю тадбири шарқ аст. Вай ба шавҳар аз ишқу вафо, бевафоӣ, аз несту ҳасти рӯзгор шикоят намекунад. Кори рӯзгорро бештар мустақилона ва бо назокату фурӯтании хос саранҷом мекунад ва ҳам маслиҳатчии бовафои шавҳар аст. Аммо ҷояш ояд, ҳукмашро мегузаронад.

Боре қосиде хабар меорад, ки рафиқи Танабой Чоро дар бистари марг асту Танабойро ба наздаш даъват кардааст. Танабой, ки баъди аз ҳизб хориҷ шудан аз Чоро ранҷидахотир буд, “Ман духтур нестам, рафта наметавонам” мегӯяд.

-Меравад, -мегӯяд зан, хиҷолатманд шуда ва баъде, ки қосид меравад, илова мекунад: - Андеша кун Танабой, рафиқат дар дами марг аст.

-Андеша- пандеша намекунам,- мегӯяд Танабой ва сӯйи гусфандхона меравад.

Зан мӯзаю ҷомаашро оварда, наздаш гузошта, илтиҷо мекунад: “-Танабой, азизам, аламатро ба ман мону рав”.

Баъд зан боз меояд ва мебинад ки Танабой либос напӯшидааст, ба сахтӣ фармон медиҳад:

-Ҳанӯз либосатро напӯшидӣ? Хез, зуд пӯш!

Танабой дигар аз амри зан сар печида наметавонад. Либос пӯшида, ба деҳа меравад. Вале дӯстро зинда дарнамеёбад, ба ҷаноза мерасад.

Агар Танабой ба ҷаноза намерасид, боқии умрашро бо дили харошу пушаймонӣ мегузаронд ва ҳам зери бори маломат мемонд.Ба ҳар коре, ки мард сарфи назар карданӣ мешавад, Ҷойдор роҳ намедиҳад. Зан қадри шавҳарро азиз медорад. Гоҳе, ки шавҳарашро дар андуҳ мебинад, дар гӯшае нишаста,чангашро менавозад. Ӯ медонад, ки ин савти қадимаи бодиянишинон ба Танабой хушоянд аст...

Ҷойдор мактабу мадраса нахондааст, вале бо гувоҳии дил ва ҳиссиёти занонааш оқибати корҳоро дониста, онҳоро пештар ба ифоқа меорад. Чунин аст, ки Ҷойдор дар назди хонанда чун зани маҳбубу муҳташам ҷилва мекунад.

Дар ин қиссаи дилангез, ки дар замонаш дар олам ғулғула андохта буд,ҳамаи қаҳрамонҳо бо касбу кору хислатҳояшон сахт хотирмонанд. Ҳам аспи дӯстдоштаи Танабой Гулсарӣ, ки “ баробари қурси офтоб болзанон дар сари куҳҳо парвоз мекунад”, дар ҳамаи пойгаҳо, бозии бузкашӣ ҷойи аввалро мегирад, ҳам Иброҳими чоплус, ки ба хотири ширин кардани худашГулсариро “юрғаи хуб дорад” гуфта, ба раиси колхоз пешкаш мекунад. Асп аз охтахонаи колхоз ҳар вақт гурехта, назди гала меояд. Бо маслиҳати Иброҳим аспро ба зурӣ хобонда, ахта мекунанд. Ин инсон барои он, ки мансабашро аз даст надиҳад, ба як махлуқи безабон чунин ҷафоро раво мебинад.

Шостакович Дмитрий Дмитрович, шахси муътабари замонаш, дар номае ба рафиқаш менависад: “Қиссаро се маротиба хондаю танҳо дар дафъаи чорум ба худ қувва пайдо карда он ҷоеро, ки Гулсариро ахта мекунанд, хондаю худро аз гиря кардан базӯр доштам”. Урусевский низ бад-ин мазмун ба нависанда номае менависад.

Нависанда, ки баҳушу бадониш будани хонандаашро медонад, аз таҷриба ба ҳамқаламонфикрашро мегӯяд.

“Адабиёт бояд фидокорона борашро кашад ба мушкилиҳои ҳаёт ҳарчи бо диққат муносибат бикунад то ки инсон он амалҳои хуби дар худ, дар дигарон, дар ҷамъият, бударо, донад, дӯст дорад ва онҳороқадрдонӣ намояд. Вазифаи аслии санъатро ман дар ҳамин мебинам”.

Асари нависандаи тавоно раҳмати Эзидист. Мардумашро ӯ аз асли воқеаҳои замонаш огоҳ мекунад. Ғурур ва тавоноӣба онҳо мебахшад.Паёми фардоро медиҳад:

Дар китобҳои Устод чунин суханҳои ҳакимона, ки нерӯи хуфтаро бедор мекунанд, зиёданд.

-Чи илоҷ, ки ними умри инсон бо орзу мегузаштааст. Эҳтимол зиндагӣ аз ҳамин сабаб ҳам ин қадар ширин бошад, ки орзу дорад.

-Модом, ки макнуноту розҳои дили худро ба рӯйи худ ошкоро гуфта метавонем, пас барои фардои худ иқтидоре дорем.

-Молатро бигиранд, намемурӣ, боз меёбӣ. Аммо агар номусатро поймол кунанд, дигар дармон нест. (Дуроҳаи буронӣ)

Аммо касе ки аз кори адабу адабиёт хабар дорад, медонад, ки дар офаридани асаре, ки писанди ҳамагон бошад, ба ғайр аз донишу таҷрибабоз чандин чизҳои дигар ҳам лозим аст.

Дар байни халқ одамони шуҳратёрро“назаркардаи Худо” мегӯянд. Дар русҳо ҳам чунин мақоле ҳаст: “Илҳом туҳфаи Худованд аст”.Ва ин ҳақиқат аст. Чингиз-оғо дар ёддоштҳояш меорад: “Соли пурҷафои 1943 говамонро ягона манбаи зиндагиамонро дузиданд. Ба нияте, ки говдуздро ёфта паронам,туфангро гирифта дашту пуштаҳоро хеле кофтам. Рӯзи кутоҳи зимистон ба поён меомад. Ногоҳ муйсафеди харсаворе рӯ ба рӯям омад. Дар сар кулоҳи қирғизии ҷой-ҷой мӯйи рехта дошт. Ман банди фикрҳои худ сархам гузашта рафтам. Сипас овози мӯйсафедро шунидам: “Писарам ист,саросема куҷо равонаӣ?” Аҳволро

фаҳмондам.Мӯйсафед гӯш кард,харашро наздиктар ронда гуфт:

-Ман азоби туро мефаҳмам. Ғами ту охир надорад. Аммо ту фикри куштанро аз сарат бирон. Бадкардаро бадӣдар синааш мемонад. Хоб равад, бихезад, ҳамроҳаш аст. Ту, ки фикри куштанро аз сарат берун карда, хона рафтӣ, осудагию хурсандӣ ба дилат роҳ меёбад". Аз ин суханҳое, ки ба нармӣ гуфта, шудаю ғазаби Чингизи ҷавон паст шуда, аз роҳ мегардад. Чанд қадам зада, ба пас менигарад: мӯйсафеду хараш дар ҳеҷҷое наменамуданд.

Чунин воқеа бо тарзу ранги дигар ба нависандаи машҳури рус Михаил Шолоховниз руй додааст. Дар китоби таърихнигор Варансов А.В. "Михаил Шолохов.Асрори адабиёти даврони Шӯравӣ" ин ҳолат оварда шудааст.

Албатта назари неке аз ҷониби осмон ҳам буд, ки он азизони рафта дар овони ҷавонӣ нависандаҳои ҷаҳонӣ шуданд.

Воқеан устод Айтматовро тақдири ҳавасбарангезе насиб будааст. Бо аввалин қиссааш машҳури олам шуд. Ба зеботарин духтари қирғиз Бибисоро дилбасту ҳарду саршори ишқи ҳақиқӣ шуданд: ин ишқ, ин чашмаи зиндагии ширин ва илҳому иқболбаҳамаи асарҳояш таъсир гузошт. Ӯ узвиклуби Рим буд. Онҷо нобиғаҳоҷамъ меоянд. Ва ҳам узви академияҳои номдори олам, барандаи бисёр ҷоизаҳои байналмилалӣ:Академикиҳам умумиевропоӣ, ҳам умумиҷаҳонии илм ва санъат дар Стокголм ва Париж: дорандаи медали калони тилоии ба номи Эйнштейн, дорандаи ҷоизаҳои байналмилалии ба номи Гюго (Франсия), Этрурий(Италия), ба номи Ҷавоҳирлаъл Неру(Ҳиндустон), профессори фахрии бисёр донишкадаҳои номӣ. Қаҳрамонӣ меҳнати сотсиалистӣ(1978), Қаҳрамони Қирғизистон (1997), Президенти форуми байналхалқии Иссиқ-кул.

Дар форуми Иссиқ-кӯл, ки соли 1986 баргузор шуда буд, устод Айтматов дар суханрониаш гуфта аст: "Ояндаи инсоният набояд фақат ба қонуну қоидаи президентҳову сиёсатмадорон вобаста бошад, балки андешаи инсони соҳибақл,тасаввуру тадбири халқҳо, ташаббусу кашфиёти

олимон, орзуи шоирон ва мардуми одӣ, метавонанд таъсири аввалиндараҷа дошта бошанд”.

Тақдир ӯро ба одамони донишманд корафтод кард. Ба Мухтор Авезов, Александр Твардовский, Луи Арагон, Мирзо Турсунзода...

Боз кори зебо ва заруре, ки мекард ин буд, ки асарҳояшро ба забони русӣ менавишт.

Аз рӯи маълумоти ЮНЕСКО Чингиз Айтматов яке аз нависандаҳои классики ҳозиразамон мебошад, ки хонандаи зиёд дорад.

Мардуми Тоҷикистон устод Чингиз Айтматовро аз нависандаҳои худашон ҷудо намекунанд. Ин ҷоба ғайр аз романи “Аломати Кассандра (Тавро Касандра)” дигар ҳамаи асарҳои ӯ то хурдтарин ҳикоя тарҷума ва нашр гардидаанд. Мудом китобҳояшон чоп мешаванд. Ҳатто одамони одӣ агар китобҳояшро аз мағозаҳо наёбанд, дарҳол садо баланд мекунанд: “Чаро китобҳои Айтматов нестанд?”

Оре, ҷойи шахсоне, ки тавоноии гуфтани ҳақиқати зиндагиро доранд, дилу дидаи ҳамаи мардумони олам аст. Онҳо ба фарзандони башарият табдил меёбанд.

Солҳо мегузаранд, таърихнигорон кору пайкорҳои халқҳоро давра ба давра таҳлил намуда, осори Чингиз-оғоро рангину дилошӯб ёфта, хоҳанд гуфт: Асри XX барои халқи қирғиз асли тиллоӣ будааст!!!

*Таджиддин Мардони, доктор филологических наук*

# ИССЛЕДОВАНИЯ ОБ ИРАНЦАХ И ТАДЖИКАХ В ИСТОРИОГРАФИИ ЕВРОПЫ

Санавбарбону Вохидова, доктор исторических наук, «Развитие иранистики и таджиковедения в историографии Европы» (XV – начало XXI вв)- Душанбе: Эр-граф, 2015, -504 с

На протяжении всей истории человечества, народы мира проявляли друг в другу живой интерес, хотели знать о географических и климатических условиях жизни друг друга, об истории производственно-экономических и социальных отношений, образе жизни, государственном устройстве, национальных языках, верованиях, культуре, характере, обычаях и обрядах друг друга и о многом другом. При этом преследовались самые разные цели: от установления торгово-экономических до реализации экспансионистских намерений. Подобные знания народов друг о друге постоянно накапливались и со временем превращались в определённую отрасль, страноведческой науки название которой связывалось с той или иной страной, например отрасль науки, изучающей все, что связано с Ираном, стало называться «иранистикой» или «иранологией», отрасль, исследующая все, что касается таджиков и Таджикистана, «таджиковедением». А о том как зарождались и развивались эти отрасли, вошедшие в такую обширную область наук как востоковедение, мы можем узнать из работ, относящихся к числу исследований по истории востоковедения.

В предлагаемом Вам комплексном монографическом исследовании рассматривается деятельность важнейших ориенталистических центров Европы (преимущественно Германии, Австрии, Швейцарии), которые традиционно занимаются

исследованием актуальных проблем востоковедения, языков и литератур, культурологии и политологии. В течение многих лет, автор изучал данную проблематику в центрах ориенталистики Берлина, Лейпцига, Халле-Виттенберга, Гёттингена, Гамбурга, Бонна, Вены и Кракова, во время стажировок, научных командировок, в архивах, библиотеках университетов, собраниях немецкой государственной библиотеки Берлина, Бранденбургской Академии наук, во всемирно-известной библиотеке Готта, в собраниях австрийской Академии наук, одном из старейших университетов Германии –Карла-Августа, в Гёттингене, а также в известных собраниях Парижа. Ею был собран богатейший научный материал.

Одной из крупных работ подробного плана, вышедших в последние годы в СНГ, является книга таджикского ученого-востоковеда, доктора исторических наук Санавбарбону Вохидовой «Развитие иранистики и таджиковедения в историографии Европы (XV-начало XXI вв.»-(Душанбе :Эр-граф 2015 -504 стр). С.Вохидова вполне объективно утверждает, что западные исследователи всегда подчеркывают, что безусловно, всегда существует взаимная востребованность и взаимное притяжение материальной и духовной культуры разных народов. Частью подобных исследований является изучение проблем иранистики и таджиковедения немецкоязычными ориенталистами, которые одним и из первых в Западной Европе создали научные центры и школы, исследующие различные направления востоковедения, в том числе иранистики и таджиковедения. Анализируя исследование немецкоязычных ориенталистов Европы, автор монографии приходит к выводу, что главный научный интерес для них представляют язык, литература, искусство, философия, политическая и экологическая и правовая история персоязычных народов.

Критически подойдя к изысканиям и концепциям западноевропейских авторов, писавших о проблемах иранистики и таджиковедения, С.Вохидова делит историю этих изысканий на пять основных этапов, на протяжении которых они зарождались, формировались, превращались в конкретные научные отрасли и направления, развивались.

Она отмечает, с одной стороны, проблемы, которые занимали умы европейских ученых на том или ином этапе, а с другой, называет имена конкретных ученых, добившихся значительных результатов в исследовании этих проблем, перечисляет их труды, дает развернутое изложение их работ, выносит им объективную научную оценку.

С.Вохидова в главе первой своей книги представляет как специалистам, так и массовому читателю, обширную информацию об истории становления и развития научных центров немецкоязычной ориенталистики Европы. Все эти центры прошли весьма тяжелый путь прежде чем превратились в полноценные научные учреждения, в частности, в университеты, ассоциации, академии, институты и т.д. Например, историю Института иранистики расположенного в Геттингене, принято считать с 1903 года. Основание его связано с именем известного ученого–ориенталиста Фридриха Карла Андреаса, возглавлявшего тогда кафедру западно-азиатских языков и воспитавшего целую плеяду выдающихся ориенталистов, в том числе Б. Хеннинга, В.Хинца и других.

Кстати, Вальтер Хинц был одним из известнейших иранистов Европы, обладавшим широким научным интересом, продолжившим исследования своего предшественника Г.Шедера по иранской проблематике.

Надо сказать, что С. Вохидова дала целый ряд портретов европейских востоковедов –иранистов, коротко охарактеризовав их наиболее значимые труды и объективно оценив вклад каждого из них в дело изучения исторического экономического и культурного наследия доисламского, исламского и современного Ирана. Особо примечательно что она освещает основные направления научной деятельности называемых ею востоковедов и тематику их исследований. Она перечисляет основные научно – исследовательские центры и учебные заведения, где проводились иранистические и таджиковедческие исследования, функционировали многообразные кафедры, на которых работали не только европейские ученые ,но стажировались многочисленных специалисты, аспиранты из самых разных стран Европы, Азии и Африки.

Чтобы читатель имел представление о научно – организационном строении хотя бы некоторых востоковедческих учреждений автор книги показывает их структуру. К примеру, Институт восточных и азиатских наук Боннского университета включал 12 отделов: юго-восточно-азиатских наук, исламских наук, религиозных наук, азиатской и исламской историй искусства, идеологии, исламского и ближневосточного языков, японологии и корееведения, монголоведения и тибетологии, синологии и китаистики и тд. Несмотря на сходство названий некоторых отделов, они решали разные задачи.

Примерно таковыми были структуры других научных центров и университетских научных учреждений как в Германии, так и в Австрии, востоковедные центры, которой также внесли ощутимый вклад в развитие европейской тюркологии, иранистики и арабистики. Во всех них функционировали крупные иранистические подразделения в которых работали ученые, специализировавшиеся по разным направлениям иранистики и таджиковедения.

Востоковедческие центры существовали и в Швейцарии, которая дала миру целую плеяду блестящих ученых, одним из которых является автор блистательной книги «Мусульманский Ренессанс» Адам Мец.

Таким образом, в первом разделе своей монографии С.Вохидова дает, можно сказать, полный очерк истории становления и развития немецкоязычной ориенталистики Европы, где определенное место занимают иранистика и таджиковедение.

В монографии уделено значительное внимание исследованию европейскими востоковедами таких выдающихся литературных памятников как «Авеста», «Шахнаме» и другие, а также проблем духовной культуры иранцев и таджиков, которые по словам автора, «стали великолепными литературными памятниками мировой цивилизации. В частности, мы поддерживаем утверждения автора о том, что хотя Авеста была обнаружена и переведена французом Анкетил дю Перроном, но только «младограмматической» школе, удалось внести ясность в авестийские тексты и поставить изучение как грамматики, так и лексики Авесты на твердую непоколебимую основу. Что касается поэмы «Шахнаме» Фирдоусы, то достаточно напомнить, что Европа ознакомилась с нею благодаря немецкому

путешественнику XVII века Адаму Олеариусу. За прошедшие около 300 лет «Шахнаме» неоднократно переводилась частями и целиком, к ней составлялись философские, литературные, и лингвистические комментарии и словари, сложилась огромная историография этого замечательного памятника восточной цивилизации, что нашло отражение в работе автора. Особенно интересным является вывод автора, который сравнивает Фирдоуси с великими художниками эпохи Ренессанса – Леонардо да Винчи, Рафаэлем, Клодом Манэ и Пикассо, ибо они будоражили окружающий мир, оставаясь в сердцах людей не только европейского, но и всего мира в целом.

В самом начале XIX века европейские ученые, наряду с иранистическими изысканиями, стали предпринимать первые попытки литературных переводов произведений классиков персидско–таджикской поэзии с языка оригинала. Одним из первых к переводу приступил выдающийся ученый-востоковед Хаммер Фон Пургшталь, опубликовавший в Вене в 1813 году «Попытки перевода «Шахнаме», перевод стихов Хафиза, «Историю 200 красноречивых персидских поэтов». Позднее появились переводы стихов Мавлана Джалалуддина Руми.

Большое внимание европейское, в частности, немецкоязычное востоковедение уделяло сбору, каталогизации и изучению восточных рукописей. Например, в Берлинском собрании восточных манускриптов Академии наук содержатся рукописи, количественно превосходящие число рукописей, хранящихся в книгохранилищах Лондона, Парижа и Санкт-Петербурга вместе взятых. Именно эти рукописи легли в основу многотомного каталога «Истории арабской литературы» Карла Броккельмана, опиравшегося на 10 –томный «Каталог арабских рукописей» Альвардта Вильхельма. С.Вохидова приводит огромный объем интересной информации об основных рукописных хранилищах Германии и Европы, где содержатся сотни тысяч ценнейших рукописей, многие из которых еще не описаны. Знакомясь с этой информацией, читатель должен преклонить голову перед тем учеными, которые собрали и сохранили для будущих поколений это бесценное научное и культурное наследие, кладезь человеческой мысли, продукт его ума и труды, которым ныне пользуются новые поколения исследователей. Еще большей

благодарности заслуживают те, кто делает нам доступным это наследие.

Одной из острых проблем в мировом, в частности европейском востоковедении, является проблема персидского языка, его происхождения, ареала распространения, развития соответственно географическим регионам, различия по диалектам и говорам, возникновению и становления письменности и др. Автор монографии подвергла тщательному анализу не только труды немецкоязычных ориенталистов по этой проблематике, но показала их конкретные идеи и версии о взаимосвязи литератур фарсиязычных народов, об историческом соотношении персидского и таджикского языков, о культурном взаимоотношении иранцев с народами сопредельных стран.

Особый интерес у всех ученых –востоковедов вызывает проблема взаимоотношении Ирана и Турана. К сожаление, некоторые так называемые ученые противопоставляют Ирану Туран как неиранское государство, считая туранцев древними тюрками. Однако С.Вохидова на основе объективных исследований европейских ученых реально продемонстрировала, что туранцы это неотъемлемая часть арийской нации, имеющей язык аналогичный языку древних иранцев.

С.Вохидова обращает внимание на то, что немецкоязычные востоковеды склонны увязывать исторические проблемы с современными, что имеет некоторое основание. Так, неверное толкование слова «Туран» привело к тому, что оно стало восприниматься как «Страна тюрков» отчего впоследствии и получила название «Тюркестан». Немецкие ученые П.Г. Гейсс и К. Пандер в своих исследованиях наглядно показали, что территориальное деление Средней Азии представляет собой жонглирование и импровизацию, когда были допущены грубейшие ошибки в установлении границ между Таджикистаном и Узбекистаном .Тем не менее, европейские ученые отмечали, что, невзирая на то, что пантюркисты начисто отвергали существование таджикского народа, не говоря уже о роли таджиков в развитии культуры, литературы, искусства, науки, архитектуры и других

областей жизни народов  Средней Азии. Автор монографии на основании объективных исторических данных и беспристрастных изысканий немецких ученых показывает, что таджикской народ является древнейшим народом на территории Средней Азии, таджики на протяжении всей своей истории передавали свою культуру и традиции соседствующим тюркоязычным народам, всегда были толерантны к государствам –соседям в Центральной Азии.

Автор правильно отмечает, что иранцы и туранцы, имея общие арийские корни, единый язык, ещё в древности сформировали свои культуры, которые взаимодействовали и обогащали друг друга.

Известно, что предания о древнем Иране и Туране отражены также в художественных и научных произведениях таких великих ученых и поэтов, как Дакики, Фирдоуси, Бал’ами, Беруни и др. Автор монографии С.Вохидовой особо подчеркивает заслугу немецкого ученого К.Пандера, который отмечает, что благодаря находкам советских археологов Пенджикент был назван одним из «несравненных» городов Центральной Азии.

Четвертая глава монографии посвящена «немецкоязычной историографии о выдающихся  представителях таджикско-персидской литературы» отражает исследование многих немецкоязычных ориенталистов, таких, как Ф.Рюккерт, Х.Эте, Т.Нольдекс, А.фон Шак, И.Горессе, В.Хейдуксек, Д.Хейдуксек, А.М.Шиммель и других, которые занимались творчествами Рудаки, Насира Хусрава, Омара Хайяма, Хафиза, Дж.Руми. Автор справился с этой задачей, превосходно. Последний параграф полностью посвящен проблемам современного Таджикистана. Автор весьма интересно излагает вопросы этногенеза таджиков и их влияние на образ жизни тюркских народов Центральной Азии, а также современным проблемы Таджикистана и перспективы его развития. В частности, можно отдать должное утверждениям немецкоязычных авторов о важности правильного использования водных энергоресурсов для экономического прогресса Таджикистана.

Проявлением высокой научной плодотворности автора является воспроизведение биографий и жизнеописаний великих исторических личностей – историков, дипломатов, немецких, французских, итальянских и английских ориенталистов, внесших

свой вклад в изучение богатейшей литературы и источников по истории, культуре, языкам, обычаям и религии персоязычных народов. На этих страницах можно узнать много интересного о жизни великих людей, познакомится с их творчеством, ставшим достоянием всех народов. Их биографическое жизнеописание с легкостью позволяет понять мотивы творчества знаменитостей. Жизнеописание в ее изложении не перегружены отвлечёнными рассуждениями.

Вахидова Санавбарбону проделала огромную работу переработав колоссальную массу разноязычных источников и исследовательских изысканий, показав грандиозный труд европейских, в особенности немецкоязычных ученых-востоковедов, проделанный ими в области изучения истории и культуры иранцев и таджиков. Их статьи и книги по иранистике, частью которой является и таджиковедение, дают нам иранцам и таджикам, возможность узнать о нас самих очень много нового. Эту возможность своей замечательной научной монографией предоставила нам ученый –востоковед доктор исторических наук, заведующая отделом Европы и Америки Института Азии и Европы АН РТ Санавбарбону Вохидова, которая надеемся, еще не раз порадует нас своими научными открытиями.

Вне сомнения, монография С.Вохидовой серьёзный научный труд, комплексное исследование, которое теоретически обобщает и решает крупную научно-историческую и историографическую проблему, имеющую важное социально-культурное и общественно-политическое значение.

Разумеется, в ограниченных рамках одной рецензии невозможно раскрыть все грани этой большой работы выполнявшейся на протяжении нескольких лет. Поэтому настоятельно рекомендую взять в руки книгу Санавбарбону Вохидовой и воочию убедиться в том, что она не только имеет научную ценность благодаря обилию фактологического материала, но и интересному его изложению и анализу, идеям и версиям, выдвигаемым автором и хорошему научному языку изложения.

## ОБУНА БА МАҶАЛЛАИ «ИЛМ ВА ҶОМЕА»

Хонандагони мухтарам!

Соли 2016 бо ташаббуси Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Раёсати Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон як маҷаллаи дигари илмию оммавӣ бо номи “Илм ва Ҷомеа” арзи ҳастӣ кард. Ҳадаф аз он нашри мақолаю маводҳои илмии олимону донишмандони тоҷик, бозтоби дастовардҳои илмии ҷаҳониён, ошкор кардани мушкилоти ҷаҳони муосир ва аз ин роҳ, ба донишомӯзӣ ҷалб намудани ҷавонон ва мусоидат кардан ба ҳалли мушкилоти мубрами Тоҷикистон, минтақа ва ҷаҳон ба шумор меравад.

Бо ин мақсад, ҳайати таҳририяи маҷаллаи “Илм ва Ҷомеа” Шумо – хонандагони гиромии ин маҷалларо даъват мекунад, ки ба он обуна шавед. Шумо метавонед ба маҷалла фардӣ, гурӯҳӣ ва ё аз ҳисоби ташкилоту муассисаи худ обуна шавед. Нархи солонаи маҷалла бидуни хизматрасонии почтавӣ **109 сомонию 68 дирам** мебошад.

**Индекси обуна**: 77759
**Нишонӣ**: 734025, ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 33
**Сомонаи мо:** www.ravshanfikr.tj
**Телефон**: 221-53-97, 98-558-47-10
**E-mail**: ilm-jomea@ravshanfikr.tj

**Суратҳисоби Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон**

РМА (ИНН): 010009529
Суратҳисоб (р\сч): 20204972712010100002
БИК (МФО): 350101800
Ҳисоби бонкӣ (к\сч) 22402972000002

Сарраёсати хазинадории марказии
Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон

***Ба матбаа супорида шуд 24.01.2018***
***Барои нашр имзо шуд 26.01.2018***
***Чопи офсети. Ҷузъи чопӣ 21. Андоза 70х100 1/8.***
***Адади нашр 200 нусха. Супориши №02.***

***ҶСК «Чопхонаи Дониш»***
***ш. Душанбе, кӯчаи С. Айнӣ 121, бинои 2***

***www.ravshanfikr.***

**Илм ва Ҷомеа**______________________________________________